ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

ISSN 2617-5320

# ПАЁМИ
# ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

# ВЕСТНИК
# ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

# BULLETIN
# OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION

***Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ***
***Серия педагогических и психологических наук***
***Series of pedagogical and psychological sciences***

***Маҷаллаи илмиву методӣ соли 2012 таъсис ёфтааст***
***Научно-методический журнал основан в 2012 году***
***Scientific and methodical journal was founded in 2012***

***2022, №2 (38)***

**ПАЁМИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ**
(Маҷаллаи илмиву методӣ)
***Муассис:*** *Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ**
(Научно-методический журнал)
***Учредитель:*** *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*

**BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION**
(Scientific and methodical journal)
***Founder:*** *Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.
The journal is published in Tajik, Russian and English.


| | | | |
|---|---|---|---|
| **Сармуҳаррир**<br><br>**Главный редактор**<br><br>**Chief editor** | **Иматзода Лутфия Маҳмадулло** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Иматзода Лутфия Маҳмадулло** доктор педагогических наук, профессор, директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Imatzoda Lutfiya Mahmadullo** doctor of pedagogical Sciences, Professor, Director of Institute of education development named by A. Jomi AET |
| **Муовини сармуҳаррир**<br><br>**Зам. главного редактора**<br><br>**Deputy editor** | **Туронов Султонмурод Шарофович,** номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ | **Туронов Султонмурод Шарофович,** кандидат педагогических наук, зам. директор Института развития образования имени А. Джами АОТ | **Turonov Sultonmurod Sharifovich,** candidate of pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of education development named by A. Jomi AET |
| **Котиби масъул**<br><br>**Ответственный секретарь**<br><br>**Responsibl e Secretary** | **Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна,** номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ | **Лутфуллоева Парвина Махмадуллоевна,** кандидат педагогических наук, зам. директор Института развития образования имени Абдурахмана Джами АОТ | **Lutfulloeva Parvina Mahmadulloevna,** candidate of pedagogical sciences, Deputy Director of the Institute of education development named by Abdurahman Jomi AET |


Маҷалла ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.
Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019.
The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.

Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.
Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).
The journal is included in the database Of the Russian science citation index

ISSN 2617-5320

**Индекси обуна: Индекс подписки: Subscription index: 77772**

© ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, 2021
©ИРО имени Абдурахмана Джами, 2021
© IDE named Abdurahmon Jomi, 2021

**Ҳайати таҳририя: Члены редколлегии: Members of the editorial Board:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Саломиён М. Қ. 10.02.22** | доктори илми филология, профессор | доктор филологических наук, профессор | doctor of philological sciences, Professor |
| **Каримова И. Х. 13.00.01** | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, professor |
| **Лутфуллозода М. 13.00.02** | доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, professor |
| **Нуъмонов М. 13.00.02** | доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор | доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор | doctor of pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, professor |
| **Маҷидова Б. 13.00.01** | доктори илмҳои педагогӣ, профессор | доктор педагогических наук, профессор | doctor of pedagogical Sciences, professor |
| **Неъматов С. 13.00.02** | доктори илмҳои педагогӣ, профессор | доктор педагогических наук, профессор | doctor of pedagogical Sciences, professor |
| **Амонов Н. 19.00.01** | номзади илмҳои психологӣ, дотсент | кандидат психологических наук, доцент | candidate of psychological Sciences, Dosent |

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**САИДЗОДА Р. Ҳ.** - вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**РАҲИМӢ Ф. Қ.** - президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**ҶӮРАЗОДА Ҷ. Ҳ.** - муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**САЛОМИЁН М.Қ..** - президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
**ХУШВАХТЗОДА Қ. Х.** - ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**

**САИДЗОДА Р. Х.** – министр образования и науки Республики Таджикистан
**РАҲИМИ Ф. К.** – президент Национальной Академии наук Таджикистана
**ДЖУРАЗОДА Дж. Х.** – первый зам. министра образования и науки Республики Таджикистан
**САЛОМИЁН М.Қ..** – президент Академии образования Таджикистана
**ХУШВАХТЗОДА К.Х.** – ректор Таджикского национального Университета

**EDITORIAL COUNCIL:**

**SAIDZODA R. H.** - Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan
**RAHIMI F. K.** - President of the National Academy of Sciences of Tajikistan
**JURAZODA J.H.** - first deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan
**SALOMIEN M.M.** - President of the Academy of Education of Tajikistan
**KHUSHVAKHTZODA K. KH.** - Rector of the Tajik National University

*Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст, Шаҳодатномаи № 027/МҶ-97, аз 13 ноябри соли 2017.*

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 027/МҶ-97, от 13 ноября 2017 года.*

*The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.027/МҶ-97, dated November 13, 2017.*

***Маҷалла мақолаҳои илмиро аз рӯи самтҳои 13.00.00 - илмҳои педагогика ва 19.00.00 - психология ба чоп қабул менамояд.***

***Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.***

***The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – pedagogical sciences and 19.00.00 – psychological sciences***

**Матни комили маҷалла дар сомонаи** www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42 **ҷой дода шудааст.**

**Полнотекстовая версия журнала размещена на сайте** www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42 **ҷой дода шудааст.**

**The fяull-text version of the journal is available on the website** www.prmatt.tj, http://payom-prmatt.tj //index.php/2018-02-27-07-45-25/2017-02-15-09-54-42 **ҷой дода шудааст.**

**Суроғаи идора:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Садриддин Айнӣ, 126, тел: 2258405, 2258404, e-mail: shohin_7875@mail.ru.

**Адрес редакции**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Садриддина Айни, 126; Тел: 2258405, 2258404, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

**Editorial address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sadriddin 126 Aini Avenue; Tel: 2258405, 2258404, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

ДАДОБОЕВА М.
МАҶИДОВ П.

# ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОНАНДА БА МУОШИРАТИ КӮДАКОНИ СИННИ ХУРДИ МАКТАБӢ ДАР ОИЛА ВА МАКТАБ

***Муошират дар мактаб.*** Мактаб дар назди кӯдак вобаста ба инкишофи нутқ талаботҳои нав мегузорад: ҳангоми ҷавоб додан дар дарс нутқ бояд босаводона, кӯтоҳ, мазмунан бурро ва таъсирбахш бошад; ҳангоми муошират таркибҳои нутқ бояд ба интизориҳои дар фарҳанг ташаккулёфта мувофиқ бошанд. Маҳз дар мактаб бе дастгирии волидон ва бе таъкиди огоҳкунандаи онҳо, ки дар ин ё он вазъият чӣ гуфтан лозим аст (“миннатдорам”, “раҳмат”, “иҷозат диҳед, ба шумо савол диҳам” ва ғ.), кӯдак бояд барои нутқи худ масъулиятро ба зимма гирифта, онро дуруст баён карда тавонад, то ин ки бо муаллимон ва ҳамсолон муносибатҳоро ба роҳ монад. Фарҳанги муошират бо нутқ на танҳо аз он иборат аст, ки кӯдак бояд калимаҳои боодобонаро дуруст талаффуз ва дуруст интихоб намояд. Кӯдаке, ки танҳо чунин имкониятҳоро дорад, дар ҳамсолон ҳисси бартарии мағрурона аз худро бедор карда метавонад, чунки нутқи ӯ бо доштани иқтидори иродавӣ, ки бо ҳарорат баён шуда, нишондиҳандаи боварӣ ба худ ва иззати нафс аст, садо намедиҳад.

“Баъди ба мактаби омадани кӯдакон ҳамкориву мададрасонии тарафайни мактабу оила ранги дигар мегирад. Муаллиму волидайн дар фикри таълиму тарбиявии кӯдак мешаванд. Онҳо бо маслиҳату шароиту бахши мактабравии кӯдакро ба инобат гирифта, низоми рӯз тартиб медиҳанд ва риояи онро дар оила ва мактаб назорат мебаранд, то ки ба он меъёри рӯз ӯро одат кунонад”. [5]

Маҳз воситаҳои муошироти самаранок, ки кӯдак онҳоро аз худ карда, истифода мебарад, дар навбати аввал муносибат ба атрофиёнро муайян менамоянд. Муошират ба мактаби махсуси муносибатҳои иҷтимоӣ табдил меёбад. Кӯдак ҳоло бешуурона барои худ вуҷуд доштани услубҳои гуногуни муоширатро кашф мекунад. Инчунин бешуурона услубҳои дигарро мувофиқи имкониятҳои иродавии худ ва ҷуръати муайяни иҷтимоӣ месанҷад. Дар бисёр ҳолатҳо кӯдак бо масъалаи бартараф намудани вазъияти муошироти фрустратсияшуда[1] дучор мешавад.

Дар муносибатҳои одамон намудҳои зерини рафторро дар вазъияти фрустратсия фарқ кардан мумкин аст:

-намуди фаъолу пурра боодобона ва ба рафъи фрустратсия равонашудаи рафтор – шакли мутобиқ (мусбат)-и аксуламали меъёрию иҷтимоӣ;

-намуди фаъолу нопурра боодобона ва дар фрустратсия асосёфтаи рафтор – шакли мутобиқи аксуламали меъёрию иҷтимоӣ;

-намуди фаъолу пурра беодобона, хусуматомез ва дар фрустратсия асосёфтаи рафтор – шакли манфию меъёрии аксуламали иҷтимоӣ;

-намуди фаъолу пурра беодобона, нописандона ва дар фрустратсия асосёфтаи рафтор – шакли манфию меъёрии аксуламали иҷтимоӣ;

-намуди ғайрифаъоли рафтор – шакли инкишофнаёфта ва номутобиқи аксуламали иҷтимоӣ.

Маҳз дар шароитҳои муошироти мустақилона кӯдак барои худ услубҳои гуногуни ташкили имконпазири муносибатҳоро кашф мекунад.

Дар намуди фаъолу пурра боодобонаи муошират кӯдак шаклҳои нутқӣ ва ҳиссиро, ки ба ташкили муносибатҳои мусбат мусоидат мекунанд, меҷӯяд. Агар вазъият ҳаминро талаб кунад ва кӯдак дар ҳақиқат ноҳақ бошад, ӯ узр мепурсад, нотарсона, вале бо эҳтиром ба чашми рақиб нигоҳ карда, омодаи ҳамкорӣ ва пешбурди муносибатҳо буданро баён мекунад. Чунин намуди рафтори мактаббачаи хурдсол одатан ба шакли ботинан қабулшудаи муошират дар ҳақиқат мутобиқ шуда наметавонад. Ӯ танҳо дар вазъиятҳои алоҳида ва барои худ мусоиди муошират ба ин ноил мешавад.

[1] Фрустратсия – ҳолати психикӣ, ки дар натиҷаи воқеан ё эҳтимолан имконнопазир будани қонеъ гардонии ин ё он талабот пайдо мешавад; номутобиқии хоҳишҳо ба имкониятҳо.

Дар намуди фаъолу нопурра боодобонаи муошират кӯдак гӯё бе муқовимат таслим шуда, саросемавор узр мепурсад ё ҳамту ба тарафи дигар итоат мекунад. Омодагӣ ба қабули фишори хусуматомези тарафи дигар бе муҳокимаи ошкорои вазъият барои инкишофи шахсияти кӯдак хатарнок аст. Зеро кӯдакро ба худ тобеъ гардонда, ҳукмфармои ӯ мешавад.

Дар намуди фаъолу пурра беодобона ва хусуматомези муошират кӯдак дар ҷавоб ба хусумати тарафи дигар бо нутқ ё ҳаракат аксуламали ҳиссӣ нишон медиҳад. Ӯ метавонад аз дашноми ошкоро истифода барад ё бо калимаҳои “Худат девона!”, “Аз девона мешунавам!” ва ғ. муқовимат кунад. Хусумати ошкоро дар ҷавоб ба хусумат кӯдакро нисбат ба ҳамсол дар мавқеи баробар мегузорад, ки дар ин ҷо муборизаи ғурурҳо ғолибро тавассути нишон дода тавонистани муқовимат бо ирода ва бе истифодаи бартарии ҷисмонӣ муайян менамояд.

Дар намуди фаъолу пурра беодобона ва нописандонаи муошират кӯдак ба хусумати ба ӯ равонашуда бепарвоии пурра нишон медиҳад. Нописандии ошкоро дар ҷавоб ба хусумат кӯдакро дар мавқеи идоракунандаи вазъият гузошта метавонад, агар фаросату қобилиятҳои беихтиёронаи ӯ барои дар доираи меъёр нишон додани нописандӣ, таҳқир накардани ҳиссиёти фрустратсияшудаи ҳамсол ва кашидани “лаҷоми” ӯ кифоя бошанд. Чунин мавқеъ ҳифзи иззати нафс ва худшиносиро имконпазир мегардонад.

Дар намуди ғайрифаъоли рафтор ягон хел муошират сурат намегирад. Кӯдак аз муошират канораҷӯӣ карда, одамгурез мешавад (сархам мегардад, ба фазои холӣ менигарад, рӯй мегардонад, нигоҳашро мегурезонад ва ғ.). Чунин мавқеъ ба иззати нафси кӯдак расида, ӯро аз худбоварӣ маҳрум мекунад.

Дар синни хурди мактабӣ ба кӯдак лозим меояд, ки дар муносибатҳо, пеш аз ҳама, дар муносибат бо ҳамсолон ҳамаи душвориҳоро паси сар кунад. Дар ин ҷо дар вазъияти баробарии зоҳирӣ кӯдакони гуногунхислат, гуногунирода, фарҳанги гуногуни муошırати нутқию ҳиссӣ ва ҳисси фарқкунандаи шахсиятдошта (ҳамаи ҳамсинфон ва ҳамсолон) ба ҳам рӯ ба рӯ мешаванд. Чунин бархӯрд шакли намоёну таъсирбахш мегирад. Ҳамаи гуногуншаклии таркибҳои муошırати байнишахсӣ бо қувваи воқеии ҳамкории иҷтимоии одамон ба зиммаи ҳар як кӯдак меафтад. Мактаби ибтидоӣ кӯдаки дар муошират таҷрибаи камдоштаро, ки пештар дар зери ҳимояи оила буд, ба вазъияте ворид мекунад, ки ӯ бояд дар муносибатҳои воқеӣ ҳимоя карда тавонистани фикру ақида, ҳуқуқи соҳибихтиёрӣ ва ҳуқуқи бо дигарон муошırати баробар доштанро ёд гирад. Маҳз хусусияти нутқию таъсирбахши муошират меъёри соҳибихтиёрӣ ва дараҷаи озодии кӯдакро дар байни дигарон муайян менамояд.

Дар синни хурди мактабӣ муносибатҳои кӯдак бо одамон тағир меёбад. Тавре Л. С. Виготский менависад, таърихи инкишофи фарҳангии кӯдак ба натиҷае оварда мерасонад, ки онро «ҳамчун сотсиогенези[2] шаклҳои олии рафтор» муайян намудан мумкин аст. Танҳо дар умқи ҳаёти коллективӣ рафтори инфиродӣ ташаккул меёбад. Ибтидои фаъолияти таълимӣ муносибати кӯдак бо калонсолон ва ҳамсолонро ба тарзи нав муайян менамояд. Дар ҳақиқат ду соҳаи муносибатҳои иҷтимоӣ мавҷуд аст: “кӯдак – шахси калонсол” ва “кӯдак – кӯдакон”. Ин соҳаҳо тавассути алоқаҳои дараҷабандишуда бо якдигар ҳамкорӣ мекунанд.[3]

Дар соҳаи “кӯдак – шахси калонсол”, дар баробари муносибатҳои “кӯдак – волидон”, муносибатҳои нави “кӯдак – муаллим” пайдо мешаванд, ки кӯдакро ба сатҳи талаботҳои ҷамъиятӣ нисбат ба рафтори ӯ дохил мекунанд. Кӯдак, ба фарқ аз оила, дар симои муаллим талаботҳои меъёрии бештар муайянро мебинад. Зеро дар шароитҳои ибтидоии муошират кӯдак дар муайян намудани мавқеи худ ва аниқтар баҳогузорӣ кардани хусусияти рафтори худ душворӣ мекашад. Танҳо муаллиме, ки ба таври ҳатмӣ дар назди кӯдак талаботҳоро мегузорад, рафтори ӯро баҳогузорӣ карда, барои иҷтимоикунонии рафтори кӯдак ва мутобиқгардонии ҳуқуқу ӯҳдориҳои ӯ ба муҳити иҷтимоӣ шароит

[2] Сотсиогенез – пайдоиш ва инкишофи шуур, шахсият, муносибатҳои байнишахсӣ

фароҳам меорад. Дар мактаби ибтидоӣ кӯдакон шартҳои наверо, ки муаллим дар назди онҳо мегузорад, қабул карда, кӯшиш мекунанд, ки қоидаҳоро ҳатман риоя намоянд.

Муаллим барои кӯдак ба шахсе табдил меёбад, ки ҳолати психологии кӯдакро на танҳо дар синф, балки дар сатҳи ҳамсолон ва дар муошират бо онҳо муайян менамояд, инчунин таъсири муаллим муносибатҳои оилавиро ҳам фаро мегирад.

"Тақлидкунӣ ва пайравии кӯдакони ин синну сол бештар меафзояд. Аз ин рӯ, дар фаъолияти таълимӣ, рафтор, ҳатто либоспӯшӣ, услуб, тарзи фаҳмонидани муаллим ба онҳо намунаи ибра мегардад. Онҳо муаллимони худро беҳад дӯст медоранд, гуфтаҳои ӯ барояшон аз гуфтаҳои дигарон авлотар аст". [5]

Оила дар муносибат бо кӯдак ба фаъолияти таълимӣ, муносибатҳои кӯдак бо муаллим ва ҳамсинфон диққат медиҳад. Ба мазмуни муошироти анъанавӣ бо кӯдак дар оила ҳамаи душвориҳои ҳаёти мактабии ӯ дохил мешаванд.

Дар давраи томактабӣ кӯдак ба сабаби вобастагии азалии худ ба шахси калонсол муқобилият нишон намедиҳад, балки, пеш аз ҳама, ба ӯ ҳамчун ба шарти табиии ҳастӣ мутобиқ шуданро ёд мегирад. Вақте ки кӯдак "худам"-и худро изҳор мекунад, худро ба дигарон муқобил гузошта, "Ман худам!", "Ман мекунам!", "Ман намекунам!", "Ман мехоҳам!", "Ман намехоҳам!"-ро тасдиқ мекунад, калонсолон табиист, ки услуби муошират бо кӯдакро ба услуби муошират бо шахси калонсол тағир медиҳанд. Албатта, ин тадриҷан, ба дунболи "худам"-и инкишофёбандаи кӯдак ва нишонаҳои алоҳидаи ӯ, ки аз тағирот дар муошират далолат медиҳанд, сурат мегирад.

*Муошират дар оила.* Дар даврае, ки кӯдак мактабхон мешавад, вазъияти нави иҷтимоӣ, ки кӯдак ба он ворид мегардад, ба он оварда мерасонад, ки услуби дар оила ташаккулёфтаи муошират бо кӯдак тобишҳои нав касб мекунад.

Услуби авторитарӣ, ки роҳбарии сахтгирона, пахш кардани ташаббус ва маҷбуркуниро дар назар дорад, асоснокии худро дар зарурати ба интизоми мактаб тобеъ гардондани кӯдак пайдо мекунад. Дӯғу пӯписа ва ҷазои ҷисмонӣ шаклҳои хоси фармонравоии калонсолон нисбат ба кӯдаканд. Вале дӯст доштани кӯдак сарфи назар намешавад, ки хеле таъсирбахш баён шуда метавонад. Дар чунин оилаҳо шахсоне ба камол мерасанд, ки ё ба худ бовар надоранд, ё гирифтори неврозанд, ё ба монанди волидони худ хусуматомезу фармонравоянд. Дар мактаб ин хислатҳои шахсият аллакай дар муносибат бо ҳамсолон зоҳир мешаванд.

Услуби либералию[3] бепарвоёна муошират бо кӯдакро дар асоси принсипи ҳамаҷоиз дар назар дорад. Чунин кӯдак дигар муносибатҳоро намедонад, ба ғайр аз тасдиқи худ бо талабҳои "Бидеҳ!", "Ба ман!", "Мехоҳам!", бо нишон додани нозунуз ва ранҷишу озурдахотирӣ. Бепарвоӣ ба он оварда мерасонад, ки кӯдак ҳамчун шахсияти баркамоли иҷтимоӣ инкишоф ёфта наметавонад. Дар ин ҷо талаботи аз ҳама зарурӣ барои инкишофи дурусти иҷтимоии кӯдак вуҷуд надорад, яъне фаҳмидани калимаи "даркор аст". Дар чунин оила шахси худписанди аз атрофиён норозӣ ба камол мерасад, ки бо дигарон муносибатҳои муътадилро ба роҳ монда наметавонад, ҷанҷолӣ ва душвортарбия аст. Дар мактаб чунин кӯдак дар муошират ба нокомӣ дучор мешавад, чунки ба фикри дигарон розӣ шудан ва хоҳишҳои худро ба мақсадҳои умумӣ тобеъ гардонданро ёд нагирифтааст. Камоли худбинии ӯ имкон намедиҳад, ки ба муҳити иҷтимоии муносибатҳои одамон мутобиқ шавад.

Яке аз вариантҳои услуби либералию бепарвоёна дар оила ғамхории аз ҳад зиёд аст.

Ғамхории аз ҳад зиёд аз аввал кӯдакро аз соҳибихтиёрӣ дар инкишофи ҷисмонӣ, психикӣ ва иҷтимоӣ маҳрум мекунад. Дар ин ҳолат оила диққати худро пурра ба кӯдак ҷалб менамояд: ба сабаби таҳдиди эҳтимолии ҳодисаи нохуш ё бемории вазнин; ба сабаби кӯшиши ҷуброн кардани нокомиҳои худ бо комёбиҳоиояндаи кӯдак; ба сабаби баҳодиҳии кӯдаки худ ҳамчун вундеркинд[4] ва ғ. Дар чунин оила волидон тамоми ҳастии худро ба кӯдак мебахшанд. Худфидокунии ихтиёрӣ волидонро асабӣ мекунад. Онҳо имрӯз сипосгузории кӯдакро надида, ба шукргузорииояндаи ӯ умед мебанданд, азият мекашанд,

---

[3] Либералӣ – озодона

[4] Вундеркинд – боистеъдод, қобилиятнок

вале намефаҳманд, ки шахси ақибмонда, ба худ боварнадошта, гирифтори невроз ва пурра аз соҳибихтиёрӣ маҳрумро ба камол мерасонанд. Чунин кӯдак ҳамеша ҳиссиёти худро дар ҷои аввал мегузорад: "саракам", "шикамакам", "гулӯякам" дард намекунад? Номҳои хурдию навозишкоронаи қисмҳои бадан дурудароз дар захираи луғавии ӯ боқӣ монда, боиси тамасхури ҳамсолон мешаванд. Ақибмондагию вобастагӣ ӯро аз муошират бо ҳамсолону ҳамсинфон маҳрум мекунад. Вале ӯ дар байни ҳамсинфон пуштибон пайдо карда, мавқеи мукаммалро ба даст меорад.

Муносибати арзишманд ба кӯдаки рефлексияи[5] баланддошта ва масъулият барои ӯ услуби бештар самараноки тарбия аст. Дар ин ҷо волидон ба кӯдак дӯстдорию хайрхоҳӣ нишон медиҳанд ва бо ӯ бозӣ карда, дар мавзӯъҳои барои ӯ шавқовар сӯҳбат мекунанд. Илова бар ин, ба ӯ пешниҳод мекунанд, ки фақат бо умеди худ нашавад, балки ҳангоми зарурат аз дигарон ёрдам пурсад. Ӯ чӣ будани "даркор аст"-ро медонад ва боинтизом шуда метавонад. Дар чунин оила инсони комиле ба камол мерасад, ки иззати нафс дорад ва барои дигарон масъулиятро ҳис мекунад. Дар мактаб кӯдаки чунин оила зуд соҳибихтиёриро ба даст оварда, бо ҳамсинфон муносибатро ба роҳ монда метавонад, иззати нафси худро нигоҳ дошта, чӣ будани интизомро медонад.

Услубҳои номбаршудаи муошират дар оила, дар баробари фарқҳо, хусусияти умумӣ ҳам доранд: волидон ба фарзандони худ бепарво нестанд. Онҳо фарзандонашонро дӯст медоранд ва услуби тарбия бисёр вақт меросӣ буда, дар оила аз насл ба насл мегузарад. Танҳо оилае, ки хусусиятҳои кӯдакро ба назар гирифта метавонад, бошуурона услуби бештар самараноки тарбияи инфиродии ӯро меҷӯяд. Албатта, фарҳанги тарбияи оилавӣ бояд дар оила инкишоф ёбад ва дастовардҳои он бояд ба наслҳои оянда мерос гузошта шаванд. Зеро маҳз дар замони мо барои таҳсил ва пешрафти минбаъда шароитҳои зиёд фароҳам оварда шудаанд.

Таҳлили услубҳои тарбия бе зикри боз як услуби дигар, ки мутлақо ба тарбия равона нашудааст, пурра намешавад. Дар бораи муносибатҳои сард дар оила сухан меравад.

Услуби муносибатҳои сард бепарвоии амиқи калонсолонро нисбат ба кӯдак дар назар дорад. Дар чунин оила волидон фарзанди худро ё "намебинанд" ё фаъолона аз муошират бо ӯ канораҷӯӣ карда, аз ӯ фосила гирифтанро беҳтар мешуморанд (фосилаи психологӣ). Бетаваҷҷуҳии волидон ба инкишоф ва ҳаёти ботинии кӯдак ӯро танҳоӣю бетолеъ мекунад. Оқибат дар ӯ муносибати сард ба одамон ё хусумат пайдо мешавад. Дар мактаб кӯдаки чунин оила ба худ нобовар ва гирифтори невроз буда, дар муносибат бо ҳамсолон ба мушкилиҳо дучор мешавад.

Услубҳои тавсифшудаи муносибат ба кӯдак дар оила чӣ қадар пурмашаққат будани роҳи инкишофи шахсияти кӯдакро нишон медиҳанд. Дар ҳаёти воқеӣ, ба фарқ аз тасниф, боз ҳам душвортар аст. Дар оила якчанд услубҳои муносибат ба кӯдак дар як вақт истифода шуда метавонад: падару модар ва бобою бибӣ ҳар кадоме услуби худро беҳтар дониста, бо ҳамдигар ҷанҷол карда метавонанд. Ба ғайр аз услуби муносибатҳое, ки бевосита ба кӯдак нигаронида шудаанд, ба тарбияи ӯ услуби муносибатҳои байниҳамдигарии аъзоёни калони оила таъсири ҷиддӣ мерасонад.[4]

Услуби муносибатҳои оилавӣ, албатта, услуби тарбияи кӯдакро муайян менамояд. Масъалаи ҷиддии иҷтимоӣ – муносибатҳои хусуматомез дар оила, вақте ки хусумат ба ҳар як аъзои оила равона шудааст. Сабабҳои хусумат зиёданд: бетаҳаммулии психикии калонсолон; ноқаноатмандии умумии онҳо аз ҳаёт, аз муносибатҳои оилавӣ, аз мавқеи хизматӣ; набудани муҳаббати байниҳамдигарии ҳамсарон, майзадагӣ ва нашъамандии онҳо; бефарҳангӣ; хиёнат. Латукӯби ҳамдигар, латукӯби модар, латукӯби кӯдак – чунин аст ҳолати аслии ҳаёти оилаи хусуматомез. Хусумати дохилиоилавӣ ба ташаккули намуди хусуматомези шахсияти кӯдак оварда мерасонад. Ӯ бо дашному ҳақорат, муштзӯрӣ, кинаю хусумат ва азиятрасонӣ дар зери офтоб ба худ ҷой меёбад. Чунин кӯдак ба талаботҳои меъёрӣ мутобиқ шуда наметавонад, ба қоидаҳои рафтор дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва мактаб итоат кардан намехоҳад. Вай аллакай дар шаш-ҳафтсолагӣ муаллимро таҳрик карда, бо

[5] Рефлексия – ҷараёни фикрӣ, ки ба худшиносӣ, таҳлили ҳиссиёту таассурот, ҳолат, қобилият ва рафтори худ равона шудааст.

рафтори худ ӯро ба ҳолати ғазабнокии аз ҳад зиёд расондан мехоҳад, аз тахти дил дашному ҳақоратро қатор карда, метавонад дар рӯи фарш ғел занад ё ба ҳамсинфонаш дарафтад. Дар синф кӯдаки оилаи хусуматомез мавқеи худро ишғол карда наметавонад. Ӯ дар инкишоф ақиб монда, ба таҳсил омода ва мутобиқ намешавад: ба ӯ душвор, нофаҳмо ва дилгиркунанда аст. Аллакай мефаҳмад, ки ӯ "дигар" ва аллакай ақибмонда аст ва барои ин қасд мегирад. Ӯ дар ҳақиқат кӯдаки аз нигоҳи иҷтимоӣ беназоратмонда аст. Кӯдак аз оилаи номусоид ба таваҷҷуҳи махсус ҳуқуқ дорад. Зеро баъзан чунин кӯдак ҳатто намедонад, ки муносибатҳои одамон чӣ қадар меҳрубононаю самимӣ шуда метавонанд.

Ҳамин тавр, ба шароитҳои имконпазири ҳаёти кӯдаки хурдсол дар оила дахолат карда, мо дидем, ки барои кӯдак эҳтимоли зиндагӣ дар шароитҳои олии оилае, ки дар он калонсолон хусусиятҳои инкишофи зеҳнию шахсии ӯро мефаҳманд, хеле кам аст. Танҳо волидони рӯҳан солим ва ҳалиму меҳрубон ба кӯдак ҳисси амният, боварӣ ва шароитҳоро барои зиндагии муътадил таъмин карда метавонанд.

Зиддияту хусумати волидон, ки бисёр вақт аз майзадагӣ, нашъамандӣ ва таназзули умумии минбаъдаи оила пайдо мешавад, хатарнок аст. Майзадагии оила дар натиҷаи майли патологии калонсолон ба нӯшокиҳои спиртӣ ё анъанаҳои манфии зиёфати мастона дар муҳити наздикон пайдо мешавад. Он ба рафтори иҷтимоии одамон таъсир расонда, оқибат ба интизоми пасти меҳнат дар ҳамаи соҳаҳо; рафтори хусуматомез нисбат ба атрофиён ва ғ. оварда мерасонад. Ҳамаи инро кӯдакон мушоҳида намуда, қабул (аз худ) мекунанд. Дар чунин шароитҳо барои онҳо майзадагию занозаниҳои мастона ба меъёри зиндагӣ табдил меёбанд.

Ба ғайр аз масъалаҳое, ки ба шароитҳои инкишофи кӯдак дар оилаи пурра вобастаанд, масъалаи тарбия дар оилаи нопурра ё фарзандхондашуда мавҷуд аст.

Оилаи нопурра оилаест, ки дар он яке аз волидон, бисёр вақт падар нест. Кӯдакони оилаи нопурра одатан, ба фарқ аз кӯдакони оилаи пурра, зудранҷ ва шармгину одамгурезанд. Дар оилаи нопурра модар аксар вақт ҳамчун зани ҷудошуда ё модари танҳо гирифтори невроз аст. Дар ҳақиқат, вақте ки кӯдак калон мешаваду боисрор дар куҷо будани падар ё кӣ будани падарро мепурсад, осудахотириро нигоҳ доштан душвор мешавад. Ҳатто зани то қадри имкон ботамкин, ки бо кӯдак муносибатҳои хуби ҳиссӣ дорад, аз саволҳои рӯбарӯи фарзанди худ осудахотириро аз даст медиҳад. Ҳарчанд дар замони мо мавқеи ҳуқуқии модарони танҳо пурра ҳимоя шуда, афкори ҷомеа нисбат ба онҳо пурра мувофиқи қонун аст, вале моҳияти ҳолати психологии онҳо хеле мураккаб боқӣ мемонад: модар аз падари фарзанд дастгирии психологӣ намегирад, масъулият барои фарзандро бо касе тақсим карда наметавонад. Ӯ ҳамаи мушкилиҳоро ба зиммаи худ мегирад. Оқибат – кӯдаки ноустувор, модари ноустувор. Чунин модар ботамкин шуда наметавонад: ӯ гоҳе фарзанди худро навозиш мекунаду гоҳе барои ҳаёти бесарусомон аламашро аз вай мегирад. Ноустувории модар дар кӯдак ҳис (ё боварӣ)-и беҳуда таваллуд шудани ӯро ба вуҷуд меорад. Ҳол он ки кӯдак ба дӯсти наздик – мард ниёз дорад (ин метавонад бобо, амак, нафаре аз хешони дуру наздик ё шояд шиноси хуби модар бошад). Муҳим аст, ки марди калонсол бо кӯдак муносибатҳои дӯстонаю эътимодомезро ба роҳ монда, ба ин муносибатҳо хиёнат накунад, бо муносибатҳо бо модар омехта насозад. Марди калонсол ба сифати дӯст ҳам ба писару ҳам ба духтар лозим аст. Зеро ҳаммонандкунии дурусти ҷинсии кӯдак танҳо дар ҳамон ҳолате амалӣ мешавад, ки агар ӯ барои муқоисаи нақши марду зан имконият дошта бошад.

Масъалаи алоҳида ва дар замони мо хеле муҳиме ҳаст: падари нав. Мард бо майли дил ва муҳаббат ба зан оиладор мешавад. Никоҳ – иттифоқи озоду ихтиёрии ду инсон. Вале, агар мард ба зани кӯдакдор таклифи оиладорӣ кунад, масъулият барои ҳамин кӯдак ба зиммаи ӯ меафтад. Шахси калонсол таҷрибаи зиндагӣ, таҳаммул ва фаросат дорад. Кӯдаки нозуки шаш, ҳафт, ҳаштсола таҷрибаи кам дошта, зудранҷ, пурҳаяҷон ва бадрашк аст. Ӯ аллакай аз ҷангу ҷанҷолҳои волидони аз ҳам ҷудошаванда ё аз набудани падар ва асрори ба дунё омадани худ ҷабр дидааст. Кӯдак шояд худро ҳимоя мекунад, чунки ӯ ба худ бовар надорад ва азояндаи номуайян бо "амаки нав" метарсад.

***Вожаҳои калидӣ:*** оилаҳои пурра ва нопурра, кӯдакони синни томактабӣ, муошират, синни хурди мактабӣ, муносибатҳои оилавӣ, волидайн.

**АДАБИЁТ:**

1. Аскарина Н.М. Воспитание детей раннего возраста. Москва, 1977.
2. Божович Л.И.-Личность и ее формирование в детском возрасте.-М.: Просвещение, 1968.-464 стр.
3. ВыготскийЛ.С. Педагогическая психология, -М; педагогика, 1991г.
4. Маҷидова Б.Педагогикаи томактабӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ. Матбааи «Сабрина К». Душанбе, 2015. 284 саҳ.
5. Х.Раҳимов, А.Нуров. Педагогика.Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии омӯзгорӣ. Душанбе «Ирфон», 2011. 518 саҳ.
6. Фридман Л.М., Волков К.Н.Психологическая наука учителю.- М., 1985.

**Дадобоева М.С., Маджидов П. И.**

## ВЛИЯЮЩИЕ ФАКТОРЫ НА ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ОБЩЕНИЯ ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА В СЕМЬЕ И ШКОЛЕ

Педагогические науки доказали, что, школа и учебные заведения в целом предъявляют ребенку новые требования в отношении общения, в том числе речевого развития: отвечая на уроке речь у ребенка должна быть мысленно грамотной, ясной и выразительной, а также в процессе общения речевые построения должны соответствовать всем правилам этикета речи и общения. Во всех учебных заведениях, начиная с дошкольных учреждений, без поддержки родителей и без их подсказки о том, что следует сказать («благодарю», «буду рад если..», «спасибо», «можно задать вопрос» и др. ) в разных ситуациях, ребенок берет на себя ответственность за свою речь и правильно ее организовывать, с целью установления отношения с учителем и сверстниками. Нужно помнить что, речевая культура общения состоит не только в том, что ребенок правильно произносит и правильно подбирает слова вежливости, т.е. ребенок, обладающий только этими возможностями, может вызвать у сверстников чувство снисходительного превосходства над ним, так как его речь не окрашена наличием у него волевого потенциала, проявляемой уверенности в себе и чувства собственного достоинства и личностных черт.

***Ключевые слова:*** неполная семья, ребенок дошкольного возраста, общение, младший школьный возраст, семейные отношения, родители.

**Dadoboeva M.S., Majidov.P.I.**

## THE INFLUENCING FACTORS ON THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF COMMUNICATION OF PRESCHOOL CHILDREN IN THE FAMILY AND SCHOOL

Pedagogical sciences have proven that the school and educational institutions in general impose new requirements on the child in relation to communication, including speech development: when answering a lesson, the child’s speech must be mentally literate, clear and expressive, and also in the process of communication, speech constructions must correspond all the rules of etiquette of speech and communication. In all educational institutions, starting from preschool institutions, without the support of parents and without their prompting about what to say (“thank you”, “I will be glad if ..”, “thank you”, “you can ask a question”, etc.) in different situations, the child takes responsibility for his speech and properly organize it, in order to establish relationships with the teacher and peers. It must be remembered that the speech culture of communication consists not only in the fact that the child pronounces correctly and correctly selects the words of politeness, i.e. a child with only these capabilities can cause peers to feel a condescending superiority over him, since his speech is not colored by his volitional potential, self-confidence and self-esteem and personality traits.

***Key words:*** *incomplete family, preschool child, communication, primary school age, family relations, parents.*

**Маълумот дар бораи муаллифон**: Дадобоева М.С. дотсент, декани факултети психология ва таҳсилоти фарогир ДДОТ ба номи С. Айнӣ Тел: (+992) 985 84 72 88;
Маҷидов П.И. докторанти факултети Психологияи умумии ДОТ ба номи С. Айнӣ
**Сведения об авторах: Дадобоева М.С. -**к.п.н., доцент, декан факультета “Психология и инклюзивное образование” ТГПУ им. С.Айни.
**Маджидов П. И** – докторант (PHD) общеуниверситетской кафедры психологии, ТГПУ имени С. Айни; Тел: (+992) 985 84 72 88;
**Information about the author: Dadoboeva M.S.** c.p.s. docent, Associate Professor, Dean of the Faculty of Psychology and Inclusive Education, TSPU named after S. Ainy.
**Majidov.P.I.** - Doctor (PHD) of the University-wide Department of Psychology, S. Ainy TSPU; Tel: (+992) 985 84 72 88; e-mail: .Majidov_P @ mail.ru

**ҒАФУРОВА Д.Ҷ.**

# ПАҲЛУҲОИ ПСИХОЛОГИИ ОМОДАШАВИИ ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН БА ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ

Омодашавӣ ба фаъолияти педагогӣ на танҳо ҷараёни фарогирӣ ва корбурди маҳоратҳои касбию психологӣ дониста мешавад, балки ҳамчун намоишу вероиши дараҷаи ҳирфаи интихобнамудаи инсон низ арзёбӣ мегардад, ки бар пояи таҷрибаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва захираҳои касбӣ, ҷуброни талафоту нокомиҳо, таҷрибаҳои шахсӣ ва амалӣ, мактабҳои педагогӣ ва тамоилоти шахсии касбӣ сурат мегирад.

Дар ин робита сабабу омилҳои беруна ҳама вақт фақат тавассути шароити дохила амал мекунанд, яъне тавассути фарду шахсият ва аз ин рӯ, тайёрию омодагии инсон барои фаъолият, мутобиқи тасдиқоти муҳаққиқи шинохта С.Л.Рубинштейн, бо дарки талаботу ниёз ва эҳтиёҷоти ӯ зоҳир мегардад [Рубинштейн, 1989, с. 21].

Сатҳи дмухталифи омодагии касбӣ дар фаъолият низ вуҷуд доранд: тайёриҳои психологӣ, ахлоқию маънавӣ, амалӣ, назариявӣ, касбӣ. Тафсиру ташреҳи мухталифи падида ва зуҳуроти тайёрию омодагӣ ва навъу шаклҳои он вобаста ба вижагию хусусиятҳои фаъолиятанд, ки дар ҳар як ҳолату мавриди таҳқиқу таҳлили мушаххас омӯхта мешаванд: (тайёрӣ ба мусобиқаҳои варзишӣ, ба кору меҳнат дар самту соҳаҳои мухталиф, дар фаъолиятҳои вобаста ба истифодаи таҷҳизоти мухталифи ташкилию техникӣ ва ғайра) ва хусусиятҳои фарзияҳои назариявии баъзе муҳаққиқон ва муаллифон. Баъзе аз онҳо тайёрию омодагиро ба кору фаъолият марбути ҷанбаи шахсиятӣ медонанд, дигарон ба он ҷанбаи вазифавию психологӣ бахшидаанд. Аммо ба бархӯрду муносибатҳои мухталиф нигоҳ накарда, аксари муҳаққиқон мафҳуми тайёрию омодагиро ба сифати заминаи ҷамъиятии фаъолияти инсонӣ мавриди арзёбӣ ва баррасӣ қарор медиҳанд.

Механизм ва роҳу усули муқаррарот ва ё тайёрию омодагӣ ба фаъолияти корӣ аз ҳама зиёдтар ба андешаи аксари муҳаққиқон дар психологияи муҳандисӣ (инженерӣ) омӯхта шудаанд. Фаъолияти инсон дар низоми мудирияти мошинаҳо аз мавқеъ ва нуқтаи назари амалкарди мутақобилаи равандҳои берунаю дохилаи муқаррароти инсонӣ (эътиқодот) мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Фаъолияти аз ҷиҳати шакли худ дохила аз фаъолияти беруна маншаъ мегирад - фаъолияти амалӣ на ҷудо аз он дониста ва на болотар аз он гузошта мешавад, балки робитаю алоқаи усулиро фаро гирифта, бо он алоқаи дуҷониба ҳам дошта метавонад.

Ҷараёни муҳимгардонии ҳадаф дар шуури инсонро аллакай табиатан бояд ҳамчун марҳилаи фаъолияти мабдаӣ арзёбӣ кард. Инсон намунаи он чизеро тасвиру тасаввур мекунад, ки ҳанӯз вуҷуд надорад, аммо он чизе, ки дар натиҷаи фаъолият ба даст омаданаш мумкин аст. Ба ҳар як амал ва иқдоме, ки вобаста ба нақшаи фаъолияти минбаъда аст, дар ибтидо хударзёбии эҳтимолиятҳои муваффақона анҷом додани он зарурат дорад ва он марбут ба ташаннуҷ ва мураккабии ҳиссиётӣ мебошанд. Дар асоси чунин арзёбиҳо муваффақона анҷом додани тамоми фаъолиятҳои минбаъда пешгӯйӣ мешавад. Биноан, чунин арзёбию баҳодиҳиҳо, маҳаку ченак ва самтҳои асосӣ барои дуруст ва ба тариқи мантиқӣ пайдарпаю муназзам анҷом додани амалу иқдом ва кӯшишҳо, ки ҳамзамон барои ташаккул ва рушду таҳаввули муносибатҳои ӯ бо онҳо, тайёрию омодагиҳо барои ба тариқи намунавӣ амал кардан муҳимманд, хизмат мекунанд.

Вобаста ба ташаккули тайёрию омодагӣ ба фаъолияти мушаххаси пешгӯйишаванда ҳолатҳои вазифавие ба миён меоянд, ки ба тариқи зерин мавриди тасниф қарор мегиранд: таҳрику ангезиши эҳсос (ҳолате, ки аз роҳи анҷоми фаъолиятҳои мухталифи организм, баланд бардоштани дараҷаи омодагӣ нисбат ба амалу иқдомоти мухталиф ҷавобан ба омилҳои ҳиссиётангез); ангезаи ҳиссиёт вобаста ба иҷрои фаъолияти ҳадафнок ва ё омодагӣ ба он: ҳамчунин бо интизории ягон хавфу хатар); изтиробу ҳаяҷон ва ё баланд гаштани ташаннуҷ (ҳолате, ки вобаста ба коҳиши муваққатии устувории вазифаҳои мухталифи рӯҳию равонӣ, ҳамоҳангсозии ҳаракату қобилиятҳои корӣ мебошанд).

Ташаннуҷ дар кори мутахассис метавонад аз ду навъ иборат бошад: - ҳиссиётӣ (эҳсосӣ ва амалиётӣ). Ташаннуҷи амалиётӣ дар натиҷаи мураккабию мушкилии кори иҷрошаванда ба вуҷуд меояд, ташаннуҷи ҳиссиётӣ бошад, дар натиҷаи таъсири ангезандаҳои манфии ҳиссиётӣ шакл мегирад.

Табиист, ки ҳолати дилхоҳи омодагӣ ба фаъолияти корӣ то ибтидои он мустақиман ба ташаннуҷи ҳиссиётӣ вобастагӣ дорад. Тайёрӣ ба фаъолият на танҳо мансуб ба ҷанбаҳои сифатии тағйироти низомҳои вазифавии организм, балки амалиёти физиологӣ, рӯҳию равонӣ ва қувватдиҳанда низ мебошанд.

Омодагӣ ба фаъолияти педагогӣ сохтори мувофиқ ва иҷрои муваффақонаи равандҳои рӯҳию равонӣ дошта, унсури фаъолияти тамом ба ҳисоб меравад. Дар сохтори ҷараёни омодагӣ ғайр аз ҷузъҳои педагогию психологӣ, ҳамчунин ҷузъҳои ақлонию зеҳнӣ (интеллектуалӣ) (қабули қарори мувофиқу муносиб дар шароити мушаххас) ва ҳиссиётӣ (вокуниши ҳиссиётӣ дар ҷараёни фаъолият) низ нақшу мавқеи муҳим доранд. Нишондоди асосии омодагӣ нисбат ба фаъолият ин ҷо субот ва устувории натиҷаҳо дар шароити қолабианд, ки дар асоси ҷоришавии равандҳои рӯҳию равонӣ ба иҷро мерасанд.

Омодагиро барои фаъолият ҳамчун сифати касбии муҳим ва сифату хислати устувори шахсиятӣ мавриди баррасӣ қарор дода, дар сохтори он чунин ҷузъу унсурҳоро ворид кардан мумкин аст: ангезаӣ (ҳавасмандӣ - муносибати мусбат ба касбу пешаи худ, шавқу завқ ба он ва дигар ангезаҳои касбии устувор); тамоилию равонию самтӣ (донишу тасаввурот оид ба вижагию хусусиятҳо ва шароити фаъолият, талаботи он нисбат ба шахсият); амалиётӣ (соҳиб будан ба қобилиятҳо ва воситаҳою тарзҳои фаъолияти касбию ҳирфаӣ, донишу малакаҳои зарурӣ, равандҳои таҳлилӣ, натиҷагириҳою умумиятдиҳиҳо); иродавӣ (худназораткунӣ, қобилияти мудирияти амалу иқдомоте, ки аз онҳо иҷроиши вазифаҳо вобастагӣ дорад); арзёбӣ (хударзёбии омодагии касбӣ нисбат ба фаъолияти худ, мутобиқати раванди ҳаллу фаслнамоии вазифаҳои касбию ҳирфаӣ тавассути намунаи меҳнати муносибу мувофиқ).

Сохтори дохилии омодагиро ба фаъолият таърифу тавсиф карда, муҳаққиқи рус В.М.Поздняков (Поздняков, 1985) дар он ду зернизоми вазифавии ба ҳам алоқамандро ҷудо мекунад: а) омодагии дарозмуддат (маҷмуи устувори сифат ва хислатҳои касбию ҳирфаӣ); б) омодагии вазъиятӣ (ҳолати равонии табъу омодагии ботинӣ барои рафъи мушкилоти педагогӣ).

Қоида ва муқаррарот барои амалкарди дилхоҳ ҷузъу унсури муайяни зарурие байни муҳити беруна ва фаъолияти рӯҳию равонии инсон аст, яъне байни воқеияту вазифаҳои рӯҳию равонӣ. Қабл аз тамоми навъҳои фаъолият талаботу муқаррароте ташаккул меёбанд, ки аз он натиҷаҳои ниҳоие мавриди интизорӣ қарор доранд. Гоҳо ин талаботу муқаррарот дар дараҷаи зершуур ташаккул меёбанд ва ҳар қадар сохтори ин фаъолият мураккабтар бошад, ҳамон қадар унсурҳои тавассути шуур дарку фаҳмшаванда ва иродаӣ барҷастатар мегарданд.

Дар назарияи педагогӣ омодагӣ ба фаъолият аз якчанд паҳлу мавриди арзёбӣ қарор дода мешавад:

а) нишондиҳандаҳои омодагии мавриди баррасӣ чунинанд: қобилияти ҳадафгузорӣ, ошкорнамоии ихтилофҳо байни талаботу муқаррароти фармоишию ҷустуҷӯйӣ, мавқеи муҳаққиқон бо доштани бархӯрду муносибатҳои мухталиф нисбат ба ҷараёни омодагӣ ва андешаю ақидаҳои шахсии худ; таносуб интиқод ва нақд дар муносибати худ оид ба арзишҳои дар маводи таълимӣ истифодашаванда; малакаҳо ва қобилияти эҷоди низоми арзишҳо ва дарунмояи худ бо назардошти нуктаҳои арзишманди дараҷаҳои мухталиф;

б) ҳамчун дараҷаи созмонёфтаи мавқеи арзёбию рефлексӣ, ки имкон медиҳад ба тариқи мустақилона нақшаҳои мушаххаси методӣ коркард шаванд. Дар асоси он дониши рефлексивӣ гузошта шудааст, ки имкон медиҳад, то дурнамоҳои худрушддиҳии падидаю зуҳуроти мавриди таҳқиқ вобаста ба ҷанбаи амалкарди мутақобилаи субъекти худрушдёбандаи ҷараёни педагогии низоми макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ пешбинӣ шавад. Натиҷаи чунин ҷараён эҷоди маъниҳои нав мебошад;

в) ҳамчун нишондиҳандаи асоснокшудаи маълумот ва маърифати муназзам дар тамоми тӯли ҳаёт.

Шартҳои муҳимтарини омодагии муаллим - омӯзгор нисбат ба меҳнату заҳмати эҷодкорона: маданияту фарҳанги тавассути башарият ғанигаштаро ҳамчун малака ва маҳорати азхудкунии мустақилона ва интиқодӣ доштан, иштироки фаъол дар ҳаллу фасли вазифаҳои муҳимтарини ҷамъиятӣ, рушди махсуси захираҳои эҷодии шахсият - равандҳои рӯҳию равонии он. Дараҷаи омодагӣ ба фаъолият бо доштани донишҳо ва малакаҳои

умумӣ ва касбӣ, ҳамчунин такмилу тақвияти равандҳои рӯҳию равонӣ, вазъу ҳолат ва хусусиятҳою хислатҳои шахсият.

Вижагиҳо барои амалияи имрӯзаи рушди касбӣ ва омодагии рафъи мушкилоти педагогӣ чунинанд:

- моҳият ва муҳтавои воридшавии муаллим -омӯзгор ба ин вазифа дар низоми макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ, мавқеи муайян дар муқарраркунии масъалаи тайёрию омодагии мутахассис ҷиҳати ҳалли мушкилоти педагогӣ;
- барномаҳои таълифшуда оид ба рафъи мушкилоти педагогӣ, ки фақат ба мутахассисони минбаъда нигаронида шудаанд, сирф муаллимони ояндаро фаро мегиранд ва он ҳам ҳангоми дар мактабҳои таҳсилоти олӣ таълим гирифтан. Зимнан, чунин омодагӣ комил набуда, ҷанбаи инфиродӣ доштани мушкилотро фаро намегирад. Мисли солҳои пешин бештар ба таълим таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, на ба ташаккули хислатҳои муҳимми касбӣ;
- тахассусе дар курсҳои бозомӯзӣ барои омӯзгорони макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ вуҷуд надорад, ки хосси фан ва мавзӯъҳои мушаххасу алоҳида бошанд;
- бархӯрду муносибатҳои шаклпарастона оид ба ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва баландбардории сатҳи тахассус ва нақшу мавқеи он вуҷуд доранд, ки маъмулан, на аз ҷониби омӯзгорон ва муаллимони ҷавону навкор ва на аз ҷониби таҷрибадорону собиқадорон ҷиддан ба эътибор гирифта намешаванд ва дар ниҳояти кор вақту замони ташаккулёбии муаллим-омӯзгор-педагогро ба дарозо мекашанд ва ба даст овардани маҳорату истеъдоди педагогиро мушкилтар мегардонанд.

Ҳамин тариқ, моҳияту муҳтавои рушди пеша ва омодагии назариявӣ, амалӣ ва психологию педагогӣ низоми муайяни донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳои омӯзгор барои мутобиқати муваффақонаи ӯ дар ибтидои фаъолияти педагогӣ барои такмилу тақвияту минбаъдаи маҳорату қобилиятҳои педагогӣ мусоидат мекунанд. Низоми мазкур дастмояи камтарину ҳатмиест барои интихоби пеша, дарки моҳияту муҳтаво ва ҳаҷму андозаи омодагӣ ба фаъолияти педагогии омӯзгорони ҷавону навкор дар низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### АДАБИЁТ:


1. Алимӣ, Ҷ. Табиат ва моҳияти мушкилоти педагогӣ (мақолаи илмӣ)/Ҷ.Алимӣ//«Паём»- ДДК А.Рӯдакӣ, Душанбе, «Пром-экспо»,2015.- С.159-162
2. Даминова, А.И.Мушкилоти педагогӣ (дидактика)(дар ҳаммуаллифӣ) (монография)/Ҷ.Алимӣ.-Душанбе: Эр-Граф, 2015.-220с.
3. Даминова,А.И.Методологияи рушди касбияти омӯзгорон (ҳаммуаллиф,- Душанбе: «Матбаа», 2022.-67с.
4. Поздняков,В.М.Психологические аспекты повышения готовности слушателей и курсантов учебных заведений МВД СССР к службе в исправительно-трудовых учреждениях: автореф. дис. ... канд. психол. наук. — М., 1985.-25 с.
5. Рубинштейн, С. Л. Бытие и сознание. -М.: Педагогика, 1957. - 85 с.
6. Рубинштейн, С.Л. Основы общей психологии. Т. 1-2 [Текст] / С.Л. Рубинштейн. - М.,1989. - 536 с.
7. Социально-педагогические проблемы профессионального становления молодых учителей / АПН СССР, НИИ общ.образования взрослых; сост. С. Г. Вершловский. - Л., 1989. - 94 с.
8. Сухомлинсий В.А. Асарҳои мунтахаби педагогӣ. Д.- М. 1982. – 168 саҳ
9. Сухомлинский В. А. Сто советов учителю. — Киев: Рад.шк., 1984. – 254 с.
10. Юнусов Ю. Педагогика. Душанбе, «Маориф ва Фарҳанг», 2005. - 327 саҳ.


**Ғафурова Д.Ҷ .**

## ПАҲЛУҲОИ ПСИХОЛОГИИ ОМОДАШАВИИ ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН БА ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ

Муаллиф дар мақола қайд кардааст, ки омӯзиш дар фаъолияти педагогӣ на танҳо аз рӯи фарогирӣ ва маҳорати равонӣ, балки инчунин тавассути санҷиши таҷрибаи касбӣ ва захираҳо, ҷуброни таҷрибаи гумшуда, шахсӣ ва амалии иҷтимоӣ ва чандирӣ, таълими мактабҳо ва тамоюлҳои касбии шахсӣ баҳо дода мешавад. .

***Калидвожаҳо:*** *маҳорати касбӣ, дараҷаи омодагӣ, заминаҳои равонӣ, арзёбӣ, мушкилоти педагогӣ, бозомӯзӣ, маҳорати эҷодкорӣ, ҷустуҷӯйи мустақилона, шахсият, пеша, дарки маънӣ.*

**Гафурова Д.Дж.**

**ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПОДГОТОВКИ МОЛОДЫХ УЧИТЕЛЕЙ К ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИП**

Автор отметил в статье, что обучение по педагогической деятельности также оценивается не только охват и психологические навыки, но и проверку профессиональных опыта и ресурсов, компенсация упущенного личного и практического социального опыта, гибкости, Педагогические школы и личные профессиональные тенденции.

***Ключевые слова:*** *профессиональность, уровни подготовки, психологические основы, педагогические проблемы, уссовершенствование, творческие навыки, независимые поиски, самопроверка, профессия восприятие смисля.*

**Ghafurova D.J.**

**PSYCHOLOGICAL ASPECTS OF PREPARATION OF YOUNG TEACHERS FOR PEDAGOGICAL ACTIVITY**

The author noted in the article that teaching on pedagogical activity is also evaluated not only by coverage and psychological skills, but also by testing professional experience and resources, compensation for lost, personal and practical social experience, and flexibility, pedagogical schools and personal professional trends.

***Key words:*** *professionalism, levels of training, psychological foundations, pedagogical problems, accessories, creative skills, independent searches, self-testing, profession of Smisly's perception.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Ғафурова Дилором Ҷаборовна – Донишгоҳи давлатии Данғара, н.и.п. декани факултети педагогикаи инноватсионӣ ва психология. **Суроға:** 735320, ҶумҳурииТоҷикистон, Вилояти Хатлон н. Данғара, кӯч. Марказӣ 25. **Тел:** +992 934337676, почтаи электронӣ: dilorom.gafurova.76@mail.

**Сведения об авторе:** Гафурова Дилором Джаборовна - Дангаринский государственный университет, к.п.н. Декан факультета инновационной педагогики и психологии. Адрес: 735320, Республика Таджикистан, Хатлонская область Дангара, пер. Центральная 25. Тел: +992 934337676, e-mail: dilorom.gafurova.76@mail.

**Information about the author**: Ghafurova Dilorom Jaborovna - Dangara State University, Ph.D. Dean of the Faculty of Innovative Pedagogy and Psychology. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Khatlon region Dangara, trans. Central 25. Tel: +992 934337676, e-mail: dilorom.gafurova.76@mail.

**ҚОДИРОВ З.**

# ХУСУСИЯТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ АХЛОҚӢ-ИРОДАВИИ ВАРЗИШГАРОНИ НАВРАС ДАР ҶАРАЁНИ БОЗИҲОИ ВАРЗИШӢ

Дар раванди таҳсил дар мактабҳои варзишӣ кӯдак то ба зинаи маҳорати олии варзишӣ ё касбӣ расидан аз якчанд марҳилаҳои инкишофи худ мегузарад. Психологҳо аксар вақт марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани шахсияти инсонро таъкид намуда, дар ҳар кадом марҳила мавҷудияти омезиши муайяни намудҳои пешбар ва ғайрипешбари фаъолиятро нишон медиҳанд. Таҳқиқотҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки ҳар гуна намуди фаъолияти варзишӣ қариб ба ҳама равандҳои психологӣ, аз содда сар карда, то мураккабтарин таъсир мерасонад. Дар синну соли наврасӣ чунин равандҳо аксар вақт тарбия ва худтарбиякунӣ маҳсуб дониста мешаванд.

Дар таҳқиқоти мо машғулиятҳои якҳарба дар мактабҳои варзишӣ ҳамчун воситаи тарбия ва худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии шахсияти наврас баррасӣ мешаванд. Ин намуди фаъолият ба қонеъ гардонидани доираи васеи талаботи инфиродӣ дар таҳсилот, тарбия, солимгардонӣ мусоидат мекунад. Самтнокии онҳо бо рушд ва такмили қобилиятҳои ҳаракати шахсият маҳдуд нагардида, балки вазифаҳои фароғатӣ, беҳдоштӣ, тавонбахшӣ, маърифатӣ, арзишнокӣ, танзимкунанда, зебоишиносӣ ва ғайраро бо шумули иҷтимоисозӣ иҷро мекунад.

Синну соли наврасӣ давраи хеле душвор ва дар айни замон аҷоиб дар раванди ташаккули шахсияти фард мебошад. Ин вақтест, ки бозсозии сифатии тамоми фаъолияти психологии писарон ва духтарон, тағйироти куллии физиологӣ, батанзимдарории тамоми организм ба амал меояд. Дар ин давра муносибати шахсият ба таҳсил, варзиш, дӯстон,

оила тағйир меёбад. «Вай метавонад ба таҳсил ҳам бо масъулият, ҳам бепарво муносибат кунад; гоҳ дар бораи васеъ кардани доираи назари худ ғамхорӣ намояд, гоҳ ба чизе таваҷҷӯҳ накунад; гоҳ мустақилона супоришҳоро иҷро кунад, гоҳ омода аст аз рафиқонаш рӯбардор кунад. Вай метавонад бо мамнунияти том дастурҳои педадгогро иҷро кунад ва ҳамзамон шӯхӣ ва хушҳолӣ кунад». Хеле муҳим аст, ки дар ин синну сол ҳамаи ин тағйиротҳо дар заминаи ахлоқи баланд ба амал оянд. Зеро, маҳз ахлоқ ба наврас имкон медиҳад, ки арзишҳои ҳаётии худро муайян кунад ва метавонад варзишгари ояндаро водор кунад то аз болои худ кор кунад, нақши пешбарандаи фаъолияташро ба роҳи тарбия ва худтарбиякунӣ равона созад, ки дар тӯли тамоми ҳаёташ эътиқоди шахсӣ ва роҳи ҳаётии ӯро муайян хоҳанд кард.

Аз хурдӣ ба мактаби варзишӣ омада, варзишгари наврас дар тӯли се- чор соле, ки дар он ҷо сипарӣ мекунад, аз ҷиҳати ҷисмонӣ қувват мегирад, малакаҳои фаъолияти варзишӣ, як қатор пешрафтҳои техникӣ-тактикиро аз худ мекунад ва муҳимтар аз ҳама, дар ӯ аллакай заминаи ахлоқӣ-иродавӣ ба ташаккулёбӣ оғоз мекунад, ки ба ӯ кумак расонида, қутбнамои иҷтимоие мебошад, ки фаъолияти минбаъдаи ӯро муайян мекунад. Дар синну соли 11–12-солагӣ дар писарон ва духтарон синну соли ба истилоҳ наврасӣ оғоз меёбад. Ин вақт бо тағйироти амиқи шароити ба рушди шахсияти кӯдак таъсиркунанда тавсиф меёбад. Онҳо ба физиологияи организм, ба муносибатҳое, ки дар наврасон бо калонсолон ва ҳамсолонашон ба вуҷуд меоянд, ба сатҳи рушди равандҳои маърифатӣ, зеҳн ва қобилиятҳо дахл доранд. Дар ин синну сол тамоюли ба калонсолӣ майл намудан, ба қайд гирифта мешавад.

Маҳз дар синну соли наврасӣ кӯдак муносибатро бо рафиқону ҳамсолон дар ҷои аввал мегузорад. Дар амалияи варзишӣ инҳо варзишгарони шинос аз бахшҳои варзишии ҳамсоя ва ё рақибони оддӣ дар намад ё ринг, ки баъзан дар ҷомеаи варзишӣ нақши назаррас доранд, ба ҳисоб меравaнд. Дар ин синну сол, муносибатҳо дар гурӯҳҳои ҳамсолон дар корҳои нисбат ба бозиҳои дилхушкунандаи муштарак ҷиддитар бунёд меёбанд. Муошират доираи васеи намудҳои фаъолиятҳо, аз меҳнати муштарак сар карда, то муошировти шахсӣ дар мавзӯъҳои ҳаётан муҳимро дар бар мегирад. Ба ҳамаи ин муносибатҳои нав бо одамон наврас ҳамчун як шахси аз ҷиҳати зеҳнӣ рушдёфта ва дорои қобилиятҳое, ки ба ӯ имкон медиҳанд дар низоми муносибат бо ҳамсолонаш ҷои муайянеро ишғол кунад, ворид мешавад.

Инчунин ҷолиб он аст, ки дар синну соли наврасӣ дар духтарон ё писарони наврас унсурҳои худогоҳӣ ба ташаккулёбӣ оғоз мекунанд. Онҳо дар тамоми ҳаёти наврас, дар хусусияти фаъолияти таълимии ӯ, дар ташаккули муносибатҳои ӯ ба муҳити атроф, ба фаъолияти варзишӣ, робитаҳои мутақобила асари худро боқӣ мегузоранд. Худогоҳӣ маънои ҷудоӣ аз воқеият ва рафтан ба олами эҳсосоти ботиниро надошта, балки зуҳури як навъ кӯшиш ба худшиносӣ, худтаҳлилкунии беинтиҳо мебошад.

Ҳамин тавр, пас аз ҳар як кирдор ва амалёт наврас метавонад рафтори худро дар вазъияти додашудаи мушаххас муддати дароз таҳлил кунад. Талаботи худогоҳӣ аз талаботҳои ҳаёт, фаъолияти амалӣ ба миён омада, бо талаботҳои афзояндаи калонсолон, гурӯҳ муайян мешавад. Аксар вақт волидон ва омӯзгорон, алахусус мураббиёни мактабҳои варзишӣ, ҳамаи душвориҳои ин давраро нафаҳмида, аз наврас зиёд талаб мекунанд. Дар робита ба афзоиши тавaҷҷӯҳ ба гурӯҳ ва ҳаёти ҷамъиятӣ дар наврас талабот ба арзёбии имкониятҳои худ, ёфтани мавқеи худ дар гурӯҳ, дарк намудани он, ки кадом хислатҳои рафтор ва шахсияти ӯ барои ҳузури ӯ дар баландии талаботи ба ӯ пешниҳодшуда кумак мекунад ё баръакс, монеъ мешавад, ба вуҷуд меояд. Инкишофи худшиносии наврасон аз дарки рафтори худ (аввал кирдорҳои алоҳида, сипас ҳамаи рафторҳо дар маҷмӯъ), сипас сифатҳои маънавӣ, хислат ва қобилиятҳои худ аз ҷониби онҳо оғоз меёбад. Дар вақтҳои аввал дар асоси худшиносии наврас нуқтаи назари калонсолон (омӯзгорон ва волидон), гурӯҳ ва рафиқонаш дар бораи ӯ қарор мегиранд. Наврасӣ хурдсол ба худ гӯё бо чашми атрофиён менигарад. Бо гузашти синну сол тамоюли мустақилона таҳлил ва арзёбӣ кардани шахсияти худ ба назар мерасад. Ҳамин тариқ, агар сатҳи дастовардҳои наврас дар варзиши интихобшуда аллакай ба қадри кофӣ баланд буда, ӯ худро дар оянда ҳамчун як варзишгари касбӣ ё мураббӣ бинад, пас ҳавасмандии ӯ дар ин самт аллакай ба таври возеҳ муайян шуда, сатҳи шахсияти ӯ дар ҷомеа хеле баланд мебошад. Аммо агар наврас танҳо ба роҳи мартабаи варзишӣ қадам ниҳода, барои натиҷаҳои баланд ҳанӯз маҳорати кофӣ ба

даст наоварда бошад, пас ӯ бояд ба раванди мураккаби худтарбиякунӣ муроҷиат кунад, ки маҳз он ба ёфтани роҳи дуруст ба ӯ кумак мекунад.

Маҳз дар ҳамин синну сол муҳим аст, ки кӯшишҳои фаъолияти мураббигӣ ба тарбияи сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ дар наврас, ки асоси ташаккули онҳо рушди шахсияти кӯдак аст, равона карда шаванд. Дар натиҷа дар ӯ муносибат ба ҳамсолон, дӯстон, хешовандон ва ҷомеа муайян мешавад. Дар ин синну сол ҳамсолон ва рафиқон нақши назаррасро мебозанд, аз ин рӯ, суханон ва насиҳатҳои омӯзгор на ҳамеша натиҷаи дилхоҳ меоранд ва дар баъзе ҳолатҳо бошад, онҳо писар ё духтарро аз мураббии худ дур мекунанд. Вазифаи асосии омӯзгору мураббиён ин ташкили машғулиятҳои таълимию тамринӣ, ки имкон медиҳанд дар наврасон малакаи худтарбиякунӣ инкишоф ва ташаккул дода шавад, ба ҳисоб меравад. Дар раванди фаъолияти варзишӣ барои бурдани кор аз болои худ, аз болои ин ё он сифатҳое, ки ҳолати ботинии наврас ва мувофиқан, ҷаҳонбинии ахлоқӣ-иродавии ӯро муайян мекунанд, кумак мекунад.

Л.П. Буева дар таҳқиқоти худ таъкид мекунад, ки тарбияи шахсияти варзишгари наврас раванди яктарафа нест. Ба ақидаи ин муҳаққиқ, «баррасии диалектикии муайянкунии низомҳои иҷтимоӣ фаъолнокии субъектҳои амалкунандаро ба ҳисоб мегирад... Дарвоқеъ, инҳо ҷанбаҳои амиқи ба ҳам алоқаманд, нисбатан мустақили раванди ягонаи ташаккул ва рушди шахсият мебошанд, ки сабанокии иҷтимоии хосияти он, самтнокии рушд, фаъолнокии инфиродӣ, ки дар намудҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ ва муносибатҳои шахсият зоҳир мешавад, пешбинӣ менамояд» [1, с. 53].

Ба ақидаи як қатор муҳаққиқон, аҳамияти ҳалкунандаро барои рушди худогоҳии наврас зиндагии ӯ дар гурӯҳе ташкил медиҳад, ки дар он муносибатҳои дурусти хударзёбӣ ва ҳамкорӣ ташаккул ёфтан мегирад. Асосҳои педагогии масъалаи ҳамкорӣ ҳамчун хусусияти муҳими нақши муайянкунандаи фаъолият дар ташаккул ва тарбияи сифатҳои ахлоқӣ-иродавии наврасон дар асарҳои А.С. Макаренко, С.Т. Шатский, В.А. Сухомлинский ва дигар олимон баррасӣ шудаанд, ки дар онҳо ба хусусиятҳои ҳамкорӣ дар гурӯҳ аҳамияти ҷиддӣ дода, муҳимияти инсондӯстонаи он барои мактаб таъкид карда шудааст.

Тавре ки маълум аст, фарқи назаррас ва асосии байни таҳсилоти иловагӣ аз таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳавасмандии машғулиятҳо мебошад. Агар наврасон ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба тариқи ҳатмӣ, ба истилоҳ иҷборӣ ба машғулиятҳо эътибор диҳанд, дар мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон чизи асосӣ хоҳиш ва шавқу ҳавас ба машғулиятҳо ба ҳисоб меравад. Маҳз дар чунин шароити ҳузури ихтиёрӣ ва шавқу ҳавас ба машғулиятҳо мубрамшавии раванди ташаккули худтарбиякунӣ дар наврасон ба амал омада, бад-ин васила наврас ба марҳилаи нави рушди худ ворид мешавад, ки на танҳо дар натиҷаи тарбия, балки инчунин тавассути худтарбиякунӣ муайян мешавад.

Ҳамин тавр, дар заминаи рушди худогоҳӣ ва муносибати бошуурона ба воқеият, афзоиши талабот ба наврас, мавқеи нави ӯ дар гурӯҳ хоҳиши худтарбиякунӣ, рушди бошуурона ва мақсадноки сифатҳои мусбат дар худ ва пешгирии зуҳуроти манфӣ, рафъи хислатҳои манфӣ, бартараф кардани камбудиҳо ба вуҷуд меоянд. Ҳамзамон, баъзан байни талаботи тавлидёфта дар худтарбиякунӣ ва нобоварӣ ба имконияти он, огоҳии нокифоя аз масъалаи мавриди таваҷҷӯҳ ихтилоф ба миён меояд.

Дар ин синну сол айни замон наврас дар ҳама чиз ба талаботи калонсол будан, ҷавобгӯ нест. Эҳсоси калонсолшавӣ яке аз масъалаҳои марказӣ ва хоси ин синну сол аст (Л.С. Виготский). Барои ба даст овардани сифатҳои калонсолӣ ҳамаи наврасон кӯшиш мекунанд, вале онҳо ҳанӯз калонсол нестанд. Зуҳуроти ин сифатҳоро дар одамони калонсол дида, наврас аксар вақт ба онҳо ғайримунаққидона тақлид мекунад. Саъю кӯшиши худи наврасон барои калонсолӣ аз он ҷиҳат шиддат мегирад, ки худи калонсолон ба наврасон дигар на ҳамчун ба кӯдакон, балки ҷиддитар ва серталабона муносибат мекунанд. Аз суҳбатҳо бо мураббиён – омӯзгорон оид ба намудҳои якҳарбаи варзиш маълум мешавад, ки воқеан нисбат ба тамринҳо дар кӯдакони то 12-сола ва наврасон сарҳади муайяне мавҷуд аст. Ҳавасмандӣ ба машғулиятҳо низ тағйир меёбад. Агар дар ҷанбаи синнусолии аввал ин асосан фаъолияти бозӣ бошад, пас дар дуюмӣ – ин кӯшиш ба касбият, ба натиҷаҳои баланд ва ҳамчун нуқтаи ниҳоӣ – маҳорати худро дар назди рафиқон нишон додан мебошад.

Як қатор муҳаққиқони соҳаи психология, аз қабили Т.В.Драгунова, хусусиятҳои хоси ҳисси калонсолӣ, мазмун ва шаклҳои зуҳуроти онро мекушоянд. Ташаккули калонсолии

воқеӣ дар соҳаи иҷтимоӣ-маънавӣ (озодии нисбии калонсолон, ҳузури ақидаҳо ва ҳукмҳои шахсӣ), дар фаъолияти зеҳнӣ (мустақилият дар азхудкунии донишҳо), дар манфиатҳо, дар унсурҳои муносибатҳои шахсӣ (тақлид ба калонсолон), дар хусусияти дилхушиҳо, дар намуди зоҳирӣ ва тарзи рафтор (тақлид ба калонсолон) мушоҳида мешавад. Худи ҳаминро А.Г. Ковалев қайд мекунад: "наврасе, ки барои мавқеи фаъоли иҷтимоӣ ба камол расидааст, ба мубориза барои ин мавқеъ оқоз намуда, муносибати пешинаро нисбат ба худ, ки дар айёми кӯдакиаш ташаккул ёфта буд, мешиканад. [5, с. 78].

Т.В. Драгунова дар таҳқиқотҳои худ як қатор хусусиятҳои хоси синну соли наврасиро қайд мекунад:

– барои наврас зарур аст, то ки калонсолии ӯ аз ҷониби атрофиён пай бурда шавад;
– барои наврас муҳим аст, ки шакли рафтори ӯ кӯдакона набошад;
– арзиши ягон хел кор барои наврас бо калонсолии он муайян карда мешавад;
– қаҳрамони дӯстдоштаи наврас шахси фаъолест, ки ба сӯйи мақсад кӯшиш карда, монеаҳои ҷиддӣ, қариб бартарафнашавандаро бартараф намуда, дар онҳо қолибилияти аз душвориҳо баромадан зоҳир мегардад; дар ҳама гуна икдом ӯ на ҳамчун мушоҳидакор, балки ҳамчун иҷрокунанда буданро афзалтар медонад;
– наврас майли орзу ва хаёл карданро дар якҷоягӣ бо майли нақл кардан дар бораи сифатҳои воқеии (ё хаёлии) худ дорад; бачаҳо мехоҳанд амали бештар аз он чизе, ки воқеан мекунанд, анҷом диҳанд;
– ба вуҷуд омадани кодексҳои гуногун (масалан, шарикӣ);
– тасаввуротҳои бавуҷудоянда дар бораи меъёрҳои рафтор боиси муҳокимаи рафтори калонсолон мегарданд [4, с. 35].

Дар ҳақиқат, ҳамаи ин хислатҳо ба наврасон хосанд ва воқеан ба ӯ кумак мекунанд, ки амалҳо ва фаъолиятҳои худро нисбат ба ин хусусиятҳо таҳлил кунад, аммо ин дар асли худ худруштдиҳӣ буда, қисми таркибии худтарбиякуниро ташкил медиҳад.

Зинаи аввал худтарбиякунии ҷисмонӣ ва иродавӣ дар синни наврасӣ мебошад. Ҳадафи маъмулӣ дар ин синну сол худтакмилдиҳии иродавӣ ва ҷисмонии наврас буда, вазифа аз такмил додани сифатҳои иродавии шахсият, аз қабили далерӣ, тобоварӣ, худдорӣ, тобоварӣ, эътимод ба худ аз тариқи истифодаи воситаҳо ва машқҳои махсус иборат мебошад. Дар мавриди рушди ҷисмонӣ бошад, бисёр наврасон дар ин синну сол ба машғул шудан бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш шурӯъ мекунанд.

Зинаи дуввум худтакмилдиҳии ахлоқӣ, синнии барвақти навҷавонӣ мебошад. Ҳадафи маъмултарини худтарбиякунӣ дар ин давра рушди маънавӣ, ахлоқӣ мебошад, ки ҳамчун ташаккули хислатҳои олии шахсият: одоб, меҳрубонӣ, саховатмандӣ, садоқат ба дӯст, садоқат ба шахси маҳбуб, омодагӣ ба расонидани кумак ва ғайра фаҳмида мешавад. Ҳамин тариқ, аз панҷ зинаҳои маълуми ташаккули худтарбиякунии шахсият – дутоашон маҳз ба синну соли наврасӣ ва навҷавонии барвақт рост меоянд, ки бори дигар арзиши раванди мазкурро дар ин давра собит мекунад.

Ҳамин тариқ, худтарбиякунии наврасон тавассути машғулиятҳои варзишӣ на танҳо ба рушди ҷисмонӣ, балки ба ташаккули ҷаҳонбинӣ мусоидат намуда, бояд ба сифатҳои ахлоқие асос ёбад, ки онҳоро танҳо шахсияти дорои иродаи қавӣ метавонад дар худ тарбия кунад. Вазифаи мураббӣ аз бунёди чунин низоми тамринҳо иборат аст, ки дар раванди онҳо шахсияти наврас ҳамаҷониба, амиқ ва хушахлоқ ташаккул меёбад.

Дар раванди машғулиятҳо дар намуди алоҳидаи варзиш ба рушди омодасозии ҷисмонии хусусияти умумӣ ва махсусдошта, унсурҳои техникӣ ва гӯштини тактикӣ диққати калон дода мешавад. Аммо мурочиат ба сифатҳои ахлоқӣ тақрибан барои ҳамаи намудҳои варзиш якхела аст. Танҳо дар баъзеҳо он як қисми хеле назаррас, ва дар баъзеи дигар бошад, на он қадар амиқро ташкил медиҳад. Дар ҳақиқат, бешубҳа, дар раванди ин фаъолиятҳо наврас ҳамдардӣ, муносибати ҳассос ва дурустро нисбат ба рафиқон ва одамони дигар меомӯзад. Ин аз он сабаб ба амал меояд, ки варзишгари наврас эҳсосоте, ки рафиқонаш аз сар мегузаронанд, дарк мекунад.

Дар раванди чорабиниҳои таълимӣ-тамринии варзишӣ наврас тасаввуротро дар бораи шахсияти худ васеъ, бой ва амиқ мегардонад. Тавре ки аллакай қайд кардем, муҳимтарин хусусияти психологии синну соли наврасӣ ташаккули бошиддати ахлоқии шахсият, ташаккули шуури ахлоқӣ, азхудкунии меъёрҳои маънавӣ-ахлоқии рафтор маҳсуб меёбад. Аз суҳбатҳо бо наврасон, мушоҳидаи фаъолияти онҳо ва фаъолияти

мураббиёнашон маълум мешавад, ки дар наврасӣ на танҳо камолоти ҷисмонӣ, балки сифатҳои ахлоқии шахсият ба амал меояд, ки он дар зери таъсири воқеияти атроф, дар раванди кори таълимӣ-тамринии мактаби варзишӣ, зери роҳбарии ғоявии педагог ва гурӯҳ амалӣ карда мешавад. Маҳз дар ҳамин синну сол асосҳои шуури ахлоқӣ гузошта мешаванд.

Вобаста аз он, ки наврас чӣ гуна таҷрибаи ахлоқиро ба даст меорад, кадом меъёр ва қоидаҳои ахлоқро амалӣ мекунад, шахсияти ӯ ташаккул хоҳад ёфт. Аммо азбаски ин синну сол синну соли рушди бошиддати ахлоқӣ мебошад, бояд дар хотир дошт, ки баъзан дар шуури наврас (комилан ғайричашмдошт барои омӯзгор) мафҳумҳо ва эътиқодоти ахлоқие ташаккул меёбанд, ки бо он ақидаҳое, ки мурабӣ мехост дар шуури варзишгари наврас ҷойгир кунад, мухолиф мебошанд. Намунаи шахсии мураббӣ – омӯзгор, ки бо наврас кор мебарад, низ аз аҳамият бархӯрдор мебошад. Аз як тараф ба мавҷудияти ғояҳои ҳаётӣ ва афзалиятҳои мураббии худ нигариста, наврас баробар шуданро ба он оғоз карда, дар лаҳзаҳои муарккаби муошират бо ҳамсолон ва ё ҷомеа ӯ маҳз ҳамон тавре амал хоҳад кард, ки мураббии ӯ амал мекард. Муҳим аст, ки мураббиён бо истифода аз мавқӯеи худ бештар дар бораи мавҷудияти на танҳо неъматҳои моддӣ, балки арзишҳои олӣ, умумиинсонӣ дар ҷаҳони муосир низ бо наврасон суҳбат карда, баъзан мисолҳо оварда, дар бораи вазъиятҳои мураккаби зиндагии худ, ки онҳо воқеан дар онҳо онҳо зоҳир мешуданд, бисёртар нақл намояд.

А.Л. Малиованов дар китоби худ «Одоби педагогӣ дар тарбияи оилавӣ» аз ин нуқтаи назар чор гурӯҳи наврасонро фарқгузорӣ кардааст:

1. Наврасоне, ки дар рафтори худ бо меъёрҳои ахлоқии мусбат, ки аз ҷониби онҳо хуб дарк шудаасту дар онҳо фарқият байни сухан ва амал вуҷуд надорад, такя менамояд.

2. Наврасоне, ки дар онҳо сатҳи пасти рушди мафҳумҳо ва рафтори ахлоқиашон мушоҳида карда мешавад.

3. Гурӯҳи хурди наврасон (хонандагони алоҳида) бо хуб донистани меъёрҳои маънавии рафтор фарқ мекунанд, аммо мувофиқи онҳо амал карданро барои худ зарур намешуморанд.

4. Наврасоне, ки робитаҳои байни талаботҳои ба онҳо маълуми ахлоқ ва кирдорҳои ҳаррӯзаи худро ҳанӯз намебинанд ва дарк намекунанд [6, с. 39].

Ба ақидаи мо, ҳадафи асосии кори таълимӣ-тарбиявӣ бояд фароҳам овардани шароит барои худтарбиякунии наврасон бошад. Маҳз онҳо имкон медиҳанд, ки дар навбати аввал сатҳи сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ дар наврас ташаккул ёфта, маҳз ҳамин дар навбати худ барои дарки дурусти кори таълимӣ-тарбиявии бо ӯ гузаронидашаванда шароити мусоид фароҳам меорад. Дар акси ҳол дар ӯ метавонанд тасаввуроти манфӣ дар бораи арзишҳои олии умумиинсонӣ ҳамчун арзишҳое, ки ба ӯ «таҳмил карда шудаанд», ба вуҷуд оянд.

Ҳамин тариқ, ҳамаи фикрҳои дар боло овардашударо ҷамъбаст намуда, қайд кардан зарур аст, ки яке аз масъалаҳои асосӣ ташкили раванди дурусти ташаккули таҷрибаи ахлоқии наврас боқӣ мемонад, ки дар натиҷаи он ӯ ба адолатнокӣ ва баҳснопазирии меъёрҳои ахлоқии аз ҷонибаш азхудшаванда ва ба зарурати риоя кардани онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза боварӣ ҳосил мекунад. Ин сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ дар вақтҳои гуногун ташаккул меёбанд. Дар аввал сифатҳои марбут ба иҷрои фаъолияти таҳсилотӣ (исроркорӣ, бодиққатӣ, мустақилият ва ғайра), сипас сифатҳое, ки муносибатро ба одамони дигар ифода мекунанд (ҳисси рафоқат, ҳассосият, худдорӣ), баъдтар сифатҳое, ки муносибатро нисбат ба худ баён мекунанд (худтанқидкунӣ, мағрурӣ, ҳавобаландӣ) ва дар ниҳоят, сифатҳои мураккаб, ки муносибатҳои шахсии бисёрҷонибаи шахсиятро ифода мекунанд (ҳисси қарз, ҳисси шаъну шарафи худ, принсипиалӣ будан, ҳадафмандӣ, муташаккилӣ), ниҳода мешаванд.

Чунин пайдарпаӣ дар тавсеаи доираи хислатҳои даркшавандаи шахсият фаҳмо ва ба осонӣ шарҳ дода мешавад: аввалан, фаъолияти тамринӣ ва муносибат ба одамон аз ҷониби наврасон одилона зуҳуроти пешбарандаи шахсият ҳисобида мешаванд; дуввум, ин хислатҳои шахсият нисбатан соддатар буда, аёнитар зоҳир мешаванд. Хусусияти муҳими худогоҳии наврас зиддияти байни талабот ба шинохти худ ва маҳорати нокифояи дуруст таҳлил намудани зуҳуроти шахсӣ, сатҳи нокифояи донишҳои воқеӣ дар бораи худ мебошад. Дар ин асос, баъзан ихтилофҳое ба вуҷуд меоянд, ки дар натиҷаи зиддияти байи сатҳи даъвоҳои наврас ва мавқеи воқеии ӯ дар гурӯҳ, зиддияти байни муносибати ӯ ба худ,

сифатҳои шахсияти худ ва муносибат ба ӯ ва сифатҳои шахсияти ӯ аз ҷониби калонсолон ва ҳамсолон ба миён меоянд.

А.Г. Ковалев одилона қайд мекунад, ки «то чӣ андоза дуруст арзёбӣ кардани шахсияти наврас муҳим аст, то ки дар ӯ ду эҳсоси муқобил, балки баробар бартарӣ нисбат ба дигарон ва ҳисси ғайри қобили қабул ба вуҷуд оварда нашавад» [5, с. 64].

Бояд зикр намуд, ки сатҳи баланди рушди худогоҳии наврас, дар навбати худ, боиси худтарбиякунӣ мегардад. Як қатор таҳқиқотҳо собит кардаанл, ки аллакай дар синну соли 10 – 11-солагӣ наврасон амалҳои худро тавсиф карда метавонанд, аммо онҳо наметавонанд робитаҳои байни амалҳо ва хислатҳои шахсии худро муқаррар кунанд. Онҳо рафтори худро танҳо бо шароити беруна шарҳ медиҳанд.

Аз ин ҷиҳат наврас то андозае фарқ мекунад, ки байни хусусиятҳои шахсият ва кирдорҳои худ робита барқарор мекунад. Аммо, дар наврас ҳам ҳанӯз дар бораи худ ақидаи ҷамъбастӣ ва устувор вуҷуд надорад. Вай дар рафтор ва хислати худ чизи муҳимро аз ғайримуҳим ба пуррагӣ ҷудо карда наметавонад. Худтарбиякунии наврас хусусияти мустақилонаро касб накарда, вобаста ба ҳолату вазъияти муайян тағйир меёбад. Талабот ба худмуайянкунӣ наврасро водор месозад, ки донишиҳояшро дар бораи худ ба низом дароварда, ҷамъбаст намояд. Писарон ва духтарон мекӯшанд, ки ба хислат ва ҳиссиёт, амалҳо ва кирдорҳои худ амиқтар сарфаҳм рафта, хусусиятҳои худро дуруст арзёбӣ кунанд. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки худтарбиякунии наврасон ба душвориҳои калон дучор меояд, зеро ба ин синну сол ихтилофоти ҷиддӣ хос мебошанд.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои тарбия ва худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии хонандагони наврас аз инҳо иборат мебошанд:

– ташаккули марҳила ба марҳилаи худтарбиякунии наврас ва фаъолияти аз ҷиҳати вақт ва ҳаҷм гуногуни омӯзгор нисбат ба ташаккул ва рушди ин раванд;

– пайдарпай фароҳам овардани шароити педагогие, ки ба худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии варзишгари наврас нигаронида шудааст;

– зарурати ташаккули низоми арзишҳои шахсиятӣ, ки дар мафҳумҳои ахлоқ ва ирода асос ёфтаанд;

– назорат ва самтнокии раванди худтарбиякунии наврас аз ҷониби мураббӣ – омӯзгор.

**АДАБИЁТ:**


1. Буева, Л.П. Человек: деятельность и общение [Текст] / М.: Мысль, 1987. – 216 с.
2. Беляева, В.А. Педагогические основы физического самовоспитания студентов: дис. ... канд. пед. наук [Текст] / Рязань, 1978. – 152 с.
3. Выготский, Л.С. Проблемы возрастной периодизации детского развития [Текст] // Вопросы психологии. – 1972. – №2. – С. 114 – 123.
4. Драгунова, Т.В. К характеристике некоторых психологических особенностей подростков: дис. ... канд. пед. наук [Текст] / М., 1971. – 146 с.
5. Ковалев, А.Г. Самовоспитание школьников [Текст]/ М.: Просвещение, 1967. – 159 с.
6. Малиованов, А.Л. Педагогический такт в семейном воспитании [Текст].– М.: Просвещение, 1964. – 52 с.
7. Макаренко, А.С. Методика организации воспитательного процесса // пед. соч. в 8-ми т. Т.1.– М.: Педагогика, 1983.– С.267–329.
8. Сухомлинский, В.А. О воспитании [Текст]. М.: Политиздат, 1975. – 272 с.
9. Хохлов, С.И. Психологические вопросы взаимосвязи интереса и воли в деятельности подростков [Текст]: автореф. дис. ... канд. пед. наук. – М., 1967. – 23 с.


**Қодиров З .**

**ХУСУСИЯТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ АХЛОҚӢ-ИРОДАВИИ ВАРЗИШГАРОНИ НАВРАС ДАР ҶАРАЁНИ БОЗИҲОИ ВАРЗИШӢ**

Дар мақола фикру ақидаи муаллиф оид ба мавқеи машғулиятҳои якҷарба дар мактабҳои варзишӣ, ки ҳамчун востаи тарбия ва худтарбиякунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии наврасон ба шумор меравад, матраҳ гардидааст. Ин намуди фаъолият ба қонеъ гардонидани доираи васеи талаботи инфиродӣ дар таҳсилот, тарбия, солимгардонӣ мусоидат мекунад. Ба ақидаи муаллиф самтнокии онҳо ба рушд ва такмили қобилиятҳои ҳаракати шахсият маҳдуд нагардида, балки вазифаҳои, беҳдоштӣ, тавонбахшӣ, маърифатӣ, регулирующие, зебоишиносӣ ва ғайраро бо шумули иҷтимоисозӣ иҷро мекунад. Ҳамзамон, муаллиф бо такя ба таҳлили маъхазҳои илмӣ-педагогӣ ва инчунин фикру мулоҳизаи мураббиёни мактабҳои варзишӣ шакл ва усулҳои самараноки ташаккули

сифатҳои ахлоқӣ-иродавии наврасонро дар мактабҳои варзишӣ тавсиф намудааст. Муаллиф тасдиқ менамояд, ки маҳз дар ин мактабҳои варзишӣ дар наврасон сифатҳои зарурии ахлоқӣ-иродавие инкишоф меёбад, ки ба онҳо имкон медиҳанд дар мусобиқаҳои варзишӣ ба муваффақиятҳо ноил гарданд. Маҳз дар ҳамин синну сол муҳим аст, ки кӯшишҳои фаъолияти мураббигӣ ба тарбияи сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ дар наврас, ки асоси ташаккули онҳо рушди шахсияти кӯдак аст, равона карда шаванд. Дар натиҷа дар наврас муносибат ба ҳамсолон, дӯстон, хешовандон ва ҷомеа муайян мегардад, таъкид менамояд муаллиф.

***Калидвожаҳо:*** *мактабҳои варзишӣ, сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ, мураббиёни вaврзиш, варзишгарони наврас, синну соли наврасӣ.*

**Кодиров З.**

**ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ НРАВСТВЕННО-ВОЛЕВЫХ КАЧЕСТВ СПОРТСМЕНОВ-ПОДРОСТКОВ В ПРОЦЕССЕ СПОРТИВНЫХ ИГР**

В статье представлены взгляды автора о местах занятий по единоборству в спортивных школах, которые являются средством воспитания и самовоспитания нравственно-волевых качеств подростков. Данный вид деятельности содействует удовлетворению широкого круга индивидуальных потребностей в обучениии, воспитании и оздоровительной сфере. По утверждению автора, данные направленности не ограничивают развитие и совершенствование двигательных навыков личности, и в то же время выполняют гигиенические, реабилитационные, когнитивные, регулирующие, эстетические и другие задачи с учётом социализации личности. В тоже время, автор с учётом анализа научно-педагогических источников и точки зрения тренеров спортивных школ характеризует эффективные пути и средства формирования нравственно-волевых качеств подростков в спортивных школах. Автор утверждает, что именно в этих спортивных школах создаются условия для достижения значительных успехов подросткам в спортивных соревнованиях. Именно, в данном возрасте необходима тренерская деятельность направленная на воспитание нравственно-волевых качеств подростков, которая является основой развития их личности. В результате отношение подростков к сверстникам, товарищам, родственников и обществу определяется, подчёркивает автор.

***Ключевые слова:*** *спортивные школы нравственно-волевые качества, тренеры спортивных школ, спортсмены-подростки, подростковый возраст.*

**Kodirov Z.**

**PEDAGOGICAL FEATURES OF THE FORMATION OF MORAL AND VOLITIONAL QUALITIES OF ADOLESCENT ATHLETES IN THE PROCESS OF SPORTS GAMES**

The article presents the author's views on the places of martial arts classes in sports schools, which are a means of educating and self-educating the moral and volitional qualities of adolescents. This type of activity contributes to the satisfaction of a wide range of individual needs in training, education and health improvement. According to the author, these directions do not limit the development and improvement of the motor skills of the individual, and at the same time perform hygienic, rehabilitation, cognitive, regulatory, aesthetic and other tasks, taking into account the socialization of the individual. At the same time, the author, taking into account the analysis of scientific and pedagogical sources and the point of view of sports school coaches, characterizes effective ways and means of forming the moral and volitional qualities of adolescents in sports schools. The author argues that it is in these sports schools that conditions are created for adolescents to achieve significant success in sports competitions. Namely, at this age, coaching is needed aimed at educating the moral and volitional qualities of adolescents, which is the basis for the development of their personality. As a result, the attitude of adolescents towards peers, comrades, relatives and society is determined, the author emphasizes.

***Key words:*** *sports schools, moral and volitional qualities, sports school coaches, teenage athletes, adolescence.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Қодиров Зайдулло Кубурёевич** – унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академии таҳсилоти Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 126 **Тел**: 918514631

**Сведения об авторе: Кодиров Зайдулло Кубурёевич** – соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джоми Академии образования Таджикистана, улица Айнӣ, 126 **Тел**: 918514631

**Information about the author: Kodirov Zaydullo Kuburyoevich –** Applicant INIRO named after A. Jami, Dushanbe, Ayni Str. 126. **Phone:** 918514631

**НАЗАРОВА М.Р.**

# ТЕХНОЛОГИИ РАЗВИТИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ СТУДЕНТОВ ИНЖЕНЕРНО-ПЕДАГОГИЧЕСКИХ НАПРАВЛЕНИЙ

Уровень развития современного общества определяется, как известно, его интеллектуализацией, информатизацией и гуманизацией. Рост и приумножение этого потенциала является основной задачей системы образования, в том числе высшего технического. В свою очередь, развитие системы высшего образования требует повышения качества подготовки педагогических и инженерно-педагогических кадров, тем более, что профессорско-преподавательский состав технических вузов обычно пополняется за счет наиболее способных выпускников этих вузов, которые не имеют специальной психолого-педагогической подготовки. Однако многие из них, повысив свою психолого-педагогическую квалификацию, становятся высококвалифицированными педагогами, чья творческая активность направлена на развитие творческого потенциала студентов, их склонностей к исследовательской и профессиональной деятельности, на повышение качества подготовки специалистов в вузе.

Какие же технологии, формы и методы обучения следует применять в образовательном процессе технического вуза, чтобы у студентов – будущих инженеров-педагогов – развивались профессионально-педагогические способности? Одной из основных задач вузовской педагогики и психологии является создание технологий, обеспечивающих как обучающие, так и развивающие функции. Это, возможно, если посредством технологий в образовательном процессе реализуются: принципы гуманизации образования, развития и саморазвития личности; основные психологические концепции и дидактические принципы обучения, концепция формирования психологической системы деятельности – психологической готовности к профессиональной деятельности, а также учитываются индивидуально-психологические особенности и склонности студентов к разным сферам профессиональной инженерно-технической деятельности. Наиболее полно эти принципы могут быть реализованы в компьютерных технологиях обучения, особенно если преподаватели тех или иных дисциплин, обобщая, систематизируя и структурируя учебную информацию по отдельным темам, представляют ее крупными блоками, например, в виде структурно-логических схем (СЛС), и по дедуктивному принципу. Такое представление информации, наряду с концептуальным, наилучшим образом воспринимается и осваивается студентами – обладателями различных свойств нервной системы (темперамента) и функциональной симметрии-асимметрии полушарий головного мозга [1].

В вузах при подготовке инженерно - педагогических кадров как по психолого-педагогическим, так и по общепрофессиональным и специальным дисциплинам находят все более широкое применение модульные, проблемные и компьютерные технологии обучения.

Основные особенности этих технологий является: модульные технологии обучения, они дают возможность создавать гибкие образовательные структуры как по содержанию, так и по его организации. Они позволяют удачно сочетать признаки программированного, проблемного, активного и индивидуально-дифференцированного обучения при высокой степени самостоятельной работы учащихся. Сущность модульного обучения состоит в относительно самостоятельной работе обучаемого по освоению индивидуальной модульной программы, составленной из отдедьных модулей. Каждый уровень представляет собой законченное профессиональное действие, освоение которого идет по операциям – шагам. При этом используется информация и методические руководства по достижению поставленных целей, заключенных в «учебных элементах» – модулях. По определению Л.Д. Столяренко, модуль – это логически завершенная часть учебного материала, обязательно сопровождаемая контролем знаний и умений учащихся.

Анализ теоретических основ модульного обучения дает право говорить о его преимуществах:

- систематизация целей и содержания обучения;
- динамичность и гибкость;

- реализация деятельностного подхода путем использования технологий активного обучения;

- достижение высокой степени индивидуализации обучения посредством четкой структуризации содержания обучения и подборов методов его организации;

- модульное обучение является высоко-технологичным, что весьма расширяет границы его применения на всех уровнях образования: в школах, лицеях, колледжах, училищах, институтах.

Опыт использования учебных элементов, разработанных по курсу «Методика преподавания общепрофессиональных и специальных дисциплин», позволяет сделать вывод, что высокая степень индивидуализации обучения обусловливается тем, что каждому студенту выдаются учебные элементы, которые он изучает самостоятельно.

Перечень учебных элементов по изучаемой дисциплине может подбираться педагогом в соответствии с индивидуадьными особенностями, уровнем подготовки учащихся, студентов. Кроме того, происходит постоянный контроль и коррекция успешности обучения, а так как количество лекционных занятий ограничено, то все больший объем учебного материала осваивается студентами самостоятельно. Использование учебных элементов значительно экономит время студентов по получению и усвоению знаний, способствует формированию профессиональных умений и навыков и повышению качества обучения в целом.

Проблемное обучение рассчитано на формирование не только профессиональных, но и творческих способностей студентов, поэтому его иногда называют продуктивным или развивающим, творческим обучением. Самостоятельное приобретение и создание новых знаний – суть проблемного обучения. Под проблемным обучением понимается такая организация учебных занятий, которая предполагает создание под руководством педагога проблемных ситуаций и активную самостоятельную деятельность учащихся по их разрешению, в результате чего происходит творческое овладение профессиональными знаниями, навыками, умениями и развитие интеллектуальных способностей обучающихся.

Проблемное обучение основано на создании особого вида мотивации – проблемной, поэтому требует адекватного конструирования дидактического содержания материала, который должен быть представлен как цепь проблемных ситуаций. Проблемные ситуации могут быть различными по содержанию неизвестного, уровню проблемности, виду рассогласования информации, по другим методическим особенностям. В современной теории проблемного обучения различают два вида проблемных ситуаций:

1. Психологическая - касается деятельности учеников,
2. Педагогическая - представляет организацию учебного процесса

Преподаватель создает проблемную ситуацию, направляет учащихся на ее решение, организует поиск решения. Таким образом, учащийся ставится в позицию субъекта своего обучения, и в результате у него образуются новые знания, он овладевает новыми способами действия. Трудность управления проблемным обучением в том, что возникновение проблемной ситуации – акт индивидуальный, что требует от преподавателя использование диффефференцированного и индивидуального подхода.

Методические приемы создания проблемных ситуаций:

– преподаватель подводит учащихся к противоречию и предлагает им самостоятельно найти способ его разрешения;

– излагает различные точки зрения на один и тот же вопрос;

– предлагает группе рассмотреть явление с различных позиций;

– побуждает учащихся делать сравнения, обобщения, выводы из ситуации, сопоставлять факты;

– ставит конкретные вопросы (на обобщение, обоснование, конкретизацию, логику рассуждения);

– определяет проблемные теоретические и практические (исследовательские) задания;

– ставит проблемные задачи.

Для реализации проблемной технологии необходимы:

– отбор самых актуальных, сущностных задач;

– определение особенностей проблемного обучения в различных видах учебной работы;

– построение оптимальной системы проблемного обучения, создание учебных и методических пособий и руководств;

– личностный подход и мастерство преподавателя, способность вызвать активную познавательную деятельность ребенка. Вариантами проблемного обучения являются поисковые и исследовательские методы, при которых учащиеся ведут самостоятельный поиск и исследование проблем, творчески применяют и добывают знания.

В проблемном обучении студент и преподаватель находятся в процессе активного взаимодействия. Типичный случай проблемной ситуации – задача-проблема, требующая от студента объяснения еще не познанных явлений, открытия новых законов.[5, 6]. Проблемное обучение способствует развитию таких профессиональных способностей и личностных качеств, как доброжелательность, умение вести диалог, принимать самостоятельные решения, умение видеть ставить и разрешать нестандартные проблемы, творческие умения.

Самостоятельное изучение, самостоятельная работа над учебным материалом является главным в учебной деятельности каждого студента. В процессе самостоятельной работы студентам предоставляется возможность пользоваться обучающими программами, электронным учебником и компьютерными тестами. Тесты разработаны по конкретным темам инженерной графики. По количеству правильных ответов студенты могут судить о качестве изучения конкретной темы и, соответственно, откорректировать свои знания. В проблемном обучении студент и преподаватель находятся в процессе активного взаимодействия.

Типичный случай проблемной ситуации – задача проблема, требующая от студента объяснения еще не познанных явлений, открытия новых законов и для студента усвоение неизвестной для него закономерности является открытием, которое он совершает в процессе обучения в условиях проблемной ситуации, специально организованной для обучения или рассматриваемой на материале «полевых» исследований [5, 6]. Проблемное обучение способствует развитию таких профессиональных способностей и личностных качеств, как доброжелательность, умение вести диалог, принимать самостоятельные решения, умение видеть ставить и разрешать нестандартные проблемы, творческие умения.

Компьютерные технологии обучения, разработанные М.В. Матвеевой по дисциплине «Инженерная графика» [7], включают электронный учебник, обучающие программы, компьютерные тесты, геометрическое моделирование на компьютере и способствуют активизации познавательной деятельности студентов и их подготовке к проектно-конструкторской деятельности. Электронный учебник по инженерной графике содержит: теоретический материал по дисциплине в виде курса лекций; глоссарий; схемы (структурно-логические, классификационные, ориентировочной основы действий); графические примеры решения задач с пошаговым выполнением построений. Учебник имеет современный дизайн, снабжен удобным навигатором, прост в использовании. Преимуществом этого учебника, по сравнению с бумажным, является его гибкость, возможность модернизации и изменения применительно к различным дидактическим целям. Электронный учебник используется студентами преимущественно при самостоятельной работе. Он является рациональным средством, позволяющим за короткий промежуток времени в индивидуальном режиме дать консультацию по неясному вопросу и тем самым облегчить освоение программы курса. Обучающие программы, обладающие наглядностью и возможностями включения анимации, обычно включают блок теоретического материала по инженерной графике, а также демонстрацию необходимых практических действий, рассуждения и построения. Используя обучающие программы, студент может самостоятельно подготовиться к контрольной работе, коллоквиуму или экзамену. Компьютерные тесты по инженерной графике предназначены для контроля и коррекции знаний студентов. После выполнения работы студент получает оценку в баллах на основе процентного соотношения правильных ответов.

Как же осуществляется образовательный процесс по инженерной графике при применении компьютерных технологий обучения? При чтении лекций с применением структурно-логических схем преподаватель представляет учебную информацию в основном по дедуктивному принципу и помогает студентам увидеть связи между элементами этой информации, что способствует ее лучшему восприятию и освоению

обладателями разных индивидуальных стилей познавательной деятельности – когнитивных стилей.

На практических занятиях студенты работают со схемами ориентировочной основы действий, которые отражают алгоритмы решения позиционных и метрических задач. Классификационные схемы используются студентами при самостоятельной работе, а также в качестве справочного материала, отражая содержание различных тем.

Самостоятельное изучение, самостоятельная работа над учебным материалом является главным в учебной деятельности каждого студента. В процессе самостоятельной работы студентам предоставляется возможность пользоваться обучающими программами, электронным учебником и компьютерными тестами. Тесты разработаны по конкретным темам инженерной графики. По количеству правильных ответов студенты могут судить о качестве изучения конкретной темы и, соответственно, откорректировать свои знания. Результаты экспериментальных исследований свидетельствуют о повышении уровня развития общего и технического интеллекта, пространственного мышления у студентов, изучающих инженерную графику с применением компьютерных обучающих программ, по сравнению с такими же показателями у студентов, обучающихся по традиционной методике. Применение в образовательном процессе модульных, проблемных и компьютерных технологий обучения способствует развитию как профессионально-педагогических, так и технических способностей студентов будущих педагогов в системе высшего технического образования.

Методу Р.С. Немова позволяет раскрыть у студентов по специальности инженер-педагогов в процессе обучения развиваться не только технические, но и педагогические способности. Этот метод включал ряд методик по оценке личностных свойств (уровень эмпатии):

– тест А.М. Мехрабиена и Н. Энштейна «Уровень эмпатии»; конструктивных способностей (уровень педагогического мастерства)

– тест «Педагогическая ситуация»; организаторских способностей – тест «Кто вы: администратор или лидер?»; рефлексивных способностей самооценки)

– тест на самооценку.

Результат ряд исследований, показал что динамика проведенных работ дала положительный результат так как:

– у большинства студентов сформирован средний уровень эмпатии, что очень важно для педагогов;

– способность к сопереживанию, вниманию к другим людям;

– меньшая часть студентов каждой группы обладает высокоразвитыми профессионально-педагогическими способностями, а у многих студентов сформирован средний уровень педагогических способностей;

– у большинства студентов развиты организаторские способности, т.е. они обладают способами организации взаимодействия учащихся с объектами деятельности и познания, взаимодействия учащихся в группе, организации собственного взаимодействия с учащимися, что так важно в их будущей педагогической деятельности;

– 75 % опрошенных студентов имеют адекватную самооценку, т.е. трезво оценивают свои успехи и неудачи, одобрение и неодобрение окружающих, критическое отношение к себе и к окружающим; 25 % свойственна завышенная самооценка, т.е. они ставят перед собой более высокие цели, чем те, которых они могут достичь.

В целом анализ результатов свидетельствует, что в каждой группе высокоразвитыми профессионально-педагогическими способностями обладают 2–3 студента, а у большинства сформирован средний уровень развития этих способностей.

В связи с этим преподавателям, ведущим занятия со студентами – будущими педагогами, следует особое внимание обратить на организацию активной познавательной деятельности студентов, на применение в образовательном процессе таких технологий и методов обучения, которые обеспечивали бы эффективное развитие интеллектуальных, технических, педагогических и творческих способностей выпускаемых вузом специалистов.

| Курс | Кол-во студентов | Логичность | Анализ, синтез | Критичность | Абстрактность | Творчество | ТУ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| I | 24 | 33.3 | 45.76 | 12.48 | 4.16 | 41.6 | 16.64 |
| IV | 18 | 33.3 | 66.6 | 16.6 | 5.6 | 66.6 | 22.4 |

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Соколова И.Ю., Кабанов Г.П. Качество подготовки специалистов в техническом вузе и технологии обучения. Томск, 2003.
2. Кабанов Г.П. Педагогические технологии в техническом вузе. Красноярск, 2004.
3. Столяренко Л.Д., Столяренко В.С. Психология и педагогика для технических вузов. Ростов н/Д, 2001.
4. Сибирская М.П. Профессиональное обучение. Педагогические технологии: Учеб. пос. 2-е изд., доп. и перераб. СПб., 2000.
5. Батышев С.Я. Профессиональная педагогика. М., 2000.
6. Матюшкин А.М. Проблемные ситуации в мышлении и обучении. М., 1972.
7. Матвеева М.В. Активизация подготовки студентов к инженерно-конструкторской деятельности посредством компьютерных технологий.

**Назарова М.**

**ТЕХНОЛОГИИ РАЗВИТИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ СТУДЕНТОВ ИНЖЕНЕРНО-ПЕДАГОГИЧЕСКИХ НАПРАВЛЕНИЙ**

Одной из основных задач вузовской педагогики и психологии является создание технологий, обеспечивающих как обучающие, так и развивающие функции. Это, возможно, если посредством технологий в образовательном процессе реализуются: принципы гуманизации образования, развития и саморазвития личности; основные психологические концепции и дидактические принципы обучения, концепция формирования психологической системы деятельности – психологической готовности к профессиональной деятельности, а также учитываются индивидуально-психологические особенности и склонности студентов к разным сферам профессиональной инженерно-технической или инженерно-гуманитарной деятельности.

***Ключевые слова:*** *квалификация, саморазвития, индивидуально-дифференцированного обучения, модульное обучения, проблемное обучение, инженерная графика.*

**Назарова М.**

**ТЕХНОЛОГИЯИ ИНКИШОФИ ҚОБИЛИЯТИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН САМТИ ИНЖЕНЕРӢ ПЕДАГОГӢ**

Яке аз вазифаҳои асосии педагогика ва психологияи донишгоҳ эҷоди технологияҳое мебошад, ки ҳам вазифаҳои таълимӣ ва ҳам инкишофро таъмин мекунанд. Ин имконпазир аст, ки дар раванди таълим тавассути технология чунин амалҳо ба монанди: принсипҳои гуманизатсияи таълим, инкишоф ва худидоракунии шахсият; мафҳумҳои асосии психологӣ ва принсипҳои дидактикии таълим, консепсияи ташаккули системаи психологии фаъолият - омодагии психологӣ ба фаъолияти касбӣ, инчунин бо назардошти хусусиятҳои психологии инфиродӣ ва майли донишҷӯён ба соҳаҳои гуногуни муҳандисию техникӣ; ё фаъолияти муҳандисӣ ва башардӯстона ба роҳмонда шуда, дар раванди таълим амалӣ карда шаванд.

***Калидвожаҳо:*** *тахассус, рушди худшиносӣ, омӯзиши инфиродӣ, таълими модулӣ, омӯзиши мушкилот, графикаи муҳандисӣ.*

**Nazarova M.**

**THE PARENTS INFLUENCE ABOUT FORMATION OF PSYCHOLOGY AND THE TEENAGERS LIFE IN THE FAMILY AND IN THE SOCIET**

One of the main tasks of university pedagogy and psychology is the creation of technologies that provide both teaching and developmental functions. This is possible if the following are implemented in the educational process through technologies: the principles of humanization of education, development and self-development of the individual; the basic psychological concepts and didactic principles of teaching, the concept of the formation of a psychological system of activity - psychological readiness for professional activity, as well as taking into account the individual psychological characteristics and inclinations of students to different areas of professional engineering and technical or engineering and humanitarian activities.

***Key words:*** *qualification, self-development, individually differentiated learning, modular learning, problem-based learning, engineering graphics.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Назарова Мавлуда Раҷабалиевна - н.и.т., муаллими кафедраи забони русӣ ва таълими касбии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.
**Сведения об авторе**: Назарова Мавлюда Раджабалиевна - кандидат искусствоведения. Преподаватель кафедры русского языка и профессионального образования Таджикского технологического университета. Сведения об авторе: Назарова Мавлюда Раджабалиевна - кандидат искусствоведения. Преподаватель кафедры русского языка и профессионального образования Таджикского технологического университета..
**Information fbout the author:** Nazarova Mavluda Radzhabalievna - Ph.D., Art. Lecturer at the Department of Russian Language and Vocational Training, Technological University of Tajikistan.

**САИДЗОДА Б.**

# БАЭЪТИБОРГИРИИ ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГӢ ДАР ИНТИХОБИ ҶУФТИ МУВОФИҚ

Оила яке аз институтҳои иҷтимоӣ буда, як қатор вазифаҳои ба худ хосро дар бар мегирад ва ташаккули шахсияти инсон низ аз он шуруъ мешавад. Зеро оила институти иҷтимоиест, ки ба сифати танзимгари ҳаёти ҷавонон баромад мекунад. Ташкил намудани оила яке аз масъалаҳои актуалии ҳаёти инсон ба шумор меравад. Оила, дар радифи муҳимтарин вазифаҳои худ таълиму тарбияи насли наврас, фароҳам овардани муҳити мусоиди эмотсионалӣ, таъминоти ҳуқуқӣ ва масъулияти дуҷонибаи ахлоқии байни аъзои оиларо ба дӯш дорад. Устувории оила аз ҳадафмандонаю саривақт иҷрошавии вазифаҳои ба дӯшдоштааш дар сатҳи сифатнок ва мувофиқати психологӣ байни аъзо вобастагии амиқ дорад. Ҳар як аъзои оила вазифаҳои ба худ хос дошта, мавқеъи муайянеро ишғол менамоянд. Дар сурати иҷрои сифатноки ин вазифаҳо мавқеи шахс дар оила мустаҳакам шуда, муносибатҳои солим миёни аъзо таъмин мегарданд. Ташкил намудани оила яке аз вазифаҳои табиию иҷтимоии ҳаёти ҷавонон ба шумор меравад, ки ҳалли дурусти он аз рафти инкишоф ва тарзи ҳаёти инсон низ вобастагӣ дорад. «Аммо дар ҳаёти ҳамарӯза мушоҳида мекунем, ки падару модарон бидуни райъи фарзандон онҳоро хеле бармаҳал оиладор мекунанд, хоҳиш ва ризоияти томи онҳоро намепурсанд. Яъне, ба ин масъала сатҳӣ менигаранд» [3, с. 45].

Як қатор психологҳо, аз ҷумла Обозов Н., Волкова А.Г., Тавит А.Ю., И.Б Шкопоров ва дигарон дар масъалаи дахолати волидайн ба ҷавонон ҳангоми интихоби ҳамсар омӯзишҳои илмӣ намудаанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чӣ гуна оилаҳои ҷавон бо сабабҳои мухталиф вайрон шуда истодааст. Яке аз он сабабҳо ин дахолати волидайн, мувофиқат накардани хусуиятҳои фардӣ-психологӣ ва иҷтимоӣ навхонадорон мебошад. Зери мафҳуми мувофиқати психологии ҷуфти мувофиқ ягонагии рӯҳия, характер, мизоҷ, шавқу ҳавас, ҳиссиёт, алоқамандии эмотсионалию маънавӣ ва амсоли инҳо шомил мешаванд. Аз ин рӯ, Н. Обозов мувофиқоиро ҳамчун эффекти муносибати байниҳамдигарию имконияти қонеъгардонии байниҳамӣ ва ҳамҳис шудан, ҳамчун як қисми муккамал медонад [6, с. 98]. Дар ҳақиқат, мувофиқати байниҳамдигарӣ миёни ҳамсарон ҳис кардани ҳамдигар дар рафти зиндагии якҷояи онҳо мебошад.

А.Г. Волкова бошад дар зери мафҳуми мувофиқати психологӣ муносибатеро мефаҳмид, ки ба ҳар як аъзои оила уҳдадориҳои муайяне вогузор асту сифатнок ва саривақт иҷрои онҳо эффекти мувофиқоиро таъмин менамояд. Аз ин рӯ, А.Г. Волкова баъд аз омӯзишҳои худ нишон дод, ки мувофиқои ҷуфти мувофиқ ду ҷанбаро дарбар мегирад:

- ✓ мувофиқоӣ аз рӯйи иҷрои саривақтию сифатноки вазифаҳои бар дӯшдоштаи худ дар оила, инчунин, тақсимоти нақшҳо, ба эътибор гирифтани андешаҳои якдигар ҳангоми қабули қарор ва монанди инҳо;
- ✓ мувофиқоии фардӣ-психологӣ, ки дар ин ҳамаи он хусусиятҳои психологии шахс шомил мешаванд [1, с. 211].

Дигар нишондиҳандаҳои муносибати солими байниҳамдигарӣ миёни ҷуфти мувофиқ, ин дарки адекватӣ (баҳогузории мувофиқи якдигар ва худбаҳодиҳӣ) ва идентификатсия (сатҳи мувофиқати баҳогузорӣ ва худбаҳодиҳӣ) онҳо мебошад. Мафҳуми калимаи мувофиқӣ ба маънои бо ҳам наздик будан ё хусусиятҳо, одатҳои бо ҳам монанде мебошад, ки хусусияти хусуматомезӣ надоранд. Ҳар қадаре, ки мувофиқӣ психологӣ зиёдтар бошад, ҳамон қадар муносибатҳои зану шавҳарӣ устувор мешавад. Дар никоҳе, ки ноустуворӣ дида мешавад, албатта алоқаи маҳдуд миёни зану шавҳр мушоҳида гардида, ба якдигар нобоваранд. Талаботе мавҷуданд, ки хусусияти гендерӣ дошта, аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва ба марду зан қонеъгардии онҳо баъд аз никоҳи байниҳам муясар мегардад. Масалан, зан муносибати романтикиро дар оила аз шавҳараш интизор аст. Лозим ба ёдоварист, ки ақидаи ягона дар бораи мувофиқоии психологӣ байни зану шавҳар вуҷуд надорад. Доир ба ин масъала назарҳои мухталиф дар илм низ мавҷуданд.

Низоъҳои байнишахсии ҳамсарон сабаби пошхӯрии оилаҳо мешаванд. Низоъ дар заминаи ҳамаҷониба омада набудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ ва баэътибор нагирифтани хусусиятҳои психологӣ ҳангоми интихоби ҳамсар сурат мегирад. Яке аз омилҳои устувории оила, ин интихоби мувофиқи ҳамасар мебошад. Ҳангоми интихоби ҳамсар бисёре аз ҷавонон ба зоҳир таваҷҷуҳ намуда, баэътиборгирии хусусиятҳои психологиро ба назар намегиранд. Мавридҳое ҳастанд, ки ҷавонон ҳангоми оиладоршавӣ интихоби ҳамсари ояндаашро бар души падару модар вогузор намуда, қарори нодурустро ихтиёр мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо баъзан интихоб бо назардошти характеру хусусияти фарзандон аз тарафи падару модар мувофиқ меоянд. Камина дар он андешааст, ки дахолати калонсолон ҳангоми интихоби ҷуфти мувофиқ ва оиладоршавии фарзанд ба маврид бошад. Ҳар яки мо зодаи замони худ буда, ҷаҳонбинии фардиро соҳиб мебошем. Аз ин рӯ, дахолату таъсиррасониҳои шахсони наздик дар интихоби ҳамари оянда, аҳамиятнок ва зарурӣ бошад.

Дар шароити кунунӣ ақди никоҳи ҷавонон дар пояи муҳаббати тарафайн ва розигии онҳо ба миён ояд ҳам, устувории оиларо таъмин карда наметавонад. Зеро чунин вазъиятро психологон ва ҷомеашиносон дар нодида гирифтани хусуиятҳои психологии якдигар медонанд. Чунки дар ин давра ҳаёти ҷавонон тобишҳои эмотсионалӣ дошта, дар заминаи ҳавою ҳавасҳо ва орзуҳои ширину рангин побарҷо мебошад. Вобаста ба психологияи синну солии худ ҷавонон, зиндагиро содаву шавқовар тасаввур карда, дурнамои нақшаи оилавиро амиқ думболагирӣ намекунанд. Масалан, вазъи иқтисодӣ, мушкилиҳои тасодуфи ба миён оянда дар оила, таълиму тарбияи фарзандонро нодида мегиранд.

Мушоҳидаҳои психологӣ нишон медиҳанд, ки тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ мақсади кори психолог мебошад. Дар ин замина ҷавонон системаи мақсадгузории иҷтимоию психологӣ ва муносибатҳои эмотсионалии худро бомантиқона барои интихоби ҷуфти мувафиқ муайян менамояд.

Омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ аз категорияи интегралӣ буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

**1.** Инкишофёбии маънавии омодагии шахс ба қабули вазифаҳои нисбати ҳамсару фарзандон дар ҳаётӣ оилавӣ вогузор шуда.

**2.** Омодагӣ барои ба роҳ мондани муносибату муоширати байнишахсӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар навхонадорон. Инчунин, барои муътадил будани фазои оила ва устувории он мутобиқшавии тарзи ҳаёти ҳамсарон бо якдигар дар оилаи навбунёд зарур аст.

**3.** Маҳорату малака ва қобилияти қурбонӣ кардани худ барои шарики ҳаётӣ (ҳамсар, фарзандон) ташаккул додан.

**4.** Мавҷудияти маҷмуи сифатҳое, ки ба воридшавӣ ба олами ботинии шахс имконият медиҳанд аз аҳамият холӣ нест. Аҳамияти ин ҷанба дар он аст, ки ҳисси эмпатияи шахс метавонад устувории оиларо боз ҳам қавитар намояд.

**5.** Мавҷудияти маҷмуи маданияти баланди ҳиссиётҳои эстетикӣ, рафтори шоистаи шахсӣ барои пойдории оила ва тарбияи фарзандон саҳмгузор мебошад.

**6.** Ташаккулёбии маҳорату малакаи ҳалли низоъҳои оилавӣ. Ҷанбаи мазкур хело нозук буда, аз шахс маҳорати ҳалли низоъҳо дар оила ва истифодабарии он барои

инкишофёбии муносибатҳои байнишахсии ҳамсарон, ба хусус дар раванди бо ҳам мутобиқшавии навхонадорон нақши бориз дорад [4, с. 83].

Ҷавонон ҳангоми омодашавӣ ба ҳаёти оилавӣ аз калонсолон маҳорату малакаҳои оилавӣ, муносибат бо ҷинси муқобил, моҳияти ақди никоҳ ва рафторҳои меъёран қабулшударо аз худ намуда, ҳиссиёти дӯстӣ, ҳамкорӣ ва эътирофнаморо дар худ ташаккул медиҳанд. Аммо дар шароити кунуни механизми гузориши ин маълумот кифояг намекунанд, чунки омилҳои таъсиррасони психологӣ зиёдеро ҷаҳонишавӣ рӯйи кор овардааст. Аз ин лиҳоз, ба мавқеи омодагии психологии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ таваҷҷуҳи хосса равона намудан зарур аст.

Гребенников И.В. дар ин масъала ибрози андеша намуда, қайд менамояд, ки омодагии психологию маънавии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва интихоби ҷуфти мувофиқ аз ҷанбаҳои зерин таркиб меёбанд:

- арзишҳои оилавӣ, моҳияти муносибат ва вазифаҳои оилавӣ, дурнамои нақшаҳои иҷтимоии ҳамсарон дар оила бояд дарк карда шавад;
- сифатан маънавиёту этикаи шахсӣ дар муносибатҳои дӯстона ба ҷинси муқобил, эҳтиром ба калонсолон, дарки масъулият, таҳаммулгаро будан ва дигар хусусиятҳоро бояд ҷавонон дар худ ташаккул доданашро зарур донанд;
- аз тарафи волидон ва ё шахсони наздик ба ҷавонон шиносоӣ бо қонунгузории бастани никоҳ ва оила, ухдадориҳое, ки қонун ба ҳамсарон муаян намудааст фаҳмонида шароит фароҳам оварда шавад;
- ифшои ҷанбаҳои инкишофёбии хусусиятҳои психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар оила, қобилияти дарки психологии якдигар, ташакулёбии ҳиссиётҳо, маҳорату малакаи муоширатнамоиро ба ҷавонони навхонадоршуда ё ҳангоми интихоби ҷуфти мувофиқ фаҳмонидан зарур аст.
- доштани доншҳои физиологию гигиенӣ оид ба хусусиятҳои организми ҷинси марду зан, хусусиятҳои ҳаёти ҷинсӣ, ва ғайра;
- доштани донишҳои муайяни оиладорӣ оид ба мавқеи оила дар тарбияи ва ташаккули фарзандон. Ташаккулдиҳии хусусияти тарбияи оилавӣ ва ғайра [2, с. 112].

Зери таъсири як қатор донишҳои психологию оилавӣ ва омилҳои иҷтимоию психологӣ тарбияи ҳаматарафаи фарзандон дар оила ба роҳ монда мешавад. Тадқиқотчиёни зиёд зери таъсири ин раванд ҳалқаи бо ҳам пайвастеро, ки ба он мактаб, оила, ҷомеа мепайвандад пешниҳод менамоянд. Пеш аз ҳама барои ин равандро дуруст дарк кардану ба роҳ мондан, омодагии ҳамсарон ба ҳаёти оилавӣ заминагузор мебошад. Яке аз ҷанбаҳои асосии ин раванд аз тарафи зану шавҳар мақсадгузориҳою мавқеъмуайяннамоӣ, дарк намудани мавқеи оила ва никоҳ дар ҷомеа муҳим аст. Моҳияти ташкили оиларо ҳар як шахс аз мавқеи назари худ дарк намуда, аҳамият ва баҳодиҳӣ нисбат ба оила гуногун мебошад. Аксарияти татқиқотчиёне, ки ба масъалаҳои оилаю оиладорӣ машғул буданду ҳастанд, шарти асосии устуворгардӣ оиларо аз маънавиёти баланди шахсӣ вобаста медонанд. Психологӣ тоҷик М. Давлатов дар он андешаи аст: «Қабл аз ҳама издивоҷкунандагон ҳамдигарро бояд бубинанд ва бо ҳамдигар мувофиқ буданашонро дарк намоянд. Дар ин сурат кафолати устувории оила бештар мешавад» [3, с. 45].

Барои интихоби дурусти ҷуфти мувофиқ дар байни ҷавонон муҳаббат ва шавқу ҳавас низ ҳамчун омили калони устуворгардонандаи издивоҷ хизмат мекунанд. Муҳаббат – қувваи табиӣ буда, дар заминаи шавқу ҳаваси шахс пайдо мешавад. Бо ҳам мувофиқоӣ аксар вақт маҳсули ҳиссиёти мо аст ва аз хусусиятҳои фардӣ-психологӣ вобастагӣ дорад.

Психолог В.С. Торохтий таъкид мекунад, ки ҷавонону навхонадорон барои бо ҳам мувофиқоӣ ва устувории оила дар оянда, чунин талаботро донанд ва маҳорати дар амал тадбиқ намудани онро дар худ ташаккул диҳанд.

- дарк намудани масъулият нисбат ба ҳамсар ва фарзандон дар оянда;
- риояи муносибат ва ҳуқуқу эътибори баробар дар муносибатҳои байнишахсии аъзои оила;
- кӯшиши ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории тарафайн;
- маҳорату малакаи мутобиқшавӣ ба хусусиятҳои фардӣ-пихологии шарики ҳаётӣ;

Ҷавонон дар сурати принсипу талаботи дар боло зикр шударо ба эътибор гирифтан, рафтор, гуфтор ва пиндори худро дар раванди муносибатҳои оиладорӣ ва аъзои он ба танзим дороранд. Ин боиси коҳиш ёфтани низоъҳои оилавӣ шуда, ҳамдигарфаҳмӣ миёни ҳамсарон пурқувват мегардад. Масъалаи дигари асосӣ омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва интихоби ҷуфти мувофиқ мебошад. Зеро ҷавонон барои ташкили оила ва интихоиби ҳамсар бояд худ қарор қабул намоянд.

Аз нуктаи назари Б.С. Круглов омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, ташаккулёбии тарбияи ҷинсӣ ва маҳорату малакаҳои муоширатнамоӣ шахсию байнишахсиро инъикос менамоянд [5, с. 63, 68].

Омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, ташкили оилаи устувор ва фароҳам овардани фазои мусоиди эмотсионалӣ на танҳо дар натиҷаи мувофиқати психологӣ сурат мегирад. Инчунин, андешаҳои падару модар, ҳамсолон, омӯзгорон, васоити ахбори омма таъсири худро ба ҷавонон мегузорад. Дар ин замина инкишофёбии ҳиссиёти махсус дар ҷавон дигар шуда, дарки хусусиятҳои муносибатҳои оилавӣ ва маданияти оиладориро дар онҳо такмил медиҳад.

Дар оила ҳама гуна ҷанбаҳои фаъолияти ҳаёти муштарак миёни аъзои он фарогир буда, аз ҷумлаи мураккабтарин фаъолиятҳои инсон ба шумор меравад.

Муҳити солими психологӣ, сарчашмаи асосии саодатмандии аъзои оила, аз он ҷумла зану шавҳар мебошад. Фароҳам овардани муҳити солими психологии оила аз самимона ба роҳ мондани муносибату муошırати байнишахсии аъзои оила вобастагии амиқ дорад. Андешаҳои зикргардида ҳамон вақт амалӣ мешавад, ки ҷавонон ҳангоми издивоҷ хусусиятҳои фардӣ-психологии ҳамдигарро донанд ва ҷуфти мувофиқи худро интихоб намоянд. Дар ин замина бешак устувории оила таъмин мегардад. Мувофиқатоии онҳо дар доираи типи мизоҷ, характер тарзи муоширату муносибат ва дигар хусусиятҳои фардӣ-психологӣ дида мешавад. Масалан, ҳар як инсон вобаста ба мувофиқатоии психологӣ аз худ сифатҳои гуногуни типҳои мизоҷ, муносибату муошират, характеру қобилият, ирода ва дигар хусусиятҳои шахсиро дар раванди фаъолияти зоҳир менамояд.

Ҳамин тавр муҳокимаронихои дар боло зикршуда ҷузъи буда, ба эътибор гирифтани онҳо аз манфиат холӣ нест. Агар омӯзишӣ ҷанбаҳои психологии омодагии психологӣ ҷавонон пеш аз издивоҷ дар сатҳи илмӣ ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқ қарор гирифта шавад судманд мебошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Волкова А.Н., Штилбанс В.И. На пароге семьи. – СПб. 2003. –С. 211
2. Гребенников И.В. Основы семейной жизни. – М.: 1991. –С. 112
3. Давлатов М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон. – Душанбе: Ирфон, 2014. –С. 45
4. Калмыков Е.С. Психологические проблемы первых лет супружеской жизни// Вопросы психологии . 1983. №3. –С. 83
5. Круглов Б.С. Правовое сознание как элемент психологической подготовки молодёжи к семейной жизни// Вопросы психологии. №4, 1986 . –С. 63-68
6. Обозов Н.Н., Обозов А.Н. О Три подхода к исследованию психологической совместимости// Вопроси психологии. №7 (45). - 1981. –С. 98.


**Саидзода Б.**

## БАЭЪТИБОРГИРИИ ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГӢ ДАР ИНТИХОБИ ҶУФТИ МУВОФИҚ

Оила яке аз институтҳои иҷтимоӣ буда, як қатор функсияҳои ба худ хосро доро мебошад ва ташаккули инсон низ аз он шуруъ мешавад. Зеро оила институти иҷтимоиест, ки ба сифати танзимгари ҳаёти ҷавонон баромад мекунад. Ташкил намудани оила яке аз вазифаҳои табиию иҷтимоии ҳаёти ҷавонон ба шумор меравад, ки ҳалли дурусти он аз рафти инкишоф ва тарзи ҳаёти инсон низ вобастагии амиқ дорад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чӣ гуна оилаҳои ҷавон бо сабабҳои мухталиф вайрон шуда истодааст. Яке аз он сабабҳо ин дахолати волидайн, мувофиқат накардани хусуиятҳои фардӣ-психологӣ ва иҷтимоии навхонадорон мебошад. Ҷавонон ҳангоми омодашавӣ ба ҳаёти оилавӣ аз калонсолон маҳорату малакаҳои оилавӣ, муносибат бо ҷинси муқобил, моҳияти ақди никоҳ ва рафторҳои меъёран қабулшударо аз худ намуда, ҳиссиёти дӯстӣ, ҳамкорӣ ва эътирофнаморо дар худ ташаккул медиҳанд. Аммо дар шароити кунуни механизми гузориши ин маълумотҳо кифоягӣ намекунанд, чунки омилҳои таъсиррасони психологӣ зиёдеро

ҷаҳонишавӣ рӯйи кор овардааст. Аз ин рӯ, ба мавқеи омодагии психологии ҷавонон ба ҳаётӣ оилавӣ таваҷҷуҳи хосса равона намудан зарур аст. Дахолати калонсолон ҳангоми интихоби ҷуфти мувофиқ ва оила барпонамоии фарзанд ба маврид бошад. Ҳар яки мо зодаи замони худ буда, ҷаҳонбинии фардиро соҳиб мебошем. Аз ин рӯ, дахолату таъсиррасониҳои шахсони наздик дар интихоби ҳамсари оянда, аҳамиятнок ва зарурӣ мебошад.

***Калидвожаҳо:*** *оила, ҳамсар, ҷуфти мувофиқ, волидайн, фарзанд, ҷавонон, навхонадорон, омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, устувории оила, низоъҳои байнишахсӣ, мувофиқатии психологӣ, хусусиятҳои фардӣ-психологӣ, институти иҷтимоӣ.*

**Саидзода Б.**

## РАСПОЗНАВАНИЕ ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ ХАРАКТЕРИСТИК В ВЫБОРЕ ПОДХОДЯЩЕЙ ПАРЫ

Семья является одним из социальных институтов и имеет ряд уникальных функций, с которых начинается формирование человека. Потому что семья – это социальный институт, который выступает регулятором жизни молодых людей. Формирование семьи - одна из естественных и социальных задач жизни молодых людей, от правильного решения которой также зависит развитие и образ жизни человека. Наблюдения показывают, как молодые семьи распадаются по разным причинам. Одна из причин – вмешательство родителей, несовместимость индивидуальных психологических и социальных особенностей молодоженов. Готовясь к семейной жизни, молодые люди учатся у взрослых семейным навыкам, отношению к противоположному полу, характеру брака и нормативному поведению, развивают чувства дружбы, сотрудничества и признания. Однако в нынешних условиях механизм сообщения этих данных недостаточен, так как на психологическое воздействие глобализации повлияло множество факторов. В связи с этим необходимо обратить особое внимание на роль психологической готовности молодежи в семейной жизни. Каждый из нас является выходцем из своего времени и имеем индивидуальное мировоззрение. Поэтому вмешательство близких в выбор будущего супруга важно и необходимо.

***Ключевые слова:*** *семья, супруг, совместимая пара, родители, дети, молодежь, молодожены, готовность молодежи к семейной жизни, стабильность семьи, межличностные конфликты, психологическая совместимость, индивидуально-психологические особенности, социальный институт.*

**Saidzoda B.**

## RECOGNITION OF PSYCHOLOGICAL CHARACTERISTICS IN CHOOSING A SUITABLE PAIR

The family is one of the social institutions and has a number of unique functions from which the formation of a person begins. Because the family is a social institution that acts as a regulator of the lives of young people. The formation of a family is one of the natural and social tasks of the life of young people, on the correct solution of which the development and lifestyle of a person also depends. Observations show how young families break up for various reasons. One of the reasons is the intervention of parents, the incompatibility of the individual psychological and social characteristics of the newlyweds. Preparing for family life, young people learn from adults family skills, attitude to the opposite sex, the nature of marriage and normative behavior, develop feelings of friendship, cooperation and recognition. However, in the current conditions, the mechanism for reporting these data is insufficient, since many factors have influenced the psychological impact of globalization. In this regard, it is necessary to pay special attention to the role of psychological readiness of young people in family life. Each of us comes from his own time and has an individual worldview. Therefore, the intervention of loved ones in the choice of a future spouse is important and necessary.

***Keywords***: *family, spouse, compatible couple, parents, children, youth, newlyweds, youth readiness for family life, family stability, interpersonal conflicts, psychological compatibility, individual psychological characteristics, social institution.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Саидзода Баҳрулло Хол – доктори фалсафа Phd, аз рӯйи ихтисоси психология, мудири кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
**Телефон:** 987957070, **Email:** bahrullo_90@mail.ru
**Сведения об авторе:** Саидзода Бахрулло Хол – доктор философии PhD по психологии, заведующий кафедры психологии факультета философии Таджикского национального университета.
**Телефон:** 987957070, **электронная почта:** bahrullo_90@mail.ru
**Information about the author:** Saidzoda Bahrullo Khol – doctor of philosophy PhD in psychology, head of the department of psychology, faculty of philosophy, Tajik national university. **Phone:** 987957070, **Email:** bahrullo_90@mail.ru

**КАЛОНОВА М.Ё.**

# САЁҲАТИ ТАЪЛИМӢ ЯКЕ АЗ УСУЛИ ОМӮЗИШИ ИНТЕРАКТИВИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ СОҲАИ ТУРИЗМ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ

Соҳаи маориф дар замони ҳозира давраи дигаргуниҳои бузургро аз сар мегузаронад. Ин тағйирот навоваронаанд, яъне раванди навсозии технологияҳои инноватсионӣ, усул, роҳҳо ва воситаҳои таълими мавҷудаи педагогиро дар назар дорад. Фаъолияти инноватсионии педагогӣ ҳоло яке аз муҳимтарин ҷузъҳои раванди таълим дар ҳама сатҳҳои муассисаи таълимӣ ба шумор рафта, дар асоси он рақобатпазирии муассиса дар бозори хизматрасонии таълимӣ бунёд мегардад. Фаъолияти инноватсионӣ ҳам бо фаъолияти илмию методии омӯзгорон ва ҳам бо амалияи таълимӣ, тадқиқотӣ ва илмии донишҷӯён алоқаи ногусастанӣ дорад. Инноватсия – доштани дониши навтарини пажӯҳишҳои илмии соҳаи маориф, тағйироти назаррас дар усул ва технологияи таълим, шаклҳои назорати сифати таҳсилот ва ғ. ба ҳисоб меравад. [2]

Таҳия, санҷидан ва дар амал татбиқ намудани технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ самтҳои муосири педагогика ва методикаи таълим мебошанд.

Мақсади навоварӣ ин тағйироти сифатӣ дар шахсияти донишҷӯ мебошад. Дар ин маврид фарқи он аз системаи таълими анъанавӣ инҳоро дар назар дорад:

- ҳавасмандгардонӣ ба фаъолияти мустақилонаи таълимии самаранок;
- ташаккули тафаккури эҷодӣ;
- инкишоф додани қобилияти мустақилона паймоиш кардани иттилооти омӯхташаванда;
- инкишофи донишҷӯ аз ҳисоби ҳадди ақалӣ ошкор намудани маълумоти табиии ӯ.

Технологияи инноватсионӣ ташкили дарсҳоро дар шакли тарҳрезии мустақилонаи маводи таълимӣ дар назар дорад. Асосан, он барои ба даст овардани эътимоди донишҷӯён ба қобилияти тадқиқотии онҳо, ташаккул додани эҳтиёҷоти онҳо ба фаъолияти маърифатӣ, инчунин истифодаи маводи омӯхташуда нигаронида шудааст. Дар ин раванд нақши омӯзгори соҳибихтисос аз ҷустуҷӯи усул, роҳ ва воситаҳои пешниҳоди иттилоот, таълими кори мустақилона ва фароҳам овардани шароит барои худшиносӣ, худмуайянкунӣ ва худташаккулёбии донишҷӯён иборат аст.

Ҳамин тариқ, баланд бардоштани сифати раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии таълим бевосита ба сатҳи омодагӣ ва тахассуси омӯзгорон вобаста аст. Забони англисӣ дар ҳаёти мо нақши муҳим дорад, зеро он аз ҷиҳати маъно забони байналмилалӣ ба ҳисоб меравад [3]. Аҳамияти забони англисӣ дар ҳаёти мо, пеш аз ҳама, дар он аст, ки одамон метавонанд дар аксари қисматҳои ҷаҳон китобҳоро бо асли худ бихонанд ва забони англисиро фаҳманд. Ба шарофати ин забон мо метавонем ба фарҳангу санъати ҷаҳонӣ ворид шавем. Сонияи, нақши забони англисӣ дар ҳаёти мо дар он аст, ки он воқеан забони илму техника низ мебошад. Ҳеҷ як забони дигар ин қадар пажӯҳиш ва коркарде надорад, аз ҷумла он ба мо дар илмҳои иҷтимоӣ, аз қабили таърих, фарҳангшиносӣ, риторика, равоншиносӣ, ҷуғрофия, забоншиносӣ ва фалсафа дониш пешниҳод мекунад.

Сеюм, дар соҳаи тибби муосир ва ҷарроҳӣ, дар огоҳӣ аз табобати бемориҳои мураккаб нақши муҳим дорад. Чаҳорум, забони англисӣ забони байналмилалии тиҷорат, муошират байналмилалӣ ва сайёҳӣ мебошад.

Бо вуҷуди ин, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз қабили олмонӣ, фаронсавӣ, испанӣ, итолиёвӣ, чинӣ ё ҷопонӣ зарур аст, гарчанде ки ин забонҳо мисли забони англисӣ паҳн нашудаанд [1]. Сабабҳои омӯзиши забони нав гуногунанд, аммо аҳамияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ универсалӣ аст. Яке аз муҳимтарин сабабҳои омӯзиши забони хориҷӣ ҳавасманд кардани асаб аст. Ҷавононе, ки забонҳои хориҷиро меомӯзанд, маҳорати баланди маърифатӣ ва эҷодӣ нишон медиҳанд. Як афзалияти иловагӣ ин аст, ки донишҷӯёне, ки ҳатман дар зиёда аз як забон озод нестанд, одатан дар санҷишҳои стандартӣ сатҳи баланди зеҳниро нишон медиҳанд.

Забонҳои хориҷӣ инчунин барои онҳое, ки дар тиҷорат бо технологияи коммуникатсионӣ амалан кор мекунанд, аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Ҳатто агар мизоҷони эҳтимолӣ, ғайр аз забони модарии худ, боз бо забони англисӣ гап зананд ин роҳи беҳтари фаҳмидани муколамаро ба вуҷуд меорад. Он шахсоне, ки забонро намедонанд эҳтиёҷот ва хоҳиши омӯхтани онро пайдо мекунанд. Забон аввал ба эҷоди таассуроти хуби инсонӣ кумак мекунад ва нишон медиҳад, ки шарикони тиҷоратӣ барои нигоҳ доштани муносибатҳо омодаанд. Дар бисёр фарҳангҳо кӯшиши хориҷиён барои ҳарф задан бо забони ин ё он кишвар нишонаи эҳтиром ба шаҳрвандонаш арзёбӣ мешавад.

Омӯзиши забонҳои гуногун ҳамеша барои беҳтар кардани сифати зиндагии мардум муфид хоҳад монд. Ва ҳатто агар шумо ҳеҷ гоҳ ин забонро барои мақсадҳои амалӣ истифода набаред, вақти омӯхтани он бешубҳа лаззатбахш аст. Дарсҳо дар забони хориҷӣ хусусиятҳои худро доранд, зеро бар хилофи дигар фанҳо, ҳадафи асосии таълим ташаккули салоҳияти коммуникатсионии донишҷӯён мебошад. Дар айни замон ҳадафи муҳим ин аз худ кардани забони хориҷӣ ошноӣ бо муҳити фарҳангии дигар маҳсуб мешавад, ки инъикоси он аст [9]. Инро тавассути рушди қобилияти муоширати байнифарҳангӣ ба даст овардан мумкин аст. Таълим дар асоси вазифаҳои коммуникатсионӣ ташкил карда шудааст, таълими муоширати забони хориҷӣ истифода бурдани вазифаю усулҳои гуногун аз хусусияти фарқкунандаи дарси забони хориҷӣ мебошад. Машғулиятҳо дар шаклҳои ғайрианъанавӣ, чун қоидаи назорати таълим, пас аз омӯхтани якчанд мавзуъҳои додашуда гузаронида мешаванд ва вазифаҳои худро доранд.

Бояд қайд намуд, ки чунин дарсҳо дар муҳити ғайримуқаррарӣ сурат мегиранд. Тағйир додани муҳити муқаррарӣ тавсия дода мешавад, зеро он ҳангоми ҷамъбаст намудани натиҷаҳои кори иҷрошуда ва вазъияти идона ба вуҷуд меоварад. Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарин ин тағйироти эмотсионалӣ дар рушди ҷавонон мебошанд. Онҳо нишон медиҳанд, ки чизеро медонанд, вале аз хато кардан наметарсанд, монеаҳои забонӣ ва равониро паси сар мекунанд [2].

Шаклҳои ғайрианъанавии дарсҳои забони хориҷӣ бо иштироки ҳатмии ҳамаи донишҷӯёни гурӯҳ гузаронида мешаванд, онҳо бо истифода аз воситаҳои визуалӣ ва шунавоӣ гузаронида мешаванд. Ҷавонон тавассути иштирок дар дарс ба даст овардани дониш, ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот, ҳалли мушкилот ва баён кардани чизҳои кашфкардаи худро меомӯзанд. Дарсҳои интерактивӣ ба донишҷӯён имконият фароҳам меоранд, ки дониши худро такмил диҳанд ва маълумоти нав гиранд, фикру мулоҳизаҳои муаллимонро бо донишҷӯёне, ки дониш ва малакаҳои нав гирифтан мехоҳанд, баҳс намоянд.

Дар чунин дарсҳо ҳадафҳои гуногуни дорои хусусияти методӣ, педагогӣ ва психологӣ амалӣ карда мешаванд, аз ҷумла:

– назорати дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён оид ба мавзуи мушаххас амалӣ карда мешавад;

• муҳити кор, муносибати ҷиддии донишҷӯёнро ба дарс таъмин менамояд;

• иштироки максималии донишҷӯёнро дар машғулият таъмин менамояд.

Шаклҳои хеле самарабахш, татбиқшавандаи ғайрианъанавии таълим, инкишоф ва тарбияи хонандагон инҳоянд: ҳамлаи фикрӣ; омӯзиш; кор дар гурӯҳҳои хурд; ҳамчун тренер / тақлид амал кардан; таҳияи лоиҳа; мисол – ҳалли вазифаҳои вазъиятӣ – таҳлили ҳолатҳои воқеии мушкилие, ки дар соҳаи дахлдори фаъолияти касбӣ ба амал омадаанд ва ҷустуҷӯйи вариантҳои беҳтарини ҳалли онҳо; бозии нақшӣ; саёҳат.

Саёҳат ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим, яке аз роҳҳои азхудкунии дониш мебошад. Саёҳатҳои таълимию маърифатӣ пурсиш ва муқаддимаи мавзуӣ буда, якҷоя бо роҳбарии омӯзгор ё роҳбаладi мутахассис гузаронида мешаванд. Саёҳатҳои роҳнамоӣ усули хеле самараноки таълим мебошанд. Онҳо малакаҳои мушоҳидакориро инкишоф медиҳанд, ба ҷамъшавии иттилоот, ташаккули таассуроти визуалӣ мусоидат мекунанд.

Объектҳои тамошобин метавонанд: осорхона, ширкат ва идора, ҷойҳои муҳофизатшаванда, намоишгоҳҳо, объектҳои таърихӣ. Ҳар як саёҳат бояд мақсади равшани таълимию тарбиявӣ дошта бошад.

Пеш аз ташкил кардани саёҳат ба донишҷӯён бояд фаҳмонанд, ки мақсади саёҳат чист, онҳо бояд дар рафти саёҳат чиро фаҳманд ва чиро омӯзанд ё чиро ҷамъоварӣ кунанд, ки онро чӣ тавр ва дар кадом шакл ҷамъбаст кардан лозим аст, дар бораи натиҷаҳои саёҳат чӣ бояд ҳисобот дохил карда шавад. Саёҳат намоиши методии ҷойҳои диданӣ, ёдгориҳои таъриху фарҳанг буда, ба таҳлили объектҳои дар пеши назари тамошобинон, ҳамчунин ҳикояи бомаҳорат дар бораи ҳодисаҳои марбут ба онҳо асос ёфтааст [3]. Барои истилоҳи саёҳат якчанд ибора вуҷуд дорад. Инак яке аз онҳо:

“Сафари омӯзишӣ як шакли ташкили омӯзиш аст, ки ба мушоҳида имкон медиҳад ва инчунин имкони омӯзиши гуногунро ба монанди предметҳо, падидаҳо ва равандҳо дар шароити табиӣ фароҳам меорад”[4].

Дигар ин таърифи Емельянов аст: « Саёҳат шакли махсуси кори таълимӣ ва беруназсинфӣ мебошад, ки дар он фаъолияти муштараки омӯзгор-роҳбалад ва сайёҳон бо роҳбарии ӯ дар раванди омӯзиши падидаҳои воқеияти мушоҳидашуда дар шароити табиӣ (завод, колхоз, ёдгориҳои таъриху маданият, ҷойҳои фаромӯшнашаванда, табиат ва ғайра) ё дар анборҳои коллективӣ (осорхона, намоишгоҳҳо) махсус ташкил карда шудааст, амалӣ карда мешавад». Саёҳат ҳамчун усули таълим ба мо имкон медиҳад, ки ба ҳадафи муайяни дидактикӣ ноил гардем, яъне мафҳумҳои назариявиро хуб аз худ кунем, малака ва маҳоратро ташаккул диҳем ва маълумоти ҷамъшударо ба ёд оварем.

Усули саёҳат имкон медиҳад, ки тафаккури визуалӣ-маҷозӣ ва нишондодҳои инкишофи равонӣ (кунҷковӣ, чустуҷӯӣ, амиқи дониш, чандирӣ ва ҳаракат, пайвастагӣ ва ғ.), инчунин тасаввурот инкишоф дода шавад.

Тафаккури визуалӣ-маҷозӣ ба таҷдиди амали донишҷӯён бидуни такя ба чизҳои воқеӣ, яъне дар сатҳи идеяҳо оғоз мекунад [5]. Донишҷӯён равандҳои васеи маърифатиро кашф мекунанд, ки бо хоҳиши мустақилона дубора тафтиш кардани ҳама чиз, шахсан боварӣ ҳосил кардан ба ҳақиқат аст [6]. Саёҳатҳо бояд аниқ ба нақша гирифта ва пешакӣ мавзӯи саёҳат, объекти саёҳат, сарфи вақт ва мақсади он тайёр карда шаванд. Интихоби мавзӯи саёҳат ва объекти саёҳат ба таври комплексӣ сурат мегирад. Ба ибораи дигар, донистани он, ки кадом объектҳо барои саёҳат имконпазиранд, шумо бояд мавзӯеро интихоб кунед, ки ба он шароити маҳаллӣ мувофиқ бошад.

Мавзӯи интихобшуда вақти саёҳатро муайян мекунад, ки онро нақшаи таълимӣ ва ҷадвали дарсҳо танзим менамояд. Пешниҳоди натиҷаҳо бо назардошти талаботи тамоми раванди таълим ба нақша гирифта шудааст.

Тайёрии саёҳат бо пайдарпаии зерин сурат мегирад:

- шиносоии муфассал бо объекти саёҳат;

-муайян намудани роҳбалад барои давомнокии саёҳат. Идеалӣ, вақте ки саёҳатро худи муаллим мегузаронад. Аммо дар баъзе объектҳо дониши муаллим кифоя нест. Дар чунин мавридхо саёҳатро роҳбаладе касбӣ метавонад гузаронад;

-муайян ва омӯзиши нуқтаҳое, ки барои аз донишгоҳ ба объекти саёҳат бурдани донишҷӯён истифода мешавад;

Бо донишҷӯён суҳбат гузаронида, дар рафти он ба онҳо мавзуъ ва мақсади саёҳатро гуфта, маводҳои назариявии зарурӣ такрор карда мешаванд.

Ба донишҷӯён саволҳо дода мешаванд, ки ҳангоми саёҳат ба онҳо ҷавоб медиҳанд. Дар вақти муайян донишҷӯён дар донишгоҳ ҷамъ омада, бо роҳбарии муаллимон ба объекти саёҳат мераванд. Дар рафти саёҳат онҳо бо предметҳо шинос шуда, шарҳи роҳбаладро мешунаванд, дар роҳи воқеа ва мушоҳида кайд мекунанд, барои ҳисобот маълумотҳоро ҷамъ мекунанд.

Баъди саёҳат дарси ҷамъбастӣ гузаронида мешавад. Донишҷӯён таассуроти худро нақл мекунанд ва ба саволҳое, ки муаллим пеш аз саёҳат гузошта буд, ҷавоб медиҳанд. Инчунин аз иштирок дар саёҳат нақли хаттӣ низ тартиб дода метавонанд.

Муаллим натиҷаи саёҳатро ҷамъбаст мекунад, маводи нафаҳмидаро мефаҳмонад, аз донишҷӯён пурсишнома ё тест мегузаронад.

Дар ин ҷо саволҳои имконпазир барои пурсиш оварда шудаанд: «Шумо бо кадом далелҳои нодир дучор шудед?», «Оё интизориҳои Шумо аз саёҳат дуруст буд?», «Оё вақти баргузории саёҳат мувофиқ буд?», «Оё Шумо аз салоҳияти кормандон қаноатмандед?,

«Шумо ҳангоми гузаронидани чунин саёҳат дар оянда чӣ кор карда метавонед?», «Шумо ба кадом мавзеъҳои фарҳангӣ ва таърихӣ дидан мехоҳед?».

Дар доираи барномаи таълимии забони англисӣ дар донишгоҳҳои педагогӣ саёҳатҳои таълимию тарбиявӣ ташкил кардан имконпазир ва зарур мебошад. Донишҷӯён корҳои илмӣ-тадқиқотии худро оид ба маводи осорхонавӣ анҷом медиҳанд, зеро ҷойҳои таърихӣ дар барномаи худ технологияи нав, равиши байнисоҳаро дар раванди таълим, имконияти шинос шудан бо ёдгориҳои бадеӣ истифода мебаранд.

**АДАБИЁТ:**


1. Газилов М.Г. Усули муқоисавии омӯзиши системаи муваққатии забони фаронсавӣ // Бюллетени Ассотсиатсияи донишгоҳҳои сайёҳӣ ва хизматрасонӣ. 2013. № 3 (26). саҳ. 53–56.
2. Гозалова М.Р. Фаъолияти лоиҳа ҳамчун яке аз усулҳои рушди салоҳияти коммуникатсионӣ // Хизмат дар Русия ва хориҷа. 2014. Т. 8. № 2. С. 89–97.
3. Гозалова М.Р. Рушди салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ // Ахбори Ассотсиатсияи донишгоҳҳои сайёҳӣ ва хизматрасонӣ. 2013. № 4. С. 49–52.
4. Дручевская Л.Е. Дурнамои таъсис ва рушди иншооти туристии минтақавии "Шаҳри Мастерҳо" дар вилояти Маскав // Хизмат дар Русия ва хориҷа. Русия ва хориҷа]. 2014. № 2 (49). 11-16.
5. Емельянов Б.В. Экскурсияҳо. М.: Варзишгоҳи шӯравӣ, 2012.
6. Коҷаспирова Г.М. Педагогика дар диаграммаҳо, ҷадвалҳо ва маълумотномаҳо: китоби дарсӣ барои донишгоҳҳо. М.: Айрис-пресс, 2010. 266 с.
7. Немов Р. Психология: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии педагогӣ: Дар 3 кн. нашри 4. Психология: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни донишгоҳ: дар 3 китоб. нашри 4.]. М.: ВЛАДОС, 2009. Китоб. 1 ва 2.
8. Солуянова Н.А. Роҳҳои ноил шудан ба мувофиқати тарҷумаи байниматнӣ (масалан, тарҷумаҳои асари Б. Акунин) // Вестник МГОУ. Сер.: Забоншиносӣ. 2012. № 4. С. 99–105.
9. Атьео Х.К. Экскурсия ҳамчун усули таълим. Ню Йорк: AMS Press, 1972. саҳ. 225.


**Калонова М.**

**САЁҲАТИ ТАЪЛИМӢ ЯКЕ АЗ УСУЛИ ОМӮЗИШИ ИНТЕРАКТИВИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ СОҲАИ ТУРИЗМ ВА ХИЗМАТРАСОНӢ**

Мақола ба масъалаи ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим бахшида шудааст. Муаллиф ба он диққат медиҳад, ки фаъолияти инноватсионии педагогӣ ҷузъи муҳими раванди таълим мебошад. Муаллиф қайд мекунад, ки асоси рақобатпазирии муассисаҳо дар бозори хизматрасонии таълимӣ бунёд мегардад. Фаъолияти инноватсионӣ ҳам бо фаъолияти илмию методии омӯзгорон ва ҳам бо амалияи таълимӣ, тадқиқотӣ ва илмии донишҷӯён алоқаманд аст. Мақсади навоварӣ тағйироти сифатӣ дар шахсияти донишҷӯ мебошад. Дар ин маврид он аз низоми анъанавии маориф фарқ мекунад ва истифодаи усули интерактивии таълимро дар назар дорад. Шаклҳои хеле самаранок, татбиқшавандаи ғайрианъанавии таълим, инкишоф ва тарбияи донишҷӯён инҳоянд: ҳамлаи ақлонӣ, мастер-класс, таҳияи лоиҳа, бозии нақшӣ, саёҳат. Дар мақола яке аз усули таълими интерактивии забонҳои хориҷӣ - саёҳат муфассал баррасӣ карда мешавад. Муаллиф ба хулосае меояд, ки истифодаи ин усулро вижагиҳои омода кардани мутахассисони оянда, ки дар соҳаи сайёҳӣ ва меҳмоннавозӣ кор хоҳанд кард, тақозо мекунад ва барои табдил додани донистани забонҳои хориҷӣ аз маҳорати ғайрифаъол ба маҳорати фаъол мусоидат мекунанд. Дар асоси таҳлили фаъолияти муштарак муқаррар карда мешавад, ки донишҷӯён бо ҳамдигар ва бо муаллим, ки шарики баробарҳуқуқ ва мушовир мегардад, муошират мекунанд. Вазифаи муаллифи ин мақола муайян кардани арзиши саёҳат ҳамчун яке аз усулҳои интерактивии таълими забонҳои хориҷӣ дар донишгоҳ, шинос кардани донишҷӯён бо таҷрибаи истифодаи ин усул дар таълими забонҳои хориҷӣ дар Донишгоҳ мебошад.

***Калидвожаҳо:*** *саёҳати таълимӣ, омӯзиши интерактивӣ, фаъолияти инноватсионӣ, ташаккули зеҳнӣ, нақши забонҳои хориҷӣ, дониш.*

**Калонова М.**

**ОБУЧАЮЩАЯ ЭКСКУРСИЯ КАК ОДИН ИЗ МЕТОДОВ ИНТЕРРАКТИВНОГО ИЗУЧЕНИЕ ИНОСТРОННЫХ ЯЗЫКОВ ВУЗАХ В СФЕРЕ ТУРИЗМА И УСЛУГ**

Статья посвящена внедрению инновационных технологий в образовательный процесс. Автор подчеркивает, что инновационная педагогическая деятельность является важной частью образовательного процесса. Автор отмечает, что закладывается основа конкурентоспособности

учреждений на рынке образовательных услуг. Инновационная деятельность связана как с научно-методической деятельностью преподавателей, так и с учебной, исследовательской и научной практикой студентов. Целью инноваций является качественное изменение личности учащегося. В этом отношении она отличается от традиционной системы обучения и предполагает использование интерактивных методов обучения. Наиболее эффективными, нетрадиционными формами обучения, развития и воспитания учащихся являются: мозговой штурм, мастер-класс, разработка проекта, ролевая игра, экскурсия. В статье подробно рассматривается один из методов интерактивного обучения иностранным языкам - экскурсии. Автор приходит к выводу, что использование данного метода требует специализации в подготовке будущих специалистов, работающих в сфере туризма и гостеприимства, и способствует конвертации иноязычных навыков из пассивных в активные. На основе анализа взаимодействия установлено, что студенты общаются друг с другом и с преподавателем, который становится равноправным партнером и консультантом. Задача автора определить стоимость экскурсии как одного из интерактивных методов обучения иностранным языкам в вузе, познакомить студентов с опытом использования этого метода в обучении иностранным языкам в вузе.

***Ключевые слова***: *образователӣная экскурсия, интерактивное обучение, инновационная деятельность, интеллектуальное образование, роль иностранных языков, знания.*

**Kalonova M.**

**EDUCATIONAL EXCURSION AS ONE OF THE METHODS INTERACTIVE LEARNINGOF FOREIGN LANGUAGES IN UNIVERSITIES IN THE FIELD OF TOURISIN AND SERVICES**

The article is devoted to the introduction of innovative technologies in the educational process. The author emphasizes that innovative pedagogical activity is an important part of the educational process. The author notes that the foundation is being laid for the competitiveness of institutions in the educational services market. Innovative activity is associated both with the scientific and methodological activities of teachers, and with the educational, research and scientific practice of students. The goal of innovation is to qualitatively change the personality of the student. In this respect, it differs from the traditional teaching system and involves the use of interactive teaching methods. The most effective, non-traditional forms of teaching, development and education of students are: brainstorming, master class, project development, role play, excursion. The article discusses in detail one of the methods of interactive teaching of foreign languages - excursions. The author comes to the conclusion that the use of this method requires specialization in the training of future specialists working in the field of tourism and hospitality, and contributes to the conversion of foreign language skills from passive to active. Based on the analysis of interaction, it was found that students communicate with each other and with the teacher, who becomes an equal partner and consultant. The author's task is to determine the cost of an excursion as one of the interactive methods of teaching foreign languages at a university, to acquaint students with the experience of using this method in teaching foreign languages at a university

***Key words:*** *educational excursion, interactive learning, innovative activity, intellectual education, the role of foreign languages, knowledge.*

**Маълумот оид ба муаллиф**: Калонова Матлуба Ёқубовна н.и.п., муаллимаи калони кафедраи забонҳои хориҷии ДИСДДТТ.
Почтаи электронӣ: matlubakhon1982@gmail.com тел: 992 92 770 0774
**Сведения об авторе**: Калонова Матлюба Якубовна к.п.н., старший преподаватель кафедры иностранных языков АТГМУ.
Электронная почта: matlubakhon1982@gmail.com тел: 992 92 770 0774
**Information about the author**: Kalonova Matluba Yakubovna Ph.D., Senior Lecturer of the Department of Foreign Languages ATSMU.
Email: matlubakhon1982@gmail.com tel: 992 92 770 0774.

**ЗАЙТМЕТОВ Х.**
**ФОЗИЛОВА М.**

## РАФТОРИ АГРЕССИВӢ АЗ ДИДГОҲИ ЁДДИҲИИ ИҶТИМОӢ ВА КОГНИТИВӢ

Рафтори агрессивӣ (хушунат омезро) аз дидгоҳи ёддиҳии иҷтимоӣ чунин нишон додан мумкин аст: *Агрессия (хушунат) тавассути* омилҳои биологӣ (масалан, гормонҳо, системаи асаб); ёддиҳӣ (масалан, таҷрибаи бевосита, мушоҳида; зимнан, мушоҳидаҳо нисбат ба таҷрибаи бевосита таъсири бештар мерасонанд) *ба даст оварда мешавад.*

*Агрессия (хушунат) бо таъсири қолабҳо* (масалан, ҳаяҷон, диққат); муносибати номақбул (масалан, айбҷӯӣ, фрустратсия); ангезаҳои талқинкунанда (масалан, пул, мафтуншавӣ); дастурҳо (масалан, фармоиш); ақидаҳои ғайримуқаррарӣ (масалан, ғояҳои бемаънӣ, девонаворона) *барангехта мешавад.*

*Агрессия (хушунат)* бо ҳавасмандкунӣ ва ҷазодиҳии беруна (масалан, мукофоти моддӣ, оқибатҳои нохуш); дастгирии ҷойгузин (викарный) (масалан, мушоҳидаи ҳавасмандкунӣ ё ҷазодиҳии дигарон); механизмҳои худтанзимкунӣ (масалан, ифтихор, гунох) *танзим мегардад* /1/.

Намунаи агрессия (хушунат)омез барои таълим ва пайравӣ ҷазоҳо мебошанд, ки ҳам ба фурӯ нишондан, ҳам таҳрики агрессия (хушунат), аз он ҷумла, азхудкунии шаклҳои амалиёти агрессия (хушунат)омез мусоидат карда метавонанд. Бинобар ин, як қатор психологҳо ҷазоро амсилаи рафтори агрессия (хушунат)омезе мешуморанд, ки аз шахси калонсол ба кӯдак интиқол меёбад /4/.

Баъзе психологҳо қайд мекунанд, ки «… ҷазо метавонад танҳо ҳангоми риояи чунин шартҳо, аз қабили муносибати асосноку мусбати ҷазодиҳанда ба ҷазогиранда ва аз тарафи ӯ қабул гардидани меъёрҳои ҷазодиҳанда самаранок буда метавонад. Ба ғайр аз ин, самаранокии ҷазо ҳамчун воситаи бартараф намудани рафтори агрессия (хушунат)омез ба мавқеи агрессия (хушунат) дар иерархияи аксуламалҳои рафторӣ, шиддат ва вақти ҷазо вобаста мебошад. Ҷазои якбора баъди пайдошавии фаъолияте, ки бояд бартараф гардад, амалишаванда нисбат ба ҷазои пас аз анҷоми фаъолият амалишаванда рафтори номақбулро бо қувваи бештар бозмедорад» /3/.

Таҳқиқоти А.Бандура (1973) нишон доданд, ки барои ташаккули эффекти ёддиҳӣ дар мушоҳидакунанда дар саҳна зинда намоиш додани намунаҳои иҷтимоии чунин рафтор зарур нест, зеро тасвири рамзӣ дар кинофилмҳо, барномаҳои телевизионӣ ва адабиёт кофӣ мебошад. Гирифтани мукофот барои амалҳои агрессия (хушунат)омез, монанди пул, бозичаҳо, шириниҳо, чизҳо (A. H. Buss, 1971), пазириши иҷтимоӣ ва қарор доштан дар мавқеи нисбатан баланд (W. Gentry, 1970) ҳамчунин эҳтимолияти такрори чунин амалҳоро зиёд мекунанд /1/.

Бар хилофи назарияи ангезиш ва ғариза, дидгоҳ дар заминаи ёддиҳии иҷтимоӣ одамонро на ҳамчун доимо ҳискунандаи талабот ё барангезишро барои зӯроварӣ бо таъсири қувваҳои ботинӣ ё таҳрикҳои дар ҳама ҷой ҳозири беруна (нафратангезанда) тасаввур мекунад, балки андешаеро пеш меорад, ки одамон агрессия (хушунат)ро танҳо дар шароити муайяни иҷтимоии ба ин гуна рафтор мусоидаткунанда зоҳир мекунанд, аммо тағйири шароит боиси пешгирӣ ё заиф гардидани агрессия (хушунат) мешаванд /1/.

Намояндаи маъруфтарини назарияи дидгоҳи рафторӣ А.Басе мебошад (111). Ӯ фрустратсияро ҳамчун қатъ намудани раванди рафтори воситавӣ (инструменталӣ) баррасӣ намуда, мафҳуми «*ҳуҷум - амал*» -ро ворид менамояд, ки таҳвилкунандаи таҳрикҳои адоватнок ба организм мебошад. Зимнан ҳуҷум аксуламали пурқуввати агрессия (хушунат)омез, фрустратсия - аксуламали заифро ба миён меорад.

А.Басе як қатор омилҳоро нишон додааст, ки ба онҳо қувваи одатҳои агрессия (хушунат)омез вобаста мебошад:

1) басомад ва шиддатнокии ҳолатҳое, ки фард мавриди ҳуҷум қарор гирифтааст, гирифтори фрустратсия, хашмгинӣ мебошад;

2) тез-тез ноилшавӣ ба муваффақият бо роҳи агрессия (хушунат), ки ба одатҳои қавии ҳуҷумкунанда оварда мерасонад. Муваффақият дохилӣ (якбора заиф шудани ғазаб) ва беруна (бартараф намудани монеа ё ноилшавӣ ба мукофот) метавонад бошад. Тамоюли ҳосилшуда ба ҳуҷум метавонад барои фард фарқ кардани вазъиятеро, ки агрессия (хушунат)ро бармеангезанд ва барнамеангезанд, имконнопазир гардонад;

3) меъёрҳои фарҳангӣ ва зерфарҳангии аз ҷониби инсон азхудшаванда, ки дар ӯ инкишоф ёфтани агрессия (хушунат)омезиро осон гардонанд. Аммо омили мазкур ба ақидаи А.Басс бо омили дувум қисман рӯйпӯш мегардад /4/.

А.Басе нақши бузургро ба мизоҷ нисбат медиҳад, ки ҳамчун «хусусиятҳои рафтор, ки дар оғози ҳаёт пайдо шуда, нисбатан бетағйир мемонанд» муқаррар мекунад /2/. Ба чунин хусусиятҳо ӯ тундмизоҷӣ, шиддатнокии аксуламалҳо, сатҳи фаъолнокӣ ва мустақилиятро (яъне кӯшиш ба худэҳтиром ва муҳофизат аз фишори гурӯҳ, ки ҷузъи муҳими он тамоюл ба нофармонӣ аст) мансуб медонад.

Л. М. Семенюк чунин дидгоҳро баррасӣ намуда, нуктаҳои муҳими онро қайд кардааст: ба ҳисоб гирифтани тафовут байни навъҳои гуногуни агрессия (хушунат); аз ҳам ҷудо кардани чунин сифатҳои шахсият, мисли агрессия (хушунат)омезӣ ва бадхоҳӣ; нақши амсилаи манфии рафтор, ки ҳам манбаъ ва ҳам таҳрикбахшандаи рафтори агрессия (хушунат)омез мебошад; баҳсангезии натиҷаҳои истифодаи ҷазо ҳамчун воситаи фурӯ нишондани агрессия (хушунат) /3/.

Дар доираи самти мазкур С.Фишбах тахайюлоти агрессия (хушунат)омезро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки онҳо сатҳи агрессия (хушунат)и воқеии рафтории одамонро танҳо ба дараҷаи ночизе паст мекунанд. Ба андешаи ӯ масалан, навиштани ҳикояҳоро дар бораи амалҳои агрессия (хушунат)омез «рафтори тахаюлӣ» шуморидан мумкин аст. Вақте ки инсон ба фрустратсия гирифтор мешавад ва баъди он дар бораи амалҳои агрессия (хушунат)омез ҳикоя менависад, шиддати амалҳои агрессия (хушунат)омези як андоза паст мешавад /5/.

Вобаста ба ин, А. А.Налчаджян /5/ функсияҳои зерини тахайюлоти хушунаомезро баррасӣ менамояд:

«а) ин кӯшиши барҷаста ва пурратар тасаввур кардани он вазъияти фрустратсия, ки шахсият гирифтор шуд; б) ин воситаи созмони нияти қасдгирӣ ва нақшаи он амалҳое, ки тариқи онҳо фрустраторро ҷазо додан мумкин аст; в) ин ҷустуҷӯи ивазкунандаи объекти агрессия (хушунат), агар ҷазо додани фрустратори аслӣ ғайриимкон ё хеле душвор бошад; г) ин пешбинӣ кардани амалиёти худ ва оқибатҳои имконпазири онҳо. Маҳз дар тахайюл аввалин бор воситаҳои нави зоҳир кардани агрессия (хушунат), ифодаҳои лафзие, ки барои рақиб таҳқиромезанд, офарида мешаванд». Тахайюлот на танҳо қонеъ гардонидани ангезаҳои агрессия (хушунат) ва коҳиши агрессия (хушунат)ро иваз мекунанд, балки бо мақсади ташкили амалҳои ояндаи агрессия (хушунат)омез ва ҳадафнокии онҳо хизмат мекунанд. Вобаста ба ин, ӯ таъкид менамояд, ки тахайюлоти агрессия (хушунат)омез агрессия (хушунат)и инсонро танҳо мавридҳои алоҳида коҳиш медиҳанд, баъзан ҳатто қувват бахшида, дар ин замина аксуламалҳои эмотсионалиро ба таъсири фрустратор кам мекунанд, ангезиши агрессия (хушунат) бошад, бештар оқилона ва асоснок мегардад, ки метавонад боиси пайдошавии амалҳои агрессия (хушунат)омези муташаккилона ва харобиовар гардад.

Тақсим кардани рафтор ба ҷузъҳои когнитивӣ, эмотсионалӣ ва рафторӣ дар психология собиқаи дерина дорад. C. Perry /6/ робитаи байни фикр, эҳсос ва рафторро ҳамчун силсилаи пайдарпаи пӯшида бо низоми робитаи акс баррасӣ мекард (расми 2).




**Расми 1. Робитаи байни фикр, эҳсос ва рафтор (мув. C. Perry).**

Вобаста ба ин, A.H. Buss ва C. Perry /6/ тахмин кардаанд, ки агрессия (хушунат) мисли ҳам гуна амали рафторӣ аз қисмҳои таркибии муайян иборат аст (расми 4).

Зимнан адоват ҷузъи когнитивии рафтор, ғазаб - ҷузъи эмотсионалӣ ё аффективии рафтор буда, аксуламали физиологиест, ки ба агрессия (хушунат) омода менамояд ва мутаносибан, агрессия (хушунат)и вербалӣ ва ҷисмонӣ - ҷузъи рафторӣ ё таҳрикии (моторӣ) рафтор буда, ҳама гуна амалест, ки ҳадафи он шахсони дигар зарар расонидан ё маҷрӯҳ кардани онҳо мебошад. Психологияи когнитивӣ тарафдори он аст, ки шарти асосии ботинии кӯшиш барои худмаҳвкунӣ набудани дурнамои зиндагӣ, маънии ҳаёт ва умеди ёфтани он мебошад.

Л.Берковитс дар таълифоти дертар анҷомдодааш (1983,1988, 1989) назарияи худро бознигарӣ карда, равандҳои эмотсионалӣ ва маърифатиро муайян намуд, ки заминаи робитаи мутақобили фрустратсия ва агрессия (хушунат)ро ташкил мекунанд. Мувофиқи *амсилаи ҳосилшавии робитаҳои нави когнитивӣ,* ки ӯ пешниҳод намуд, фрустратсия ё таҳрикҳои нафратангезандаи дигар (масалан, дард, бӯйҳои нофорам, гармӣ) аксуламалҳои агрессия (хушунат)омезро бо роҳи ташаккули *аффекти манфӣ* бармеангезанд. Л.Берковитс таъкид мекард, ки «монеаҳо агрессия (хушунат)ро танҳо ба он андозае бармеангезанд, ки аффекти манфиро ба вуҷуд меоранд» /8/. Ҳамин тавр, инҳисори (блокировка) ноилшавӣ ба ҳадаф ба агрессия (хушунат) водор намекунад, агар он ҳамчун рӯйдоди нохуш эҳсос нагардад. «Ҳарчанд агрессия (хушунат) метавонад дар сурати набудани омилҳои вазъиятии таҳрикбахшандаи он пайдо шавад, инсони фрустратсияшуда ба ҳар бобат бештар ба ин таҳрикҳо диққат медиҳад ва онҳо, яқинан, аксуламали агрессия (хушунат)омези ӯро тақвият медиҳанд» /9/.

Амсилаҳои когнитивӣ дар заминаи рафтори агрессия (хушунат)омез равандҳои эмотсионалӣ ва когнитивиро баррасӣ менамоянд. Яъне хусусияти аз ҷониби фард дарк ё маънидод шудани амалҳои ягон шахси дигар, ки таҳдидкунанда ё барангезанда мебошанд, ба ҳиссиёт ва рафтори ӯ таъсири таъйинкунанда мерасонанд. Дараҷаи ҳаяҷони эмотсионалӣ ба равандҳои когнитивие таъсир мерасонад, ки бо муайянкунии дараҷаи хатари ба ӯ таҳдидкунанда машғуланд.

К. Додж ва Ҷ. Куайе /10/ ошкор намуданд, ки майли ба шахсони дигар нисбат додани бадхоҳӣ ва ниятҳои бад (ғалатфаҳмии адоват), ҳатто агар чунин набошад ҳам, хислати муҳимест, ки фардҳоро ба бархӯрдҳои бештари агрессия (хушунат)омез оварда метавонад.

Намояндаи *психологияи когнитивӣ* М.Раттер /7/ агрессия (хушунат)омезиро ҳамчун яке аз омилҳое, ки ба вуҷуд омадани вайроншавии рафторро таъйин мекунанд, баррасӣ намуда, ба робитаи он бо омилҳои дигаре, аз қабили тарзи тарбия дар оила, ақибмонӣ дар азхудкунии донишҳои мактабӣ, фазои номусоиди мактаб ишора мекунад. Ба сифати омили агрессия (хушунат) ӯ таъсироти сершумори стрессиро (низоъҳо дар оила, сустхонӣ дар мактаб, муносибатҳои бад бо атрофиён) қайд менамояд, ки ҷамъ шуда, сипас дар шакли амалҳои агрессия (хушунат) барафканда мешаванд. Ин гуна бачагон калонтар шуда, ба зуҳуроти зиддиҷтимоӣ майли бештар нишон дода, аксар вақт дар зиндагӣ ба мушкилот дучор мешаванд: тақдири носоз, никоҳҳои бебарор, муносибатҳои якранги иҷтимоӣ, майлу рағбат ба истеъмоли машрубот ва нашъа ва ғ.

К.Доҷ ва Н.Крик (1990) /1/ амсилаи когнитивии аксуламали агрессия (хушунат)иро ба вазъият баррасӣ намуда, 5 марҳаларо муайян кардаанд, ки салоҳияти иҷтимоиро тақозо мекунанд. Натиҷаи ҳар як марҳала ба маҳорати таҳлили вазъият вобаста буда, хатоҳо метавонд боиси рафтори агрессия (хушунат)нок шаванд.

*Марҳалаи якум* - пай бурдани «луқмаҳои густохона»-и вазъияти муҳит, ки фардро барои бархӯрд бо муаммо маҷбур мекунанд, рамзкушоии аломатҳои иҷтимоӣ.

*Марҳалаи дувум* баҳодиҳӣ ва маънидоди аломатҳои дар марҳалаи якум ошкоршударо дар бар мегирад. Бачагони агрессия (хушунат)нок беасос чунин ақида доранд, ки зарар қасдан расонида шуд ва атрофиён нисбат ба онҳо адоват доранд.

*Марҳалаи севум* аз интихоби аксуламали имконпазир, дар хотир интихоб кардани сенарияи мувофиқи рафтор иборат аст. Дар бачагони агрессия (хушунат)нок миқдори маҳдуди аксуламалҳои рафтор вуҷуд дошта, онҳо аксар вақт дар бораи оқибатҳои рафторашон фикр намекунанд.

Дар *марҳалаи чорум* бача аксуламалҳои имконпазирро интихоб карда, самаранокӣ ва имконияти иҷрои онҳоро баҳо медиҳад ва ба худаш бештар мақбулро интихоб мекунад. Бачагони агрессия (хушунат)нок нисбат ба бачагони беагрессия (хушунат) ба қобилияти агрессия (хушунат)омез амал карданашон бештар эътимод доранд.

Дар *марҳалаи охирин - панҷум* аксуламал тасдиқ гардида, воқеӣ мегардад (амалӣ намудани аксуламал). Аз ин ҷо бармеояд, ки рафтори агрессия (хушунат)нок натиҷаи бад инкишоф ёфтани малакаҳои иҷтимоӣ-когнитивӣ мебошад.

Э.Пайнс ва К.Маслач зимни ҳалли муаммоҳои бо агрессия (хушунат) алоқаманд ба ҳисоб гирифтани тамоми омилҳоро зарур мешуморанд. Ба онҳо ҳам ғариза, хусусиятҳи физиологӣ, шахсиятӣ, ҳам аксуламалҳо ба фрустратсияҳо, инчунин тақвияти рафтори агрессия (хушунат)ӣ, азхудкунии меъёрҳои иҷтимоии ба агрессия (хушунат) иҷозатдиҳандаро мансуб медонанд /8/.

Ҳамин тавр, дар психологияи хориҷӣ якчанд самтҳои гуногуни назариявӣ вуҷуд доранд, ки оид ба моҳият ва пайдоиши агрессия (хушунат) дидгоҳи худро доранд. *Назарияи ғариза* рафтори агрессия (хушунат)иро ҳамчун хусусияти модарзод баррасӣ менамояд. Ба андешаи З.Фрейд агрессия (хушунат) аз ғаризаи марг ибтидо мегирад, ки модарзодӣ буда, ба дорандаи худ равона шудааст.*Таҳаввулгароён* (эволтсионистон) чунин мешумориданд, ки манбаи рафтори агрессия (хушунат)нок механизми модарзодӣ - ғаризаи мубориза аст, ки ба тамоми ҳайвонот, аз он ҷумла, инсон хос мебошад.

Мувофиқи *назарияҳои ангезиш* агрессия (хушунат) бо сабабҳои беруна (даъват ё барангехтан барои зарар расонидан ба дигарон) ба вуҷуд оварда мешавад. Чунончи, назарияи *фрустратсия - агрессия (хушунат)* ақидаеро пеш меорад, ки вақте фард фрустратсия аз сар мегузаронад, дар ӯ барангезиши агрессия (хушунат) ба миён меояд. Аммо дар ҳолати тарсидан аз ҷазо агрессия (хушунат) метавонад самташро иваз мекунад.

Ҳамин тавр, мувофиқи назарияҳои ёддиҳии иҷтимоӣ зимни таҳқиқи агрессия (хушунат) ба сохтори он таваҷҷуҳ зоҳир бояд кард: 1) амсилаи агрессия (хушунат)ии рафтор бо кадом роҳ аз худ шудааст; 2) оилҳое, ки зоҳиршавии онро бармеангезанд; 3) шароите, ки ба мустаҳкамшавии амсилаи мазкури рафтор мусоидат мекунанд. Ҳамаи ин тариқи иштирок дар вазъияти зоҳиршавии агрессия (хушунат), ҳамчунин мушоҳидаи пассиви он аз худ гардида, дастгирӣ мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Бэрон Р., Ричардсон Д. Агрессия. - СПб.: Издательство «Питер», 2000. – 352 с.
2. Левитов Н. Д. Фрустрация как один из видов психических состояний // Вопросы психологии. - 1967. г № 6. - С. 118 - 129.
3. Левитов Н. Д. Психическое состояние агрессии // Вопросы психологии. -1972. -№3.- С. 167-173.
4. Семенюк Л. М. Психологические особенности агрессивного поведения подростков и условия его коррекции: Дис. ...канд. психол. наук. - М.: Московский психолого-социальный институт, 1991. - 130 с.
5. Налчаджян А. А. Этнопсихологическая самозащита и агрессия. Учебное пособие для вузов. - Ереван: Изд-во «Огебан», 2000. - 408 с.
6. Ручкин В. В. О некоторых механизмах агрессии у подростков - правонарушителей: Дис. ...канд. мед. наук. - Архангельская гос. мед. Академия (АГМА), 1997. - 70 с.
7. Раттер М. Помощь трудным детям. - М., 1987. - 420 с.
8. Наине Э., Маслач К. Практикум по социальной психологии. - СПб.: Издательство «Питер», 2000. - С. 366 -411
9. Антонян Ю. М. Жестокость в нашей жизни. - М.: Наука, 1995 - 342 с.
10. Жарикбаев К. Б. Развитие психологической мысли в Казахстане (со второй половины 19 в. и до наших дней). - Алма - Ата: Казахстан, 1968. -168с


**Зайтметов Х., Фозилова М.**

## РАФТОРИ АГРЕССИВӢ АЗ ДИДГОҲОИ ЁДДИҲИИ ИҶТИМОӢ ВА КОГНИТИВӢ

Рафтори агрессивӣ аз дидгоҳои ёддиҳии иҷтимоӣ ва когнетивӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Масъалаҳои рафтори хушунатнок дар илми психология яке аз масъалаҳои муҳими иҷтимоию психологии ҷомеа мебошад ва омӯзиши ҳамаҷонибаи он метавонад механизми муассири кор дар ин самтро ошкор созад. Мақола ба таҳлили муфассали мафҳуми хушунат (агрессия) бахшида шудааст, ки тафовути сохтори хушунатнокӣ аз лиҳози сифат ва сатҳ махсусияти рафтори хушунатнокро таъйин мекунанд. Дар доираи таҳқиқоти " Рафтори агрессивӣ аз дидгоҳои ёддиҳии иҷтимоӣ ва когнетивӣ ", тавсифи шаклҳо, типҳо ва навъҳои рафтори хушунатнок баррасӣ карда мешаванд. Ин чунин маъно дорад, ки таҳлили моҳият ва механизми зоҳиршавии рафтори

хушунатнок нишон медиҳад, ки барои баррасии дақиқтари ин муаммои муайян намудани типологияи он зарур аст.

***Калидвожаҳо:*** *агрессия, ёддиҳии иҷтимоӣ, ҳолатҳои эмотсионалӣ, когнетивӣ, рафтор, тарбия.*

**Зайтметов Х., Фозилова М.**

**АГРЕССИВНОЕ ПОВЕДЕНИЕ С СОЦИАЛЬНЫХ И КОГНИТИЧЕСКИХ ВЗГЛЯДОВ**

Агрессивное поведение изучалось и изучается с социальной и когнитивной точек зрения. Проблема насильственного поведения в психологии является одной из важнейших социально-психологических проблем общества, и ее всестороннее изучение позволяет выявить эффективный механизм работы в этой сфере. Статья посвящена подробному анализу понятия насилия (агрессии), выделяющего структуру насилия с точки зрения качества и уровня специфичности насильственного поведения. В рамках исследования «Агрессивное поведение с социальных и когнитических взглядов» описываются формы, типы и виды агрессивного поведения. Это означает, что анализ характера и механизма проявления насильственного поведения показывает, что для более пристального рассмотрения данной проблемы необходимо определить ее типологию.

***Ключевые слова***: *агрессия, социальная память, эмоциональные состояния, когнитивное поведение, воспитание.*

**Zaytmetov Kh., Fozilova M.**

**AGGRESSIVE BEHAVIOR FROM SOCIAL AND COGNITIC VIEWS**

Aggressive behavior has been and is being studied from a social and cognitive point of view. The problem of violent behavior in psychology is one of the most important socio-psychological problems of society, and its comprehensive study makes it possible to identify an effective mechanism for working in this area. The article is devoted to a detailed analysis of the concept of violence (aggression), highlighting the structure of violence in terms of the quality and level of specificity of violent behavior. The study "Aggressive behavior from social and cognitive perspectives" describes the forms, types and types of aggressive behavior. This means that the analysis of the nature and mechanism of manifestation of violent behavior shows that for a closer examination of this problem, it is necessary to determine its typology.

Аз ин бармеояд, ки асарҳои бадеиро бо кўдакон аз нуқтаи назари риояи меъёри фарҳангии муносибат ба санъат баррасӣ кардан, яъне қобилияти дидан ва хоҳиши бинандаро дар шакли асари тафаккур ва хиссиёте, ки ба нияти муаллиф мувофик аст. Тахайюли кўдакон бо воқеият, таҷрибаи муошират бо маҳсулоти тайёри фарҳанг алоқаманд аст, менависад Ю.А.Полуянов [10].

Кўдак тавассути азхудкунии эҷодиёти калонсолон таҷрибаи фарҳангӣ мегирад. Санъат таълим медиҳад ва тарбия мекунад, аммо барои аксари кўдакон дар расм такрор кардани он чизе, ки дар расм дидаанд, душвор аст. Масофаи байни шоҳасарҳои санъати тасвирӣ ва таҷрибаи визуалии худи онҳо чунон бузург аст, ки барои бисёр кўдакон аз хотира такрор кардан ё нусхабардорӣ кардан ғайриимкон аст. Бо вуҷуди ин , офаридаҳои фарҳангӣ аксар вакт манбаи нияти расмҳои кўдакон мегарданд. Асарҳои санъати тасвирӣ ба тахайюлоти бачагон асосан бо он таъсир мерасонанд, ки онхо на танхо ба манбаи идеяхои вокеияти гирду атроф ишора мекунанд, балки дар он чизи шавковареро нишон медиханд, ки пештар пай набурда буданд. Асархои санъати тасвирии калонсолон на танхо мазмуни амиқи психологӣ, балки барои инкишофи эчодиёти мустакилонаи бачагон таъсири мусбат ҳам доранд. Б.М.Неменский кайд мекунад: «Дарки асарҳои бадеӣ инкишоф додани маҳорати махсус, инкишофи ҳиссиёт, инчунин азхуд намудани забони образноки санъатро дар назар дорад. Танҳо дар ягонагии дарки асарҳои бадеӣ ва кори амалии эҷодии худи онҳо ташаккули тафаккури образноки бадеии бачагон ба амал меояд» [9].

Аз ин бармеояд, ки кўдаке, ки рассомиро дўст медорад, ба дастгирии шахси калонсол ниёз дорад, ки омода аст ўро ҳамчун шахси эҷодкор бубинад ва дар сурати нокомӣ рағбати ўро ба санъати тасвирӣ афзун кунад. Кўдак бо калонсолон на танҳо ба воситаи калом, балки тавассути маҳсули фаъолияти эҷодии калонсолон ҳам муошират мекунад, вай шаклу вазифаҳои ашё ва олами атрофро азхуд мекунад, чунон ки онҳоро наслҳои зиёди одамони ба як фарҳанг тааллуқдошта қабул мекарданд.

Гузаронидани машғулият марҳилаҳои доимо тағйирёбанда, фаъолиятҳоеро дар бар мегирад, ки ба кўдакон имкон медиҳанд, ки қобилиятҳои гуногун инкишоф диҳанд: васеъ намудани ҷаҳонбинии онҳо, захираи луғат, инкишофи нутқ, инкишофи малакаҳои муошират, қобилияти суханронӣ, суханронӣ дар бораи кори худ, ташаккул додани сифатҳои шахсӣ тавассути бозиҳои психологӣ, вазъиятҳои бозӣ. , дилсўзӣ нисбат ба қаҳрамон, эҷоди образ, инкишоф додани тасаввурот, чашм, малакаҳои ҳаракат ва ғайра.

Тахайюлот аз фаъолияти эчодии одам, аз рафтори у чудонашаванда аст. Тахайюли эҷодӣ дар синни томактабии калон хеле муҳим аст, зеро маҳз ҳамон вақт омодагӣ ба таҳсил сурат мегирад ва инкишофи функсияҳои маърифатии равонии кўдакон қавӣ мешавад. Ин далелро таҳқиқоти равоншиносон Л.С.Выготский, В.В.Давыдов, В.А.Крутецкий , С.Л.Рубинштейн , Д.Б.Эльконин, О.М.Дьяченко ва дигарон тасдиқ мекунанд. Тахайюли эҷодӣ худ аз худ ба вуҷуд омада наметавонад: вай дар давоми тамоми ҳаёти кўдак инкишоф меёбад ва ба шароити зиндагӣ, тарбия ва таассуроти гирифтааш вобаста аст. Омўзиш барои рушди тасаввуроти эҷодии кўдак бештар мусоид аст. Тахайюли эҷодӣ барои эҷоди

тасвирҳои наве, ки аз тасвирҳои дар хотираи инсон нигоҳ дошташуда комилан фарқ мекунанд, кӯмак мекунад. Ин раванди фаъоли маърифатист, ки натиҷаи он ба вуҷуд омадани образҳо ва ашёҳои воқеият, маҳсули фаъолият мебошад. Дар бораи хусусиятҳои инкишофи тасаввуроти эҷодии кӯдакони синни томактабӣ сухан ронда, инҳоро метавон қайд кард. Ин раванд ба тафаккури образнок наздик аст, аммо натиҷаи тасаввуроти эҷодӣ хеле пешгӯинашавандатар аст. Инкишофи тахайюли эҷодӣ дар синни томактабӣ бояд бо рушди тафаккури образнок пайваста бошад, зеро аксари кӯдакони ин синну сол ба намуди бадеӣ тааллуқ доранд, на ба намуди тафаккур. Тахайюлот дар фаъолиятҳо самараноктар инкишоф меёбад, бинобар ин муҳим аст, ки талабагон ба машғулиятҳои амалии фаннӣ, ки ба синну сол мувофиқанд, ҷалб карда шаванд. Он бояд пеш аз ҳама бозии таълимӣ бошад. Фаъолияти эҷодии кӯдак бояд ба таври мусбӣ ҳавасманд бошад, дорои мазмуни шахсӣ бошад, то натиҷаи он баланд бошад. Дар баробари ин муаллим бояд нисбат ба бачахо дустона муносибат кунад, доимо шавку хаваси онхо дошта бошад, онхоро бо идеяхо, усулхо, унсурхои нав, ки муаллифи онхо худаш ва бачагони синни томактабй буда метавонад, мафтун намояд. Аксар вақт ба шумо лозим аст, ки вазифаҳои мураккаб ва ғайриоддӣ диҳед, ки ҳалли ғайристандартиро талаб мекунанд.

Самараноктарини фаъолият дар инкишофи тахайюлоти эчодии бачагони синни томактабй, албатта, бояд синфхои инкишофи нутк, санъати тасвирй ва тарбияи мехнатй хисоб карда шаванд.

Инкишофи тахайюлоти эҷодии кӯдакони синни томактабӣ берун аз муассисаи таҳсилоти томактабӣ, дар хона, дар оила муҳим аст. Рушди тахайюлоти эҷодӣ ва фантазияи кӯдакон аз он вобаста аст, ки волидон ба фарзандонашон чӣ китоб мехонанд, якҷоя бо кадом намуди эҷодкорӣ машғул мешаванд ва ҳатто ба саволҳои фарзандонашон чӣ гуна ҷавоб медиҳанд.

Ҳамин тариқ, калонсолон дар рушди тасаввуроти эҷодии кӯдакони синни томактабӣ нақши асосиро мебозанд. Онро пай дар пай, мунтазам инкишоф дода, ба шахсият, фардияти ҳар як тарбиягиранда диққати ҷиддӣ зоҳир намудан лозим аст.

**АДАБИЁТ:**


1. Баландина Л.А., Гаврилова В.Г., Горбачева И.А., Захаревич Г.А., Марченко Г.Н., Ничипорюк Е.А., Скрипкина Н.М., Тарасова Н.Е., Чернецкая Л.В., Шабельная Е. А. Диагностика в детском саду. Методическое пособие г. Ростов-на-Дону, 2004.
2. Василюк Ф. Е. Психология переживания (анализ преодоления критических ситуаций). — М.: изд-во Моск. Ун-та, 1984. — 200с.
3. Выготский Л. С. Психология развития ребенка. — М.: Изд-во Смысл, Изд-во Эксмо, 2004. — 512 с. (Серия «Библиотека всемирной психологии»).
4. Выготский Л. С. Воображение и творчество в детском возрасте. Психологический очерк: Книга для учителя. — М.: Просвещение. — 1991. — 198 с.
5. Гуружапов В. А. Как учить детей понимать изобразительное искусство. Очерки психологии порождения смысла произведений живописи и графики. РИА «Мы и Мир», Москва, 1999. — 105с.
6. Запорожец А. В. К вопросу о генезисе, функции и структуре эмоциональных процессов у ребенка/А. В. Запорожец//Избранные психологические труды. — М.: Педагогика, 1986.
7. Левин С. Д. Ваш ребенок рисует. — М.: Советский художник, 1979. — 271 с.
8. Неменский Б. М., Неменская Л. А., Горяева Н. А. «Изобразительное искусство», рабочие программы. Предметная линия учебников под редакцией Б. М. Неменского 1–4 классы. Пособие для учителей общеобразовательных учреждений, М., Просвещение, 2011. — 61 с.
9. Полуянов Ю. А. Воображение и способности. – М.: Знание. – 2003. – 155 с.
10. Полуянов Ю. А. Соотношение учебной деятельности и творчества детей на занятиях изобразительным искусством//Вопросы психологии. — 1998. — № 5. — С. 94–101.
11. Рекомендации по выявлению умственно одаренных детей дошкольного возраста/ под ред. Дьяченко О.М., Булычевой А. И. – 1996.
12. Савенков А. И. Одаренные дети в детском саду и школе – М. 2000.
13. Савенков А.И. Одаренные дети в детском саду и школе: Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений. - М.: Издательский центр «Академия», 2000. – 232 с.
14. Субботина Л. Ю. Развитие воображения детей: Популярное пособие для родителей и педагогов. — Ярославль: Академия развития. — 1997.— 240 с
15. Урунтаева Г.А. Детская психология: учебник для студ. сред. учеб. заведений/ Г.А. Урунтаева. – 6-е изд., перераб. и доп. - М.: Издательский центр «Академия», 2006. - 368с.

16. Юркевич.В.С. Одаренный ребенок иллюзии и реальность. – М.: Издательский центр «Просвящение», 2000. – 136с.

**Назарова Р., Қодирова Н.**

## ВОСИТАҲОИ ИНКИШОФИ ИСТЕЪДОД ДАР КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

Дар рушду такомули психологии кӯдакони соҳибистеъдод қобилиятҳо ҷойгоҳи хосро ишғол намуда, шинохт ва тарбияи он аз умдатарин масъалаҳои илми равоншиносӣ маҳсуб меёбад. Истеъдод олитарин марҳилаи ташаккули дилхоҳ қобилиятҳо ба шумор меояд, зеро кӯдакони дорои қобилияти хос мутаносибан кӯдаконе ҳастанд, ки зеҳнияти ниҳоят инкишофёфтаро дар тинати худ ҳифз кардаанд. Маҳз дар муассисаи томактабӣ заминаи аввалини ташаккули шахсияти тафаккур, мустақил ва эҷодкор бояд гузошта шавад. Дар таҷрибаи кашфиёт муайян шудааст, ки майли омӯхтани бисёр чизҳои нав дар айёми бачагӣ пайдо мешавад. Ҳамин тариқ, калонсолон дар рушди тасаввуроти эҷодии кӯдакони синни томактабӣ нақши асосиро мебозанд.

***Калидвожа:*** *рушд, лаёқатмандӣ, истеъдод, давраи томактабӣ, қобилият, муассисаҳои томактабӣ, истеъдоди бадеӣ, тахаюлот, машғулиятҳои таълимӣ, эҷодкорӣ.*

**Назарова Р., Кадырова Н.**

## СРЕДСТВА РАЗВИТИЯ ТАЛАНТОВ У ДЕТЕЙ ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА

В психологическом развитии одаренных детей особое место занимают способности, а их признание и воспитание — один из важнейших вопросов психологической науки. Талант – это высшая ступень развития любой способности, ведь дети с особыми способностями – это, соответственно, дети, у которых развито высокоразвитое мышление. Именно в дошкольном учреждении должны быть заложены первые основы формирования мыслящей, самостоятельной и творческой личности. Опыт показал, что желание узнать много нового возникает еще в детстве. Таким образом, ключевую роль в развитии творческого воображения дошкольников играют взрослые.

***Ключевые слова:*** *развитие, одаренность, одаренность, дошкольник, способность, дошкольник, художественная одаренность, воображение, учебная деятельность, творчество.*

**Nazarova R., Kadirova N.**

## TALENT DEVELOPMENT TOOLS FOR PRESCHOOL CHILDREN

In the psychological development of gifted children, abilities have a special place, and their recognition and upbringing is one of the most important issues in the science of psychology. Talent is the highest stage of the development of any ability, because children with special abilities are, accordingly, children who have developed a highly developed mindset. It is in the preschool institution that the first basis for the formation of a thinking, independent and creative personality should be laid. Experience has shown that the desire to learn many new things arises in childhood. Thus, adults play a key role in the development of the creative imagination of preschool children.

***Keywords:*** *development, talent, talent, preschool, ability, preschool, artistic talent, imagination, educational activities, creativity.*

**Маълумот дар бораи муаллиф : Назарова Райҳона Асламовна**- ассистенти кафедраи педагогика ва психологияи томактабӣ ва кори иҷтимоӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин. Айнӣ. Тел.: 92 637 58 46.

**Қодирова Нигина** - унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 126.

**Сведения об авторе: Назарова Райхона Асламовна** - ассистент кафедры педагогики и дошкольной психологии и социальной работы Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина. Айни. Тел.: 92 637 58 46.

**Information about the author: Nazarova Rayhona Aslamovna** - Assistant at the Department of Pedagogy and Preschool Psychology and Social Work, Tajik State Pedagogical University name of Sadriddin. Ayni. Tel .: 92 637 58 46.

**ҒУЛОМЗОДА С.**

# ХУСУСИЯТҲОИ ҶИНСӢ ВА САБАБҲОИ ПСИХОЛОГИИ БА ВУҶУДОИИ РАФТОРИ АГРЕСИВИИ НАВРАСОН

Дар солҳои охир дар миқёси олам, зиёдшавии амалҳои зӯроварӣ хело зиёд мушоҳида мегардад. Ин зуҳуротҳои хатарноки иҷтимоӣ одатан бо мафҳумҳои агрессия ва агресивнокӣ алоқаманд аст, ки ташвишу тарадуди сахтро ба вуҷуд меоваранд. Махсусан, айни замон зиёдшавии ҷиноятсодиркунӣ аз тарафи наврасон ва рафторҳои ғайриичтимоии онҳо, аз ҷумлаи мушиклиҳои марказии ҷомеа ба шумор меравад. Зуҳуроти агресия дар кӯдакон, яке аз проблемаҳои асосии ба ташвишоварандаи фаъолияти таълимии муаллимон ва тарбия хонаводагӣ мебошад. Мо мафҳуми агрессияро ҳамчун як ҳиссиёти объективӣ дарк мекунем. Воқеӣ ин мафҳуми оддӣ ва паҳншудаи муносибатҳои байниҳамдигарии одамоне аст, ки онҳо ахборро мефиристонанд ва қабул мекунанд. Ҳастанд одамоне ки калимаҳои қабеҳи мисли "беақл», «беодоб"-ро ҳамчун агрессивнокӣ қабул мекунанд, аммо ҳамон вакт онро як намуди худмуҳофизаткунӣ медонанд. Дар ин ҷо инчунин фарқияти ҷинсӣ дида мешавад. Бачаҳо қаҳрашонро ошкор зоҳир мекунанд, духтарон бошанд, ба тарзи дигар ҷавоб медиҳанд. Инчунин дар ин ҳолатҳо аксуламали волидон тамоман гуногун аст. Барои фаҳмидани моҳияти асосии ин мафҳум, қадами нахустин ин ёфтани тавсифи дақиқи он аст. Умуман агрессия ҳамчун шакли рафторе фаҳмида мешавад, ки ба расонидани зарари ҷисмонӣ ё руҳӣ ба шахси дигар равона шудааст. Аксари одамон ин мафҳумро истифода мебаранд, аммо он калимаи умумиистеъмол нест, зеро имрӯз истилоҳи агрессия ҳам дар услуби илмӣ ва ҳам нутқи оддӣ маънои гуногун дорад.

Чи тавре ки Алфимова В.М ва Трубников В.И мафҳуми агрессияро шарҳ медиҳанд: "**Агрессия хусусияти шахс буда, дар истифодаи зӯровариҳои психологию ҷисмонӣ баҳри расидан ба мақсад ифода мeёбад (мафҳуми лотинӣ буда, маънояш бадхашмӣ, дарафтодан, ҳамла кадан аст)"** [1, саҳ. 22].

Мақсади асосии агрессия расонидани зарар ба ин ё он шахс мебошад. Бояд қайд кард, ки дар замони ҳозира "агрессия" ва ё "рафтори агрессивӣ" яке аз мушкилиҳои марказӣ ба шумор меравад. Аксуламалҳои агрессивиро ба чунин намудҳо ҷудо мекунанд:

**- агрессияи ҷисмонӣ (ҳуҷум кардан) -** истифодаи қувваи ҷисмонӣ бар зидди шахси дигар;

**- агрессияи бавосита-** фаъолияти ношоиста нисбати шахси дигар, ғайбат, шухиҳои барқасдона ё қаҳре ки ба ягон кас равона шудааст;

**- агрессияи шифоҳӣ-** зоҳир намудани ҳиссиёти манфии худ тавассути дод задан, ҷанг кардан ва ғайра;

**- майл ба оташиншавӣ-** ин гуна одамонро ҳатто ангезаи ночиз метавонад хашмгин созад;

**- негативизм -** рафтори мухолиф одатан ба муқобили ягон шахси обруманд ё роҳбарият равона шудааст;

**- шубҳанокӣ-** нобоварӣ ва эҳтиёткорӣ дар муносибат бо дигарон [2, саҳ.34].

Таҳти мафҳуми агресивнокӣ хусусиятҳои шахсиятро фаҳмидан мумкин аст, ки ҳамчун анъанаҳои номақбул тавсиф дода мешавад. Махсусан дар ҳудуди муносибатҳои субъект бо субъект. Ин қисмҳои номақбули фаъолии одам барои офаридани фаъолиятҳое ба монанди талаботҳои инкишофи индивидуалӣ заруранд, ки дар одамон қобилияти бартараф кардан ва нобуд сохтани монеаҳоро ҳатмӣ мегардонад.

Ҳар як рафторро ҳамеша бо ягон меъёр муқоиса карда баҳо медиҳанд, мушкилии асосии рафтор ин каҷрафторӣ ва рафтори девиантӣ мебошад. Умуман синнӣ наврасӣ яке аз давраҳои ҳассос ба шумор меравад. Зеро аввалан мушкилиҳои дохилии давраи гузариш аз протссесҳои тағйирёбандаи психикӣ сар карда, то Ман-консепсия ба ин сабаб мешаванд. Сонияи, номуайянӣ ва маҳдудии вазъи иҷтимоии наврас ва дар ниҳоят ихтилофҳо, ки азнавсозии механизмҳои назоратию иҷтимоиро ба вуҷуд меоранд, ба таври якмаром ва беолоиш рушд кардани хусусиятҳои психикии наврасро мушкил мегардонад.

Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чунин халалдоршавиҳо дар ҳолатҳои алоҳида чӣ хел ба вучуд меояд?

*Рафтори агресивӣ* - бераҳми, тезӣ ва агресивнокӣ хусусиятҳои хоси рафтори гурӯҳии наврасон мебошад.

Агресивнокии наврасӣ ин пеш аз ҳама натиҷаи агресивнокӣ ва беҳурмати нисбат ба худ мебошад, ки дар асоси аз сар гузаронидани нокомиҳои ҳаётӣ ва беадолатӣ (падараш ӯро партофтааст, дар мактаб доимо танқидаш мекунанд ва ғ.) ба вуҷуд меояд. Тезхашмӣ ва агресивнокӣ бештар дар наврасоне ба вуҷуд меояд, ки эрка калон шудаанд ва дар кӯдакиашон имконияти озоди санҷидан ва ба рафторҳои худ ҷавоб доданро надоштанд. Тезхашмӣ ва агресивнокӣ барои онҳо як намуд аслиҳаи қасосгирӣ, худсобиткунӣ ва худнишондиҳӣ ба шумор меравад.

Агресивнокӣ метавонад ҳанӯз дар синни то мактабӣ дар ҷангу ҷанҷол барои бозича ба амал ояд. Баъзе кӯдакони синни хурди мактабӣ ҳангоми дар ҷанҷол мантиқан ғолиб наомадан, аз қувваю зӯри бозу истифода мебаранд. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо баландшавии агрессия кам дида мешавад. Барои ҳамин ин амалҳо ягон хатари ҷамъиятиро намеоранд. Лекин тарбиятгар бояд ба ин роҳ надиҳад. Агресивнокӣ дар муносибат ба хурдсолон асосан ҳангоми ба онҳо халал расондан, даст ба гиребон шудан, баъзан гирифтани чизҳои майда-чуйда ва пул сар мезанад. Вай асосан нисбати кӯдаконе амалӣ карда мешавад, ки ҳимоятгарии боқувват надоранд.

Агрессияи бачагони синни калони наврасӣ дар муносибат бо калонсолон аксари вақт барои муайян кардани ҳудуди рафторҳои ба онҳо иҷозатдода сурат мегирад. Вай дар натиҷаи қасдан халал расонидан ба хомуши қаҳр кардани калонсолон ва ғ. ба амал меоянд. Дар ин ҳолат ҷавонон рафтори калонсолонро мушоҳида карда, зуд ба онҳо таъсир мерасонанд. Вазъияти нисбатан пуршиддат вақте ба амал меояд, ки ба қаҳру ғазаб аз авбошон тартибот талаб мекунанд. Дар ин ҳолат ҷавонон ҷазои сазовор гирифтанашонро ҳамчун муносибати ноҳақ идрок мекунанд. Барои ҳамин наврасон дар ин ҳолат барои ҳамаи кор калонсолонро айбдор мекунанд. Агрессияи аксари наврасон дар бисёри ҳолат ба калонсолони алоҳида равона карда шудааст. Ин дар рафторҳои ҷиноятие, ки мақсади гурӯҳро ифода мекунанд, тез-тез дида мешавад. Воридшавии бевосита ба ин одатан эмотсияи пурқувватеро пайдо мекунад, ки тамоми гурӯҳро фаро мегирад.

Ба ақидаи Берон Р., Ричардсон Д., бачаҳое, ки дараҷаи бисёр баланди изтиробнокӣ доранд, дар онҳо зоҳиршавии агрессия ҷисмонӣ мешавад, ё ба таври дигар қувваи зуриро ба муқобили дигарон истифода мебаранд. Бачаҳои изтиробнокиашон дар меъёри муайян буда низ, метавонанд аз худ рафторҳои агресивиро нишон диҳанд. Агрессияи онҳо дар намуди оддитар зоҳир мешавад (тайёранд ҳиссиётҳои манфиро ҳангоми камтар беангезишҳои бо воситаи додзанӣ, чиросзанӣ таҳдидҳои сухан кунанд) [3, саҳ.43].

Ҳамин тавр гуфтан мумкин аст, ки синни наврасӣ яке аз давраҳои бисёр тезу тунд, номунтзам, давраи ҷӯшу хуруши эмотсионалӣ мебошад. Ба хусусиятҳои асосии ин зинаи синну солӣ инҳо дохил мешаванд:

1. Дар ҳоле, ки мавқеи наврас дар доираи калонсолон то ҳол пурра муайян нест, ӯ дар зинаи гузариш аз синни хурдсолӣ ба синни калонсолӣ қарор дорад.
2. Ин давра «зуҳуроти буҳронӣ» дорад. Яъне организми кӯдак бошиддат инкишоф меёбад муносибаташ бо худ ва атрофиёнаш дигар мешавад.
3. Дар алоқаманди бо «буҳронӣ» давраи гузариш рафтори кӯдак тағйир меёбад, ки аксарияти вақт аз доираи меъёрҳои муқараршуда берун мебароянд. Олами ботинии ҳиссиётҳои кӯдак бо чунин мафҳумҳо ба монанди «изтиробнокӣ», «зиёдшавии баҳаяҷоноӣ», ҳолати эмотсионалӣ, «муносибатҳои номуносиб» тавсиф дода мешавад.
4. Ба рафтори наврасон як қатор омилҳои берунию ботинӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

- омилҳои биологӣ (фонӣ генетикӣ, ҷароҳатҳо ва касалиҳо);
- омилҳои иҷтимоӣ (оила, ҳамсолон, воситаҳои ахбори умум, омилҳои вазъият);
- омилҳои ботинии психологӣ (изтиробнокӣ, ҳолатҳои эмотсионалӣ, ифодаёбии хусусиятҳои характер ва мизоҷ) [7, саҳ. 28].

Дар бораи синни наврасӣ сухан ронда оиди агрессия ҳамчун тавсифдиҳандаи рафтор дар давраи синну соли додашуда гуфтан лозим аст.

➢ Агрессия - рафтори индивидуалӣ ё гуруҳие мебошад, ки ба расонидани зарари ҷисмонӣ ё руҳӣ, ё худ ба нобуд сохтани нафари дигар ё гуруҳи одамон равона карда шудааст.

➢ Тайёрии субъект ба рафтори агрессивӣ ҳамчун характери устувори шахсияти бадхашм дида баромада мешавад.

➢ Дараҷаи агрессивнокӣ ҳамчун озмоиш дар протсесси иҷтимоишавӣ, ҳамчун ореинтатсия ба меъёрҳои маданӣ – иҷтимоӣ муайян карда мешавад.

***Ба сарчашмаи зоҳиршавии агрессия дар наврасон чунин омилҳо таъсири сахт мерасонанд:***

**1.*Оилаи нопурра*.** Назорати сахт аз тарафи яке аз волидон, ки наврас бо ӯ зиндагӣ мекунад. Дар ин ҳолат мо дар баробари вазифаҳои модарияш нақши падарро низ ба ӯҳда мегирад. Манъкуниҳо бисёр мешаванд, кӯдак дар муҳити тарсу фишор ба воя мерасад.

**2.*Тарбияи нодуруст*.** Беназоратӣ аз тарафи волидайн. Вақте, ки ба кӯдак аз тарафи волидайн диққати кам зоҳир мешавад, дар ин ҳолат наврас барои худ идеалро аз филмҳо ва ё дигар намудҳои васоити ахбори омма пайдо мекунад. Бештар ӯ қаҳрамононеро интихоб мекунад, ки нақши манфиро мебозанд, ҷиддӣ менамоянд ва наврас оҳиста- оҳиста худаш дорои ин хусусиятҳо мешавад.

Сарчашмаи агрессияи патологӣ стресси дар синни барвақти наврасон ба вуҷуд омада аст. Истифодаи ҷазои ҷисмонӣ ҳамчун як намуди тарбия хеле хатарнок аст.

Якум, волидоне, ки чунин намуди ҷазодиҳиро истифода мебаранд, худашон як намунаи агрессивӣ барои наврас мешаванд. Дар ин ҳолатҳо ҷазодиҳӣ агрессияро инкишоф медиҳад.

Дуюм, кудаконеро, ки ҳамеша ҷазо медиҳанд, аз волидонашон дур мешаванд ё ба онҳо муқобилият нишон медиҳанд. Дар натиҷа наврас ба ки бояд ҷазо дода шаванд ва нафақат аз тарафи волидон, инчунин аз тарафи қонун низ.

Сеюм агар ҷазодиҳӣ таъсири сахт расонад, кӯдак фаромӯш мекунад, ки барои чи ӯро ҷазо доданд, дар вай фақат нафрат нисбати шахси ҷазодиҳанда пайдо мешаваду халос, аммо ӯ ислоҳ намешавад ва баръакс боз ҳамин корро такрор мекунад. Чунин зуҳуроти агрессия метавонанд ба воситаи истифодаи доруҳо бартараф шаванд.

Ба омилҳои дохилии агрессия вайроншавиҳои аффективӣ ва бухрони патологии шахсият дохил мешаванд. Вайроншавиҳои аффективӣ метавонанд ҳам дар давраи кӯдакӣ ва ҳам дар давраи калонсолӣ ба вуҷуд оянд, ки сабабҳояш ҷароҳати майнаи сар, таксикози ҳомиладорӣ, ҳомиладории аз муҳлаташ дер давом кунанда мебошанд. Онҳо дар намуди дипрессия, тарс, воҳима, нафрат нисбати дигарон зоҳир мешаванд. Наврас фаъолияти худро идора карда наметавонад.

Инчунин дар зоҳиршавии агрессия дар наврасон газетаҳо, интернет, бозиҳои компютерӣ ва телевизион низ таъсири худро мерасонанд. Бисёр филмҳо, мақолаҳо, филмҳои тасвирӣ, бозиҳои компютерӣ аз мундариҷаи зӯроварӣ, криминалӣ ва куштор иборатанд.

Ҳамин тариқ рафтори агресивноки наврасонро як қатор сабабҳои дохили ба вуҷуд меоваранд.

➢ Изтиробнокӣ;

➢ Ҳолати эмотсионалӣ;

➢ Аксентуатсияи характер [4, саҳ.52].

Таҳқиқотҳои эмпирикӣ исбот кардаанд, ки яке аз сабабҳои бавуҷудоварандаи агресивнокии наврасон дараҷаи изтиробнокӣ ва ҳолати эмотсионалии наврасон аст.

Ҳамин тариқ, омилҳои асосие, ки ташаккули агрессияи кӯдаконро муайян мекунанд: оила, ҳамсолон, воситаҳои ахбори омма ва ғайра мебошанд. Хавф дар он аст, ки дар насли нав ин беморӣ метавонад модарзодӣ ва оммавӣ шуда, аз патологияи иҷтимоӣ ба як меъёри иҷтимоӣ табдил ёбад. Қайд кардан лозим аст, ки на ҳамаи бачаҳои ба категорияи «агресивнокӣ» дохилшуда барои дараҷаи изтиробнокии баланд мебошанд. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки сабабҳои берунии психологӣ низ ҷой доранд (ин метавонад дар асоси муносибатҳои гуногун ба ин ё он типи вазъиятҳо ба вуҷуд ояд). Аксентуатсияи характер, ки сабабҳои пайдоиши ба худ хосро дорад (саломатии ҷисмонӣ, типии тарбияи оилавӣ, муҳити иҷтимоӣ) ба раафтори агресивнокии наврасон таъсири сахт мерасонад. Аксентуатсияи характер бо сохти муносибатҳои психологии дохилиоилавӣ сахт алоқаманд аст (муҳити психологӣ, муносибати волидайн ба фарзандон баръакс).

**АДАБИЁТ:**


1. Алфимова В.М., Трубников В.И. Психогенетика агрессивности. / В.М. Алфимова // Вопроси психологии № 6. – 2000. – Стр.54.
2. Берковиц Л. Агрессия причины последствия и контроль. СПб. – 2002.
3. Берон Р., Ричардсон Д. Агрессия. / Р. Берон, Д. Ричардсон // - «Питер». СПб, 1998
4. Комилова М.Д., Расулов С.Х., Каримзода М.И. Девиантология. //Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2021. - 196 саҳ.
5. Қодиров Қ., Давлатов М., Расулов С. //Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагогӣ. – Душанбе, 2002. – 224 саҳ.
6. Раҷабов Н.М. Каҷрафтории наврасон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-психологӣ //Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2014. - Саҳ.150-156.
7. Раҷабов Н.М. Фаҳмиши фалсафӣ – иҷтимоии моҳияти каҷрафторӣ дар наврасон ва усулҳои пешгирӣ намудани он. //Автореферати рисола барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ. – Душанбе, 2018.
8. Расулов С.Х., Раҷабов Н.М. Таҳлили психологии сабабияти иҷтимоӣ-фалсафии каҷрафторӣ дар наврасон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). №5-2. – Душанбе, 2019. – С.169-175.


**Ғуломзода С.**

## ХУСУСИЯТҲОИ ҶИНСӢ ВА САБАБҲОИ ПСИХОЛОГИИ БА ВУҶУДОИИ РАФТОРИ АГРЕСИВИИ НАВРАСОН

Инсон дар тули таърихи мавҷудияти худ барои танзими рафтор ва муносибатҳои иҷтимоӣ меъёрҳои гуногунро коркард намуда аст, ки ҳамчун танзима фаъолият мекунанд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар мақолааш хусусиятҳои ҷинсӣ ва сабабҳои психологии бавуҷудоии рафтори агресивии наврасонро шарҳ диҳад.Зуҳуроти агресия дар кӯдакон, яке аз проблемаҳои асосии ба ташвишоварандаи фаъолияти таълимии омӯзгорон ва тарбияи хонаводагӣ мебошад. Мо мафҳуми агрессияро ҳамчун як ҳиссиёти объективӣ дарк мекунем. Воқеӣ ин мафҳуми оддӣ ва паҳншудаи муносибатҳои байниҳамдигарии одамоне аст, ки онҳо ахборро мефиристонанд ва қабул мекунанд. Ҳастанд одамоне ки калимаҳои қабеҳи мисли "беақл" "беодоб"-ро ҳамчун агрессивнокӣ қабул мекунанд, аммо ҳамон вақт онро як намуди худмуҳофизаткунӣ медонанд. Дар ин ҷо инчунин фарқияти ҷинсӣ дида мешавад. Бачаҳо қаҳрашонро ошкор зоҳир мекунанд, духтарон бошанд, ба тарзи дигар ҷавоб медиҳанд. Инчунин дар ин ҳолатҳо аксуламали волидон тамоман гуногун аст.

***Калидвожаҳо:*** *рафтори агрессивӣ, наврасон, хусусиятҳои ҷинсӣ, аксентатсияи характер, дараҷаи изтиробнокӣ,ҳолати эмотсионалӣ, зӯроварӣ, тарс, фишор, негативизм.*

**Гуломзода С.**

## ГЕНДЕРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ И ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ПРИЧИНЫ ПРОЯВЛЕНИЯ АГРЕССИВНОГО ПОВЕДЕНИЯ У ПОДРОСТКОВ

Человек в истории своего существования для контроли поведения и социальных отношений разработал разные нормы, которые действуют как регуляторы поведения. В статье автором делается попытка объяснения психологических причин проявления агрессии. Также автор старается расскрыт гендерные особенности проявления агрессии. Явление агрессии у детей является основной проблемой в профессиональной деятельности учителя и воспитания в семье. Мы понимаем агрессию как объективную эмоцию. В действительности это понятие является обыденным в процессе взаимодействия между людьми, где имеет место взаимообмен информацией. Есть люди, которые принимают такие неприличные слова как “тупой”, “невоспитанный” как появление агрессии и в силу защитной реакции, отвечают взимностью. Здесь имеет место и гендерные различия в проявлении. Мальчики открыто проявляют свою агрессию в то время как девочки более сдержанны в ее проявлении. Реакции родителей на агрессию тоже отличаются.

***Ключевые слова:*** *агрессивное поведение, подростки, гендерные особенности,акцентуация характер, уровень тревожности, эмоциональные состояния, насилие, страх, давление, негативизм.*

**Gulomzoda S.**

## GENDER FEATURES AND PSYCHOLOGICAL CAUSES OF AGGRESSIVE BEHAVIOR IN ADOLESCENTS

Man in the history of his existence for the control of behavior and social relations has developed different norms that act as regulators of behavior. In the article, the author attempts to explain the psychological reasons for the manifestation of aggression. The author also tries to reveal the gender characteristics of the manifestation of aggression. The phenomenon of aggression in children is the main

problem in the professional activities of teachers and upbringing in the family. We understand aggression as an objective emotion. In fact, this concept is commonplace in the process of interaction between people, where there is an exchange of information. There are people who take such indecent words as "stupid", "ill-mannered" as the appearance of aggression and, due to a defensive reaction, respond in kind. There are also gender differences in manifestation. Boys openly show their aggression while girls are more restrained in its manifestation. Parents' reactions to aggression also differ.

***Keywords:*** *aggressive behavior, adolescents, gender characteristics, character accentuation, anxiety level, emotional states, violence, fear, pressure, negativism.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ғуломзода Сабзалӣ**, докторанти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17). почтаи электронӣ: Sabzali.gulomzoda.95@mail.ru

**Сведения об авторе: Гуломзода Сабзали** доктор PhD, докторант, кафедры психологии Таджикского национального университета (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17). e-mail: Sabzali.gulomzoda.95@ mail.ru

**Information about the author**: **Gulomzoda Sabzali** PhD, doctoral student, Department of Psychology, Tajik National University (734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17). e-mail: Sabzali.gulomzoda.95@mail.ru

**РАСУЛОВ С.Х.**

# ТАЛАБОТИ МЕТОДОЛОГӢ БА ТАҲИЯИ ХУЛОСАИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ-ПСИХОЛОГӢ

Айни замон экспертизаи судӣ-психологӣ дар амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ бо мақсади муайян ба таври васеъ истифода бурда мешавад. "Мақсади асосии экспертизаи судиро бурдани тадқиқот ва ҷавоб додан ба саволҳои муфаттиш, мақомоти тафтишотӣ ё суд дар заминаи маълумоти муайяни дар доираи психологияи ҳуқуқӣ коркардшуда ё аз таҷриба бадастовардашуда ташкил медиҳад" [7, с.134]. Мавриди қайд аст, ки экспертизаи судӣ-психологӣ ба монанди дигар экспертизаҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ" [5] ва Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [3] ба танзим дароварда мешавад. Хулосаи экспертизаи судӣ-психологӣ ҳуҷҷати ниҳойии тамоми корҳои психолог ва сарчашмаи далелҳо ба шумор меравад. Илова бар ин, хулосаи коршинос қувваи қаблан муқарраршуда надорад, нисбат ба дигар далелҳо афзалият надорад ва мисли ҳама далелҳои дигар метавонад баҳогузорӣ шавад.

Ҳамин тавр, хулосаи коршинос ин ҷавоби асоснок ба саволҳои пешниҳодшуда аст, ки ӯ дар асоси донишҳои ихтисосии худ, дар натиҷаи тадқиқи ҳамаҷониба, мукаммал ва объективии маводи пешниҳодшуда ҳосил намудааст. Агар дар раванди тадқиқот вазъиятҳое муқаррар карда шаванд, ки доир ба онҳо ба коршинос саволгузорӣ нашудааст, вале онҳо ба андешаи коршинос барои баррасии парванда аҳамияти муҳим доранд, пас ин маълумоти мувофиқ низ ба хулоса ҳамроҳ карда мешаванд.

Тадқиқоти коршиносии судӣ-психологӣ дар муқоиса бо дигар намудҳои коршиносӣ махсусиятҳои худро дорад. Мувофиқи дастурҳои методӣ доир ба тартиб додани санади (хулосаи) ташхиси судӣ-психологӣ ин ҳуҷҷат аз панҷ қисм иборат аст: муқаддима; маълумот дар бораи ҳаёти гузашта (анамнези озмудашаванда); тавсифи ҳолати психикӣ; қисми тадқиқотӣ (асоснокkунии ҷавоб ба саволҳои пешниҳодшуда) ва қисми хотимавӣ (ҷавоби мушаххас ба саволҳои пешниҳодшуда).

Сохтори панҷ қисмаи овардашуда барои хулосаҳои коршиносии судӣ-психологии аввалия ва такрории ташхисшаванда новобаста аз макони гузаронидани экспертиза ҳатмӣ аст. Ҳангоми як қатор намудҳои ташхисҳои коршиносӣ (масалан, ташхисҳои иловагӣ, ташхис дар суд аз рӯи парванда, ки дар он ташхиси шахси ташхисшаванда дар раванди тафтишоти пешакӣ гузаронида шудааст) истиснои чунин сохтори хулоса имконпазир аст. Масалан, баъзе аз аъзоёни ба суд даъватшудаи коммисияи экспертӣ, ки қаблан экспертизаи судӣ-психологӣ гузаронидаанд, метавонанд дар хулосаи худ маълумоти анамнезро такрор накарда, танҳо қайд намоянд, ки ин маълумот дар хулосаи (санади) қаблӣ оварда шудааст. Агар ба коршиноси ба суд даъватшуда барои ба саволҳои пешниҳодшуда ҷавоб гардонидан гузаронидани тадқиқоти нав зарур набошад, пас сухан на дар бораи экспертиза, балки дар бораи пурсиши коршинос дар суд меравад. Ҳангоми пурсиши

коршинос хулосаи коршиносӣ тартиб дода намешавад, балки саволҳо ба коршинос ва ҷавобҳои ӯ ба протоколи маҷлиси судӣ ворид карда мешаванд.

Мувофиқи моддаи 28-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ” [5] ва моддаи 217-и Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [3] дар хулосаи коршинос ҳатман қайд карда мешаванд: 1) вақт ва ҷойи гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ; 2) асосҳои гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ; 3) маълумот дар бораи мақом ё шахсе, ки экспертизаи давлатии судиро таъин кардааст; 4) маълумот дар бораи муассисаи давлатии судӣ, дар бораи коршиноси судӣ (насаб, ном, номи падар, таҳсилот, ихтисос, собиқаи кор аз рӯи ихтисос, дараҷа ва унвони илмӣ, рутба, вазифаи ишғолнамуда), ки ба он гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ супорида шудааст; 5) мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ кардани коршиноси судӣ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаю дониста додани хулосаи бардурӯғ, саркашӣ ё рад кардан аз додани хулоса; 6) саволҳое, ки дар назди коршиноси судӣ ё комиссияи коршиносони судӣ гузошта шудаанд; 7) объектҳои экспертиза ва маводи парванда, ки ба коршиноси судӣ барои гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ пешниҳод карда шудаанд; 8) маълумот дар бораи иштирокчиёни мурофиа, ки ҳангоми гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ ҳозир мебошанд; 9) мазмун ва натиҷаҳои экспертиза, асосноксозӣ ва ифодаи хулосаҳо оид ба саволҳои гузошташуда.

Баён кардани саволҳои дар назди экспертизаи судӣ-психологӣ гузошташуда дар хулосаи коршиносӣ ҳатмӣ аст, зеро натиҷаҳои қайдкардаи коршиносон худ ҷавоб ба саволҳои додашуда мебошанд. Дар ҳолатҳое, ки моҳияти саволҳои дар назди коршиносон гузошташуда нофаҳмо аст, онҳо бояд ба мақомоти экспертизаро таъйиннамуда дар бораи нисбатан дақиқ тартиб додани вазифаи экспертиза дархост пешниҳод намоянд.

Дар баробари ин, агар коршинос (коршиносон) тадқиқот гузаронида истода, вазъиятеро муайян намоянд, ки доир ба он савол гузошта нашудааст, пас онҳо ҳуқуқ доранд дар хулосаи худ доир ба мавҷудияти чунин вазъият ишора намоянд. Ин ҳуқуқ, ки ҳуқуқи ташаббуси коршиносӣ номида шудааст, дар шароите амалӣ гардонида мешавад, ки маълумоти аз ҷониби коршинос ба таври мустақилона муқарраркардашуда аз ҳудуди донишҳои соҳавии ӯ берун набаромада, ба коре, ки аз рӯйи он экспертиза гузаронида мешавад, дахл дошта бошад.

Дар ҳолатҳое, ки тамоми саволҳои дар назди коршиносон гузошташуда аз доираи донишҳои соҳавии онҳо берунанд ва ё маводи пешниҳодшуда барои хулоса додан кифоя нестанд, коршиносон доир ба имконнопазир будани коркарди хулоса ба таври хаттӣ хабар медиҳанд.

Хабари хаттии коршинос доир ба имконнопазир будани коркарди хулоса ҳуҷҷати мурофиавӣ ба шумор меравад, ки бояд дар худ қисми муқаддимавии монанд ба қисми муқаддимавии хулосаи коршиносро дошта бошад. Қисми тадқиқотӣ дар он танҳо дар ҳолатҳое вуҷуд дошта метавонад, ки коршиносон кадом як тадқиқот гузаронидаанд, то боварӣ ҳосил намоянд, ки маводи барои онҳо пешниҳодгардида барои тасвияи натиҷаҳои ниҳоӣ кифоя нестанд. Дар ҳолатҳои дигар коршиносон танҳо имконнопазир будани коркарди хулосаро ба таври муфассал асоснок карда менависанд. Хабар дар бораи имконнопазир будани коркарди хулосаро дар шакли мактуби оддӣ, огоҳнома, баёнот ва монанди инҳо таҳия намудан ба талаботи қонунгузории мурофиавӣ ҷавобгӯй намебошад.

Хулосаи хаттӣ – шакли ягонаи мурофиавӣ барои хулосаҳои коршинос мебошад. Ҷавобҳои дар раванди пурсиш протоколшавандаи коршинос қисми хаттии хулосаро шарҳ медиҳанд, вале онро иваз намекунанд [7, с.134].

Агар коршинос ба ҳеҷ кадом аз саволҳои гузошташуда, ҳадди ақал қисман ҷавоб гардонида натавонист, пас доир ба имконнопазир будани коркарди хулоса хабарнома (санад) тартиб медиҳад. Агар коршинос ба саволҳои гузошташуда қисман ҷавоб гардонид, пас имконнопазир будани коркарди ҷавоб дар ҳаҷми мукаммал дар хулоса ишора ва асоснок карда мешавад.

Қайд кардан лозим аст, ки коршинос хулосаро аз номи худ медиҳад ва дар ҳама ҳолатҳо барои он ҷавобгар аст, ҳатто дар ҳолатҳое, ки экспертиза аз ҷониби роҳбарияти корхона ба уҳдаи ӯ гузошташуда бошад ҳам.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ”коршиноси судӣ аз номи худ (комиссия аз номи коршиносони судӣ) хулосаи хаттӣ медиҳад ва барои

хулосаи додашуда шахсан ҷавобгар мебошад. Хулосаро коршиноси (коршиносони) судӣ имзо мекунад ва он бо мӯҳри муассисае, ки коршинос (коршиносон)дар он кор мекунанд тасдиқ карда мешавад. [5]

Дар хулосаи ташхиси судӣ-психологии ягона ё маҷмуӣ, коршиноси алоҳида ё комиссионӣ бояд се қисм фарқ карда шавад: қисми муқаддимавӣ, тадқиқотӣ ва хотимавӣ. Мавҷуд набудани яке аз ин қисмҳо хулосаро аз қувваи далелӣ доштан маҳрум месозад.

Дар мувофиқат бо таҷрибаи коршиносӣ дар қисми муқаддимавии хулосаи экспертизаи судӣ – психологӣ унсурҳои зерин ишора мегарданд:

- замони оғоз ва анҷоми ташхис (сана, моҳ, сол);
- макони тартиб додани хулоса;
- маълумот дар бораи коршинос (ному насаб, маълумот, ихтисос, дараҷа ва унвони илмӣ, рутба, вазифа ва ғ.);
- асоси ҳуқуқӣ барои гузаронидани ташхиси судӣ – психологӣ (номи ҳуҷҷати мурофиавӣ, шахс ва ё мақомоти масъул, замон ва макони тартиб дода шудани ҳуҷҷати мурофиавӣ (тибқи муқаррароти моддаи 21-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ”) [5];
- замон ва макони гузаронидани муоинаи психологии таҷрибавӣ, ҳамчунин шахсони дар он хузурдошта (муфаттиш, айбдоршаванда, сушаванда, гумонбаршаванда, дар ҳолати ноболиғ будани ташхисшаванда волидайн ё шахсони ивазкунандаи онҳо ва ғ.).

Тибқи талабот тамоми маводи зарурии парванда, ташхисшаванда (ҳуқуқвайронкунанда, айбдоршаванда, судшаванда,шоҳид, ҷабрдида, даъвогар ва ғ.) ба ихтиёри коршиносон вогузошта мешавад. Дар хулоса бояд ишора карда шавад, ки оё тамоми мавод ба коршиносон пешниҳод карда шудааст ва ё не, мувофиқи имконият бояд рӯйхати онҳо дар шакли ҷамъбастшуда оварда шавад. Ин аҳамияти ниҳоят муҳим дорад, зеро агар ташхиси судӣ – психологӣ дар ибтидо ва ё миёнаи тафтишоти пешакӣ ё корбарии судӣ гузаронида шавад, пас рӯихати мавод метавонад нопурра бошад.

Дар қисми тадқиқотии хулоса саволҳои дар назди ташхис гузошташуда низ ишора карда мешаванд. Онҳо бо ҳамон шакл ва тартибе оварда мешаванд, ки дар қарори муфаттиш ё таъйиноти суд баён шудаанд. Ба андешаи Коститский М.В. «коршинос-психолог наметавонад бо ташаббуси худ тартиби бандубасти савоҳоро дигар кунад, онҳоро дар таҳрири худ пешниҳод намояд ё саволҳои иловагӣ ворид созад, ки ба андешаи ӯ муҳиманд” [4, с.132].

Дар таҷриба ҳолати гузориши саволҳо бо истифодаи нодурусти истилоҳоти психологӣ ё истифодаи оммавии мафҳумҳо, ки метавонанд маънои гуногун дошта бошанд, ба мушоҳида мерасанд. Ба ин роҳ додан мумкин нест. Дар мавриди номуайянии мазмуни савол коршинос дар хулоса қайд мекунад, ки ин ё он саволро ӯ чи гуна мефаҳмад. Ӯ ҳамчунин ҳуқуқ дорад, ки барои дақиқтар намудани саволҳо ба муфаттиш муроҷиат намояд. Ҳолатҳое рух медиҳанд, ки дар назди коршиносон – психолог саволҳои ба соҳаи психиатрия, этика, ҳуқуқшиносӣ ва дигар соҳаҳои илм дахлдошта гузошта мешаванд. Дар ин сурат коршинос ҳуқуқи иваз намудани шакли саволҳои дар назди ташхис гузоштаи суд, муфаттиш, судя ё дигар шахсони вазифадорро надорад.

Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсият, вазъият, махсусиятҳои амалисозии вазифаҳои меҳнатӣ ва ғайра бояд на танҳо дар мувофиқат бо шакли саволҳои гузошташуда, балки мувофиқи моҳияти онҳо гузаронида шавад.

Хулосаи коршиносӣ бояд чунин ҷанбаъҳоро ба таври муфассал инъикос намояд: раванди тадқиқоти баргузоршуда, аломат ва хусусиятҳои ҳангоми он ошкоргардида ва шарҳи онҳо аз ҷониби коршинос; кадом объектҳо ва бо бо кадом тадқиқот (тавассути кадом методҳо ва усулҳои ташхисӣ) фаро гирифта шуд; дар раванди тадқиқот кадом аломату хусусиятҳо ошкор ва баҳогузорӣ шуданд; аз рӯи кадом саволҳо кадом хулосаҳо бароварда шуд. Вобаста ба зарурат дар хулоса вазъияте, ки аз нуқтаи назари шахси ташхисшаванда ба ҷиноят мусоидат намудааст, қайд карда мешавад (дар мувофиқат бо вазифаи дар назди ташхис гузошташуда ва ё аз рӯйи тартиби ташаббуси коршинос ишора карда мешавад). Тибқи талабот истифодаи методу усул ва воситаҳои ташхисӣ бояд асоснок карда шавад. Ба андешаи Илина В.А. “қисми тадқиқотии хулосаи коршинос-психолог аз ду қисм иборат аст: анамнез (маҷмуи маълумот доир ба шахсияти ташхисшаванда, ки тавассути пурсиш ба даст оварда мешавад) ва шарҳ додани ҳолати психофизиологию

психикӣ. Дар қисми инъикоскунандаи ҳолати ташхисшаванда бояд натиҷаҳои ташхиси психологӣ пурра оварда шаванд. Дар баробари ин бояд ҳамаи методҳои барои ташхис истифодашуда (суҳбат, мушоҳида, методикаҳои ташхиси психологӣ) қайд карда шаванд [2, с.99].

Дар хулосаи ташхиси судӣ-психологӣ овардани формулаҳо, нақшаҳо, профилҳо, нишондиҳандаҳои математикии зуҳурот ва қобилиятҳои махсуси психологӣ ва дар ҳолатҳои алоҳида нишондиҳандаҳои ниҳоӣ, масалан, профили шахсият аз рӯйи MMPI мумкин аст.

Асосноккунии натиҷаҳо дар хулоса инҳоро дар бар мегирад: иқтибос аз натиҷаҳои тадқиқот; иқтибос аз маводи парванда ва адабиёти илмии соҳавӣ; хулосаҳои коршиносони дигар, ки ба сифати маълумоти ибтидоӣ истифода шудаанд; маводи парванда дар доираи донишҳои соҳавии коршинос; далелҳои маълумотномавӣ. Агар коршинос аз маводи меъёрӣ истифода карда бошад, пас ишора кардан лозим аст, ки маҳз аз кадом мавод, аз ҷумла, иқтибос аз қоидаи гузаронидани намудҳои алоҳидаи ташхис.

Дар хулосаи ташхис тавсифи психологии шахсияти озмудашаванда оварда мешавад. Баъзан дар назди коршинос савол на дар бораи хусусиятҳои шахс дар умум, балки саволҳои нисбатан мушаххас – дар бораи хусусиятҳои соҳаи эмотсионаливу иродавӣ, инкишофи ақл, доир ба махсусиятҳои равандҳои маърифатӣ ва монанди инҳо гузошта мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки дар ҳама ҳолат бояд хусусиятҳои шахсияти озмудашаванда муайян карда, дар хулоса тавсиф дода шаванд.

Агар коршиносон маълумоти заруриро доир ба предмети тадқиқот ба даст оварда натавонанд, пас бояд дар ин бора, инчунин доир ба сабабҳои ба даст наовардани маълумот дар хулоса қайд кунанд.

Бо назардошти нақшаи тадқиқоти коршиносӣ, ки дар экспертологияи судӣ қабул шудааст, дар экспертизаи судӣ – психологӣ соҳаҳои таҳлилӣ ва таркибии қисми тадқиқотиро ҷудо намудан мумкин аст. Соҳаи таҳлилӣ бо истифодаи методҳои алоҳида ва бақайдгирии натиҷаҳои бо ёрии онҳо бадастомада, соҳаи таркибӣ бошад, бо синтези ин маълумот ва тавсифи равандҳо, ҳолатҳои психикӣ ва зуҳуроти ақлӣ, эмотсионалӣ ва иродавии шахс алоқаманд аст.

Дар қисми хотимавии хулосаи экспертизаи судӣ–психологӣ ба саволҳои гузошташуда ҷавоб гардонида мешаванд, ки ҳамзамон хулосаҳои ташхис ба шумор мераванд. Хулосаҳо дар ҳамон тартибе таҳия карда мешаванд, ки саволҳо гузошта шуда буданд. Ҷавобҳо бояд ба моҳияти саволҳои гузошташуда мувофиқ бошанд, равшан ва дақиқ таҳия карда шаванд, метавонанд тасдиққунанда ва ё инкоркунанда бошанд, бояд духӯра, маҷозӣ ва аз ҷиҳати маъно калаванда набошанд (ҳар хел шарҳ дода нашаванд). Дар ҳолате, ки додани ҷавоби дақиқ имконпазир нест ва ё дар назди коршиносон–психолог саволҳои берун аз салоҳияти ӯ гузошта шудааст, дар ин бора бояд бевосита дар хулоса ишора карда шавад.

Бори дигар қайд карданро зарур мешуморем, ки коршинос–психолог ба зуҳурот ва ҳодисаҳо баҳои ҳуқуқӣ дода наметавонад, аммо вай метавонад, ки ба онҳо баҳои психологӣ диҳад, ҳолати психологии ташхисшавандаро тавсиф намояд, ки барои қабули қарори мувофиқи ҳуқуқӣ ба сифати асос баромад мекунад. Чунин ҷавоби коршинос афзалиятноктар аст аз он, ки дар хулоса доир ба аз доираи салоҳияти ташхис берун будани савол ишора карда шавад.

Хулосаи коршинос ин ҷавоб ба саволҳои гузоштаи муфатиш ё судя мебошад, ки барои асоснок кардани онҳо коршинос-психолог ба маълумоти аз тадқиқот бадастовардааш такя мекунад. [6]. Хулосаи ташхиси судӣ-психологӣ бояд бо забони фаҳмо навишта шавад, истилоҳоти соҳавӣ бояд шарҳ дода шаванд. Соддагӣ, боваринокӣ, далелнокӣ ва дақиқӣ – ҷанбаҳои муҳимми хулоса ба шумор мераванд.

Хулосаи экспертизаи судӣ-психологӣ метавонад аз ҷониби дигар иштирокчиёни раванди тафтиши ҷиноят баҳогузорӣ шавад, ки метавонанд доир ба гузаронидани ташхиси такрорӣ дархост пешниҳод кунанд. Яке аз талаботи муҳим ба хулосаи экспертизаи судӣ-психологӣ эътимоднокии он ба шумор меравад. Ба андешаи Веретенникова Е.В. “шароити таъминкунандаи эътимоднокии хулосаи коршиносро се ҳолат таъмин мекунанд: истифодаи усули сирф асосноки илмӣ, ки асоснокии илмии хулосаро таъмин мекунад; гузаронидани тадқиқоти пурра, ҳаматарафа ва объективии далелҳои шайъӣ ва маводи парванда, ки ба предмети экспертиза дохил мешаванд; гузаронидани экспертиза мувофиқи

муқаррароти санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ [1, с.99]. Ҳамаи ин гувоҳӣ он аст, ки хулосаи ташхиси судӣ-психологӣ бояд барои тафтиши маълумоти аз он бадастовардашуда аз ҷониби муфаттиш, судя, дигар мақомоти босалоҳият, ҳинчунин мутахассисон–психологҳо ҳангоми гузаронидани ташхиси такрорӣ имкон фароҳам оварад.

Коршинос метавонад аз ҷониби муфаттиш ва ё суд бозпурсӣ карда шавад. Муфаттиш, суд, дигар мақомоти босалоҳият асоснокии хулоса ва аҳамияти онро дар системаи далелҳо муайян мекунад. Хулосаи беасос метавонад рад карда шавад. Дар ин маврид ташхиси такрорӣ таъйин карда мешавад.

Илова бар ин, коршинос метавонад бо супориши мақомоти таъйиннамудаи ташхис ва ё бо ташаббуси худ дар хулоса сабабҳо ва шароитҳои ба содир намудани ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунӣ мусидатнамударо, ки шарҳи онҳо донишҳои соҳавиро талаб мекунанд, баён намояд.

Мувофиқи қонун хулосаи коршинос ва ё хабар дар бораи имконнопазир будани додани хулоса ба айбдоршаванда эълон карда мешавад.

Тамоми ҷадвалҳо, расмҳо, санадҳои маълумотдиҳанда ва шарҳдиҳандае, ки аз ҷониби коршинос таҳия гардида, ба хулоса замима карда шудаанд, ҳамчун қисми таркибии хулоса баррасӣ карда мешаванд. Ба хулоса инчунин маълумотнома доир ба хароҷоти ташхис низ ҳамроҳ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, хулосаи экспертизаи судӣ-психологӣ ҳуҷҷати ниҳоии кори коршинос-психолог буда, барои баэътиборгирии донишҳои психологӣ ҳангоми додани баҳои ҳуқуқӣ ба вазъият, рафтор ё кирдор ба муфаттиш, судя ё дигар муттахассион кумак мерасонад. Гузаронидиани экспретизаи судӣ-псизхологӣ моҳиятан як навъ тадқиқоти илмии психологӣ буда, дар он ҳамаи принсипҳои методологии ба тадқиқоти илмии психологӣ пешниҳодшаванда риоя карда мешаванд.

**АДАБИЁТ:**


1. Веретенникова Е.В. Значение судебно-психологической экспертизы как доказательства в суде первой инстанции //Сибирский юридический вестник. 2012.№3 (58). –с. 96-101.
2. Илина В.А. К вопросу о содержательной стороне заключения эксперта-психолога //Сибирский юридический вестник. 2012.№3 (66). –с. 98-103.
3. Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 3 декабри соли 2009, №564 амал мекунад].
4. Коститский М.Ф. Судебно-психологической экспертизы. Монография. – Лвов, 1987. 140 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ” [бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 15 июли соли 2005, №97 амал мекунад].
6. Медицинская и судебная психология /Под ред. Т.Б. Дмитревой, Ф.С. Сауфанова. 2-е изд., испр., -М. 2005. –352 с.
7. Нагаев В.В. Основы судебно-психологической экспертизы. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2000. -333 с.
8. Расулов С.Х., Рузиев С. Аз таърихи истифодаи донишҳои психологӣ дар мақомоти қудратӣ //Осори академия (маҷаллаи илмӣ), №2(26).-Душанбе, 2015. - С.113-119
9. Сафуанов Ф.С. Судебно-психологическая экспертиза в уголовном процессе. - М., 1998. -118 с.


**Расулов С.**

## ТАЛАБОТИ МЕТОДОЛОГӢ БА ТАҲИЯИ ХУЛОСАИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ-ПСИХОЛОГӢ

Дар мақолаи мазкур талаботи методологӣ ба тартиб додани хулосаи экспертизаи судӣ-психологӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки айни замон экспертизаи судӣ-психологӣ дар амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад, ки мақсади асосии онро бурдани тадқиқот ва ҷавоб додан ба саволҳои муфаттиш, мақомоти тафтишотӣ ё суд дар заминаи маълумоти муайяни дар доираи психологияи ҳуқуқӣ коркардшуда ё аз таҷриба бадастовардашуда ташкил медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон экспертизаи судӣ-психологӣ ба монанди дигар экспертизаҳо тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ”ва Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад. Тадқиқоти коршиносии судӣ-психологӣ дар муқоиса бо дигар намудҳои коршиносӣ махсусиятҳои худро дорад. Мувофиқи дастурҳои методӣ доир ба тартиб додани санади (хулосаи) экспертизаи судӣ-психологӣ ин ҳуҷҷат аз панҷ қисм иборат аст:

муқаддима; маълумот дар бораи ҳаёти гузашта (анамнези ташхисшаванда); тавсифи ҳолати психофизиологӣ ва психикии ташхисшаванда; қисми тадқиқотӣ (асосноккунии ҷавоб ба саволҳои пешниҳодшуда) ва қисми хотимавӣ (ҷавоби мушаххас ба саволҳои пешниҳодшуда). Ин панҷ қисм дар навбати худ сохтори муайян дошта, дар се қисми асосӣ муттаҳид карда мешаванд (муқаддимавӣ, тадқиқотӣ ва хотимавӣ), ки ҳар яки онҳо аз рӯйи алгоритми муайян тартиб дода мешавад. Мавҷуд набудани яке аз ин қисмҳо хулосаро аз қувваи исботкунандагӣ доштан маҳрум месозад. Хулосаи экспертизаи судӣ-психологӣ ҳуҷҷати ниҳоии кори коршинос-психолог буда, ба муфаттиш, судя ё дигар муттахассион барои баэътиборгирии донишҳои психологӣ ҳангоми додани баҳои ҳуқуқӣ ба вазъият, рафтор ё кирдор кумак мерасонад. Гузаронидиани экспертизаи судӣ-психологӣ моҳиятан як навъ тадқиқоти илмии психологӣ буда, дар он ҳамаи принсипҳои методологии ба тадқиқоти илмии психологӣ пешниҳодшаванда риоя карда мешаванд.

**Расулов С.**

## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ТРЕБОВАНИ К ОФОРМЛЕНИЮ ЗАКЛЮЧЕНИЯ СУДЕБНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ ЭКСПЕРТИЗЫ

В рамках данной статьи рассматривается вопрос о методологических требованиях к оформлению заключения судебно-психологической экспертизы. Отмечается, что в настоящее время судебно-психологическая экспертиза широко используется в практике правоохранительных и судебных органов и ее цель является проведение соответствующих исследований и поиск ответов на вопросы следователя, следственных или судебных органов на основе определенных данных, которые разработаны в сфере юридической психологии или практики. В Республики Таджикистан судебно-психологическая экспертиза, как и другие виды экспертиз регулируется Законом Республики Таджикистан “О государственной судебной экспертизе” и Уголовно-процессуальным кодексом Республики Таджикистан. Экспертное судебно-психологическое исследование по сравнению с другими экспертными работами имеет свою специфическую черту.

Согласно методическим руководствам относительно составления актов (заключений) судебно-психологической экспертизы, данный документ должен состоять из следующих пяти частей вводная часть, информация о прошлой жизни (анамнез диагностируемое), описание психофизиологического и психического состояния испытуемого, исследовательская часть (обоснование ответов на поставленные вопросы) и заключительная часть (конкретные ответы на поставленные вопросы). Эти пять частей имеют определённую структуру и в свою очередь объединяются тремя частями (вводной, исследовательской и заключительной), каждый из которых составляются по определенному алгоритму. Отсутствие одой из этих частей влечёт неправильность всего документа в целом. Заключение судебно-психологической экспертизы является заключительным документом работы психолога-эксперта, который помогает следователю, суду и другим специалистам учесть психологические факторы при правовом оценивании ситуации, поведения и деяния. По своей сущности проведение судебно-психологической экспертизы является своеобразным научно-психологическим исследованием и в нем должны быть соблюдены все методологические требования, предъявляемые к научному психологическому исследованию.

***Ключевые слова***: *судебно-психологическая экспертиза, эксперт, заключение, исследование, заключение эксперта, метод, психологические особенности, личность диагностируемого.*

**Rasulov S.**

## M ETHODOLOGICAL FORENSIC PSYCHOLOGICAL EXAMINATION REQUIREMENTS

Within the framework of this article, the issue of methodological requirements for the execution of the conclusion of a forensic psychological examination is considered. It is noted that at present forensic psychological examination is widely used in the practice of law enforcement and judicial authorities and its purpose is to conduct relevant research and find answers to the questions of the investigator, investigative or judicial authorities based on certain data that have been developed in the field of legal psychology or practice. In the Republic of Tajikistan, forensic psychological expertise, like other types of expertise, is regulated by the Law of the Republic of Tajikistan “On State Forensic Expertise” and the Code of Criminal Procedure of the Republic of Tajikistan. Expert forensic psychological research, in comparison with other expert works, has its own specific feature. According to the methodological guidelines for the preparation of acts (conclusions) of a forensic psychological examination, this document should consist of the following five parts: an introductory part, information about a past life (diagnosable anamnesis), a description of the psycho-physiological and mental state of the subject, a research part (substantiation of answers to the questions posed) and the final part (specific answers to the questions posed). These five parts have a certain structure and, in turn, are combined into three parts (introductory, research and final), each of which is compiled according to a specific algorithm. The absence of one of these parts entails the

incorrectness of the entire document as a whole. The conclusion of a forensic psychological examination is the final document of the work of an expert psychologist, which helps the investigator, the court and other specialists to take into account psychological factors in the legal assessment of the situation, behavior and act. In its essence, the conduct of a forensic psychological examination is a kind of scientific psychological research and it must comply with all the methodological requirements for scientific psychological research.

***Key words**: forensic psychological examination, expert, conclusion, research, expert opinion, method, psychological characteristics, personality of the person being diagnosed.*

**Сведения об авторе: Расулов Сайфидин Худоиевич** – к.п.н., доцент кафедры психологии Таджикского национального Университета. Тел.:918 80 68 07. Эл.почта: sayf76@mail.ru
**Маълумот дар бораи муаллиф: Расулов Сайфидин Худоиевич** – н.и.п., дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел.: 918 80 68 07. Почтаи эл.: sayf76@mail.ru
**Information about authors: Rasulov Saifiddin KHudoievich** - Candidate of Political Sciences, Associate Professor of Psychology Tajik National University. 918 80 68 07. Эл.почта sayf76@mail.ru

**ДАВЛАТЗОДА Р.**

## ЗАМИНАҲОИ ПСИХОЛОГИВУ ПЕДАГОГӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ МУОШИРАТ

Дар ташаккул ва инкишофи фарҳанги муошират диққати асосӣ ба заминаҳои он равона карда шудааст, зеро сатҳи рушди ҷанбаҳои мухталифи фарҳанги муошират маҳз аз заминаҳои мавҷудаи ташаккули он вобаста аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ташаккули фарҳанги муошират ҷойгоҳи заминаҳои психологиву педагогӣ ва методологӣ бузург аст.

Заминаҳои психологиву педагогиро шартан метавон ба се категория ҷудо намуд: масъалаи муассисаи таҳсилоти олӣ; масъалаи муассисаҳои таҳсилоти олии ғайрипедагогӣ; масъалаи муҳити ташаккули фарҳанг дар ҷомеа. Заминаҳои педагогии ташаккули фарҳанги муошırати иҷтимоӣ аз мазмуну мундариҷаи худи таҳсилот бармеояд. “Маълумотнок нафаре ба ҳисоб меравад, ки донишҳои асосҳои умумии фарҳангро бо омодагии махсус якҷоя менамояд” [7,335]. Қисми касбии таҳсилот мазмуну мундариҷаи худро бе интиқоли таҷрибаи фарҳангӣ дар фаҳми васеи он аз даст медиҳад.

Педагогика, маҳз бо рушди шахсият, яъне бо масъалаи ташаккули шахсият, рушди ҳамаҷонибаи ӯ бо мақсади омода намудан ба ҳаёт, ба навъҳои мухталифи фаъолияти амалӣ машғул аст [6,13]. Яке аз натиҷаҳои фаъолияти муассисаи таҳсилоти олӣ дар ҷомеа дар як қатор бо тайёрнамоии касбии кадрҳо, рушди муҳити зеҳнии ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз аз фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ-касбӣ ояндаи муҳити зеҳнӣ, арзишҳо ва афзалиятҳо дар ҳаёти одамони ин муҳит вобаста буда, самтгирии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олиро муайян менамоянд. Дар навбати худ, муҳити зеҳнӣ ва ҷамъиятӣ ба раванди тағйироту дигаргуниҳои иҷтимоӣ ба рушди ҷомеа таъсири назаррас мерасонанд [3,5-6].

Масъалаи музди меҳнати педагогӣ ва нуфӯзи он дар солҳои 90-ум як қатор проблемаҳоро ба миён овард. Дар ин марҳила аксарияти омӯзгорон дар синнусоли фаъол корро тарк намуданд. Дар натиҷа, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ омӯзгорони ду категория боқӣ монданд: қамқобилият ва камфаъол, ки наметавонанд худро дар бозори меҳнат, дар сохторҳои тиҷоратӣ, дар хориҷи кишвар амалӣ намоянд; қобилиятнок ва фаъол, ки худро берун аз муассисаи таҳсилоти олӣ тасаввур карда наметавонанд ва намехоҳанд худро дар бозор амалӣ намоянд ва кишварро тарк кунанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз дар омӯзгорони категорияи дуюм рушди муассисаҳои таҳсилоти олӣ таъмин карда мешавад.

Музди ночизи меҳнат омӯзгорро маҷбур менамояд, ки сарбории иловагӣ гирад. Албатта, сарбории иловагӣ коҳиши сифати таълим ва тарбия дар муассисаи таҳсилоти олӣ мегардад.”Ҳар қадаре, ки омӯзгор вақти озод надошта бошад, ҳарчи тезтар замоне фаро мерасад, ки ӯ наметавонад ба тарбиятгирандагони худ чизеро пешниҳод намояд.” [12,474]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳолат мушоҳида карда мешавад.

Дар сарбории омӯзгор вақт барои тайёр намудани лексияҳо, машғулиятҳо, коркардҳои илмӣ ва таълимӣ ба инобат гирифта намешавад, ки ба аз ҳад зиёд шудани сарбории омӯзгор ва дар чунин ҳолат кӯшиши дигаргун намудани раванди таълим оварда мерасонад. Аксарияти чунин навовариҳо ба муқаррар намудани назорати хаттӣ дар раванди таълим ва маҳдуд намудани муоширати бевоситаи омӯзгор ва донишҷӯ оварда мерасонад. Муошírати бевосита дар фарқият аз муошírати бавосита боз вазифаи тарбиявиро низ иҷро менамояд. "Муошírати омӯзгор бо донишҷӯ ин моҳияти раванди педагогӣ аст, ки дар ягон ҳолат бояд аҳамияти худро аз даст надиҳад" [2,51].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайрипедагогӣ ба проблемаҳои номбашуда инчунин проблемаҳои махсус илова мегарданд. Хамткунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар раванди таълим педагогика ва методикаи таълимро низ меомӯзанд. Илова бар ин онҳо дар сатҳҳои мухталиф ба муошírати педагогӣ ҳамчун навъи фаъолияти тарбиявӣ тайёр карда мешаванд. Лекин омӯзгорони фанҳои техникӣ ва умуман ғайригуманитарӣ танҳо оид ба соҳаи муайян маълумоти олӣ доранд. "Мутахассис будан дар як қатор соҳаҳои мавзӯии техникӣ – азхуднамоии навъҳои фаъолият аст, ки барои ҳалли вазифаҳои техникӣ зарур мебошанд. Омӯзонидани донишҷӯён дигар навъи фаъолиятро талаб менамояд: зарур аст, ки хусусиятҳои равонии донишҷӯён, қонуниятҳои психологӣ ва дидактикӣ бояд ба инобат гирифта шаванд, ки мутахассиси соҳаи техникӣ ҳеҷ вақт аз худ накардааст. Моҳиятан, мутахассис, ки омӯзониданро дар муассисаи таҳсилоти олӣ аз худ намудааст, бояд фаъолияти дуюмини касбиро аз худ намояд, ки фаъолияти аллакай азхудшудаи мутахассисро дар соҳаи техникӣ пурра мегардонад" [14,3].

Дар шароити ташаккулёфтаи иҷтимоиву иқтисодӣ чунин тайёрнамоӣ муддати тӯлонӣ ҳамчун ормон боқӣ мемонад. Азхудкунии педагогика проблемаи мустақили омӯзгори ҷавони муассисаи таҳсилоти олии техникӣ мегардад ва тахмин карда мешавад, ки ӯ педагогикаро бо роҳи эмпирикӣ меомӯзад ва албатта чунин азхудкунӣ ба сифати таҳсилот, махсусан ба сифати тарбия, ҳамчун қисми муошírати педагогӣ ҳам ба қисми ташаккули муҳити тарбивии муассисаи таҳсилоти олӣ таъсири бузург мерасонад.

Муҳити тарбикунандаи муассисаи таҳсилоти олӣ шаклҳои муҳими рафтор ва муошíратро муайян ва ташаккул медиҳад, ки дар сатҳҳои гуногун аз рафтор ва муошírати ҳукмрон дар ҷомеа тафовут дорад. Сатҳи чунин тафовут аз сатҳ ва хусусиятҳои рушди ҷомеа вобаста аст. "Муҳити муассисаи таҳсилоти олӣ арзишҳои ҳақиқии экзистенсиалиро ташаккул медиҳад. Лекин, дар чунин ҳолат он ҳамеша дар мухолифат ба он ҷанбаҳое, ки берун аз муассисаи таҳсилоти олӣ ба миён меоянд, қарор дорад. Масъалаи асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки то чи андоза ин мухолифат шиддатнок аст ва зҳаҷми он чигунна аст" [4,7].

Дар муассисаи таҳсилоти олии техникӣ нақши асосӣ дар ташаккули фазои тарбиявӣ ба фанҳои гуманитарӣ тааллуқ дорад. Дар ин самт фарҳанги гуманитарӣ аҳамияти муҳим дорад, ки донишҳои арзишӣ ва интихоби ахлоқиро дарбар мегирад. Мақоми фарҳанги гуманитарӣ дар ҳаёти маънавии хатмкунанда баҳснопазир мебошад. Лекин, дар муассисаи таҳсилоти олӣ этикети худ, шаклҳои муайяни муносибатҳои тарафайн, фарҳанги муошírати махсус мавҷуд аст, ки интиқол ва нигоҳдории онҳо набояд ба таври стихиявӣ мурат гирад. Аз ин хотир омӯзиши махсус талаб карда мешавад, ки заминаи зарурӣ барои ташаккули фарҳанги муошírат мегардад, зеро дар асоси ҳар як меъёри рафторӣ принсипҳои ҷаҳонбинӣ, ки дар раванди маҷмуавии тарбиявӣ ташаккул меёбанд, қарор доранд.

Ба ҷанбаҳои проблемавии муҳити ташаккулдиҳандаи фарҳанги ҷомеа таъсири манфии воситаҳои ахбори умум, технологияҳои нави иттилоотиву робитавӣ ба шуури ҷамъиятӣ асосӣ ба ҳисоб меравад. Ин асосан ба телевизион ва радио тааллуқ дорад, ки бевосита қолабҳои рафториро паҳн менамоянд. Илова бар ин, дар асоси рушди технологияҳои иттилоотиву робитавӣ шабакаҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфтаанд, ки ба рафтор ва муошírати ҷавонон таъсири манфӣ расонида, боиси коҳиш ёфтани масъулиятшиносии онҳо гардидааст.

Паҳн гардидани фарҳанги оммавӣ ба коҳиши таъсири тарбиявӣ ва фарҳангии навъҳои мухталифи санъат оварда расонидааст. Ба таври назаррас чунин таркиботи шуури

ҷамъиятӣ, ба монанди унсури фарҳангӣ-таърихӣ, ватандӯстӣ ва ҳуқуқӣ зарар дидаанд. Дигаргуниҳои ҷиддии харобиовари иҷтимоиву иқтисодӣ масъалаи тарбия, фарҳанг, таҳсилотро танг намуданд, ки ба падидаҳои мухталифи манфӣ, аз он ҷумла дар фарҳанги муошират мусоидат намудааст.

Дар шароити муосир яке аз проблемаҳои асосӣ барқарор намудани арзишҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва таърихӣ ба ҳисоб меравад. Зарур аст, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ташвиқот ва рушди фарҳанги муошират таъмин карда шавад.

Риоя намудани маҷмӯи талаботҳои ташкиливу педагогӣ ба ташаккул ва инкишофи фарҳанги муошират мусоидат менамояд:

-ба роҳ мондани фаъолияти педагогӣ бо назардошти сохтор ва мундариҷаи фарҳанги муошират, имкониятҳои раванди таҳсилот;

-амалинамоии вазифаҳои тарбияи фарҳанги муошират, ки дар принсипҳои инсондӯстӣ, гуфтугӯи фарҳангҳо, эҷодиякҷояи субъектҳои ҳамкориҳои раванди таълимӣ асос ёфтааст;

-баҳогузории ягонагии донишҳо оид ба таҳаммулпазирӣ ҳамчун сифати арзишманд, ки боиси мундариҷаи мувофиқи раванди тарбиявӣ мегардад;

-истифодаи шакл ва методҳои тарбияи проблемавӣ-ҷустуҷӯӣ ва нақшофаринӣ, ки ба ҳамкориҳои мусбии байниҳахсӣ мусоидат менамоянд.

Амалинамоии вазифаҳои тарбияи фарҳанги муошират, ки дар принсипҳои инсондӯстӣ, гуфтугӯи фарҳангҳо, эҷоди якҷояи субъектҳои ҳамкориҳои раванди таълим асос меёбад, имконият медиҳад, ки ҳамкориҳои гуфтугӯии донишҷӯён, ки якдигарфаҳмӣ ва ғанигардии тарафайни онҳоро ҳамчун намояндагони умумиятҳои мухталифи фарҳанги таъмин намояд, амалӣ гардад; арзиши инсон ҳамчун шахсият, ҳуқуқ ба озодӣ, рушд ва зоҳирнамоии қобилият тасдиқ карда шавад; ба рушди ташаббусҳо ва мустақилияти тарбиятгирандагон, ба ҳалли якҷояи эҷодии проблемаи пайдошуда аз тарафи омӯзгор ва донишҷӯ мусоидат намояд.

Дар машғулиятҳо чунин шакли ташкили мундариҷаи маводи таълим бунёд карда мешавад, ки бо ёрии он омӯзгор вазъияти эҷодиро таъмин менамояд, ки бевосита ё бавосита мақсад, шароит ва талаботҳои фаъолияти таълимӣ-эҷодиро муайян менамояд. Маҳз дар раванди чунин машғулият донишҷӯ ба таври фаъол донишҳо, малакаву маҳоратро аз худ намуда, қобилияти эҷодии худро инкишоф медиҳад.

Ягонагии равонии ҳамкории робитавиро баррасӣ намуда, метавон қайд намуд, ки муошират яке аз шаклҳои фаъолияти равонии инфирод ва рафтори ӯ мебошад. Робита ин муносибати тарафайни байнишахсӣ байни субъектҳо ба ҳисоб меравад. Дар ҳамкориҳои робитавии одамон хусусиятҳои инфиродии психикаи шахс, хусусиятҳои мизоҷи ӯ ва дигар нишондиҳандаҳои психологиву типологӣ зоҳир мегарданд.

Л.Сопер дар асарҳои худ самти умумӣ, ки дар адабиёти асри XX паҳнгардида ба ҳисоб мерафт таҷассум намудааст, ки дар кӯшиши алоқаманд намудани муошират ба асосҳои психологии он зоҳир мегардид. Л.Сопер риторикаро ҳамчун асоси муошират ва рафтор баррасӣ намудааст. Дар асарҳои Л.Сопер машқҳо барои беҳтар намудани овоз, талаффуз, тасаввурот оид ба саводнокии нутқ, асосҳои конспектнамоӣ ва багақшагирии нутқ, тавсияҳо оид ба баромадҳои ҷамъиятӣ, рушди боварӣ ба худ баррасӣ карда шудаанд [10,160].

А.Пиза дар таҳқиқотҳои худ ба пештар оид ба фарҳанги рамзҳои ғайришофоҳӣ, таснифоти онҳо, истифодаи онҳо дар ҳолатҳои мухталифи муошироти корӣ ва байнишахсӣ сухан рондааст. Муаллиф қайд намудааст, ки таҳқиқотҳои ӯ ба хонанда тасаввуроти дақиқро оид ба гузариши робита байни одамон пешниҳод менамояд, ки дар натиҷа ӯ метавонад худ ва мутобиқан дигаронро дарк намояд. Инчунин дар таҳқиқотҳои А.Пиза воситаҳои мухталифи ғайришифоҳии баланд бардоштани мавқеи касбӣ, усулҳои ғайришофоҳӣ, ки ба ҷалб намудани ҳамсуҳбат ба худ кӯмак менамоянд, баррасӣ гардидаанд. Таснифоти имову ишора, дар асоси хусусиятҳои сохтори равонии инсон бунёд карда мешаванд [8,9].

Ба заминаҳои методологии ташаккули фарҳанги муошират метавон сатҳи нокифояи коркарди масъалаҳои методии ташаккули фарҳанги муоширатро ворид намуд. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар даҳсолаҳои охир таҳқиқотҳои мухталиф ба

масъалаи қоидаҳои муошират бахшида шудаанд. Дар ин самт метавон таҳқиқотҳои Л.С.Лихачев, И.М.Лом, Н.В.Демидов, А.Б.Добрович, Ф.А.Кузин, Л.Н.Рукавчук ва дигаронро номбар намуд. Лекин, ба масъалаи ташаккули фарҳанги этикет, фарҳанги муошират диққати зарурӣ равона карда нашудааст. Дар таҳқиқотҳое, ки ба ташаккули фарҳанги муошират бахшида шудаанд, асосан як ҷанбаи он – фарҳанги муоширати касбӣ баррасӣ гардида, ташаккули фарҳанги муошират бо истифодаи нерӯи тарбиявии фанҳои гуманитарӣ пешниҳод карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин муносибат нопурра аст, зеро фарҳанги муоширати касбӣ танҳо як қисми фарҳанги муошират ба ҳисоб меравад ва ташаккули фарҳанги муоширати касбӣ танҳо дар ҳамон ҳолат амалӣ мегардад, ки фарҳанги муоширати байнишахсӣ аллакай ташаккул ёфта бошад. Илова бар ин, гарчанде фарҳанги муошират мавзӯи баррасии ҳам психология ва ҳам педагогика ба ҳисоб меравад, то ҳол ягонагӣ дар фаҳмиши ин падидаи гуногунҷабҳа вуҷуд надорад.

Дар психология одатан оид ба фарҳанги коммуникативӣ сухан меронанд ва онро ҳамчун "санъати ҳамкорӣ, ки аз хусусиятҳои инфиродии шахсият бармеояд" баррасӣ менамоянд [9,155]. Фарҳанги коммуникативӣ ин маҷмӯи донишҳо, маҳорат, малака, инчунин технологияҳо мебошад, ки ҳамкории мақсадноки одамонро дар асоси интихоб ва истифодаи мувофиқи воситаҳои муошират таъмин менамояд [1,46].

Дар педагогика, дар аксарияти ҳолатҳо фарҳанги муоширатро истифода менамоянд. Фарҳанги муошират ҳамчун меъёрҳо, анъанаҳо ва урфу одатҳои таърихан ташаккулёфта, ки бунёди ҳамоҳангии инсонро бо муҳити атроф танзим менамоянд, мауйян карда шудааст. Дар педагогика фарҳанги коммуникативӣ ҳамчун маҷмӯи маҳорат ва малака дар соҳаи воситаҳои муошират ва қонунҳои ҳамкорҳои байнишахсӣ, ки ба якдигарфаҳмӣ, ҳалли самараноки вазифаҳои муошират мусоидат менамоянд, тасниф карда шудааст [11,13].

Таҳлили адабиёт ва сарчашмаҳои педагогӣ имконият медиҳад, ки методҳои рушди фарҳанги муоширатро муайян намуд. Методҳои рушди фарҳанги муошират воситаҳои ташаккули омодагӣ ба дарки якдигар ва ҳамкориҳо бо манфиати фаъолият, тақатпазирӣ нисбат ба рафторҳои мухталифи дигарон дар фаъолият ва фаъолияти касбӣ ба зисоб мераванд.

Дар ҷараёни рушди фаъолияти маърифатӣ, пеш аз ҳама методи боваркунонӣ мавриди истифода қарор дода мешавад. Методи боваркунонӣ бо исботи боандешонаи зарурати риояи қоидаи муошират, ошкорнамоии ҳаматарафаи худи қоидаҳои муошират алоқаманд аст. Мантиқ ва далелнокнамоӣ дар доираи методи мазкур нақши пешбаранда доранд. Боваркунонӣ, дар раванди педагогӣ бо истифодаи шаклҳои мухталиф, махсусан, мисолҳо аз фаъолияти амалӣ, қисме аз филмҳои бадеӣ, бандҳои алоҳидаи асарҳои мухталифи адабӣ, адабиёти ёддоштӣ, монанднамоиҳои таърихӣ амалӣ мегардад. Дар ташкил намудани раванди тарбияи фарҳанги муошират пешбинӣ намудани дарконамоӣ ва азхуднамоии таҷрибаи сатҳҳои мухталифи рушди ин муносибатҳо зарур аст.

Дар раванди рушди фарҳанги муошират нақши муҳимро мисоли шахсии омӯзгор-тарбиятгар, обрӯву эътибори ӯ мебозад. Ба хотири он, ки ташаккули фарҳанги муносибатҳои корӣ, чун қоида, аз сарварони расмӣ, яъне, роҳбарият бармеояд, муҳим аст, ки роҳбар барои худ, пеш аз ҳама, арзишҳои асосии созмон ё муассисаро ҳамчун барандаи намунаи муошират ташаккул диҳад. Методи мисоли намунавӣ таъсиррасониро ба шахсият ва коллектив тариқи рафтори шахсии мақсаднок ва низомӣ, ки мисоли намунавӣ барои тақлидкунӣ аст, пешниҳод менамояд. Ҳамин тариқ, методи мисоловарӣ, моҳиятан, метавон методи муҳими рушд ва ташаккули фарҳанги муошират шуморид.

Дар ҳалли вазифаҳои рушди фарҳанги муошират чунин методҳои санҷидашуда, ба монанди лексия, суҳбат, тренингҳо, баҳсҳои гурӯҳӣ аҳамияти бузург доранд. Методи баҳсҳои гурӯҳӣ ва методҳои дигар ба ҷалб гардидан ба раванди таълим мусоидат менамояд, ки дар натиҷа, самаранокии баланди азхудкунии донишҳо дар соҳаи фарҳанги муошират таъмин карда мешавад.

Истифодаи методҳои тренингӣ имконият медиҳад, ки раванди ташаккули фарҳанги муоширати касбӣ, ташаккули маҳорат ва қобилияти рафтор дар ҳолатҳои мухталифи касбӣ, ки ба рушди худшиносӣ ва такмили он мусоидат менамоянд, фаъол гардонида

шаванд. Тренингҳо имконият медиҳанд, ки инфирод на танҳо дар синфхона дар ҷараёни тренинг, балки ба таври мустақилона ба такмили худ машғул гардад.

Дар доираи тренинги муошироти касбӣ қобилият, маҳорат ва малакаҳои зерин ташаккул меёбанд: маҳорати худмуаррифинамоӣ; маҳорати муаррифии ғояҳои касбӣ; малакаи ҳамкориҳои гурӯҳӣ; қобилияти кор бо эътирозҳо; қобилияти боваркунонӣ; қобилияти пешбурди гуфтушунидҳо; қобилияти танзими шиддатнокии эҳсосотӣ, ки дар ҷараёни муошират пайдо мешавад.

**АДАБИЁТ:**


1. Долгополова Н.Ф. Развитие коммуникативных умений студентовменеджеров в условиях университета. Дисс… канд. пед. Наук / Н. Ф. Долгополова. -Оренбург, 1998. -188 с.
2. Елютин В.П. Актуальные задачи высших учебных заведений / В.П. Елютин // Вестник высшей школы. 1980.№4. –С. 51-56.
3. Иванова В.И. Формирование культуры делового общения у будущих инженеров. Дисс… канд. пед. наук / В.И.Иванов. - Брянск, 2003. -184 с.
4. Иванова А.А. Педагогика высшей школы / А.А.Иванов. -М., 2002. -33 с.
5. Крылова Н.Б. Формирование культуры будущего специалиста Н.Б.Крылов. -М.: ВШ, 1990. - 212 с
6. Леднев В.С. Содержание образования: сущность, структура, перспективы / В.С. Леднев. -М., 1991. -223 с.
7. Луначарский А.В. О воспитании и образовании / А.В. Луначарский. -М.:Педагогика, 1976. -634 с.
8. Пиз А. Язык телодвижений / А.Пиз. -Н.Новгород: Ай Кью, 1997. -248 с.
9. Практическая психология для менеджеров / Под. ред. Тутушкиной М.К. –М.: Филинъ. 1997. -364 с.
10. Сопер Л. Поль. Основы искусства речи / Л.Сопер Поль. -Ростов-на-Дону: Феникс, 1999. -446 с.
11. Соколова В.В. Культура речи и культура общения / В.В.Соколов. –М.:Просвещение, 1995. -190 с.
12. Сухомлинский В.А. Избранные произведения / В.А. Сухомлинский. -Киев, 1986. -639 с.
13. Талызина Н.Ф. Управление процессом усвоения знаний: психологические основы / Н.Ф. Талызина.- М.:МГУ,1984. -345 с.
14. Фокин Ю.Г. Преподавание и воспитание в высшей школе / Ю.Г. Фокин. -М.: Академия, 2002. -215 с.


**ДАВЛАТЗОДА Р.**

## ЗАМИНАҲОИ ПСИХОЛОГИВУ ПЕДАГОГӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ МУОШИРАТ

Дар мақолаи мазкур масъалаи заминаҳои психологиву педагогӣ ва методологии ташаккул ва инкишофи фарҳанги муошират мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар ташаккул ва инкишофи фарҳанги муошират диққати асосӣ ба заминаҳои он равона карда шудааст, зеро сатҳи рушди ҷанбаҳои мухталифи фарҳанги муошират маҳз аз заминаҳои мавҷудаи ташаккули он вобаста аст. Заминаҳои педагогии ташаккули фарҳанги муошират иҷтимоӣ аз мазмуну мундариҷаи худи таҳсилот бармеояд. Педагогика, маҳз бо рушди шахсият, яъне бо масъалаи ташаккули шахсият, рушди ҳамаҷонибаи ӯ бо мақсади омода намудан ба ҳаёт, ба навъҳои мухталифи фаъолияти амалӣ машғул аст. Маҳз аз фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ-касбӣ ояндаи муҳити зеҳнӣ, арзишҳо ва афзалиятҳо дар ҳаёти одамони ин муҳит вобаста буда, самтгирии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олиро муайян менамоянд. Дар навбати худ, муҳити зеҳнӣ ва ҷамъиятӣ ба раванди тағйироту дигаргуниҳои иҷтимоӣ ба рушди ҷомеа таъсири назаррас мерасонанд. Паҳн гардидани фарҳанги оммавӣ ба коҳиши таъсири тарбиявӣ ва фарҳангии навъҳои мухталифи санъат оварда расонидааст. Ба таври назаррас чунин таркиботи шуури ҷамъиятӣ, ба монанди унсури фарҳангӣ-таърихӣ, ватандӯстӣ ва ҳуқуқӣ зарар дидаанд. Дар шароити муосир яке аз проблемаҳои асосӣ барқарор намудани арзишҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва таърихӣ ба ҳисоб меравад. Зарур аст, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ташвиқот ва рушди фарҳанги муошират таъмин карда шавад. Методҳои рушди фарҳанги муошират воситаҳои ташаккули омодагӣ ба дарки якдигар ва ҳамкориҳо бо манфиати фаъолият, тақатпазирӣ нисбат ба рафторҳои мухталифи дигарон дар фаъолият ва фаъолияти касбӣ ба ҳисоб мераванд.

***Калидвожаҳо:*** *муошират, психологиву педагогӣ, методология, методҳо, фарҳангӣ-таърихӣ, тренингҳо, фарҳанги муошират, муошироти байнишахсӣ, гуфтугӯи фарҳангҳо, нутқ, баҳсҳои гурӯҳӣ.*

**ДАВЛАТЗОДА Р.**

## ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ КУЛЬТУРА ОБЩЕНИЯ

В данной статье рассматриваются психолого-педагогические и методологические основы формирования и развития культуры общения. Автор отмечает, что при формировании и развитии культуры общения основное внимание уделяется ее предпосылкам, поскольку от имеющихся предпосылок формирования зависит уровень развития различных аспектов культуры общения. Педагогическая основа формирования культуры социального общения вытекает из самого содержания образования. Педагогика занимается развитием личности, то есть формированием личности, ее всесторонним развитием в целях подготовки к жизни, различным видам практической деятельности. Именно деятельность высших учебных заведений определяет будущее интеллектуальной среды, ценности и приоритеты в жизни людей в этой среде, определяют направления деятельности высших учебных заведений. В свою очередь интеллектуально-социальная среда оказывает существенное влияние на развитие общества в процессе социальных изменений. Распространение популярной культуры привело к уменьшению образовательного и культурного воздействия различных видов искусства. Значительно пострадали такие структуры общественного сознания, как культурно-историческая, патриотическая и правовая составляющая. В современных условиях одной из главных проблем является восстановление культурно-нравственных и исторических ценностей. Необходимо поощрять и развивать культуру общения во всех сферах общественной жизни. Методы развития культуры общения являются средствами развития взаимопонимания и сотрудничества в интересах деятельности, терпимости к различному поведению других в своей профессиональной деятельности.

***Ключевые слова:*** *общение, психолого-педагогические, методология, методы, культурно-исторические, тренинги, культура общения, межличностное общение, межкультурный диалог, речь, групповые дискуссии.*

**DAVLATZODA R.**

## PSYCHOLOGICAL, PEDAGOGICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATION OF FORMATION OF COMMUNICATION CULTURE

This article examines the psychological, pedagogical and methodological foundations of the formation and development of a culture of communication. The author notes that in the formation and development of a culture of communication, the main attention is paid to its preconditions, since the level of development of various aspects of the culture of communication depends on the existing prerequisites for the formation. The pedagogical basis for the formation of a culture of social communication follows from the very content of education. Pedagogy deals with the development of the personality, that is, the formation of the personality, its all-round development in order to prepare for life, various types of practical activity. It is the activities of higher educational institutions that determine the future of the intellectual environment, values and priorities in the life of people in this environment, determine the directions of activities of higher educational institutions. In turn, the intellectual and social environment has a significant impact on the development of society in the process of social changes. The spread of popular culture has led to a decrease in the educational and cultural impact of various forms of art. Such structures of public consciousness as cultural-historical, patriotic and legal components have suffered significantly. In modern conditions, one of the main problems is the restoration of cultural, moral and historical values. It is necessary to encourage and develop a culture of communication in all spheres of public life.Methods for the development of a culture of communication are means of developing mutual understanding and cooperation in the interests of activity, tolerance for the various behaviors of others in their professional activities.

***Keywords:*** *communication, psychological and pedagogical, methodology, methods, cultural and historical, trainings, culture of communication, interpersonal communication, intercultural dialogue, speech, group discussions.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Давлатзода Рустам унвонҷӯйи кафедраи методикаи таълим ва таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии Данғара. Суроға: 735320. Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ноҳияи Данғара. Кӯчаи Исмат Шариф. №7. Рақами телафон: 918 31 11 31.

**Сведения об авторе:** Давлатзода Рустам соискатель кафедры методики преподавания и начального образования, Дангаринский государственный университет. Адрес: 735320. Республика Таджикистан. Дангаринский район. улица Исмат Шариф, №7. Телефон: 918 31 11 31.

**Information about the author**: Davlatzoda Rustam the Department of Teaching Methods and Primary Education. Dangara State University. Address: 735320. Republic of Tajikistan. Dangara district. Ismat Sharif Street. №7. Phone number: 918 31 11 31.

НЕГМАТОВ Ш.

# СООТВЕТСТВИЕ УЧЕБНОГО МАТЕРИАЛА С ВОЗРАСТНЫМИ СПОСОБНОСТЯМИ УЧАЩИХСЯ

В современном мире и в процесс глобализации необходимо, чтобы в сфере образовании предусматривались изменения по вопросу соответствия учебного материала с возрастными способностями учащихся. В организации образовательной среды, для обеспечения всестороннего индивидуального подхода к учащемуся, а также принятия во внимания возрастных способностей учащихся, в содержании образования, целесообразно обеспечения большей интеграции дисциплин. Одним из приоритетов и компетенций в стратегии модернизации, является развитие научного исследования соответствия учебного материала с возрастными способностями учащихся. Растущим информационным процессам и высокотехнологическому производству, нужны не только исполнители с ограниченной квалификацией, но и хорошо образованные специалисты, способные переходить с одного вида деятельности на другой, обладающие широкими коммуникативными навыками и технологиями действий.

Проблема соответствия учебного материала с возрастными способностями учащихся стала предметом научных изысканий в различных областях. Социально-психологические аспекты исследования исследуют А.А. Бодалев, Г.А. Балл, Г.П. Выжлецов, Л.П. Гримак, А.Н. Леонтьев, М. Рокич, С.Л. Рубинштейн, А.В. Брушлинский, О.С. Газман и др., включая авторов занимающихся проблемой социализации: Л.С. Выготский Н.С. Морова, А.В. Мудрик, Г.Н. Филонов, С.П. Иваненков, Л.В. Мардахаев. Исследования отечественных ученых в области соответствие учебного материала с возрастными способностями учащихся проводятся преимущественно в общей педагогики: М. Орифӣ, И. Обидов, М. Эркаев, М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, К. Қодиров, Б. Раҳимов, А. Нуров, Х. Раҳимов, С. Сулаймонӣ, С. Неъматов, Ф.Гулмадов.

Совершенствование существующих образовательных систем, является одним из основных факторов реформирования современного образовательного мира. «Одним из важнейших направлений реформирования сегодняшнего общества большинство развитых государств видит в совершенствовании существующих образовательных систем. При этом большинство стран, даже страны с высокой степенью экономического развития, обеспокоены отставанием и несоответствием собственных образовательных систем, которые не обеспечивают необходимый уровень образования, культуры, нравственного, психического и физического здоровья, необходимых молодому поколению для преодоления всё нарастающих проблем, порождаемых особым динамизмом XX столетия» [2, 25].

«Любой ученик обладает индивидуальными личностными характеристиками (индивидуально-личностными способностями, интеллектуальной деятельностью, уровнем самооценки, работоспособности и т. д.). Одновременно все ученики на определенной ступени обучения характеризуются и общими чертами.

Существует множество возрастных периодизаций. Авторами их являются: П. П. Блонский, Л. С. Выготский, Д. Б. Эльконин, Ж. Пиаже.

Л. С. Выготский выделяет стабильные и критические периоды возрастного развития:

1) кризис новорожденности;
2) младенческий возраст (2—12 месяцев);
3) кризис 1 года, раннее детство (1–3 года);
4) кризис 3 лет, дошкольный возраст (3–7 лет);
5) кризис 7 лет, школьный возраст (8—12 лет);
6) кризис 13 лет;
7) пубертатный возраст (14–18 лет);
8) кризис 17 лет» [10, 18.05.22, 13.25].

В среднем школьном возрасте ученики пытаются учиться, задают вопросы, откладывают информацию для себя. Развивают свои умения в сотрудничестве с учителем, одноклассниками, с помощью информации собранной из других источников, для решения задач, трудностей и пытаются установить связи, понять суть, понять смысл. «В среднем школьном возрасте (от 10–11 до 14–15 лет) определяющую роль играет общение со сверстниками. Ведущими видами деятельности являются учебная, общественно-организационная, спортивная, творческая, трудовая. В этот период ребенок приобретает

значительный социальный опыт, начинает постигать себя в качестве личности в системе трудовых, моральных, эстетических общественных отношений. У него возникает намеренное стремление принимать участие в общественно значимой работе, становиться общественно полезным. Эта социальная активность подростка обусловлена большей восприимчивостью к усвоению норм, ценностей и способов поведения, существующих во взрослых отношениях» [10, 18.05.22, 13.25].

В трудах В.А. Сухомлинского вызвали интерес положения о важной роли принципов и условий сплочения детей, повышения эффективности воспитательной деятельности педагогического коллектива:

– богатство отношений между детьми и педагогами, педагогического коллектива между собой;

– ярко выраженная сфера гражданственности духовной жизни воспитанников, и их воспитателей;

– творчество, самодеятельность и инициатива как особые грани проявления разнообразных отношений между членами коллектива детей и педагогов;

– постоянный рост духовных ценностей – идейных и интеллектуальных;

– гармония высоких и благородных интересов, потребностей и желаний;

– возрождение и сохранение традиций своего народа и своей семьи, пере-дача их в качестве духовно-нравственного достояния от поколения к поколению;

– эмоциональная жизнь коллектива школьников и педагогов;

– строгая дисциплина, ответственность каждого ребенка за свой труд и за свое поведение [212, с. 212] и др. [8, 123].

Вместе с педагогической системой в научной литературе рассматривается идея построения системы «школа-комплекс», которая, также имеет непосредственное отношение к нашей работе. «Школа-комплекс» отвечает современным требованиям и является новым типом школ. Например, опыт образовательных учреждений Ф.Ф. Брюховецкого, А.А. Захарченко, В.А. Караковского, А.С. Макаренко, С.Т. Шацкого и многих других - это созданные в разное время и в разных условиях школы-комплексы. Главной идейной основой таких школ, является гуманизм. Здесь, в отличие от других элитарных образовательных учреждений или школ с углубленным изучением отдельных предметов, создаются в равной степени возможности и условия для обучения и воспитания каждого ребенка.

Как показывает практика, система «школа-комплекс» является одной из перспективных моделей современного образовательного учреждения, где взрослые и дети объединены в атмосфере гуманных отношений, где реализуются такие педагогические цели, как развитие личности детей и их личных целей, удовлетворение их актуальных потребностей. В такой воспитательной системе, складывается тесная связь школы с личностью ребенка и приоритетной становится разностороннее развитие его личности, так как здесь совпадают интересы: деятельность, значимая для него, оказывается значимой и для школы, а учебный процесс не гипертрофируется жесткостью и обязательностью программ и режимов. При разработке планов уроков и заданий учитывать интеллектуальные и возрастные способности учащихся способствует выполнению ряд вопросов и задач в период обучения. А также ученики могут выполнять учебные задания индивидуально или в малых группах. Приведем примеры вопросов и заданий для развития навыков чтения учащихся с учетом их интеллектуальных возможностей.

| Типы интеллекта | Образовательная деятельность 1 | Образовательная деятельность 2 |
|---|---|---|
| Вербальный интеллект | Перескажите отрывки произведений своими словами | Напишите резюме по теме текста |
| Логический интеллект | Составьте расписание текстовых событий | Нарисуйте карту места, комнаты или события |
| Визуальный интеллект | По картинкам составить коллаж текстовый темы | Подкрепить своё сочинение картинкой соответствующей темы |

Для уровня развития воспитанников и соответствия учебного материала с возрастными способностями учащихся, немаловажную роль играет классный руководитель. «Повышение доступности обучения требует от руководителя учета наивысшей границы умственных способностей воспитанников для постоянного ее повышения; предусматривает соответствие понятий, форм, методов, объемов дидактического материала степени подготовленности учеников, определяет тесную взаимосвязь дидактического материала с уровнем развития воспитанников. Иначе говоря, доступность не нужно понимать, как учение без трудностей. При этом трудности освоения материала должны способствовать развитию личности обучающихся» [11, 18.05.22, 13.25]. Учителя несут ответственность за формирование результатов обучения каждого учащегося профессионально и морально. Эффективное обучение через формирование результатов обучения для всего класса определяется академической успеваемостью нескольких учеников. Для реализации этой цели, учителям нужен способ определения, существующий уровня знаний учащийся и итоговый уровень мастерства используемых компетенций каждого учащегося. Реализация знаний и навыков, полученных на занятиях написание рефератов и сочинений, статей, опыт преподавания. Использование современных технологий в обучении предмета. Уметь применять на практике методы и приемы обучения. Подготовка учебно-наглядных пособий для использования на уроках. «Ступень основной школы (5-9 классы) соответствует подростковому возрасту. Особенности этого возраста связаны с появлением нового уровня самосознания, который психологи условно назвали «чувством взрослости», которое выражается в стремлении быть и считаться взрослым. Это абсолютно другая позиция по отношению к окружающему миру и самому себе. Если представления младшего школьника о себе подстраивались под мнения взрослых о нем, и отношения строились на подчинении ребёнка взрослому, то для учащихся подросткового возраста такие отношения неприемлемы» [12, 18.05.22, 13.25]. Анализ и оценка индивидуально-психологических особенностей учеников и степень в профессиональной области, творческое использование учебников и пособий современное преподавание способствует повышению нового уровня самосознания подростков. Умение анализировать свою педагогическую деятельность, повышение уровня профессиональных знаний путем самообучения, правильная организация самостоятельной работы, планирование и проведение занятий, мероприятий внеклассная и внеурочная деятельность являются факторами педагогических и дидактических навыков преподавателя.

Отсутствие должного внимания к соответствию учебного материала с возрастными способностями учащихся приводит к социально-культурной нестабильности. Важную роль играет в этом плане материалы этнокультурного содержания. В то же время лишь человек, глубоко уважающий и понимающий этническую самобытность своего народа, сможет понять и принять специфику культурных ценностей других этнических коллективов. Использование учебного материала этнокультурного содержания при сопоставлении языков изучения является наглядным подспорьем с огромным воспитательным потенциалом для формирования духовно-нравственных ценностей у подрастающего поколения. Сопоставление, с целью выявления общих ценностей, способствует воспитанию гармонично развитого поликультурного человека, способного оценить красоту и своеобразие чужой культуры, являясь одновременно носителем определенного кода своей этнической культуры.

Сопоставление языков изучения в контексте диалога культур выступает как средство формирования духовно-нравственных ценностей школьников и является ярким примером этно-педагогической направленности диалога культур. Применение сопоставления языков изучения выполняет координирующую (способствует прогнозированию и предупреждению трудностей, помогает избежать лишнего повторения материала), мировоззренческую (осознание значимости любого языка), развивающую (идет постоянный процесс извлечения новой информации) функции в процессе обучения. Оно помогает детям осознать значимость языка любого этноса, даже самого малого. Важно само осознание того, что родной язык также уникален, интересен по своей структуре и лексическому богатству, как и любой другой язык в мире. Формирование духовно-нравственного сознания школьников является важнейшей ценностью, одной из основ патриотического воспитания детей. Учебный материал этнокультурного содержания выступает как подспорье в усвоении общечеловеческих ценностей, формирует образ и роль

поликультурного человека, который сочетал бы в себе высокие моральные качества, был бы способным противостоять порокам. Ознакомление детей с народными эпосами, сказками, сказаниями, пословицами, народной культурой и традиционным бытом народов дает определенную сумму этнических знаний, актуализирует национальное самосознание учащихся и дает им возможность оценить и самобытность культуры других народов путем простого сравнения. Общечеловеческие и этнокультурные ценности может осознать и понять творческая личность и через родной язык. Родной язык в этой ситуации выступает как средство возрождения, сохранения и развития духовной и нравственной культуры этноса.

Главной целью сопоставления языков изучения в контексте диалога культур как средства формирования духовно-нравственных ценностей школьников является формирование у детей знаний, умений и навыков, обеспечивающих владение языком как средством общения. Наглядность сопоставления языков изучения в конечном итоге позволяет повысить эффективность обучения родному и иностранному языкам. Изученный опыт учителей школы и преподавателей языков по формированию соответствия учебного материала с возрастными способностями учащихся в процессе обучения родному и иностранному языкам позволил полагать, что:

- деятельность педагога по воспитанию духовно-нравственных ценностей во многом обусловлена позицией самого педагога. По отношению к духовно-нравственному воспитанию вообще, мнением педагога по поводу возможности и личных способностей в воспитании духовности и нравственности, необходимых качествах педагога для осуществления этой деятельности, его представлениями о систематичности и результативности этой деятельности, позитивных и отрицательных факторах, влияющих на нее, точки зрения самих педагогов на категории духовности и нравственности;
- реальная картина определяется конкретными видами деятельности педагогов, занимающихся воспитанием школьников, их подходов к воспитательному и учебному процессу, используемые ими приемы и методы работы;
- важным фактором являются уровень духовно-нравственной культуры педагогов, развитость личного сознания;
- деятельность по воспитанию духовности и нравственности напрямую зависит от характера взаимоотношений детей и учителя, степенью эмоционального влияния учителя на детей;
- важны способности и желания самих педагогов анализировать свою деятельность, способность корректировать самого себя, быть самокритичным, последовательным в своих поступках и делах.

Особое значение для становления нравственных ориентаций учащихся приобретает организация сотрудничества в период обучения грамоте в классах с разно-уровневым составом детей по дошкольной подготовке. Совершенствование методики обучения грамоте заключается в расширении возможностей для взаимного обучения детей, их совместной деятельности (чтения, письма).

Стимулировать к учебе ученика, требует определенного таланта и высшей уровни специализации. «В работе с учащимися-подростками наиболее эффективно педагогическое воздействие посредством информирования и стимулирования. В системе взаимоотношений подростка и окружающих особое место занимают сверстники как более или менее равные партнеры по общению. Предметом активного эмоционального отношения подростков становятся события коллективной жизни» [12, 18.05.22, 13.25].

Понимание текста, оценка текста, редактирование текста, самим собой. Понимание и оценка текста - сложный этап на уроке. Здесь ученик знакомится с содержанием текста, вокруг его названия медитирует, находит в словаре трудные слова, дает объяснение, делит текст на части, определяет его основную мысль. Читатель понимает цель, и взгляды на нее, выражает его сильные и слабые стороны. В фазе перемен давая текст, расцветает творчество ученика, использует его для редактирования. Ученикам необходимо научить тому, что этап разработки текста не всегда имеет смысл. Разработайте новый текст, но изложите свою идею, свою точку зрения вокруг темы текста, над которым работал автор. Например, это может быть оформленное изложение в виде небольшого эссе.

Разумеется, в одной статье все аспекты рассматриваемого вопроса невозможно выразить, регламентировать все эти полномочия, предоставить полный пример уроков,

вопросов, которые имеют отдельную возможность и требуют более глубоких размышлений и обширных научных исследований. Грамотное преподавание уроков в соответствии учебного материала и возрастными способностями учащихся требует от учителя особых компетенций.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Давыдов В.В. Российская педагогическая энциклопедия [Текст]. / В.В. Давыдов. - М.: Просвещение, 2003. - 378 с.
2. Каримова И. Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы / И. Х. Каримова. Дисс. докт. пед. наук, - Душанбе, – 2000. - 357с.
3. Коджаспирова Г. М., Педагогический словарь : [Текст]. Для студентов высш. и сред. пед. учеб. заведений. -- М. : Академия, 2001 173,[2] с. ; 21 см.
4. Педагогика [Текст] : учеб. для вузов / Л. П. Крившенко [и др.] ; ред. Л. П. Крившенко. - М. : Велби : Проспект, 2005. - 429 с.
5. Подласый И. П., Педагогика начальной школы : учебное пособие для студентов педагогических колледжей [Текст]. -- Москва : Владос, 2001. -- 398, [1] с. ; 22 см. -- (Для средних специальных учебных заведений).
6. Рабунский Е.С. Индивидуальный подход в процессе обучения школьников. (На основе анализа их самостоятельной учебной деятельности) [Текст] : монография / Е. С. Рабунский. - М. : Педагогика, 1975. - 184 с.
7. Сотникова И. Д. Учёт особенностей восприятия детей при подготовке их к школе. // Интернет-журнал "Эйдос". - 2008. - 25 июня.
8. Сухомлинский, В.А. Поющее перышко: рассказы и сказки. [Текст]: Пе-ревод с украинского и обработка Е.Ершовой и К. Орловой. – Уфа: 1995. – с. 32.
9. Чикишева О. В. Психолого-педагогические особенности детей младшего школьного возраста [Текст] / О. В. Чикишева // Проблемы и перспективы развития образования: материалы II междунар. науч. конф. (г. Пермь, май 2012 г.). -- Пермь: Меркурий, 2012. -- С. 90-92.

**Интернет рессурс:**

10. https://zaochnik.com/spravochnik/pedagogika/ (18.05.22, 13.25)
11. https://shcool5.edusite.ru/p51aa1.html (18.05.22, 13.31)
12. https://si-sv.com/Posobiya/teor-pedag/Tema_4.htm# (18.05.22, 13.25)


**Негматов Ш.**

**МУТОБИҚАТИ МАВОДИ ТАЪЛИМӢ БА ҚОБИЛИЯТҲОИ СИННУСОЛИИ ХОНАНДАГОН**

Яке аз афзалиятҳо ва салоҳиятҳои стратегияи навсозӣ таҳияи омӯзиши илмии мутобиқати маводи таълимӣ ба имкониятҳои синну соли хонандагон мебошад. Равандҳои афзояндаи иттилоотӣ ва истеҳсолоти баланди технологӣ на танҳо ба иҷрокунандагони дорои тахассуси маҳдуд, балки мутахассисони бомаърифат низ имкон диҳанд, ки аз як намуди фаъолият ба намуди дигар гузаранд. Барои инкишофи сатҳу сифати дониши хонандагон ва мувофиқати маводи таълимӣ ба қобилияти синну соли хонандагон роҳбари синф низ нақши муҳим дорад.

***Калидвожаҳо:*** *хонанда, таълим, хусусияти синнусолӣ, метод и таълим, педагогика.*

**Negmatov Sh.**

**CORRESPONDENCE OF EDUCATIONAL MATERIAL WITH THE AGE ABILITIES OF STUDENTS**

One of the priorities and competencies of the modernization strategy is the development of a scientific study of the suitability of teaching materials to the age-appropriate capabilities of students. Growing information processes and high-tech production will allow not only performers with limited skills, but also educated professionals to movee The class teacher also plays an important role in the development of students' knowledge and the adequacy of the teaching materials to the age of the students.

***Keywords:*** *reader, education, age, teaching methods, pedagogy.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Негматов Шухрат– докторант PhD, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 126.
**Сведения об авторе: Неъматов Шухрат**– докторант PhD , Институт образования имени Абдурахмана Джами Акакдемии образования Таджикистана, город Душанбе, улица Айнӣ 126.
**Information about the author:** Negmatov Shuhrat – doctorant PhD, Institute for the Development of Education named after Abdurahman Jami, Dushanbe city, Ayni street 126.

**ҒОИБОВ К.Ш.**

# ШАРОИТИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ОМӮЗГОРОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

Шароити нави рушди иқтисодии мамлакати мо дар иҷрои вазифаҳои таълиму тарбия низ дидгоҳҳои навгароёнаро тақозо мекунад. Ин тамоил ҳам дар назарияи муосири педагогӣ ва ҳам дар таҷрибаи пешқадами педагогии ташкили раванди таълиму тарбия, ки ба равандҳои эҷодӣ дар илм барои ташаккули шахсияти эҷодии педагог ва хонанда нигаронида шудаанд, торафт бештар зуҳур меёбад.

Ташаккул додани шахсияти аз ҷиҳати эҷодӣ фаъол дар мактаб ба омӯзгоре муяссар мегардад, ки соҳиби ақидаву мавқеи устувори ҷаҳоншиносӣ ва қобилияти инкишофёфтаи эҷодӣ аст. Маҳз ҷаҳоншиносӣ самтгирии шахсият, тафаккури ва ӯро муайян мекунад, яъне барои фаъолияти ҳадафмандона, аз ҷумла, фаъолияти эҷодӣ мусоидат менамояд.

Дараҷаи самтгирии эҷодии фаъолияти шахсият ҳамчунин ба характери меҳнати инсон, ба вазъи эҷодкорӣ дар коллектив, ба сатҳи инкишофи қобилияти эҷодии шахсият вобаста мебошад. Бинобар ин, аллакай аз курсии мактаб неруи эҷодии шахсият, қобилият ва талаботи ӯро барои дар амал татбиқ намудани қобилияти эҷодӣ ҳамчун ифодаи моҳияти фард инкишоф додан зарур аст.

Эҷодкории омӯзгор, унсурҳои он дар муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумӣ, дар раванди фаъолияти касбии ӯ шакл мегиранд. Гузашта аз ин, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд дар бораи эҷодкории педагогӣ тасаввурот пайдо карда, барои ин фаъолият як қатор маҳорату малакаро ҳосил карда бошанд.

Омӯзиши адабиёти фалсафӣ, психологию педагогӣ роҷеъ ба масъалаҳои маърифат, эҷод, фаъолият, ҷанбаҳои гуногуни таълим ва тарбия ба мо имкон дод, то ба хулосае расем, ки масъалаи эҷодкорӣ, ки фаъолияти байнифаннӣ ва бисёрҷанба мебошад, вариантҳои мухталифи ҳалли онро пешбинӣ менамояд.

Дар доираи омӯзиши эҷодиёт ва таъсири он ба хонандагон дар таҳқиқоти олимон В.И. Загвязинский, В.А. Кан-Калик, Н.Д. Никандров, Н.В. Кузмина ва дигарон таваҷҷӯҳи зиёд ба эҷодиёти педагогӣ зоҳир гаштааст.

Олим Н.В.Кузмина моҳияти эҷодиёти педагогиро муайян намуда, қайд мекунад: «Эҷодкории муаллим дар он дида мешавад, ки вай шахсияти хонандаро лоиҳа мекунад, дар ҳолатҳои ғайричашмдошт қарорҳои мустақилона қабул мекунад ва раванди таълимро мувофиқи хусусиятҳои кӯдакон пеш мебарад. Фаъолияти педагогӣ раванди ҳалли масоили бешумор аст вазифаҳои педагогии тобеи ҳадафи ниҳоии умумӣ - ташаккули шахсияти инсон, ҷаҳонбинӣ, эътиқод, шуур ва рафтори ӯ» [7].

Хусусиятҳои касбии кори педагогӣ дар он аст, ки алгоритмикунонии комил дар он ғайриимкон аст, гарчанде ки баъзе усулҳои маҳорат ва малакаҳои истифодашуда мавҷуданд. Истифодаи ин усули стандартикунонидашуда дар ҳолатҳои доимо тағирёбанда, ғайристандартӣ ва ғайримуқаррарӣ навсозӣ ва ислоҳи доимиро талаб мекунад. Гузашта аз ин, маҳз дар ҳамбастагии технологияҳои мавҷуда усулҳо ва системаҳои нави педагогӣ пайдо мешаванд. дар ин бобати олим Л.В.Занков қайд кардааст, ки «эҷодиёти муаллим танҳо бо кашфиётҳои методии инфиродӣ маҳдуд намешавад - ин саъйи доимӣ ба пеш, ба сӯйи такмили бештар, нав ва амалӣ кардани саъю кӯшиши ба миён омада мебошад» [3].

Олимони маҳшури соҳаи педагогика В.А.Кан–Калик, Н. В. Никандров чунин мешуморанд, ки на танҳо фаъолияти омӯзгории муаллим, балки раванди муоширати ӯро бо хонандагони хурдсол таҳқиқ карда, муоширатро эҷодкорӣ меҳисобиданд. Мантиқи умумии раванди эҷодиро дар робита бо фаъолияти омӯзгорӣ асоснок карда, олимон дар раванди кори эҷодии муаллимони синфҳои ибтидоӣ пайдарҳамии марҳилаҳо сохтанд: пайдоиши мафҳуми педагогие, ки ба ҳалли масъалаи омӯзгорӣ нигаронида шудааст; таҳияи идея (ғоя, ақида, андеша); таҷассуми консепсияи педагогӣ дар фаъолият, дар муошират бо одамон; таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои эҷодкорӣ ва ғ. [5].

Раванди ҳамкории эҷодии муаллим бо фаъолияти эҷодии ҳар як хонанда ва бо раванди эҷодии тамоми синф алоқаманд аст. Эҷодкории педагогӣ дар назди муаллими имрӯза як қатор талаботро гузоштааст:

- эътибор додан ба ҳолатҳои рӯҳӣ;
- худро идора карда тавонад;
- бедор кардани фаъолияти эҷодӣ дар худ ва хонандагон – ҳамчун иштирокчиёни раванди таълим
- амалӣ намудани муошырати педагогӣ дар раванди фаъолияти эҷодӣ

Эҷодкорӣ дар фаъолияти амалии омӯзгор ба дараҷае гуногун аст, ки мо метавонем дар бораи ҷанбаҳои зуҳури он қайд намудан аз имкон дур нест. Пас, як қатор навгонҳо ба монанди таҳияи усул, шаклҳо, воситаҳо ва таркибҳои аслии онҳо; истифодаи самараноки таҷрибаи мавҷуда дар шароити нав; такмил ва модернизатсия мувофиқи вазифаҳои нав; қобилияти ташкил намудани дастаҳои эҷодӣ (гурӯҳҳои эҷодӣ дар доираи хонандагони синф) барои бароҳмонии муваффақонаи дарс; қобилияти табдил додани тавсияҳои методологӣ, муқаррароти назариявӣ ба амалҳои мушаххаси педагогӣ.

Эҷодкории муаллим ҳангоми ҳалли масъалаҳои муошират низ зоҳир мешавад. В.А.Кан-Калик дар баробари ҷанбаҳои мантиқӣ-педагогии фаъолияти эҷодии омӯзгор ва ҷанбаи субъективӣ-эмотсионалӣ таъкид намуда, малакаҳои коммуникатсиониро, ки махсусан ҳангоми ҳалли масъалаҳои вазъият зоҳир мешаванд, муфассал нишон медиҳад. Ба ин малакаҳо қобилияти идоракунии ҳолати рӯҳӣ ва эҳсосии онҳо, кор дар муҳити ҷамъиятӣ (арзёбии вазъи муошират, ҷалби таваҷҷӯҳи шунавандагон ё хонандагони алоҳида бо истифода аз усулҳои гуногун ва ғайра) дохил мешаванд.

Дар фаъолияти омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ як қатор нишонаҳои эҷодӣ зоҳир мешавад:

- аслӣ
- эвристикӣ
- хаёлот
- фаъолият
- тамаркуз
- ҳассосият ва ғ.

Муаллими созанда, дорои як қаори сифатҳо мебошад, ба монанди ташаббускорӣ, мустақилият, қобилияти бартараф кардани инерсияи тафаккур, ҳисси воқеан нав ва хоҳиши шинохтани он, мақсаднокӣ, паҳнои ассотсиатсияҳо, мушоҳида, хотираи касбии рушдёфта [5].

Ба ақидаи С.Л.Рубинштейн, қобилияти сафарбар кардани хонандагон, дарк, ҳаяҷон ва қонеъ кардани манфиатҳои онҳо дар сохтори шахсияти муаллими эҷодкор аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Вай инчунин қайд кард, ки «хислати оптимистӣ ба хосиятҳои муҳим дар ... сохтори мусбии шахсияти муаллим тааллуқ дорад» ва дар ин заминаи табиӣ ҳамаи хосиятҳои дигари он бомуваффақият ҷойгир карда мешаванд [12].

Таҷрибаи пешқадами педагогиро пеш аз ҳама, бо навгонӣ, сатҳи баланди натиҷабахшӣ ва мувофиқат ба дастовардҳои муосири илм имтиёз дорад. Бинобар ин, ҳама гуна таҷрибаи педагогии мусбат, ҳамчунин навовариро дар таълиму тарбия ба таҷрибаи пешқадам мансуб донистан мумкин аст.

Байни таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва эҷодкории педагогӣ чӣ гуна иртибот вуҷуд дорад? Ба фикри мо, иртиботи бевосита: дар раванди таълиму тарбия ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ шарти муҳимтарини эҷоди педагоги омӯзгор аст. Қайд бояд кард, ки тариқи фардияти омӯзгор ва хусусиятҳои ҷузъӣ таҷрибаи пешқадам метавонад дигаргун шавад ва дар навбати худ аз омӯзгор маҳорати дарк намудан, ҷамъбаст ва таҳлил кардани натиҷаҳои ба даст омадаро тақозо менамояд, зеро нусхабардории одии таҷриба боиси нокомиҳо мегардад.

Таъсири ғояи ҳамкории эҷодии омӯзгорон ва хонандагон дар таълиму тарбия пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки дар таълифоти ӯ мо афкори арзишмандеро дар бобати аз ҷониби педагог донистани хусусиятҳои синнусолии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун шарти муҳими фаъолияти бомуваффақияти педагогӣ ва тасаввуротро оид ба раванди педагогӣ, инчунин талабот нисбат ба омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дарёфт мекунем. Барои ин омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар ташкили бомуваффақияти кори таълим дар хонандагон на балки омӯзонидани хату савод, балки ташаккул додани шахсияти аз ҷиҳати педагогӣ, психологӣ ва пеш аз ҳама шахсияти комилро рушд дода тавонад.

Муҳаққиқи маъруф ба мушкилоте, ки инкишофи эҷоди педагогиро бозмедоранд, ишора карда, чунин менависад: "Самтгирии умумии ислоҳоти мактаб ба эҷодкории педагогӣ ҳанӯз ба таври кофӣ на бо характери дастурҳо, ки аксаран як варианти ҳалли методии дарсро фаро мегиранд, на бо хусусияти талаботи бозрасҳо, методистҳо, ки дар бештари мавридҳо ба фаъолияти омӯзгорон аз рӯйи меъёрҳои зоҳирӣ баҳо медиҳанд. Ба мо ҳанӯз муяссар нашудааст, ки тамоми зинаҳои маорифи халқро аз бемориe, ки А.С.Макаренко "тарсу ҳарос аз ибтикори ҷасурона" номида буд, пурра табобат намоем" [9].

Дар замони ҳозира, дар давраи инкишофи демократикунонӣ ва инсонгароёна намудани ҷомеа ва мактаб, омӯзгор дар муайян кардани мундариҷаи таҳсил ва дидгоҳҳои ғайриқолабии педагогӣ дар ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон низ озод аст, ки барои ҳамкории эҷодӣ бо хонандагон заминаи бештаре фароҳам меорад.

Ҳаминро низ қайд бояд кард, ки ба эҷодкории педагогӣ аз ҳад зиёд будани сарборӣ ва баъзан ранҷдидагии педагог, ҳисоботи нодаркор, ҷаласаҳои беҳуда, нобасомонии маишӣ ва норасоии таваҷҷуҳу ширкати ҳамкорон ва роҳбарон халал мерасонанд. Оид ба ин омӯзгорони зиёде ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳои пурсишнома дар бораи он ки чиҳо ба эҷодкории омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ монеа мешаванд, сухан рондаанд.

Ба саволи "Чӣ тавр хонандаро шарики ҳақиқии педагог дар эҷодкорӣ бояд кард?" ҷавоб дода, М. Лутфуллоев чунин таъкид мекунад: "Ба ғайр аз ҳаракат ва бовар ба нерӯву имконоти ӯ, маҳорати худро ба ҷои мактаббача гузоштан, ҳис кардани мушкилот ва хурсандии ӯ, ки бешубҳа, бояд дар тамоми тарзи муносибатҳои тарафайни педагог ва хонандагон ифода ёбад, самтгирӣ барои ташкили фаъолияти эҷодии хонандагон хеле муҳим аст. Ҳамчунин, "омӯзгоре, ки ба кори худ эҷодкорона муносибат мекунад, дар хонанда на танҳо объекти таъсирот, балки бештар шарик, ҳамкори ҷараёни эҷодро мебинад.... Эҷоди якҷояи омӯзгорони ва мактаббачагон дар машғулиятҳои иттиҳодияҳо аз рӯйи майлу рағбат, дар кори беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ равшантар зуҳур меёбад. Аммо эҷоди якҷоя дар рафти меҳнати омӯзиш низ имконпазир аст, вақте ки он завқи маърифатии хонандагонро фаъол гардонида, онҳо ба фазои ҷустуҷӯи якҷои пуршиддати роҳи ҳалли масъалаҳо ғутавар мегарданд. Барои ин дар хонандагон қобилияти эҷодкорона аз худ кардани донишҳоро пайгирона инкишоф додан зарур аст [8].

Дар тадқиқоти М.М.Поташник "Эҷоди педагогиро чӣ тавр бояд инкишоф дод" (Как развивать педагогическое творчество) дар заминаи таҳлили таҷрибаи пешқадами педагогӣ роҳҳо ва воситаҳои инкишофи нерӯи эҷодии омӯзгор баррасӣ мешаванд. Дар фасли "Омӯзгори эҷодкор – хонандаи эҷодкор" ӯ менависад: "Ба ҳама маълум аст: ягон кӯдаки солиме нест, ки дар сиришташ имконоти эҷодӣ набошад. Шарти муҳим, воситаи муайян кардан ва инкишоф додани онҳо – омӯзгори эҷодкор" Кадом сифатҳои мушаххаси омӯзгори эҷодкор имкон медиҳанд, ки нерӯи (потенсиал) эҷодии хонандаро ошкор намуда, инкишоф дода шаванд? Ҳангоми ҷавоб додан ба ин савол муаллиф бо муҳаққиқ ҳамфикр мегардад, ки чунин сифатҳоро муайян кардааст: пеш аз ҳама, ҳадафмандӣ барои ташаккули шахсияти эҷодии мактаббача, одоби педагогӣ, қобилияти эмпатия (ҳамдардӣ), аз ҷониби омӯзгор таҳсину дастгирӣ шудани тахайюли кӯдак, қобилияти санъаткорӣ, ҳозирҷавобиву ҳазлгӯйӣ, маҳорати додани саволҳои ғайриинтизор, мутанoқиз (парадокси), шавқовар, фикр кардани вазъияти проблемавӣ, маҳорати барангехтани саволҳои бачагон [11].

Ба андешаи муаллифи мазкур ҳадафмандӣ барои ташаккули шахсияти эҷодии мактаббачагон на ба таври тасодуфӣ, ғайримуташаккил ошкор кардани нерӯи кӯдак, балки интихоби махсуси чунин муҳтаво, методҳо, шаклҳо, воситаҳо, фароҳам овардани чунин шароити таълиму тарбияро пешбинӣ менамояд, ки барои ҳар чи зудтар ошкор намудан ва пурра инкишоф ёфтани неруи эҷодии шахсият мусоидат мекунанд.

Муҳаққиқи маъруфи тоҷик Ф.Шарифзода шартҳои зарурии инкишофи эҷоди омӯзгоронро низ муайян кардааст. Ба андешаи ӯ шартҳои муҳимтарин инҳоянд:

- Якум, таъмини вақти холии омӯзгорон тариқи суръат бахшидан, дуруст ба роҳ мондани раванди таълим, ташкили илмии он, ки барои сарфаи вақти корӣ ва мувофиқ кардани он ба нишондиҳандаҳои меъёрӣ нигаронида шудаанд.
- Дувум, ба вуҷуд овардани пойгоҳи мувофиқи таълимию моддии мактаб.
- Севум, фароҳам овардани фазои мусоиди ахлоқию психологӣ дар мактаб, ки на

танҳо набудани низоъҳо дар коллектив, балки дастгирӣ ва инкишофи ҷустуҷӯҳои эҷодии омӯзгорон, бақайдгирии рушди эҷодкории омӯзгорро дар бар мегирад.

- Чорум, дуруст ба роҳ мондан ва ташкил кардани кори методии омӯзгорон.
- Панҷум, барои инкишофи эҷоди омӯзгорон таҳрикбахшии он аҳамияти махсус дорад. Он бояд бо тамоми низоми чорабиниҳои ҳавасмандгардонии маънавӣ ва моддӣ, ташкили мусобиқа, озмунҳои эҷодии омӯзгорон ва албатта, аттестатсияи омӯзгорон таъмин гардад [13].

Мавсуф муқаррар кардааст, ки шакли муассиртарини баланд бардоштани сатҳи тахассус, ки фаъолияти эҷодкоронаи омӯзгоронро таҳрик мебахшанд, дарсҳои кушод, ҳамкории ғайрирасмии эҷодии бо ташаббуси худи педагогҳо амалишаванда ва кори мустақилона барои худомӯзӣ мебошанд.

Муоширати ғайрирасмии аъзои коллективи педагогӣ низ катализатори пурқуввати фаъолмандии эҷодӣ мебошад, ки бидуни дахолати бевоситаи маъмурият сурат мегирад. Он аз бисёр шаклҳои расман муқарраршудаи кори методӣ, аз ҷумла кори иттиҳоди методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва шӯроҳои педагогӣ бартарӣ дорад.

Муҳаққиқ ба хулосаи муҳиме мерасад, ки фаъолмандии эҷодии педагогҳо ба тамоми унсурҳои низоми кор ва ташкили кори методӣ, фазои маънавию психологӣ, амалиёти муттафиқонаи роҳбарон ва серталабии онҳо, махсусияти ҳайати хонандагон, пойгоҳи таълимию моддӣ ва ғ. вобаста мебошад.Бинобар ин, комёбӣ танҳо дар ҳамон ҷойе имконпазир аст, ки масъалаи эҷодкории педагогӣ ба таври комплексӣ ҳал мегардад.

Ҳамин тавр, масъалаи ташаккули нерӯи эҷодии шахсият дар марҳалаҳои гуногуни амалкарди низоми таҳсилот муҳиму саривақтӣ ба шумор меравад. Қобилият ба эҷодкорӣ ба ҳар як инсон хос мебошад. Сари вақт дар бача мушоҳида намудани ин қобилият, мусаллаҳ намудани ӯ бо воситаҳои фаъолият, додани калид ба дасти ӯ, фароҳам овардани шароит ҷиҳати зоҳир гардидан ва равнақи истеъдоди ӯ муҳим аст.

Танҳо омӯзгоре, ки эҷодкорона таълимро ба роҳ мемонад, метавонад хонандаи эҷодкорро тарбия кунад. Бешубҳа, навоварии педагогӣ, фардияти муаллим фаъолияти ӯро ба раванди ҷолиб табдил медиҳад ва сифати раванди таълимро муайян мекунад.

**АДАБИЁТ:**


1. Бухвалов В. А. Алгоритмы педагогического творчества. – М: Просвещение, 1993.– 93с.
2. Загвязинский В. И. Педагогическое творчество учителя. – М.: Педагогика, 1987.– 160с.
3. Занков П. В. Беседы с учителями. Изд.2-е. – М.,1975.– 191с.
4. Калошина И. П. Структура и механизмы творческой деятельности. Изд-во Мос. ун., 1983. – 167с.
5. Кан-Калик В. А., Никандров Н. Д. Педагогическое творчество. – М.: Педагогика, 1990.– 144с.
6. Князева Л. Е. Формирование опыта творческой педагогической деятельности у студентов педвуза: Дис…канд.пед.наук – Ростов н/Д, 1991. – 220с.
7. Кузьмина Н. В. Способности, одаренность, талант учителя. – Л.: Знание, 1985. – 32с.
8. Лутфуллоев М. «Алифбо» / М. Лутфуллоев [Матн]. –Душанбе: «Маориф», 2015. –235с.
9. Макаренко А.С. Некоторые выводы из педагогического опыта. - Москва, 1981- 234с.
10. Педагогика. Сост. В. А. Сластенин, И. Ф. Исаев, А. И. Мищенко, Е. Н. Шиянов. – М.: Школа-Пресс, 1998.– 512с.
11. Поташник М.М. Как развивать педагогическое творчество М.: Знание, 1987. 82с.
12. Рубинштейн С. Л. Проблемы общей психологии. – М., 1987.
13. Шарифзода Ф, Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф. Шарифзода, М. Миралиева [Матн]. - Душанбе «Ирфон». 2012. - 561с.
14. Шакуров Р.Х. Социально – психологические проблемы руководство педагогическим коллективом - М.: Педагогика, 1982. С. 208.
15. Шаталов В. Ф. Педагогическая проза / В.Ф.Шаталов [Текст]. – Москва: Педагогика, 1980. 96 с.


**Ғоибов К.**

## ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ ОМӮЗГОРОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

Мақола ба яке аз масъалаҳои мубрами педагогика бахшида шудааст. Фаъолияти эҷодии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз дастовардҳои навтарин ва усулҳои интерактивӣ ҳамаҷониба баррасӣ карда мешавад.Имкониятҳои истифодаи фаъолияти эҷодӣ дар системаи таҳсилоти ибтидоӣ ва аҳамияти он барои рушди равонии кӯдакон баррасӣ карда мешаванд. Ҷузъи

зарурии фаъолияти эҷодии омӯзгор ҳамкории мутақобилаи омӯзгор ва хонандагон мебошад. Дар мақола инчунин хусусиятҳои психологию педагогии хонандагони сустхон ва роҳҳои бартараф намудани онҳо дар раванди таълим баррасӣ шудааст. Муаллиф та-лаби халкунандаи муаллимро мав-чудияти кобилияти педагоги, ки чузъи асосии сифати шахсият ба шумор меравад, нишон дода, чунин кобилиятхоро номбар кардааст: ба монанди суггетики, ташкилотчиги, тасвири, муоширати. Дар марҳилаи имрӯза озодии эҷодиёти омӯзгорон дар низоми маориф аҳамият ва аҳамияти хоса пайдо мекунад. Дар иқтидори касбии омӯзгор омили ҳалкунанда мавҷудияти қобилиятҳои педагогӣ мебошад, ки сифати асосии таркибии шахсро ташкил медиҳад ва қобилиятҳоро номбар мекунад: эҷодкорӣ, таъсири эҷодӣ ва худомузӣ.

***Калидвожаҳо:*** *фаъолияти эҷодӣ, иқтидори эҷодӣ, раванди педагогӣ, самтгирии эҷодӣ, эҷодкорӣ, фаъолияти педагогӣ, муаллими эҷодкор, навгонии педагогӣ, самтгирии эҷодӣ, эҷоди педагогӣ, ҳамкории эҷодӣ, қобилияти ташкилотчигӣ, таҷрибаи педагогӣ, хусусиятҳои синнусолӣ, фаъолияти эҷодии хонандагон, нововарии педагогӣ, муносибати эҷодӣ, муоширати педагогӣ, таъсиррасонии психологӣ-педагогӣ.*

**Гаибов К.**

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЕ ФОРМИРОВАНИЕ ТВОРЧЕСКИХ СОВМЕСТНОСТИ УЧИТЕЛЕЙ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЕ

Статья посвящена одной из актуальных проблем педагогики. Всесторонне рассмотрена творческая деятельность учителей начальных классов с использованием новейших разработок и интерактивных методов. Рассмотрены возможности использования творческих видов деятельности в системе начального образования и её значение для психического развития детей. Необходимый компонентам творческой деятельности учителей является взаймодействие между учителям и учениками. Также статье рассмотривает психолого-педагогические оссобенности неуспивающих учеников и пути их преодоления в учебном процессе. Автор указывает, решающим требованием педагога является наличие педагогических способностей, представляющее собой главное составляющее качество личности, и перичесляет способности: такие как сугестивные, организаторские, порсептивные, коммуникативные. На современном этапи свабода творчестве учителей в системе образования и совместнами преобретает исключительно важное значения и актуальность. В профессиональном качестве педагога решающим фактором является наличие педагогических способностей, представляющих собой главное составляющее качество личности, и перечесляет способности: такие как творческий способность, творческий воздействие и самоучение На современном этапе проблемы творчество учителей и как его развывания в системе образования преобретает исключительно важное значения и актуальность.

***Ключевые слова:*** *творческий деятельность, творческий потенциаль, педагогический процесс, творческий вектор, творчество, педагогичксий процесс, творческий педагог, педагогическая инновация, педагогическое творчество, творческая сопрутничество, организаторский способности, педагогичесий опыт, возрастные особенности, творческий деятельности учащихся, педагогическая инновация, творческая отношения, педагогический обшение.*

**Goibov K.**

## PEDAGOGICAL CONDITIONS FORMATION OF CREATIVE JOINT STUDENTS OF PRIMARY CLASSES IN THE PROCESS OF LEARNING

The article is devoted to one of the actual problems of pedagogy. Comprehensively considered creative activities of primary school teachers using the latest developments and interactive methods.The possibilities of using creative activities in the primary education system and its importance for the mental development of children are considered.The necessary components of the creative activity of teachers is to interact between teachers and students. The article also considers the psychological and pedagogical jointness of unsucing students and ways to overcome them in the educational process. The author indicates that the teacher's decisive requirement is the presence of pedagogical abilities, which is the main component of the quality of the personality, and the peridescence of the ability: such as persistent, organizational, geseptive, communicative. At the modern stage of the Swaboda, the work of teachers in the education system and jointly concentrates exceptionally important and relevance. In the professional quality of the teacher, the decisive factor is the presence of pedagogical abilities, which are the main component of the personality quality, and hesitates the ability: such as creative ability, creative impact and self-esteem at the present stage of the problem of creativity of teachers and how its inadequate in the education system concentrates exceptionally important and relevance.

***Key words:*** *creative activity, creative potential, pedagogical process, creative vector, creativity, pedagogical process, creative teacher, pedagogical innovation, pedagogical creativity, creative excreasing,*

*organizational ability, pedagogical experience, age-related features, creative activities of students, pedagogical innovation, creative relationship, pedagogical disenvarian.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ғоибов Камолиддин Шарофиддинович,** н.и.п., сармуаллими кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии факултети психология и ва таҳсилоти томактабии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), E-mail: gaibov-87@mail.ru

**Сведения об автор: Гаибов Камодиддин Шарофиддинович,** к.п.н., старший преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии факультета психологии и дошкольного образования Худжандского государственного университета имени академика Б.Г.Гафуров (Республики Таджикистан, г. Худжанд), E-mail: gaibov-87@mail.ru

**Information about the author: Goibov Kamodiddin Sharofiddinovich,** candidate of pedagogical sciences senior teacher, department of social and professional psychology, faculty of psychology and preschool education Hudzhand state University of a name of the academician B.Gafurov (Republic of Tajikistan, Hudzhand), E-mail: gaibov-87@mail.ru

**ҚОДИРОВА М.А.**
**ЮСУФҶОНОВА Д.Х.**

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГӢ – ПСИХОЛОГИИ ТАРБИЯИ СИЁСИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Асосҳои илмии консепсияи педагогикаи муосирро равандҳои педагогӣ-психологии классикӣ ва муосир – гуманистӣ, рушдкунанда, салоҳиятнок, синнусолӣ, инфиродӣ, фаъол ва ба ташаккули шахсият нигаронидашуда ташкил медиҳанд. Дар шароити мураккаби иқтисодӣ ва геосиёсии ҷаҳон, низоъҳои тиҷоративу сиёсӣ, афзоиши тахримҳо, тағйирёбии иқлим, болоравии нархи маҳсулоти озуқавориву сӯзишворӣ дар бозори ҷаҳонӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, вазъи ноустувори ҳамсоякишварҳо ва дигар омилҳои манфии ба иқтисоди миллӣ таъсиргузор Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тамоми чораҳои пешгирикунандаро андешида, дар ҳар як вохӯриву суханронӣ, паёму сафарҳои корӣ ба мардуми Тоҷикистон, алалхусус ба ҷавонон муроҷиат намуда, таъкид месозанд, ки аз вазъи дунёи имрӯз сабақ гирифта, барои ояндаи Тоҷикистон аз тамоми имкониятҳо истифода намоянд ва барои таҳким бахшидани сулҳу субот, таъмини амният, баланд бардоштани сатҳи зиндагии хеш кӯшиш намоянд. [5]

Дар ҷаҳони муосир, равандҳои миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллии иҷтимоӣ- сиёсӣ гурӯҳи демографӣ, ба мисли ҷавонон мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Мавқеи сиёсии ҷавонон на танҳо ҳамчу натиҷа, балки ҳамчун омили тарҳрезии равандҳо, муносибатҳо ва институтҳои сиёсӣ барои рушд ва дубора тавлиди низоми сиёсии ҷомеа зарур аст.

Маърифати сиёсӣ омили муҳими иҷтимоигардонии шахсият аст, зеро иҷтимоигардонӣ равандест, ки тавассути он фарҳанги сиёсӣ интиқол меёбад, ба даст меояд ва тағйир меёбад. Мафҳуми маърифати сиёсӣ маҷмӯи равандҳои ташаккули шуури сиёсӣ, рафтори шахсият, қабул ва иҷрои нақшҳои сиёсӣ, зуҳури фаъолияти сиёсиро ифода мекунад. Ба ибораи дигар, иҷтимоигардонӣ ҳамчун раванди таълим додани меъёрҳо, муносибатҳо ва рафторҳое, ки барои низоми мавҷудаи сиёсӣ афзалият доранд, фаҳмида мешавад. [1].

Маърифати сиёсиро метавон ҳамчун як роҳи танзим ва дубора тавлиди муносибатҳои сиёсӣ муаррифӣ кард. Дар раванди иҷтимоигардонӣ амалҳо ба воситаи агентҳои он намунаҳои муайяни рафтори ва фаъолияти сиёсӣ, маданияти сиёсӣ, шуури сиёсӣ муқаррар ва қонунӣ гардонда мешаванд, яъне иҷтимоигардонии сиёсӣ ба сиёсат ворид шудани шахс: ташаккули ақидаҳо, самтҳо ва муносибатҳои сиёсӣ, аз худ намудани малакаҳои сиёсӣ, дарки фарҳанги муайяни сиёсӣ ва ба камол расидан мебошад.

Чаро маърифати сиёсӣ дар ҷомеаи демократӣ ин қадар муҳим аст? Ин, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки дар раванди муътадили иҷтимоисозии сиёсӣ дар ҷомеа пайвастагӣ ҳангоми аз насл ба насл гузаштани муносибатҳо ва тамоилҳои арзишӣ таъмин мегардад. Сиёсатшиносони америкоӣ ин равандро “интиқоли фарҳангӣ” меноманд. Минбаъд дар ҷараёни муътадили иҷтимоии сиёсӣ тайёрӣ ба амалӣ гардондани ҳуқуқу вазифаҳои

шаҳрванд, ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ дохил шудани шахс сурат мегирад. Тавре зикр гардид, ба шарофати баланд шудани маърифати сиёсӣ ҳадафи таъмини суботи сиёсӣ, мувозинат ва устувории низоми сиёсӣ таъмин карда мешавад.

Дар ҳар як давраи таърихӣ иҷтимоиёти сиёсӣ ба идеали муайяни «шахсияти сиёсӣ», дараҷаи ҷалби ӯ ба сиёсат, дараҷаи фаъолият, инкишофи шуури сиёсӣ, ҳамбастагӣ бо ҳизбҳо, гурӯҳҳо, ташкилотҳо ва ғайра мувофиқат мекунад. Ғояи мазкур дар консепсияҳои назариявии сиёсатшиносон ва амалияи ба ҳаёти сиёсӣ ҷалб намудани одамон ифода ёфтааст.

Хулоса, иҷтимогардонии сиёсӣ дар назди худ ду вазифаи асосиро мегузорад. Якум ин аст, ки дар одамон шаклҳои устувори рафтор, ки ба таҳкими қудрат, тартибот дар ҷомеа, муттаҳидшавии он, пешгирии инҳироф аз меъёрҳо ва намунаҳои аз ҷониби ҷомеа эътирофшуда мусоидат мекунад. Дар ин радиф, иҷтимоигардонии сиёсӣ вобастагии қатъии афродро аз стандартҳои иҷтимоӣ дар назар дорад. Дар навбати худ, ин ба рушди мустақили шахсият таҳдиди эҳтимолӣ дошта, боиси тобеияти вай ба шахсони дар сари қудрат буда мегардад ва ин барои ҷомеаҳои тоталитарӣ ва авторитарӣ хос аст.

Сиёсатшиносони амрикоӣ тафовути байни маърифати сиёсиро уфуқӣ ва амудӣ ном мебаранд. Ба намуди амудии маърифати сиёсӣ онҳо интиқоли арзишҳои сиёсиву фарҳангиро аз насли калонсол ба ҷавонон, аз бобоҳо ба падарону аз падарон ба писарон дар назар доранд. Иҷтимоии уфуқӣ дар дохили як насл - бародарон, хоҳарон, ҳамсинфон, дар байни баробарҳуқуқҳо, байни ҷомеа сурат мегирад. Ба ибораи дигар, аъзоёни як насл низ ба ҳамдигар таъсир мерасонанд.

Одамоне, ки дар ҷомеа зиндагӣ мекунанд, бояд ба институтҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, ки ба онҳо мерос мондаанд (амудӣ) мутобиқ шаванд ва инчунин дар айни замон (уфуқӣ) ба ҳамдигар мутобиқ шуданро омӯзанд. Мегӯянд, ки одам дар сурате ба зиндагӣ «хуб омода мешавад» ки агар вай ба намунаи умумӣ мутобик шавад ва агар аз меъёрҳои муайян дур шавад «ба зиндагӣ омода шуда наметавонад».

Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки агар низоми сиёсӣ худро нигоҳ доштан хоҳад, ақидаи насли калонсол бояд дар насли наврас такрор шавад. Ин мӯътадил гардондани намуди амудии устувории системаи сиёсӣ мебошад. Дар ҷомеаи муътадил намояндагони элитаи ҳоким назари яккхела доранд. Вазифаи иҷтимоигардонӣ ҳаракат ба сӯйи мувофиқату мавзунияту мутаносибият дар ақидаҳо ва рафтори насли муайяни ҷомеа мебошад.

Ду сатҳи иҷтимоигардонии сиёсӣ вуҷуд дорад. Аввалин - сатҳи муҳити наздик, пеш аз ҳама оила, доираи шиносҳо ва ғайра. Дараҷаи дуюми иҷтимоисозии сиёсӣ, ки дар он шахс ба системаи муносибатҳои сиёсӣ дохил мешавад, ҳамкориҳои ӯ бо ҳамсолони худ дар доираи сохторҳои давлатӣ ва созмонҳои гуногуни ғайридавлатӣ мебошад.

Ба таври умум эътироф шудааст, ки маърифати сиёсӣ дар се сатҳ сурьат мегирад: биологӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ. Сатҳи биологии шахс ба шуури шахс ва рафтори сиёсии ӯ таъсири муҳим мерасонад. Дар байни унсурҳои ин сатҳ бояд ирсият, табъ, ҷинс, синну сол, вазъи саломатӣ ва ғайраро ҷудо кард. Масалан, хосиятхои системаи асаб, характер ба рафтори сиёсии на танхо шахс, балки ба ҷомеа хусусияти инфиродӣ мебахшанд. Унсурҳо аз қабили эҳсосот, ирода, хотира, қобилият, тафаккур, характер сатҳи равонии сохтори шахсиятро ташкил дода, ба шуури сиёсӣ ва рафтори инсон таъсир мерасонанд. Масалан, бидуни ирода чун унсури бошууртарини психологӣ инсон дар ягон соҳаи фаъолият ба мақсад ноил шуда наметавонад. Дар сиёсат ИРОДА на танҳо устуворӣ барои расидан ба ҳадафҳо, балки қобилияти болотар аз афзалиятҳои шахсӣ, писанд омадан ё нописандӣ ва инчунин манфиатҳои гурӯҳӣ мебошад.

Сатҳи иҷтимоии маърифати сиёсии шахс бо ҷаҳонбинӣ, манфиатҳо, ҳадафҳо, арзишҳо ва самтҳои ӯ тавсиф карда мешавад. Онҳоро шахс дар ҷараёни тарбия азхуд карда, рафтори сиёсии худро бевосита муайян мекунад.

Маълум аст, ки иҷтимоишавии (мутобиқшавӣ) шахс дар тамоми ҳаёти бошууронааш ӯро ҳамроҳӣ мекунад. Ғояҳо ва муносибатҳои сиёсии ба даст овардашуда бетағйир намемонанд, онҳо дар зери таъсири таҷрибаи шахсии сиёсӣ тағйир ёфта, барои ислоҳ шудан мусоидат мекунад.

Давраи хозираи таҳаввулот ба маърифати сиёсӣ таъсири хеле бошиддату зиддиятнок мерасонад. Аз як тараф, ба хотири субот ҷомеаро зарур аст, ки робитаҳои интегралӣ, аз ҷумла байни наслҳо таҳким ёбад, аз тарафи дигар, қолабу догмаҳои сершумори замони гузашта аз байн бурда шуда, меъёрҳои фарҳанги сиёсии тоталитарӣ - авторитарӣ инкор карда шаванд.

Раванди иҷтимоигардонии сиёсӣ дар кадом марҳилаҳо мегузарад? Баъзе сиёсатшиносон чор марҳиларо ҷудо мекунанд: давраи томактабӣ, мактабӣ, фаъолияти меҳнатӣ ва синни нафақа, дигарон - се марҳила: марҳилаи ибтидоӣ, давраи камолот ва нафақа.

Дар марҳилаи ибтидоӣ, яъне дар синни кӯдакӣ аввалин шиносоӣ бо мафҳумҳо ба монанди ҳокимият, ҳуқуқ, давлат, ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва ғайра суръат мегирад. Табиист, ки ин шиносоӣ дар доираи оила, дар мактаб, дар байни кӯдакони синну соли мувофиқ ҷараён мегирад. Хусусияти ин марҳала дар он аст, ки дарки образноки воқеияти сиёсӣ бар ақлӣ бартарӣ дорад, зеро тарбияи кӯдакон асосан ба эҳсосот нигаронида шудааст. Сиёсатшиносони амрикоӣ Истон ва Деннис чаҳор давраи иҷтимоигардонии кӯдаконро дар ин марҳила муайян мекунанд:

1) сиёсикунонӣ, яъне моил будан ба сиёсат;

2) фардикунонӣ, вақте ки баъзе шахсиятҳои бонуфуз ҳамчун нуқтаи тамос байни кӯдак ва система хизмат мекунанд;

3) идеализатсияи ҳокимиятҳои сиёсӣ: кӯдак онҳоро ҳамчун беҳтарин хайрхоҳ (ё бадхоҳ) қабул мекунад ва дӯст доштан (ё нафрат кардан)-ро меомӯзад;

4) институтсионализатсия: кӯдак аз нуқтаи назари фардӣ ба нуқтаи назари институтсионалӣ ва ғайришахсӣ дар бораи низоми сиёсӣ мегузарад. [3]

Марҳилаи баъдӣ давраи ташаккули ақидаҳои сиёсӣ ва афзалиятҳои шахсият мебошад. Ин ҳам марҳилаи фаъолтарин аст. Инсон кӯшиш мекунад, ки ақидаи худро дар фаъолиятҳои гуногун, аз ҷумла сиёсӣ баён ва дарк кунад. Дар ин давра имконияте вуҷуд дорад, ки афкор ва эътиқоди фард зери таъсири муҳити зист ё тағйирёбии шароити зиндагӣ ислоҳ шавад.

Марҳилаи сеюм бештар бо дур шудани шахс аз фаъолияти фаъоли сиёсӣ ва дигар фаъолиятҳо, бо сахтгирии ҷаҳонбинӣ ва чандирии тафаккур алоқаманд аст. Дар ин марҳила ҷараёни иҷтимоигардонии сиёсӣ суст шуда, муносибати танқидӣ ба навоварию ислоҳоти сиёсӣ пурзӯр мегардад.

Воситаҳои асосии иҷтимоисозии сиёсии шахсият кадомҳоанд? Дар доираи ҳар як системаи сиёсӣ институтҳои махсусе мавҷуданд, ки мақсади онҳо ташаккули типи муайяни шахсият, аз ҷумла иҷтимоикунонии сиёсӣ мебошад. Яке аз муҳимтарин муассисаҳо пеш аз ҳама оила мебошад. Оила равзанаи аввалини кӯдак ба ҷаҳони беруна, аввалин иртибот бо сиёсат ва қудрат аст. Дар сиёсатшиносии ғарбӣ оиларо «агенти калидӣ» меноманд, ки тавассути он фарҳанги сиёсӣ аз як насл ба насл интиқол меёбад. [2]

Аз сабаби наздикӣ ва эътимод, нақши иҷтимоии оила хеле бузург аст. Оила қодир аст, ки ҳама намудҳои дигари таъсири иҷтимоиро ба шахс

"манъ кунад". Дар баробари ин, дар масъалаи иҷтимоӣ консерватизми муайяни таъсири оиларо қайд кардан лозим аст. Оила метавонад муносибатҳои сиёсиеро интиқол диҳад, ки дигар ба шароити тағйирёфта мувофиқат намекунанд, ба мавзунияти самтҳои сиёсӣ халал мерасонанд.

Воситаи дигари муҳимми ҷамъиятии сиёсӣ мактаб ва дигар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Онҳо ба раванди иҷтимоишавӣ тавассути омӯзиш, таълим ва робитаҳои ғайрирасмӣ, ки дар он ҷо муқаррар шудаанд, таъсир мерасонанд. Хусусияти ин «агент»-и иҷтимоӣ дар он аст, ки муассисаҳои таълимӣ метавонанд таълими сиёсиро ба воситаи нақшаҳои таълимӣ ва интихоби дурусти муаллимон мувофиқи мақсад ба роҳ монад. Хулоса, дар раванди таълим интиқоли мақсадноки дониш ва арзишҳои фарҳангии аз ҷониби наслҳои гузашта ҷамъовардашуда ба осонӣ сурат гирифта, имкони интихоби озоди иттилооти иртиботкардаи шахсони алоҳида фароҳам оварда мешавад.

Ба иҷтимоисозии сиёсии ҷавонон ҳамсолон ё "гурӯҳҳои хешовандӣ", ки онҳоро дар Ғарб чунин меноманд, таъсири назаррас мерасонад. Ба инҳо дӯстони мактабӣ, ҳамкорон,

дӯстон "кланҳо" (гурӯҳи ҷиноятӣ - мафия) ва ғайра дохил мешаванд. Қувваи таъсири иҷтимоии ин гурӯҳҳо аз ҳамон омилҳое бармеояд, ки таъсири иҷтимоии оиларо муайян мекунанд, яъне: робитаҳои наздик ва муносибатҳои эътимоднок.

Воситаи муҳими иҷтимоикунонии сиёсии ҷавонон ҳизбҳо ва ташкилотҳои сиёсӣ мебошанд, ки кори бузурги тарғиботӣ бурда, бо ҳамин ба тарбияи сиёсии шаҳрвандон хеле хуб мусоидат мекунанд.

Ниҳоят, воситаҳои ахбори омма «агент» - и таъсирбахштарини иҷтимоигардонии сиёсӣ мебошанд. Дар ҳама кишварҳои аз ҷиҳати технологӣ пешрафта онҳо дар ташаккули афкори сиёсиву тафаккури одамон нақши мустақим ва ҳатто бештар бавосита доранд. Онҳоро ҳукуматдорон бештар ҳамчун воситаи таҳлили шуури сиёсӣ ва рафтори шаҳрвандон истифода мебаранд. Хусусияти фарқкунандаи ин воситаи иҷтимоисозии сиёсӣ дар он аст, ки ВАО метавонад дар муддати кӯтоҳтарин ба шумораи зиёду доираи васеи одамон таъсир расонад.[3]

Воситаҳои дигари иҷтимоигардонии сиёсӣ низ мавҷуданд. Дар баробари ин дар хотир доштан зарур аст: агар таъсири воситаҳои гуногуни иҷтимоисозӣ мувофиқ ояд, ҷараёни иҷтимоигардонӣ ба таври мутаносиб инкишоф меёбад. Дар ҷомеае, ки суботи сиёсӣ ҳукмфармо бошад ва ё баръакс, агар шаҳрвандон иттилооти зиддиятнок ва муносибатҳои шубҳанокеро, ки аз «агентҳо» -и гуногуни иҷтимоикунонии сиёсӣ бармеоянд, дарк кунанд, он гоҳ нооромиҳои сиёсӣ, низоъҳо ва бӯҳронҳо ба вуҷуд омада метавонанд.

Ҳамин тариқ, маърифати сиёсӣ ва иҷтимоисозии сиёсӣ ба ҳам зич алоқаманданд ва ба ҳамдигар хизмат мекунанд. Маърифати сиёсӣ, аз як тараф, омили муҳими иҷтимоии инсон бошад, аз тарафи дигар, ҷамъиятигардонӣ воситаи зарурии баланд бардоштани маърифати сиёсии ҳам ашхоси алоҳида ва ҳам тамоми ҷамъият мебошад.

## АДАБИЁТ:


1. Ануфриев Е.А. Политическая социализация личности как проблема современной политологии // Вестник МГУ. Серия 18. Социология и политология, 2008. №3. С. 34.
2. Даусон Р.Э., Превитт К. Political Socialization. – Бостон, 1969. – С. 107.
3. Ольшанский Д. Основы политической культуры. Учебное пособие для вузов. - Екатеринбург: Деловая книга, 2001.
4. Шестопал Е.Б. Политология. Учебное пособие для вузов. - М., 2011.
5. Шабакаи интернет:
https://studopedia.info/3-83933.html
https://didacts.ru/


**Қодирова М., Юсуфҷонова Д.**

## АСОСҲОИ ПЕДАГОГӢ – ПСИХОЛОГИИ ТАРБИЯИ СИЁСИИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Дар мақолаи мазкур оид ба масъалаи тарбияи сиёсии хонандагони хурдсол, баланд бардоштани сатҳи донишу маърифати сиёсӣ, ақидаи олимон – сиёсатшиносон дар ин самт, танзиму ба роҳ мондани усулҳои муосири тарбияи сиёсии хонандагон сухан меравад. Ҳамагон хеле хуб медонанд, ки давраи хозираи таҳаввулот ба маърифати сиёсии инсон, бахусус насли ҷавон таъсири хеле бошиддату зиддиятнок мерасонад.

***Калидвожаҳо**: низоъ, таҳрим, иқтисоди миллӣ, иҷтимоигардонӣ, тарбияи сиёсӣ, маърифати сиёсӣ, инкишофи шуури сиёсӣ, институтҳои сиёсӣ, иҷтимогардонии сиёсӣ.*

**Кадирова М.А., Юсуфджанова Д.**

## ПЕДАГОГИКО – ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПОЛИТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

В данной статье рассматриваются вопросы политического воспитания младших школьников, повышения уровня политических знаний, взгляды политологов в этой области, регламентация и внедрение современных методов политического воспитания младших школьников. Современный период эволюции очень сильно и противоречиво влияет на политическое воспитание человека, особенно на подрастающее поколение.

***Ключевые слова:** конфликт, санкция, национальная экономика, социализация, политическое знание, политическое воспитание, развитие политического сознания, политические институты, политическая социализация.*

**PEDAGOGICAL - PSYCHOLOGICAL BASES OF POLITICAL EDUCATION OF JUNIOR SCHOOLCHILDREN**

This article discusses the issues of political education of younger students, raising the level of political knowledge, the views of political scientists in this area, the regulation and implementation of modern methods of political education of junior schoolchildren. It is well known that the modern period of evolution has a very strong and contradictory effect on the political education of a person, especially of the younger generation.

***Key words:*** *conflict, sanction, national economy, socialization, political knowledge, political education, development of political consciousness, political institutions, political socialization.*

**Маълумот дар бораи муаллифон: Қодирова М. А**. муаллимаи кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарӣ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1.
**Юсуфҷонова Д. Х.-** номзади илмҳои педагогӣ, сармуаллимаи кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарӣ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1.
**Сведения об авторах: Кадирова М.А.** - преподаватель кафедры теории и методики обучения родного языка Государственного учебного завидения "Худжандского государственного университета имени Б. Гафурова", Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект Мавлонбекова, 1.
**Юсуфджанова Д.Х.** – Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры теории и методики преподавания родного языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1.
**Information about the author: Kadirova M. A**. - teacher of the Department of Theory and Methods of Teaching the Native Language of the State Educational Institution "Khujand State University named after B. Gafurov", Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Avenue, 1.
**Yusufdzhanova D.Kh**. - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Theory and Methods of Teaching the Native Language. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1.

**РАҲИМОВА Ф.Г.**

# ЭҶОДКОРӢ ЧУН ФАЪОЛИЯТИ ЗЕҲНӢ ВА ҲАМЧУН СИНОНИМИ ШИДДАТНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ РАВОНӢ

Барои тафсири мафҳуми эҷодкорӣ нуқтаи назари гуногун вуҷуд дорад. Дар фаҳмиши фалсафии эҷодкорӣ – ин «қобилияти иҷро кардан ё ба тариқи дигар амалӣ намудани чизи нав: ҳалли нави масъала, усул ё асбоби нав, асари нави бадеӣ» - ро шарҳ медиҳад. [4, с. 225].

Диққати моро нуқтаи назари олим А.Н. Уайтхед, тарафдори нео-рационализм дар фалсафа ба худ ҷалб мекунад. Эҷодкорӣ дар чаҳорчӯби ин самти фалсафӣ ҳамчун як шакли ягонагии донишгоҳ маънидод мешавад. Муҳаққиқон ин самтро дастгирӣ намуда, эҷодкориро ҳамчун актуализатсияи потенсиал муайян намудаанд ва ҳар гуна актуализатсия аз рӯи ин нуқтаи назар таҷрибаи таҳқиқот мешуморанд [2, с. 580].

Дар доираи таҳқиқоти мо шохаи асосии фалсафа санъат буда, моҳият ва маънои санъат (адабиёт, мусиқӣ)-ро дар асоси илми санъат, омӯзиши вазифаҳои санъат меомӯзад.

***Консепсияи эҷодкорӣ дар психология.*** Фаҳмиши васеи психологии истилоҳи «эҷодкорӣ» бо қобилияти умумии ин мафҳум алоқаманд аст. Ҳоло ин истилоҳ омодагии шахсро барои пайдо кардани ҳалли аслӣ ва омодагии ғайристандартӣ дар назар дорад. Эҷодиёти равоншиносон ҳамчун «қобилияти таҳияи ғояҳо, ҳалли онҳо, усулҳо, назарияҳо ё умуман ҳама гуна маҳсулоти нави фаъолият» дарк карда мешавад [4, с. 199].

Мақсади инсонпарварӣ, ки дар солҳои 50-уми асри 20 ба вуҷуд омад, омӯзиши шахсияти эҷодкор, ошкор намудани нерӯи онҳо дар раванди худшиносӣ буд. Назари некбинона ба табиати инсон, ки ба психологияи гуманистӣ хос аст, ба дарки табиати ӯ ва нақши эҷодкорӣ марбут аст. Намояндагони асосии ин самт Шарлотта Бюлер, Авраам Маслоу, Ролло Мэй, Карл Роҷерс мебошанд.

К. Роҷерс мафҳуми эҷодкориро ифшо намуда, «ба ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилоте, ки қаблан дучор нашуда буданд, диққати махсус медиҳад» [9, с.74-79] .

Дар доираи таҳқиқоти мо ба таври муфассал баррасии ҳамаи таърифҳо ғайриимкон аст, бинобар ин мо дар бораи чанд нуқтаи муҳимтарини мафҳуми эҷодкорӣ, шиносоӣ бо он таъсири ташаккул ба тафаккури эҷодкорӣ мебошад.

Дар ҷараёни ҷустуҷӯҳои илмӣ, тавсифу ошкор намудани моҳияти эҷодкорӣ, таркиби назарияи эҷодкорӣ ва ташаккули шахсияти эҷодкор на танҳо равоншиносони хориҷӣ, балки ватанӣ низ ҷалб шудаанд.

Дар эҷодиёти В.Н. Козленко «зарурияти фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, ки дар ҳар як одам аз рӯзи таваллуд пайдо мешавад ва дар шакли рефлекс зуҳур мекунад:» бо он чӣ кор кардан мумкин аст? [4, с.140]. Педагог В.Г. Каменская ва И.Е Мельникова эҷодкориро ҳамчун хислатҳои шахсии соҳибистеъдодии он, ки бо офаридани маҳсулоти нави моддӣ ва идеали алоқаманд дарк мекунад [5]. Таҳқиқотчӣ Д.Б.Богоявленская ба чунин ақидааст, ки эҷодкорӣ чун «Фаъолияти зеҳнӣ, ҳамчун синоними шиддатнокии фаъолияти равонӣ фаҳмида мешавад» [1, с. 35].

Натиҷаи таҳқиқотҳои илмии соҳаи эҷодкорӣ таҳлил гардида, дар кори барвақттар эҷодкорӣ ҳамчун падидаи нотакрор фаҳмида мешавад ва дар кори илмии муосир раванди инкишофи фикрӣ ба таври хос мушоҳида мешавад.

Дар психология Н. Ю. Хрясчева дар таҳқиқоти худ чунин мешуморад, ки эҷодкорӣ дар тасаввуроти ғанӣ, ҳисси мазҳакавӣ, ҳамчун самти арзишҳои баланди эстетикӣ зоҳир мегардад ва инчунин қобилияти дидани унсурҳои сохтории масъаларо дорад» [3, с. 173]. Дар байни шароитҳои хос, ки ба ташаккули эҷодкорӣ мусоидат мекунанд, худбаҳодиҳии мувофиқ ва қобилияти таҳаммулпазирии рафтор вуҷуд дорад. Аз ин рӯ мо чунин мешуморем, ки эҷодкорӣ омодагии шахс ба тафаккури созанда ва асил дар ҳалли мушкилот дар чаҳорчӯбаи тағйири шароити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба манфиати шахсият ва ҷомеа мебошад.

Барои таҳқиқоти мо таъсири натиҷаҳои он ба психологияи эҷодкорӣ ва фидокории Е.П. Ильин [2], имкон медиҳад, ки як қатор омилҳои рушди эҷодкорӣ, ки дар машғулиятҳои мусиқии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мавҷуданд, қайд карда шаванд:

- муошират бо калонсолони эҷодкор ва мавқеи фаъоли калонсолон (аз ин рӯ, шахс бояд худаш омӯзгор шавад),
- иҷозати кӯдак барои ифодаи ҳисси эҳсосоти (ҳамчун ҳуқуқи кӯдак барои нақд кардани таҷрибаи эмотсионалӣ),
- ба даст овардани эҷодкорӣ тавассути дарсҳо оид ба манфиатҳо (қабули ҳуқуқи донишҷӯ барои интихоб намуди фаъолияти эҷодӣ дар дарси мусиқӣ дар доираи бозиҳо дар асбобҳои садоӣ ё тақсими нақшҳо дар саҳнасозии суруд),
- муносибати мусбӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ дар раванди таълим (имконияти кори мустақилона бо маълумот дар саҳифаҳои китоби дарсӣ) [2].

Натиҷаҳои таҳқиқот дар соҳаи эҷодиёти Т. Барышева ва Ю. Жигалова [17], ки марҳалаҳои зерини раванди эҷодкориро таъкид мекунанд:

1) омода намудани заминаи фаъолияти эҷодӣ (ҷамъоварии таҷрибаи ҳиссӣ эҳсосӣ, яъне ҳиссӣ «бедоршавӣ»);
2) ташаккули услуби эҷодии рафтор (аз ҷумла «тақлид» - тақлид ба меъёрҳои эҷодӣ, «импликатсия» - дарки аҳамияти даркҳо ва таҷрибаҳои беназир, «трансформатсия» - истифодаи таҷриба ва эҷодкорӣ);

***Консепсияи эҷодкорӣ дар педагогика.*** *Истилоҳи эҷодкорӣ* дар педагогика ҳамчун «қобилияти эҷодкорӣ» муайян шудааст [2, с. 147] ва дар иртибототи мутақобила бо сатҳи инкишофи ақл баррасӣ мешавад.

*Педагогикаи гуманистӣ* ҳамчун таҷассумгарӣ ғояи психологияи гуманистӣ сохти таълимро бо назардошти манфиатҳои инфиродӣ ва имкониятҳои иштирокчиёни раванди таълим пешниҳод мекунад.

Намудҳои таҷриба дар ниҳояти кор бояд як кисми таҷрибаи шахсии педагог гардад. Инчунин нисбати мавҷудияти таҷрибаи шахсӣ аз чунин сифатҳо шаҳодат диҳанд:

- интихобӣ (дар табиат ва усулҳои интихоби шарик, арзишҳо, хатҳои рафтор зоҳир мешавад);

• қобилияти рефлексия (худбаҳодиҳии мувофиқ, худтаҳлил);

• масъулият (сифати универсалии шахсият, ки шахси аз ҷиҳати субъективӣ интихобшударо дар соҳаи масъулият пешбинӣ мекунад);

• эҷодкорӣ;

• истеъмол дар озодии дохилӣ (худкифоя, дарки худ ҳамчун субъекти ҳаёти худ) [169].

*Педагогикаи* эҷодӣ ҳамчун як соҳаи донишҳои педагогӣ, ки ба инкишофи қобилияти эҷодӣ нигаронида шудааст, дар доираи ҳар як фанни таълимӣ татбиқ шуданаш мумкин аст, фаҳмида мешавад. Маводи таълимии ҳатмӣ дар доираи ин самт дар педагогика на ҳамчун объекти азхудкунӣ, балки ҳамчун воситаи расидан ба мақсади эвристикӣ ба ҳисоб меравад, ки бе шиносоӣ бо метод ва усулҳои омӯзиш ба он ноил шудан мумкин нест. Дар рушди эҷодкорӣ метавон равишҳои гуногуни методологиро истифода бурд, аммо дар таҳқиқоти мо равишҳои зерин истифода шудаанд:

*муносибати системавӣ;

*равиши фаъолият;

*муносибати шахсӣ;

*муносибати фарҳангӣ.

**Муносибати системавӣ** барои нуқтаи назари ҷолиб О.В.Буторина, ки бисёре аз истилоҳро мавриди таҳлил қарор дода ва муайян кардааст, ки аломати эҷодкорӣ дар таърифҳои мухталиф тафаккури мутафовит ё умуман эҷодиёти зеҳнӣ, маҳсули комилан нав дар идея ё таҷдиди аслӣ, таҷдиди сохтори аллакай маълум аст. [2].

Таҳқиқоти мо дар раванди таҳлили мунтазам муайян кардани сабабҳои таваҷҷӯҳ ба падидаҳои мо ва робитаи байни натиҷа ва шартҳои пешакии ба ин натиҷа овардашуда муҳим аст. Барои ин мо бояд дар бораи хусусиятҳои асосии муносибати системавӣ, ки моҳияти он ақидаи он аст, ки барои фаҳмидани хусусияти фаъолияти объектҳои мураккаб танҳо омӯхтани ҳар як элементе, ки ин элементро ташкил медиҳанд, кофӣ нест. Дар ин раван принсипҳои муҳимтарини муносибати мунтазам ба рушди эҷодиёти кӯдакони синни калони томактабиро мо чунин мешуморем:

• принсипи мураккабии раванди таълим [116],

• принципи системанокӣ ва муттасилӣ дар таълим.

*Равиши фаъолият.* Дарси мусиқӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ, дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки дар он ҷое,ки зиндагӣ мекунад, ифоданокӣ ба вуҷуд меояд. Маҳз дар чаҳорчӯбаи ин пажӯҳиш шоир наметавонад бе муқаррароти равиш, моҳияти фаъолият будан ба онҳое тавассути дарки аҳамияти фаъолият барои инкишоф ва ташаккули кӯдак ошкор мегардад. Пешниҳоди Д. Дьюи, мафҳуми «таълим тавассути фаъолият» таъкид мекунад, ки малакаҳои бадастомадаи тафаккур ва маҳорат натиҷаи ҳамкории эҷодии кӯдакон ва омӯзгорони дар ҳалли масъалаҳои ҳаёт иштироккунанда мебошад. Муқаррароти асосии муносибати фаъолият дар ташаккули тавсифи эҷодиёти ин гуна таҳқиқотчиён, монанди Л. С. Выготский, А. Н. Леонтьев, С. Л. Рубинштейн таҳқиқ шудааст.

Асосҳои муҳимтарини муносибати фаъолиятро ба рушди эҷодиётиёти кӯдакони синни калони томактабӣ чунин мешуморем:

*асосҳои маърифат тавассути фаъолият,

*асосҳои шинохт тавассути лоиҳаҳо ва вазифаҳои эҷодӣ.

*Муносибати ба шахс нигаронидашуда.* Натиҷаҳои таҳқиқоти психологии эҷодкорӣ инъикоси хоси мафҳуми шахсиятро пайдо намудани равиши нигаронидашуда, ки дар доираи он на танҳо шахсияти кӯдак, балки шахсияти омӯзгору мураббӣ низ мавқеи муҳимро ишғол менамояд, зеро дар раванди муошират дар дарс табодули таҷрибаи шахсӣ ва таҷрибаи равонӣ сурат мегирад. Қаблан Е.Н. Шиянова мувофиқи таҳқиқоти хеш, ҳадафи инсондӯстонаи таълим дар назди омӯзгор ё мураббӣ вазифаҳои зеринро гузоштааст, ки ин дар рушди тарбия таъсири мусбат мерасонад:

• таваҷҷӯҳи омӯзгорон ба дарки хоси худ ва дарки маънои ҳаётро ҷалб намояд;

• ба ташаккули вазифаҳои беназири ҷисмонӣ ва маънавӣ барои ҳар як одам, ташаккул додани масъулияти шахсӣ барои натиҷаҳои сохтмони ҳаёт ёрӣ расонанд;

• барои дарки аҳамият ва зарурияти нигаҳдории тандурустӣ ҳамчун омили муҳими сохтмон ва ба амал баровардани нақшаҳои ҳаёт кумак расонанд;

• фароҳам овардани шароит барои ҷалби кӯдакони синни калони томактабӣ ба низоми арзишҳои фарҳангӣ ва ташаккули ақидаи шахсӣ нисбат ба мероси фарҳангӣ;

• фароҳам овардани шароит барои дарки меъёрҳои ахлоқӣ ва зуҳуроти конкретии ҳаётии дилсузӣ, ҳамдилӣ, таҳаммулпазирӣ ва ғайра.

Мо бо мақсади инкишоф додани эҷодиёт таклиф менамоем, ки таълим дар мисоли асарҳои мусиқии бастакорони классикӣ барпо карда шавад, ки ин барои ба мероси маданӣ ҷалб намудани кӯдакони синни калони томактабӣ, ба кор андохтани вазифаҳои эҷодию эҷодкорӣ мусоидат мекунад.

*Муносибати фарҳангӣ.* Талаботи қонун «Дар бораи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба низоми раванди таълим бо назардошти на танҳо фарҳанги тоҷикон дар маҷмӯъ, балки хусусияти минтақавии фарҳанги худи маҳали зист тамаркуз мекунад. Тарбияи шахсе, ки бо тамоми гуногунрангии худ ба мероси фарҳангии ватан ва ҷаҳон шомил шудааст, ҳадафи асосии барнома буд, ки Д. Кабалевский, инчунин дар барномаҳои дастаҳои муаллифии дигар [6]. Маҳз дар доираи ин таҳқиқот мо ба равиши фарҳанг, моҳияти равиши фарҳангшиносӣ ба ақидаи Е.В. Бондаревская дар мафҳуми тарбия ҳамчун ҷараёни азхудкунии мероси фарҳангӣ ҷой гирифтааст.

Ҷузъҳои равиши фарҳангшиносӣ дар таълим инҳоянд:

*муносибати кӯдак чун тобеи ҳаёт, қодир аст ба худидоракунии фарҳангӣ ва худфарҳангӣ;

*муносибати кӯдак ба омӯзгор мурабӣ чун ба миёнаравӣ дар байни кӯдак ва маданият, тавонистани онро ба олами фарҳанг ворид кардан ва дастгирии шахсияти кӯдакон дар худмуайянкунии он ва ҷаҳони арзишҳои фарҳангӣ;

*муносибати кӯдак ба таълим ҳамчун як раванди фарҳангӣ, ки қувваҳои пешбарандаи он мазмуни шахсӣ, муколама ва ҳамкории иштирокчиёни он барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди фарҳангии онҳо мебошанд;

*муносибат ба муассисаи таҳсилоти томактабӣ ҳамчун як фазои фарҳангӣ-маърифатӣ, ки дар он чорабиниҳои фарҳангӣ баргузор мешаванд, бунёди фарҳанг ва тарбияи фарҳанги инсонӣ вуҷуд дорад.

Асоси муҳимтарини муносибати фарҳангшиносӣ ба рушди эҷодиёти кӯдакони синни калони томактабиро мо чунин мешуморем:

*Асосҳои гуногунии фарҳангӣ,

* Асосҳои ангезаи мусбат зимни шинохти маданияти бадеӣ.

Зимни таҳқиқотҳои назариявии хеш тасмин гирифтем, ки агар дар ташкили дарси мусиқӣ аз супоришҳои эҷодӣ, ки ба рушди тахайюли эҷодӣ, маҳсулнокӣ, чандирӣ ва асолати тафаккур нигаронида шудаанд, истифода бурда шавад, он гоҳ раванди ташаккули эҷодиёти кӯдак самаранок мегардад.

**АДАБИЁТ :**


1. Богоявленская, Д.Б. Фаъолияти зеҳнӣ ҳамчун масъалаи эҷодкорӣ [Матн] / Д.Б. - Ростови лаби Дон, 1983.
2. Буторина, О.В. Таърифи байнифарҳангии эҷодкорӣ дар иқтидори идоракунии роҳбар. Психологияи асри XXI [Матн]: маводи Конфронси байналмилалии илмию амалии донишҷӯён ва аспирантҳо / О.В. Буторина. – Петербург, 2003. – С.276-278.
3. Коджаспирова, Г.М. Лугати педагоги [Текст] / Г.М. - М.: ICC "Март"; Ростов н/а: «Март», 2005. - 448 с.
4. Козленко, В.Н. Масъалаи эҷодиёти шахсият [Матн]: психологияи эҷодкорӣ: умумӣ, тафриқавӣ, амалӣ / В.Н. Козленко. – М., 1990.
5. Каменская, В.Г. Психологияи инкишоф Саволҳои умумӣ ва махсус [Матн] / В.Г. Каменская, И.Е. Мельников. - Санкт-Петербург: Матбуоти кӯдакӣ, -366 с.
6. Краевский, В.В. Мазмуни таълим: ба пеш ба гузашта [Матн] / В.В. Краевский. - М.: Ҷамъияти педагогии Русия, 2001. - 36с.

7. Кулка, І. Психологияи санъат [Матн] / тарҷума аз чех Олива И.В. - Х.: Нашриёти Маркази башардӯстона. - 2014. - 560с.
8. Никешина, Н.И. Хусусиятҳои рушди эҷодиёти мактаббачагони хурдсол дар дарси мусиқӣ дар мактаб [Матн] / Никешина Н.И. // Образование и саморазвитие.— №2 (30) 2012. - Қазон: Маркази технологияҳои инноватсионӣ, 2012. - с. 147-152;
9. Роджерс, К. Ба назарияи эҷодкорӣ: назар ба психотерапия. Становление человека [Матн] / К. Роҷерс. - М., 1994. - С. 74-79.

**Раҳимова Ф.**

## ЭҶОДКОРӢ ЧУН ФАЪОЛИЯТИ ЗЕҲНӢ, ҲАМЧУН СИНОНИМИ ШИДДАТНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ РАВОНӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар масъалаи эҷодкорӣ чун фаъолияти зеҳнӣ, ҳамчун синнонимиi шидатнокии фаъолияти равонӣ дониста мешавад, таҳқиқ гардидааст. Мафҳуми эҷодкорӣ дар илми фаслафӣ ва равоншиносӣ -педагогӣ аз ҷониби як қатор олимони берунмарзӣ таҳлил гардидаанд. Аз ҷумла мафҳумҳои консепсияи эҷодкорӣ дар фалсафа, консепсияи эҷодкорӣ дар психология, консепсияи эҷодкорӣ дар педагогика, муносибати системавӣ дар рушди зеҳнӣ ва эҷодкории кӯдакони синни калони томактабӣ таҳлил гардидааст.

***Калидвожаҳо:*** *мафҳуми эҷодкорӣ, фаъолияти зеҳнии кӯдак, синоними шидатнок, соҳибистеъдодии соҳибкорӣ, хислатҳои шахс.*

**Раҳимова Ф.**

## ТВОРЧЕСТВО КАК ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, СИНОНИМ ИНТЕНСИВНОСТИ УМСТВЕННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ.

В данной статье исследуется проблема творчества как интеллектуальной деятельности, как синоним интенсивности психологической деятельности. Понятие творчества в философской и психолого-педагогической науках анализировалось рядом зарубежных ученых. В том числе понятие концепции творчества в философии, концепция творчества в психологии, концепция творчества в педагогике, системный подход к интеллектуальному развитию и творчеству детей старшего дошкольного возраста.

**Ключевые слова:** понятие творчества, интеллектуальная деятельность ребенка, синоним интенсивности, предпринимательский талант, черты характера.

**Rakhimova F.**

## CREATIVITY AS INTELLECTUAL ACTIVITY, SYNONYM OF INTENSITY OF MENTAL ACTIVITY

This article explores the problem of creativity as an intellectual activity, as a synonym for the intensity of psychological activity. The concept of creativity in the philosophical and psychological-pedagogical sciences was analyzed by a number of foreign scientists. Including the meaning of the concept of creativity in philosophy, the concept of creativity in psychology, the concept of creativity in pedagogy, a systematic approach to the intellectual development and creativity of older preschool children.

***Key words:*** *concept of creativity, intellectual activity of a child, a synonym for intensity, entrepreneurial talent, character traits.*

**Раҳимова Файзимо Гурезовна** унвонҷӯи кафедраи назария ва методикаи таҳсилоти томактабии факултаи таҳсилоти томактабии Донишгоҳи давлатии омӯзхгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел (+992) 985140140

**Рахимова Файзимо Гурезовна** – соискатель кафедры теории и методики дошкольного образования факультета дошкольного образования Таджикского государственного педагогического университета имени С.Айни. Тел (+992) 985140140

**Rakhimova Faizimo Gurezovna** - Applicant of the Department of Theory and Methods of Preschool Education, Faculty of Preschool Education, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel (+992) 985140140

**РАҲМАТОВА С.М.**

# ИНТИХОБИ КАСБ ВА ДАВРАҲОИ ХУДМУАЙЯНКУНИИ КАСБИИ ҶАВОНОН

Дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ ва баробарҳуқуқии шаклҳои гуногуни моликият, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд, ки бо назардошти шавқу рағбати худ ва имкониятҳо нисбати кадрҳо, дар тамоми соҳаҳои касбӣ ҳунари худро нишон дода мавқеъи худро дар ҷомеа муайян намоянд. Ҷавонон ба таври озодона касби дилхоҳ, ҷои таҳсил ва кори худро бояд мувофиқи маҳорат ва қобилияташон интихоб намоянд.

Мушоҳидаҳои психологҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки бархе хатмкунандагон синфҳои болои –(11) маҳорати интихоби касбро надоранд. Онҳо гумон мекунанд, ки қобилияти хуб надоранду оиди ин масъала аз ёрии дигарон истифода баранд, хубтар мешавад. Бо забони дигар гӯем, навҷавонон дар ҳалли ин масъала ба қувваи худ боварӣ надораду худфаъолӣ нишон намедиҳанд.

Қисме аз хатмкунандагон ҳангоми интихоби касб дудилагиро ҳис мекунанд. Намедонанд, ки шавқу ҳаваси онҳо бисётар ба кадом равияи фанҳои омӯхташаванда наздиктар аст. Масалан, ба онҳо фанни химия, математика, таърих ва адабиёт писанд аст ва ӯ намедонад, ки шавқу ҳаваси худро муайян намояд. Кадоме аз равияҳо: табиӣ ё гуманитариро интихоб намояд. Ё ин, ки нисбат ба касби муайяне шавқу завқашро додан ҳам аз имконият ва қобилиятҳои худ боварӣ надорад. Гумон мекунад, ки қобилиятҳои доштаашон кофӣ нестанд ва аз иҷрои чунин фаъолияти душвор намебарояд. Онҳо оиди мафҳуми коршоямӣ ва роҳҳои ташаккулёбии он тасаввурот надоранд. Намедонанд, ки чӣ тавр имконияту қобилиятҳои худро мутобиқ намуда, онҳоро ба ҷаҳони касбҳо мувофиқ гузоранд. Надоштани донишҳои психологӣ ва надонистани нозукиҳои касбҳои мавҷудаи талаботи замони муосир сабаби асосии ин душвориҳо мебошанд.

Аз ин рӯ, барои он ки хатмкунандагон дар интихоби касб ба хатогӣ роҳ надиҳанд, бояд ба психологи мактаб мурочиат намоянд. Дар рафти гузаронидани машварати психологӣ оиди интихобнамоии касб мутахассисони ин соҳа (психологҳо), дар рафти сӯҳбат бо хатмкунандагон шавқу завқ, қобилият ва хусусиятҳои дигари онҳоро ошкор намуда, касби барои онҳо мувофиқро интихоб намоянд. Инчунин барои гирифтани маълумоти пурратар, ба марказҳои интихоби кас, ки дар ҳар як ноҳияҳои маркази шаҳр мавҷуд буда, дар ин марказҳо психологҳо фаъолият мекунанд, муоҷиат намоянд. Мушкилии ҳаёти минбаъдаи ҷавононро, ин худмуайянкунии касбӣ ва интихоби бошууронаи касбиро ҳисси таваҷҷӯҳи як қатор педагогу равоншиносонро ба худ ҷалб карда намудааст. Масъалаҳои психологию педагогии майлҳои касбии хатмкунандагон дар тадқиқотҳои илмӣ-амалии худ: Арискина К.А., Гломшток А.Е., Климова А.Е., Лебедов Г.А., Чистякова С.Н., ЧебышеваВ.В., масъалаи интихоби касб ва шавқу ҳавас ва касбҳои хочагии қишлоқ дар корҳои Амиршоев Р., Барабаш Ю.Г., Бондаревский В.Б., Васильев Ю.К., Васильева Г.А., Сахаров Ф.В., Шабанова А.А., Табаров М ва чанде дигарон омӯхта шудааст.

Онҳо паҳлӯҳои гуногуни ин мушкилиро тадқиқ намуда қайд карданд, интихоби касб дар хатмкунандагон бо хусусиятҳои мақсаднок ва бошууронаи худ аз синну соли наврвсӣ то синнусолӣ ҷавонӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Аз орзуҳои дастнорас ва идеалҳои тахайюлоти навҷавонӣ ба амалҳои фаъол ба ҳақиқат наздик омада мерасад.

Нақшаҳои ҳаётии хатмкунандагонро дар як вақт ҳам ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва ҳам ҳодисаҳои ақлоқӣ фаро мегиранд. Ҷавонон дар зери мафҳуми нақшаҳои ҳаётии худ ҳамаи он орзӯҳое, ки аз ҳақиқат ва амалҳои ҳаётӣ дуранд, мефаҳманд. Хатмкунандагони синфҳои болоӣ дар нақшаҳои ҳаётии ояндаи худ беҳтару хубтар дониш гирифтан, ба корҳои шавқовар машғул шудан, дӯстони бовафо пайдо кардан, бештар сайёҳат карданро дохил мекунанд.

Дар овони хатмкунӣ нақшаҳои гуногунро кашидан мушоҳида карда мешавад, вале дар бораи роҳу воситаҳои дар амал ҷорӣ шудани ин нақшаҳоро фикр намекунанд. Чунки ба натиҷаҳои охирини он такья карда, ҷоришавии ҷараёни онро ба эътибор намегиранд. Хатмкунандагон дар нақшаҳои кашидаашон худро дар мавқеъи ҷамъиятӣ тасаввур карда, фаромӯш мекунанд, ки барои ба мақсад расидан танҳо орзу кардану ба худ тасаввур кардан кифоя набуда, боз кӯшиши масъулиятшиносӣ, таҳамулпазир будан лозим аст, ки

шахс ба мақсади гузоштааш расад. Барои амалӣ гаштани орзуҳои навҷавонӣ қобилият, роҳу воситаҳои ба мақсад расидан ва аз имкониятҳо истифода бурда тавонистан лозим аст, ки ҷавонон онро дуруст дарк кунанд.

Нақшаи интихоби худмуайянкунии касбӣ орзуҳои фаъол ва орзӯҳои пухта бо он фарқ мекунанд, ки нақшаҳои ҳаётӣ бо интихоби бошууронаи касб алоқаманд мебошад. Интихоби касб барои ҷавонон масъалаи маънавӣ низ ба ҳисоб меравад. Ин вазъи иҷтимоӣ-маънавӣ буда, ба ҷавонписарон ва ҷавондухтарон хос мебошад. Дар боби 4 Қонуни асосии мо гуфта шудааст, ки ҷавонписарон ва ҷавондухтарон на танҳо ба меҳнат, инчунин ба интихоби касб, машғулияти дилхоҳ, корҳое, ки қобилияти тайёрии касбиро доро мебошанд, маълумот ва ба ҳисобгирии талаботи ҷамъиятидошта, ҳуқуқ доранд.

Худмуайянкунии ҷавонон дар як вақт худмаҳдудкуниро ба вуҷуд меорад. Ҷавонон ягон касберо интихоб карда, бо ҳамин аз дигар намудҳои фаъолият худро дур мекунанд. Худмуайянкунии касбӣ дар шароити кунунӣ раванди бисёрсоҳа буда, ҷанбаҳои гуногуни он омӯхта мешаванд. Дар психологияи синнусолӣ худмуайянкунии касбӣ ба якчанд давраҳо ҷудо карда шудааст:

1) Давраи якум фаъолияти бозӣ буда, кӯдакон дар рафти бозӣ ба худ касбҳои гуногунро интихоб намуда, нақшаеро иҷро мекунанд, ки дар рафтори онҳо ин касб ифода меёбад. Масалан, кӯдак ронанда шуда мошинро меронад, табиб шуда ба беморон сӯзандору мегузаронад, фурӯшанда шуда ба харидорон маводи хӯрока медиҳад ва ғайра.

2) Давраи дуюм - фантазияи (муҳоботи) ҷавонон буда, онҳо худро дар симои қаҳрамонҳои кино ва ё театр тасаввур карда орзуҳои зиёде ба ин ё он касб мекунанд. Масалан, орзу мекунанд, ки кайҳонаврд шуда парвоз мекунад ё бахрнаварди машҳур шуда, дар баҳрҳои калон шино мекунад, ё ба монанди кӯхнаворд хамеша дар ҳаракат бошанд.

3) Давраи сеюм - синнусоли наврасӣ ва қисман навҷавониро дар бар гирифта, дар ин давра ҷавонон ва навҷавонон касбу ҳунари гуногунро тахминан интихоб мекунанд. Намудҳои гуногуни фаъолият шавқу ҳаваси касбии ҷавононро ба вуҷуд меоранд. Масалан, онҳо изҳори ақида мекунанд, ки «Ман риёзиётро хуб медонам ва ба омӯзиши он ҷиддӣ машғул мешавам. Барои он, ки соҳиби пули зиёде шавам, ягон касберо интихоб кардан лозим аст ва ин кадом касб бошад?» ва ғайра.

4) Давраи чорум- давраи қарори қатъӣ қабул кардан буда, ҷавонон он касбҳоеро интихоб мекунанд, ки он аз ду ҷузъиёти асосӣ иборат аст: муайян намудани дараҷаи таснифоти фаъолияти меҳнатӣ, ки дар оянда даркор мешавад ва ҳаҷму давомнокии фаъолияти меҳнатии худро тайёр намудан.

Дар ин давра ҷавонписарон ва ҷавондухтарон аввал соҳаи фаъолиятро (табиб шудан мехоҳам) муайян мекунанд ва баъд дараҷаи онро бо гурӯҳҳо ҷудо мекунанд (табиби муолиҷаи соҳаи чашм ё дандон мешавам), ё баръакс аввал дараҷаи фаъолиятро муайян намуда, баъд касбро нишон медиҳанд.

(ба донишкадаи тиббӣ меравам, баъд ягон касби махсусро интихоб мекунам).

Аз рӯи тадқиқотҳо маълум мешавад, ки ҷавонон пеш аз хама, барои интихоб намудани касб ба мактабҳои олӣ ё касбӣ рафта, баъд касбро интихоб карданӣ мешаванд. Масалан, ба донишкадаи омӯзгорӣ дохил шуданиам, вале ба кадом факулта, то ҳол муайян накардаам ва баъдтар аниқ мекунам.

Аз ин рӯ бояд хатмкунандагон дар охири синфи 9-ум бояд аниқ муайян намоянд, ки таълимро дар синфи 10-ум давом медиҳанд ва ё ба мактабҳои махсуси касбӣ мераванд ва ё ба истеҳсолот ба кор рафта, хонданро дар мактабҳои коргарҷавонон, мактабҳои ғоибона давом медиханд.

Барои дуруст интихоб намудани касб, ки он ба шавқу ҳавас вобаста аст, ҷиҳатҳои иқтисодии оила, дараҷаи тайёрии таълимӣ, ҳолати саломатӣ ва ғайраҳо нақши муҳимро мебозад. Он хатмкунандае, ки таълимро дар мактабҳои махсуси касбӣ давом доданӣ аст, ё ба кор рафтанӣ аст, бояд пешакӣ муайян намояд, ки ба кадом муассисаҳои касбӣ, олӣ ё ба кадом кор машғул мешавад.

Аз ин ҷиҳат, барои минбаъд баланд бардоштани тайёрии меҳнатӣ ва ба касбу ҳунар шавқмандгардонии хатмкунандагон дар консепсияи мактаби миллии тоҷик гуфта шудааст, ки: «Дар комбинатҳои таълимӣ-истеҳсолии байнимактабӣ ташкил намудани тамоюлҳои физикаю математика, физикаю техника, техника ва технологияи меҳнат ва ғайра айни муддаост» (1, с. 2.).

Интихоби касб ба ҷавонон ва донишҷӯёни оянда имконият медиҳад, ки онҳо дар бораи олами касбҳо, нисбат ба ин касбҳо чи гуна талаботҳо ҳастанд, ки касби интихобкардаи онҳо ба халқ чи гуна фоида меорад, маълумот гирифта дар бораи худ, ҳавасҳо ва қобилиятҳои худ чуқуртар фикр кунанд, ки оё аз ӯҳдаи иҷрои он баромада метавонанд ё не.

Қобили қайд аст, ки хатмкунандагони синфҳои болоӣ ба интихоби касбу ҳунар ба таври интихобӣ муносибат мекунанд. Шумораи зиёди хатмкунандагони синфҳои болоӣ қиммати иҷтимоии ҳар як ихтисосро ба ҳисоб гирифта, ин ё он касбу ҳунарро интихоб мекунанд. Қисми хатмкунандагон бошанд, ба қиммати иҷтимоии ин ё он ихтисос он қадар нигоҳ накарда касбу ҳунарро интихоб мекунанд.

Доир ба ин масъала В. Шубкин нишон медиҳад, ки хатмкунандагони мактабҳои миёна ба ихтисосҳои соҳаи физика, математика, ҳавопаймоӣ, табибӣ, кормандони соҳаи адабиёт ва санъат баҳои паст дода, онҳоро камарзиш меҳисобанд. Вале ба ихтисосҳои соҳаи хизматӣ- маишӣ (фурӯшанда, коркунони хӯроки умумӣ, муассисаҳои коммуналӣ, дӯзандагӣ ва ғайраҳо), инчунин, ихтисоси ҳисобчӣ, ҳуҷҷаттайёркунӣ ва иқтисодчию ҳуқуқшинос баҳои баланд дода, бисёртар аҳамият медиҳанд.

Кулагин Г. ҳам дар хусусияти қиммати иҷтимоии ихтисосҳо маълумот дода, чунин қайд намудааст. Ӯ аз хатмкунандагони мактаби миёна хоҳиш кардааст, ки хатмкунандагони мактаб ба қиммати иҷтимоии 80 ихтисос баҳо дода, хар кадоми онро бо тартиб номгӯй кунанд. Ихтисоси челонгарӣ ва васлкунандаро хатмкунандагони синфҳои болоӣ дар ҷои 40-50 гузоштаанд. Ихтисоси ҳисобчӣ, иқтисодчӣ ва ҳуқуқшиносро дар ҷойҳои аввал гузоштаанд.

Бояд гуфт, ки на ҳамаи хатмкунандагон мактабро хатм карда истода, ин ё он ихтисосро дуруст ва бошуурона интихоб мекунанд. Аз рӯи маълумотҳои ба дастовардаи равоншиносон маълум мешавад, ки дар нимсолаи соли хониш аз 65 то 85 фоизи хатмкунандагон дар интихоби ихтисоси ояндаашон ноустуворӣ зоҳир карда, ақидаашонро дигар мекунанд. Масалан, тасаввуроти хатмкунандагон дар бораи касбу ҳунар бисёр хира аст: «Ман намедонам кадом ихтисос хуб аст, зеро дар хусуси ягоне аз ихтисосҳо тасаввуроти кофӣ надорам». «Минбаъд хонданро давом медиҳам, вале дар куҷо бояд хонам, ин чиз то ҳол ба ман равшан нест». «Чи гуна ихтисосро интихоб кунам, то ҳол барои худ муайян накардаам». Натиҷаи тадқиқотҳои ҷомеашиносӣ нишон медиҳад, ки навҷавонон сол ба сол ба касбҳое, ки меҳнати ақлиро (фикриро) талаб мекунанд, бештар мароқ зоҳир мекунанд, вале ба касбҳое, ки меҳнати ҷисмониро талаб мекунанд, кам аҳамият медиҳанд. Зиёда аз 80 фоиз навҷавонон, хатмкунандагони мактабҳои маълумоти умумӣ хоҳиши дар донишкадаҳои олӣ, ё мактабҳои махсуси касбӣ давом додани таҳсилро доранд.

Аз рӯи тадқиқотҳои гузаронидаи Р.Амиршоев маълум мешавад, ки агар хатмкунандагон дар синфи 9-ум 25,8 фоиз ба меҳнати хоҷагии қишлоқ ҳавас дошта бошанд, ин нишондиҳанда дар синфи 10-ум ба 16,8 фоиз мерасад. Аз тадқиқотҳои Р.Амиршоев хулосае бармеояд, ки хатмкунандагони мактаби миёна ба касбҳои хоҷагии қишлоқ он қадар шавқу ҳавас надоранд. Аз ин рӯ, муҳаққиқ нишон медиҳад, ки омилҳои самарабахши ба касбу ҳунар шавқмандкунии хатмкунандагонро ҷустан зарур аст, то ин ки ҷавонон ба қадр, ба арзиши касбҳои хоҷагии қишлоқ расанд.

Интихоби касб ва дараҷаи амалӣ гаштани нақшаҳои ҳаётии хатмкунандагони синфҳои болоӣ аз шароити иҷтимоӣ, дараҷаи маълумотнокии падару модарон вобастагии калон дорад. Ҳар қадаре, ки волидон бомаърифат бошанд, ҳамон қадар дар фарзандон имконияти таълимро дар мактабҳои олӣ ё миёнаи махсус давом доданро метезонанд ва нақшаҳои ҳаётии ҷавонон бештар амалӣ мегардад. Интихоби касб на танҳо масъалаи иҷтимоӣ, инчунин масъалаи психологӣ низ мебошад. Аввалан интихоби касб ба хусусиятҳои фардӣ-психологии шахс вобаста буда, баъдан аз қобилиятҳои шахс, ки кадом сифатҳо дар ӯ бештар ташаккул ёфтааст ва дар ҳолати сеюм ба ягонагии шуур ва фаъолияти шахс вобаста мебошад.

Интихоби касб протсеси мураккаб ва дуру дароз буда, на танҳо аз рӯи давомнокӣ, балки аз рӯи якчанд давраҳо муайян карда мешавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар оилаи зиёиён волидон мехоҳанд, ки фарзандонашон ҳар чи қадар барвақттар ягон касбро интихоб карда, истеъдоди худро дар ҳамин соҳа такмил диҳанд.

Чунин муносибати модару падарон ба он оварда мерасонад, ки дар бачаҳо ҳаваси худмуайянкунии тахассусӣ суст мешавад, аз ҳама гуна шуғлҳо даст мекашанд, ба ташвиш меоянд ва ихтиёрона касби дилхоҳро интихоб карда наметавонанд.

Бояд қайд кунем, ки агар аз як тараф интихоби барвақтии касб таъсири мусбӣ расонад, он гоҳ аз тарафи дигар барвақт ба ягон касб майл пайдо кунад, аз дигар фаъолиятҳо дур шуда, фаъолияти таълимиаш суст мешавад.

Барои дуруст ва бошуурона интихоб намудани касб роли ахборотрасонӣ ба хатмкунандагон аҳамияти калон дорад. Зеро, ҷавонон дар бораи доираи касбҳо маълумоти мушаххасе надоранд ва то чи андоза интихоби бошууронаи касбу хунар ба ҷаъмият аҳамиятнок аст.

Зимнан, бояд қайд намоем, ки барои чи хатмкунандагон дар интихоби касбу ҳунар ба сахву хатогиҳо роҳ медиҳанд :

1) дар хусуси олами касбу ҳунар дониш ва тасаввуроти аниқ надоранд;

2) аҳамияти итимоии ин ё он касбу ҳунарро хуб дарк карда наметавонанд; 3) душворию мушкилоти ҳар як касбу ҳунарро дуруст ва бошуурона муайян намекунанд;

3) имконоту лаёқат, қобилият, шавқу ҳавас ва вазъиятҳои касбии худро ба таври сатҳӣ интихоб мекунад;

4) ба моҳияти дохилии ихтисос сарфаҳм нарафта, бештар ба ҷиҳати зоҳирии он нигоҳ накарда, касбро интихоб мекунанд;

5) дар зери таъсири ҳамсолон, иҳотакардагон ва волидон касберо интихоб мекунанд.

Албатта, барои дуруст ба роҳ мондани интихоби масъалаҳои касбу ҳунар танҳо мактаб аз ӯҳдаи ҳалли масъалаи интихоби касб баромада наметавонад. Барои ин лозим аст, ки муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъияти омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ бо оилаҳо ҳамкорӣ намоянд.

Албатта, барои бошуурона интихоб кардани касбу ҳунар шартҳои зерини психологиро ба инобат гирифтан зарур аст, дар хусуси касбу ҳунар ва ихтисосҳо ба хатмкунандагон маълумоти муайян додан; бо намояндагони касбу кори гуногун ва ихтисосмандҳо вохӯриҳо, маҳфилҳо ташкил кардан . Дар айни замон 40 ҳазор намудҳои касб ба мо маълум аст ва ҳар сол 500 намуди он нест шуда, тахминан ҳамин қадар намудҳои нав пайдо мешавад. Иқтисодчиҳо ҳисоб карда баромаданд, ки дарозии умри ҳар як касб тахминан 8-10 солро ташкил медиҳад. Дар ҳақиқат, дар асри инкишофи босуръати илму техникаи замони муосир бисёр намуди касбҳо бебозгашт нест мешаванд (масалан, касбҳое, ки қувваи ҷисмониро талаб мекунанд).

Касбу ҳунарҳои нав пайдо мешаванд, ки бо тараққиёти илму техника вобаста мебошанд. Масалан, касби кайҳонавардӣ, оператори мошинҳои электронӣ, барномасозони компютерӣ ва ғайраҳо. Ба назар мерасад, ки аз ин касбҳо дида навтар ва душвортар вуҷуд дошта наметавонад, вале бо гузашти вақт ва тараққиёти илму техника ин касбҳо низ муқаррарӣ шуда меравад. Ҳатто чунин шуданаш мумкин аст, ки касбҳое талаботи замони муосир нестанд аз байн мераванд.

Дар асоси гуфтаҳои боло дарк намудан мумкин аст, ки фаъолияти машваратчии касбӣ чи гуна душвор аст. Ӯ бояд дар бораи ҳар як касб ва қобилиятҳои мувофиқ барои ин типҳо ин касбро донад. Агар ҳар як касби нав пайдошуда хуб омӯхта нашавад, душвор аст, ки қобилиятҳои мувофиқи онро муайян намоянд. Ҳар як касбу ҳунари вобаста ба тараққиёти илму техника пайдо шуда, асосан қобилиятҳои зеҳнӣ- ақлиро талаб мекунанд. Аз тарафи дигар талабот ба дониш ва маърифатнокӣ баланд мешавад.

Имрӯзҳо ба ҳар як шахс зарур мешавад, якчанд маротиба касб интихоб намояд, ё ин ки дар ҷараёни фаъолияти худ одамон маҷбур мешаванд, ки касбашонро тағйир диҳанд.

Ҳангоми тайёр намудани мутахассисон ин маълумотҳоро ба назар гирифтан низ лозим мебошад. масалан, ҷавононро барои азхуднамоии фақат як касбу ҳунар нодуруст мебошад. Мутахассисони оянда бояд системаи донишҳоеро интихоб намоянд, ки барои азхуднамоии якчанд касб мувофиқ мебошанд. Ба монанди дар факултаи забонҳои шарқи Донишгоҳи Давлатии Миллии Тоҷикистон мутахассисони «Тарҷумон»– ро тарбия менамоянд, лекин дар баробари ин хатмкунандагони миёнаю олӣ фаъолият намоянд.

Психолог-машваратчӣ ҳангоми гузаронидани суҳбатҳо ва шиноснамоии хатмкунандагон бо касбу ҳунарҳо бояд оиди олами ҳар яки ин касбҳо маълумоти кофӣ бидиҳад, маълум намуда ба хатмкунандагон расонад, ки касби муайян кадом қобилятҳою

хусусиятҳои психологи шахсро талаб менамояд. Ин маълумотҳои зикршуда бисёр хуб дар асари Е.А.Климов «Асосҳои истеҳсолот. Интихоби касб» /2/ оварда шудаанд.

Дар рафти машварат психолог метавонад аз классификатсияи касбҳо, ки онро К.М.Гуревич иҷро намудааст, истифода барад. Ӯ ҳангоми классификатсияи худ, ду типи касбҳоро аз ҳам ҷудо менамояд:

- Касбҳои типи 1 мутлақо талаб менамояд, ки коршоямии қатъӣ ва мувофиқоии касбӣ риоя карда шаванд. Ба ин касбу ҳунарҳо одамоне рост меоянд, ки хусусиятҳои муайяни психологӣ ва психофизиологиро доро мешаванд. Одамони дигар наметавонанд ба дараҷаи зарурӣ ин касбу ҳунарҳоро аз худ намуда иҷро намоянд. Дар ин рӯ, ба психолог лозим аст, ки ҳангоми чунин касбу ҳунарҳоро интихоб намудани ҷавонон ниҳоят ҷиддӣ диққат диҳад. Танҳо ҷавононе бояд интихоб шаванд, ки хусусиятҳои индивидуалӣ-психологӣ ва психофизиологиашон мувофиқи талаби касб бошад.
- Типи 2-юми касбҳо талаботҳои касбӣ надоранд, яъне хусусиятҳои махсуси индивидуалӣ-психологӣ ва психофизиологӣ талаб карда намешаванд. Ин типи касбҳоро ҳар як шахси солим, ки шавҳу рағбат ба онҳо зоҳир менамоянд, метавонанд интихоб намоянд.

Дар асоси хусусиятҳои психофизиологӣ, яъне асосан диққат ба динамикаи ҷоришавии протсессҳои асабӣ дода мешавад, одамонро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд:

- Одамони системаи асаби «зӯр» дошта;
- Одамони дорои системаи асаби «суст», одамони гурӯҳи якум, яъне системаи асаби «зӯр» метавонанд фаъолиятҳоеро иҷро намоянд, ки чаққонӣ, суръати тези фикрронӣ ва ба ангезандаҳои сахт тоб оварданро доро мебошанд.

Барои ин гуна одамон касбҳои «одам-мошин» мувофиқ аст. Масалан, онҳо метавонанд кайҳонавард, ҳавонавард-тадқиқотчӣ, сӯхторхомӯшкун ва ғайра касбҳоро бомуффақият иҷро намоянд.

Одамони гурӯҳи дуюм, яъне дорои системаи асаби «суст» қодиранд касбу ҳунарҳоеро бомуваффақият иҷро намоянд, ки пуртоқатӣ ва майдакориро талаб мекунад. Масалан, касби таъмири ҳавопаймо ва техникаҳои дигар чунин хислатҳоро талаб мекунад, ё ин ки фаъолияти наққошию кандакорӣ низ пуртоқатӣ ва майдакориро талаб менамояд. Одамони системаи асаби «суст» дошта барои иҷрои чунин касбҳо мувофиқ мебошанд. Дар натиҷаи истифодабарии методҳо ташхиси хусусиятҳои индивидуалӣ-психологии шахс сохти психологии шахсияташ муайян карда мешавад. Барои интихоби касб асосан: қобилиятҳо, шавқу ҳавас, мизоҷ ва дигар хусусиятҳои психологии шахс ташхис карда мешавад. Аз тарафи дигар, талаботҳои ҳар як касб омӯхта шуда, ба қайд гирифта мешавад. Ҳангоми интихоби касб, албатта хусусиятҳои индивидуалӣ-психологии шахс бо талаботҳои касб мувофиқ гузошта мешаванд.

Хуб мешуд, ки агар хусусиятҳои индивидуалӣ-психологии шахс бо талаботҳои касб мувофиқ оянд. Дар ин ҳолат гуфта мешавад, ки касби зерин барои ҳамин шахс мувофиқ аст. Аз тарафи дигар, илми психология тасдиқ намудааст, ки хусусиятҳои индивидуалӣ-психологии шахс тағйирёбанда мебошанд. Вобаста ба таъсири муҳити иҳотакардашуда, ҳамкорон ва баъзе омилои дигар, хусусиятҳои психологии шахс метавонанд тағйир ёбанд. Психолог хусусиятҳои психологии шахсро муайян карда, гуфта наметавонад, ки танҳо касби муайян барои ин шахс мувофиқ аст.

Чунин шуданаш мумкин аст, дар рафти ҳаёт, шавқу завқ ва маромҳои шахс тағир ёфта хоҳиши аз худ намудани касби дигарро пайдо намоянд. Барои аз бар намудани касби муайян, шахс дар асоси хусусиятҳои психологии худ метавонад, худро барои талаботҳои касби мувофиқ тайёр намояд. Бо забони дигар гӯем, дар худ баъзе хусусиятҳои заруриро шахс тарбия карда метавонад, то ин ки касби мувофиқ интихоб намуда, бомуваффақият иҷро намояд.

Яке аз камбудиҳои калони ташхиси психологӣ дар он аст, ки омили фаъолии инсонро ба эътибор намегирад ва ба он таъсири манфӣ мерасонад. Масалан, шахс касби маъқулашро интихоб накарда, ба гуфтаҳои психолог ва натиҷаи ташхиси психологӣ боварӣ дорад. Аммо дар боло қайд намудем, ки психолог кафолат дода наметавонад, ки то кай ва то ба кадом дараҷа шахс пурра аз ӯҳдаи иҷрои вазифа мебарояд.

Пас саволе ба миён меояд, ки «ташхиси психологӣ дар интихоби касб чӣ аҳамият дорад?». Ба ин савол ҷавоб дода, чунин гуфтан мумкин аст, ки бо ёрии ташхиси психологӣ хусусиятҳои индивидуалӣ –психологии шахсро муайян намуда, онҳоро бо талаботи касбҳо

мувофиқ гузошта маълум карда мешавад, ки шахс барои он, ки соҳиби касби дилхоҳаш шавад, чи имконият дорад. Дар баробари ин шахс камбудиҳои худро метавонад ошкор намуда, метавонад хусусиятҳои заруриро дар худ пайдо намояд.

Ташхиси психологӣ имкон медиҳад, ки хонанда хусусиятҳои индивидуалӣ-психологии худро ошкор намояд, ба онҳо баҳои объективӣ диҳад. Дар асоси натиҷаи ташхиси психологӣ психолог метавонад бо хатмкунандагон кори психокоррексионӣ гузаронад, ки он имкон медиҳад ба ташаккули хусусиятҳои психологӣ баҳои объективӣ дода шавад.

Дар ҳолати баръакс, яъне агар шахс касби ба хусусиятҳои психологии худ номувофиқро интихоб намоянд, вай ҳеҷ гоҳ худро хушбахт ҳисобида наметавонад.

Умраш бо ғаму андӯҳ мегузарад, чунки тахминан 40 соли ҳаёти шахс бо касби интихоб- кардааш алоқаманд мебошад. Бинобар ин, ҳар як ҷавон худро барои касби интихобнамудааш омода намояд, зеро интихоби касб барои ҳаёти ояндаи онҳо басо муҳим мебошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Лоиҳаи консепсияи мактаби миллии тоҷик. [Матн] Рӯзномаи омӯзгор аз 3 феврали с. 1993. С. 4.
2. Климов Е. А. Как выбрать профессию. [Текст] Е.А. Климов – М.: Просвещение. - 1984.
3. Гуревич К.М. Профессиональная пригодность и основные свойства нервной системы. [Текст] К.М. Гуревич – М., 1970.
4. Профконсультационная работа со старшеклассникам. [Текст] – Киев, 1980
5. Акимова М.К., Барисова Е.М., Козлова В.К., Логинова Г.П.
6. Особенности умственного развития учащихся старшего подросткового возраста //Психологические проблемы повышения качества обучения и воспитания. [Текст] М.К. Акимова и др. –М., 1984
6. Психологическая диагностика. [Текст] – М., 1981.
7. Деляускайте Р.Ф. Рисуночные пробы как средство диагностики развития личности ребенка. [Текст] – М. 1987.
8. Блейхер В.М. Клиническая патопсихология. [Текст] 1976.
9. Блонский П.Т. Школъная успеваемостъ. Избранные произведения. [Текст] П.Т. Блонский – М. 1987.


**Рахматова С.**

## ИНТИХОБИ КАСБ ВА ДАВРАҲОИ ХУДМУАЙЯНКУНИИ КАСБИИ ҶАВОНОН

Интихоб ва худмуаянкунии бомуваффақияти касб дар ҷавонон – ин муносибати мусбии ӯ ба таҳсил ва интихоби касбиояндаи ӯ мебошад, Асоснокии таҳрибавии фаъолияти ҷавонон, такомули дониш, маҳорат, малакаҳо, равандҳои психикӣ ва хусусиятҳои шахсият аз нигоҳи касбӣ муҳим мебошад. Шавқу ҳаваси ҷавононро дар ин синнусол ба комёбиҳои навини интихоби касб, илму техникаро аз худ намуда ва онҳоро бошуурона дар назди худ мақсад мегузоранд, ва роҳу воситаҳои ба мақсад расиданро ҷӯянд ва бахри амалӣ гардидани мақсадашон саъю кӯшиш намоянд.

***Калидвожахо:*** *суҳбатҳои психологӣ, ташхиси психологӣ, зоҳиршавӣ ва такомули дониш, хусусиятҳои психологии ҷавонон, қобилияти касбӣ, ташаккули дониши касбӣ.*

**Рахматова С.**

## ВЫБОР ПОФЕССИИ И ПЕРИОДЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО САМООПЕРЕДЕЛЕНИЯ МОЛОДЁЖИ

Образование выпусников, формирование личности молодежи – с положительным отношением к образованию, основополагания определенности к трудовой деятельности, выполнения задач, осуществление другой практической деятельности, создание благоприятной среды для укрепления профессии, совершенствования знаний, навыков, умений профессионального интересса. Интерес молодежи к новыме достижения искусства профессии, стремясь осуществить свои цели.

***Ключевые слова:*** *психологические аспекты, психические процессы, устойчивость, сомоопределеность профессии, практический характер, социальный статус, формирование навыков профессии.*

**Rakhmatova S.**

**CHICE OF PROFESSION AND PERIOD OF SELF-DETERMINATION OF YOUTH PROFESSION.**

Education, the formation of a student's personality – with a positive attitude to education, there is no established university order, the foundation of scientific activity, the fulfillment of tasks, the implementation of other practical activities, the creation of a favorable environment for strengthening, rather than improving knowledge, skills, abilities, mental processes, as well as important personal characteristics of a professional.

***Keywords:*** *psychological aspects, mental processes, stability, imperfection of knowledge, practical character, social status, formation of morality*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Рахматова Садбарг Махмадсаидовна – ассистенти кафедраи педагогика ва психологияи томактабӣ ва кори иҷтимоӣ Донишгоҳи Давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин. Айнӣ. E-mail: Rahmatova @gmail.comТел.: 907-54-44-11.

**Свединие об авторах :** Рахматова Садбарг Махмадсаидовна - ассистент кафедры педагогики и дошкольной психологии и социальных работает Таджикский Государственый Педагогический Университет имени Садриддина Айни.E-mail: Rahmatova @ gmail.com Тел.: 907-54-44-11

**Information about the authors:** Rakhmatova Sadbarg Makhmadsaidovna - Assistant of the Department of Pedagogy and Preschool Psychology and Social Work of S.Aini TSPU.E-mail: Rahmatova @gmail.comPhone: 907-54-44-11

**ҶАМИЛОВА Н.**

## МУТОБИҚШАВИИ МУТАХАССИСОНИ ҶАВОН БА ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ

Масъалаи мутобиқшавии инсон ҳамеша дар маркази омӯзиши илмҳои гуногуни назариявӣ ва амалӣ (психология, сотсиология, педагогика, тиб, психология, психологияи пенитенсиарӣ, биология ва ғ.) буд ва таърихи тадқиқи муайянро дорад.

Мафҳуми «адаптатсия» (аз лот. - мутобиқшавӣ) ва пайдоиши он ба нимаи дуюми асри XVIII тааллуқ дорад, физиологи немис Ауберг ин истилоҳро барои тавсифи ҳодисаи мутобиқшавии ҳассосияти узвҳои биноӣ ва шунавоӣ дар ҷавоб ба таъсири ангезаҳои мувофиқ истифода бурда буд. Таҳқиқи минбаъдаи масъалаи мутобиқшавӣ инкишофи худро дар доираи назарияи эволютсионӣ ва биологияи умумӣ (Ж.Б.Ламарк, Ж.Сент – Иллер, Г.Спенсер, Ч.Дарвин) пайдо намуд.

Бо мурури замон ҳудуди истифодаи мафҳуми «адаптатсия» низ васеъ шуд, дар радифи биологҳо ба ҳодисаи адаптатсия духтур, психолог, сотсиолог, файласуф ва ҳуқуқшиносон низ таваҷҷӯҳ зоҳир намуданд. Дар шароити имрӯза илми ҷамъиятӣ ва ё антропологие нест, ки бавосита ё бевосита масъалаи адаптатсияи инсонро дар шароитҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти ӯ наомӯзад.

Мутобиқшавии психологӣ аз мавқеи илми психология, ин «раванди воридшавии психологии шахс ба системаи робита ва муносибатҳои иҷтимоӣ, иҷтимоию психологӣ, фаъолияти касбӣ ва дар иҷрои нақлу вазифаҳои муайян аст» [1, 448]. Чунин маъноро мафҳуми «адаптатсияи иҷтимоӣ» дар психологияи иҷтимоӣ ҳангоми омузиши воридшавии шахс ба муҳити нави иҷтимоӣ ё тағйирёбии ягон тарафи тарзи ҳаёти ӯ низ дорад. Мутобиқшавӣ на дар асоси алоқаҳои ғайрифаъоли мутобиқшавӣ, балки зимни робитаҳои фаъоли дигаргунсозии одам ба муҳити иҳотакарда сурат мегирад. Ҳамин тавр, «адаптатсия – ин раванди фаъоли мутобиқшавии фард ба шароитҳои муҳити иҷтимоӣ ва натиҷаҳои ин раванд мебошад».

Дар шароити ҳозира масъалаҳои марбут бо мутобиқшавии инсон ба шароитҳои доимо тағйирёбандаи муҳити иҳотакарда, аз ҷумла муҳити иҷтимоӣ бештар аҳамияти илмӣ пайдо карда истодааст. Дар робита бо масъалаҳои идоракунии истеҳсолот, коллективҳои мухталифи мавҷуда дар ҷомеа, адаптатсияи мутахассисон ба шароитҳои фаъолияти касбии онҳо аз масъалаҳои ҳалталаб ба шумор меравад.

Вобаста ба ин андеша, як қатор муҳаққиқон (Соревич Г.И., Подмарков В.Г., Ермоленко Н.А., Сахно А.В., Дяченко М.И., Столяренко А.М.) тадқиқотҳои илмии худро маҳз ба адаптатсияи касбӣ ва худидоракунии шахс бахшидаанд. Мувофиқи андешаи психологи рус Рогов Е.И. «адаптатсияи касбӣ – ин раванди воридшавии инсон ба касбу кор ва ҳамоҳангсозии таъсири байниҳамдигарии ӯ бо муҳити касбӣ мебошад» [2, с. 45]. Вобаста ба ин, воридшавии мутахассис ба фаъолияти бевоситаи касбиаш дар корхона ё

муассиса бояд яке аз масъалаҳои муҳими раванди идоракунӣ маҳсуб ёбад. Мувофиқи тадқиқотҳои психологӣ, адаптатсияи касбии мутахассис дар соҳаҳои зерини таъсири байнидамдигарии касбии ӯ бо муҳит амалӣ мегардад:

-мутобиқшавӣ ба фаъолияти касбӣ: ба мазмун, мақсадҳо, воситаҳо, технологияи амалигардӣ, ба низом ва шиддатёбии фаъолият;

- мутобиқшавӣ ба меъёру талаботҳои истеҳсолот, интизоми меҳнатӣ, ба меъёру қоидаҳои ташкилӣ ва ғайраҳо;

- мутобиқшавӣ ба соҳаи иҷтимоию касбӣ: адаптатсия ба нақшу вазифаҳои иҷтимоӣ, ба статуси иҷтимоию касбӣ (муаллим, духтур, хизматчии ҳарбӣ, ҳуқуқшинос, муҳандис ва ғ.);

- мутобиқшавӣ ба соҳаи иҷтимоию психологӣ: адаптатсия ба нақшу вазифаҳои иҷтимоию психологӣ, ба меъёр, қоида, арзиш ва муносибатҳои нонавишта ва ғайрирасмие, ки дар коллективҳои меҳнативу ташкилоту муассисаҳо ба вуҷуд меоянд;

- мутобиқшавии иҷтимоӣ ба маънои васеъ: адаптатсия ба чунин шароитҳои иҷтимоӣ (иҷтимоию сиёсӣ, этникӣ, ҳуқуқӣ, динӣ ва ғ.), ки дар онҳо фаъолияти касбии мутахассис сурат мегирад.

Бояд қайд кард, ки яке аз ин соҳаҳои предметии фаъолияти касбии мутахассис дараҷаи муайяни омодагиро талаб мекунад, ҳангоми мутобиқшавии шахс ба ин ё он соҳа тамоюлҳои гуногун бартарӣ пайдо мекунанд. Ин аст, ки мутобиқшавӣ ба меъёру талаботҳо ва шароитҳои фаъолияти касбӣ дар навбати аввал ҳамчун раванди азхудкунии ин талаботҳо амалӣ мегардад, зеро маълумотҳои соҳаи мутобиқшавии касбӣ ба раванди ислоҳкунӣ дода намешавад ва чун одаткуниву азхудкунии онҳо сурат мегирад.

Муваффақ шудан ё нашудани мутобиқшавии мутахассиси ҷавон дар ин соҳаҳо нисбатан табиати автономиро соҳиб аст. Умуман, ин раванд дар алоқамандии байниҳамдигарӣ мебошад, ки инро бештар дар соҳаҳои мутобиқшавии фаъолияти касбӣ ва иҷтимоию психологӣ дидан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, душвориву ихтилофҳое, ки дар мутахассиси ҷавон дар ин соҳа ва соҳаи муносибатҳои ғайрирасмӣ ба вуҷуд меоянд, ҳамчун сарчашмаи фаъолии ӯ баромад мекунанд. Ин фаъолӣ дар ба роҳ мондани омодагии касбӣ ва психологии мутахассис ба фаъолияти касбӣ нақши муҳим мебозад ва ин раванд аҳамияти омодагии ӯро ба муносибатҳои меъёрию ташкилӣ, иҷтимоию касбӣ ва иҷтимоӣ ба маънои васеъаш ба ҳеҷ ваҷҳ кам намекунад.

Мутобиқшавии касбии мутахассиси ҷавон – ин раванди пайваставу доманадор буда, дорои ҷараёни инкишоф ва хусусиятҳои дигар низ мебошад. Бомуваффақиятии он вобаста аст аз: мавҷудияти заминаҳои зарури дохилӣ дар мутахассис; омодагии мувофиқ, дараҷаи кофии мутобиқшавандагӣ, бомаромии фаъолияти касбӣ, тасаввуроти аниқ оид ба мазмун ва шароитҳои фаъолият, нақши роҳбар ва коллективи меҳнатӣ дар рафти мутобиқшавии касбӣ; амалгардии рафти адаптатсия бо баҳисобгирии хусусиятҳои мутахассис, қонуниятҳои ин раванд ва инкишофи муҳити иҷтимоӣ; таъминоти махсуси психологии ин раванд дар асоси пешбинии хусусиятҳои он ва расонидани ёрии зарури психологӣ ба мутахассис. Шароитҳои мазкур дар алоқамандии байнихамдигарӣ қарор дошта, асосан дар соҳаи муносибатҳои меъёрию касбӣ, фаъолияти касбӣ ва муносибатҳои нақшии иҷтимоию психологӣ зоҳир мешаванд.

Инчунин, бомуваффақиятии мутобиқшавии касбии мутахассиси ҷавон аз хусусиятҳои шахсӣ ва психологии ӯ низ вобаста аст. Яке аз ин хусусиятҳо мувофиқати тасаввуроти мутахассис дар бораи шароити ҳаёт ва фаъолият ҳангоми амалинамоии фаъолияти касбӣ аст. Ба иборαи дигар, мувофиқату монандии образи фаъолияти ояндаи касбӣ ба бомуваффақият анҷомёбии рафти мутобиқшавии касбӣ мусоидат мекунад ё баръакс, номувофиқии тасаввурот ва интизориҳои одам дар бораи шароитҳои воқеии фаъолияти ҳаётии минбаъда ӯро аз назари психологӣ ҳамчун мутахассиси ба душвориҳои дучороянда ва ба амалинамоии мутобиқшавии психологӣ омода набуда нишон медиҳад.

**АДАБИЁТ:**

1. Антология педагогической мысли таджикского народа / Сост. М. Лутфуллоев, С. Сулаймонӣ, Х. Афзалав; под общ. Ред. А. Рахмонова. – Душанбе, 2009. – 448с.
2. Блейхер В.М. Клиническая патопсихология. [Текст] В.М. Блейхер – Т.: 1976 – 45с.
3. Сент-Илер Ж.Б. Избранные труды. 1970.
4. Ламарк Ж.Б. Избранные произведения в двух томах. Том 2. 1959.

5. Психологический словарь / Под ред. В. П. Зинченко, Б. Г. Мещерякова. - М.: Астрель: А С Т: Транзиткнига, 2006, 479 с.

**Ҷамилова Н.**

**МУТОБИҚШАВИИ МУТАХАССИСОНИ ҶАВОН БА ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ**

Дар ин мақола мутобиқшавии касбии мутахассиси ҷавон, ки раванди муттасил ва гуногунҷанба буда, раванди рушд ва дигар хусусиятҳо дорад. баррасӣ мешавад.

Муваффакияти он аз он вобаста аст: оё мутахассис захирахои зарурии дохилй дорад; омодагии мувофиқ, сатҳи мувофиқи мутобиқшавӣ, касбият, фаҳмиши дақиқи мундариҷа ва шароити кор, нақши роҳбар ва қувваи корӣ дар раванди мутобиқсозии касбӣ; татбиқи раванди мутобиқшавӣ бо назардошти хусусиятҳои мутахассис, қонуниятҳои ин раванд ва инкишофи муҳити иҷтимоӣ; дастгирии махсуси психологии ин раванд дар асоси пешгӯии хусусиятҳои он ва расонидани ёрии зарурии равонӣ ба мутахассис.

Албатта, ин шартхо бо хам алокаманд буда, асосан дар сохаи муносибатхои меъёрии касбй, фаъолияти касбй ва муносибатхои ичтимоию психологии накши зохир мешаванд.

***Калидвожаҳо:*** *мутобиқшавӣ, фаъолияти касбӣ, мутахассиси ҷавон, кӯмаки равонӣ, омодагии мувофиқ бо назардошти хусусиятҳои мутахассис.*

**Джамилова Н.**

**АДАПТАЦИЯ МОЛОДЫХ СПЕЦИАЛИСТОВ К ПРОФЕССИОНАЛНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОЛСТИ**

В данной статье рассматривается профессиональная адаптация молодого специалиста, который представляет собой непрерывный и многогранный процесс, имеющий процесс развития и другие особенности. Его успех зависит от: наличия у специалиста необходимых внутренних ресурсов; адекватная подготовка, адекватный уровень адаптивности, профессионализм, четкое представление о содержании и условиях труда, роли руководителя и рабочей силы в процессе профессиональной адаптации; осуществление процесса адаптации с учетом особенностей специалиста, закономерностей этого процесса и развития социальной среды; специальное психологическое сопровождение этого процесса на основе упреждения его особенностей и оказания необходимой психологической помощи специалисту.

Конечно, эти условия взаимосвязаны и проявляются преимущественно в сфере нормативно-профессиональных отношений, профессиональной деятельности и ролевых социально-психологических отношений.

***Ключевые слова:*** *адаптация, профессиональная деятельность, молодой специалист, психологический помощь, адекватная подготовка, учет особенностей специалиста.*

**Jamilova N.**

**ADAPTATION OF YOUNG SPECIALISTS TO PROFESSIONAL ACTIVITIES**

This article discusses the professional adaptation of a young specialist, which is a continuous and multifaceted process that has a development process and other features. Its success depends on: whether the specialist has the necessary internal resources; adequate training, an adequate level of adaptability, professionalism, a clear understanding of the content and working conditions, the role of the manager and the workforce in the process of professional adaptation; implementation of the adaptation process, taking into account the characteristics of the specialist, the laws of this process and the development of the social environment; special psychological support for this process on the basis of anticipating its features and providing the necessary psychological assistance to a specialist.

Of course, these conditions are interrelated and manifest themselves mainly in the sphere of normative professional relations, professional activities and role-playing socio-psychological relations.

***Keywords:*** *adaptation, professional activity, young specialist, psychological assistance, adequate training, taking into account the characteristics of a specialist.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷамилова Нигора**, муаллими кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи А.И. С.Айнй. телефон: 554559855

**Сведения об авторе: Джамилова Нигора**, преподаватель кафедры общей педагогики Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. телефон: 554559855

**Information about the author: Jamilova Nigora**, Lecturer, Department of General Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after A.I. S. Aini. phone: 554559855

ЛУФОВ М. Т.
ЗАЙТМЕТОВ Х.
ФОЗИЛОВА М.

# НАҚШИ ШАХСИЯТИ ОМӮЗГОР – АСОСИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ МУТАХАСИСОНИ ОЯНДА

Ташаккули касбии педагоги ояндаро, пеш аз ҳама, фаро гирифтани пешаи интихобшуда таъйин мекунад, ки танҳо аз андӯхтани маҷмуи муайяни донишҳо, маҳорату малака иборат нест, балки азнавсозии тамоми соҳаи арзишию мотиватсионӣ, инкишофи қобилияту хислатҳои ӯро дар назар дорад, то ки ӯ ба интизориҳои дар тимсоли касбии педагог таҷассумёфта мувофиқат намояд. Хислатҳои шахс дар муҳити зоҳиран якранги фаъолият ба тарзи гуногун падидор мешаванд. Ин раванд ба ҳадафҳо, идеалҳо, рағбату хоҳишҳо ва мотивҳое вобаста аст, ки инсонро ба фаъолият водор карда, муносибаташро ба он муайян менамоянд ва муваффақият дар оянда таъйин менамояд. [1].

Сарфи назар аз гуногунии муносибатҳо ва тафовути маънидоди мафҳуми шахсият дар адабиёти равоншиносию педагогии ватанию хориҷӣ, дар аксари мавридҳо хислати асосии он ҳадафмандӣ ҳисобида мешавад, ки ҷанбаи эҳтиёҷоту мотиватсионии шахсиятро муайян карда, сатҳи олитарин ва пешбари сиришти равонии ӯ ба ҳисоб меравад.

Дар замони ҳозира масъалаи шахсият бағоят тезутунд аст. Ба ҳисоб гирифтани омили инсонӣ таваҷҷуҳро ба олами ботинии инсон, зарурати инкишофи чунин сифатҳои шахсӣ, аз қабили фаъолӣ, бошуурӣ, ҳадафмандиро дар назар дорад.

Салоҳияти касбии омӯзгори оянда, ки дорои мундариҷаи иҷтимоӣ ва феноменологӣ мебошад, шаклгирӣ, рушд, якҷояшавӣ ва дар меҳнати педагогӣ таҷассум ёфтани сифатҳои шахсӣ, қобилият, донишҳои касбӣ ва маҳорат, дигаргунсозии фаъолонаи олами ботинии хешро дар бар мегирад, ки ба сохту тарзи ҷиддан нави фаъолият дар зиндагӣ боис мегардад. Дар ин ҳол асоси меҳварии сохтори шахсияти педагог, ядрои онро ҳадафмандии педагогӣ ташкил медиҳад, ки бо тамоюл сӯйи хонанда, қабули шахсияти ӯ алоқаманд аст. Ҳадафмандии педагогӣ ба нотакрории ҳар як одам, ба инкишофи лаёқати фардии ҳам хонанда ва ҳам қобилияти худи омӯзгор, ки ба хотири манфиати кӯдак амалӣ мегардад, нигаронида шудааст. [2].

Дар равоншиносӣ ва педагогика масъалаи ҳадафмандию самтнокии шахсияти омӯзгор ба фаъолияти педагогӣ бо сабаби он, ки феномени мазкур дар самаранокии фаъолияти касбӣ аҳамияти хоссаро дорост, бағоят ҷиддӣ омӯхта шудааст. Дидгоҳҳои назарӣ оид ба ҳадафмандии касбӣ (педагогӣ)-и шахсият аз назарияи умумии ҳадафмандии шахсият бармеоянд. Он маҷмуи мотивҳои устувореро, ки фаъолияти шахсиятро самт бахшида, нисбатан ба вазъият вобаста нест.

Дар тадқиқоте, ки ба ҳадафмандии шахсият бахшида шудааст, аз давраи қадим ҷанбаҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, биологӣ, сотсиологӣ ва педагогии масъала пайгирӣ мешавад. Аз ин дидгоҳ ба гуфтору андешаҳоеро, ки дар адабиёти илмӣ мавҷуданд, баҳо додан мумкин аст.

Феномени мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар биология ва физиология ҳамчун «инъикоси пешдастонаи воқеият» (П.К.Анохин), дар равоншиносии умумӣ - «мақсад» (Д.Н.Узнадзе), «муносибат» (В.Н.Мясишев), дар равоншиносии шахсият - «ҳадафмандӣ» (Л.И.Божович), дар равоншиносии иҷтимоӣ - «мақсади иҷтимоӣ» (В.Л.Ядов), дар ҷомеашиносии шахсият - «ҳадафмандӣ» (Г.Л.Смирнов), дар фалсафаи Ғарб - «attitude» («ҳадафмандӣ», «мақсади иҷтимоӣ») ва «set» (мақсаднокӣ дар сатҳи равонию физиологӣ) номида мешавад. [7].

Моҳияти назарияи умумии ҳадафмандии шахсият дар ҷараёни омӯзиши ин масъала аз ҷониби якчанд насли мутафаккирон, файласуфон ва педагогҳои барҷастаи замони гузашта, олимони муосири ватанию хориҷӣ муайян гардидааст. Ба мафҳуми «ҳадафмандии шахсият» дахл карда, муҳаққиқон хеле мураккаб будани онро ҳамчун падидаи равоншиносию педагогӣ таъкид намудаанд.

Масъалаи ҳадафмандии шахсият дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ анъанавӣ буда, аз дидгоҳҳои мухталиф баррасӣ шудааст. Гурӯҳе ин мафҳумро ҳамчун хислати модарзодии

инсон маънидод мекунанд (И.Ф.Гербарт), дигарон бар пайдоиши биологии он таъкид доранд (У. Джеймс), гурӯҳи севум эътироф менамоянд, ки он сифати синну сол, инстинкти хоҳишест, ки қонеъ шуданро талаб мекунад (Э.Клапаред).

Оид ба саъю кӯшиши инсонӣ дар осори педагогҳои бузурги гузашта андешаҳои зиёде баён шудааст. Чунончи, Я.А.Коменский саъю кӯшиши инсонро ба маърифат ва меҳнат хислати табиӣ мешуморид, зеро «…барои тани зинда чизи тоқатфарсотаре ҳамчун бекорӣ ва беҳаракатӣ вуҷуд надорад. И.Г.Пестолотси пайдоиши мафҳуми «ҳадафмандии шахсият» -ро ба эҳтиёҷоти ҷисмонӣ ва ҳиссӣ вобаста меҳисобид. Ба андешаи ӯ, талаботи ҷисмонӣ пояе мебошад барои инкишофи саъю кӯшиши кӯдак ва аз ҷониби ӯ дарк кардани асосҳои ахлоқ.

Ташаккули шахсият дар ҳар як инсон - чунин аст манзури аксари назариядонон. Н.Г.Чернишевский барои муваффақияти тарбия зарур мешуморид, ки дар тарбиятгирандагон «саъю кӯшиш барои одамони муайяне шудан» парварида шавад, зеро «танҳо ҳамон одам хушахлоқ мешаванд, ки худашон чунин будан мехоҳанд». Оид ба ташаккули ҳадафмандӣ К.Д.Ушинский навишта буд: «Тамоми майлу хоҳишҳои инсонро қонеъ гардонед, вале мақсади ӯро дар зиндагӣ кашида гиред, ва бубинед, ки ӯ гуна махлуқи бадбахту ҳақи ре мешавад» [6].

Ғояи нақши қисматҳои мотиватсионӣ дар сохтори умумии шахсият зери таъсири таълимоти И.П.Павлов ва консепсияи А.С.Макаренко қавӣ гардид. Назарияи Павлов дар бораи он, ки организм байни на ҳама гуна барангезандаҳо, балки байни ҳаётан муҳими онҳо робита барқарор мекунад, коркарди афкори назариро оид ба омили зарурати дар динамикаи ташаккули шахсият таҳрик бахшид. А.С.Макаренко вобаста будани ҳадафмандии шахсиятро ба вижагии ташкили коллектив ҳамчун омили муҳимтарине, ки тарҳи равонии шахсиятро муайян мекунад, таъкид мекард.

Дар консепсияҳои мухталиф ин тавсиф ба таври гуногун сурат гирифтааст: «тамоюли мутаҳаррик» (С.Л.Рубинштейн), «мотиви мақсадофар» (А.Н.Леонтев), «самтнокии асосӣ дар зиндагӣ», «хислати интегралие, ки муваффақ будани инсонро дар фаъолият таъйин намуда, ҳадафҳо, кӯшишу рағбат ва мотивҳоро дар бар мегирад» (Б.Г.Ананев), «низоми мотивҳои афзалияташон устувор» (Л.И.Божович) «низоми муносибатҳои фаъоли шахсият» ва ғ. Бо вуҷуди гуногун будани таърифоти ин сифати шахсият, дар ҳамаи консепсияҳо бунёдӣ ва пешбаранда будани он таъкид мешавад [5].

Барои ошкор кардани моҳияти ҳадафмандии шахсият Б.Г.Ананев, А.Г.Ковалев, В.Н.Мясишев, П.А.Рогов ва дигарон кӯшиш ба харҷ додаанд. Аксари муаллифон ҳадафмандиро падидае меҳисобанд, ки дар он ҳам таъсироти беруна (тарбия, омӯзиш, тарзи ҳаёт) ва ҳам шартҳои ботинӣ (хусусияти фардии шахсият) инъикос мешаванд. Таъсироти беруна тариқи Шартҳои ботинии шахсият тағйир пазируфта, ҳадафмандии умумиро ба вуҷуд меоранд [4].

Ҳадафмандии шахсият, ба андешаи як зумра муаллифон, бо мафҳуми тамоюли арзишӣ пайванд мешавад, ки ба он дарки ҳадаф, баҳогузории фаъолият ва тасаввурот дар бораи воситаҳои ноил шудан ба он хос мебошад.

Дар таърифи ҳадафмандӣ ду дидгоҳи маъмул ба мушоҳида мерасад:

1) баррасии ҳадафмандӣ дар партави масъалаҳои мотиватсия

2) баррасии ҳадафмандӣ аз мавқеи назарияи муносибат.

Заминаи омӯзиши ҳадафмандии шахсиятро принсипи ваҳдати шуур ва фаъолият ташкил медиҳад. «Шахсияти инсон ба ҳеҷ ваҷҳ нисбат ба фаъолияти ӯ муқаддам нест, он ба мисли шуураш маҳсули фаъолияташ аст». Аз ин бармеояд, ки шахсияти инсонро дар фаъолият баррасӣ бояд кард, зеро шахсият аз як тараф, шарти фаъолият аст, аз тарафи дигар - маҳсули он.

Азбаски инсон мавҷудоти ҷамъиятӣ буда, бо муҳити иҷтимоӣ алоқаи ногусастанӣ дорад, дар он зиндагӣ мекунад ва бидуни он вуҷуд дошта наметавонад, ӯ дар натиҷаи фаъолияти ҳадафманди хеш, мувофиқи мақсаду вазифаҳои муайян амал карда, ҳама чизи заруриро аз ҷомеа мегирад.

Ҳадафмандии шахсият он сифатҳо ё хислатҳое мебошанд, ки дар якҷоягӣ мотивҳо ва хусусияти рафтору фаъолияти инсонро дар шартҳои муҳити иҷтимоии мазкур таъйин

мекунанд. Ба ин хислатҳо манзуру мақсади шахсият, эҳтиёҷот, манфиат, ҷаҳоншиносӣ, ақидаву идеалҳои шахсият мансубанд.

Рогов Е.И. маҷмӯи мотивҳои устуворро, ки фаъолияти инсонро самт бахшида, ба вазъияти мавҷуда нисбатан кам вобастаанд, ҳадафмандии шахсият меномад. Ҳадафмандӣ ҳамеша ба иҷтимоъ пайванд аст ва бо роҳи тарбия шакл мегирад. Ҳадафмандӣ муқаррароте мебошанд, ки ба хислати шахсият табдил ёфтаанд [4].

Тамоми шаклҳои ҳадафмандӣ дар айни замон мотивҳои фаъолияти он мебошанд. Дар расми 2 дараҷанокии шаклҳои ҳадафмандии шахсият нишон дода шудааст.

Табиати ҳадафмандӣ, ки ҷиҳатҳои объективӣ ва субъективӣ дорад, низ то андозае ҷолиб аст:

- ҷанбаи объективии ҳадафмандии шахсият заруратро ба арзишҳое инъикос мекунад, ки воқеан вуҷуд доранд ва аз тарафи ҷомеа офарида шудаанд. Аз ҷумла, меъёрҳои ахлоқ, ҳақиқати илмӣ, меҳнат, таҷрибаи истеҳсолӣ ва ғ.

- ҷанбаи субъективии ҳадафмандии шахсият махсусияти дорандаи ҳадафмандӣ - худи шахсиятро ҳамчун субъект, ҳамчун низоми мураккаби муайян, инъикос мекунад.

Нуқтаҳои мазкур дар ҷараёни ташаккули ҳадафмандии шахсияти педагогҳои оянда низ бояд ба ҳисоб гирифта шаванд, зеро тамоми тағйироте (объективӣ ва субъективӣ), ки мундариҷаи ҳадафмандиро ташкил медиҳанд, ногузир ба сохтори томи шахсият таъсир мерасонанд.

Таҳлили мухтасари адабиёти психологию педагогӣ маълум кард, ки бо вуҷуди набудани фаҳмишу таърифи ягона ва сохтори маъмули ҳадафмандии касбии шахсияти педагог, хосияти мазкури шахс аз ҷониби ҳамаи муаллифон ҳамчун муайянкунандаи муваффақияти фаъолият ва таҳрикбахшандаи рушди дигар сифатҳои барои касб муҳим баррасӣ мегардад.

Ҳадафмандии шахсият хусусияти мутаҳаррик аст, яъне дар ҷараёни фаъолияти мақсаднок инкишоф ва баланд шудани сатҳи ташаккули он имконпазир мебошад. Ҳадафмандии шахсият дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти инсон зоҳир мегардад ва маъмулан ҳадафмандии ҷаҳоншиносона, касбӣ ва маиширо аз ҳам фа рқ мекунанд.

Ҳадафмандии касбӣ барои инсон бештар муҳим ва пешбаранда мебошад. Он ба дараҷаи назаррас шахсиятро ташаккул медиҳад, як навъ «меҳварест», ки гирди он хислатҳои беҳтарини шахсият инкишоф меёбанд. Ҳадафмандии касбӣ яке аз хислатҳои асосии мутахассис дар ҳама гуна соҳа мебошад.

Ҳадафмандии касбӣ қисмати муҳимтарини таълим аст, ки барои аз худ кардани донишҳо, малакаву маҳорати касбӣ ва рушду пешрафти мутахассисони оянда имконияти бештаре фароҳам меорад. Он нерӯи пешбарандаи ҷараёни омӯзиш, ангезандаи фаъолияти амалию маърифатии донишҷӯён аст, қатъи назар аз он, ки фаъолият дар таркиби раванди таълим сурат мегирад ё дар шартҳои дигар.

Ҳадафмандии касбӣ сифати раҳнамои шахсияти кордон, хусусияти низоми майлу рағбати ӯ барои корбасти нерӯ ва қобилияташ дар касби интихобкарда мебошад.

Омӯзиши масъалаи ҳадафмандии касбӣ дар самтҳои мухталиф амалӣ гардидааст. Чунончи, В.П.Апшиниек баррасии ин мавзӯъро дар иртибот бо масъалаи таълими асосҳои маҳорати касбӣ дар муассисаи олии педагогӣ анҷом додааст. Т.А.Воробева, ки масъалаи интихоби касбро мавриди омӯзиш қарор додааст, ҳадафмандии касбиро яке аз нишонаҳои асосии коршоямии касбӣ ба пешаи омӯзгор мешуморад.

Аз нигоҳи Ф. Шарифзода ҳадафмандии касбӣ қисми таркибии рисолати педагогӣ мебошад. Ӯ се гурӯҳи донишҷӯёнро муқаррар мекунад:

- Онҳое, ки ба касби омӯзгор ва фан муносибати возеҳи мусбат доранд;
- Онҳое, ки ба фанни интихобкарда муносибати мусбат доранд, аммо ба касби педагог беэътино ҳастанд ё муносибати манфӣ доранд;
- Онҳое, ки нисбат ба фан ва касб беэътиноянд ё муносибати манфӣ доранд [7].

Омӯзгоре, ки дорои ҳадафмандии возеҳи педагогист, фаъолона ба ҷараёни худогоҳии касбӣ ҳамроҳ мегардад. Ин ҷараён бо дарки қоидаву меъёрҳо, қолаби рафтори педагогӣ аз ҷониби омӯзгор, бо ташаккули ҷаҳоншиносии педагогӣ, бо фаҳмидану қабул кардани як навъ маҳаку намунаҳои касб ва муқаррар кардани муносибати худ бо онҳо дар асоси

худбаҳодиҳӣ ва баҳои дигар иштирокдорони ҷараёни педагогӣ ба қобилияти педагогии худ, дараҷаи самаранокии фаъолияти хеш, ҳамчунин сифатҳои шахсии барои касб муҳим алоқаманд аст.

Агар дар донишҷӯён ҳадафмандии касбии шахсият, яъне саъю кӯшиши татбиқи донишҳо, таҷрибаву қобилияти худ дар соҳаи касби интихобшуда ташаккул дода нашавад, мактаби олӣ вазифаҳои худро оид ба тайёр кардани мутахассиси оянда иҷро карда наметавонад.

Ташаккул додани ҳадафмандии касбӣ дар донишҷӯён маънои онро дорад, ки дар онҳо бояд муносибати мусбат ба пешаи оянда, шавқу рағбат, майлу хоҳиш ва қобилият ба он, саъю кӯшиш барои такмили тахассуси хеш ва қонеъ намудани эҳтиёҷоти моддию маънавӣ, ҳамчунин бо касби интихобшуда машғул гардида, инкишоф додани идеалҳо, андешаву ақидаҳо ва обрӯву нуфузи касб тарбия шавад.

Ҳамин тариқ, категорияи ҳадафмандии шахсиятро ҳам муносибати ҳиссию мусбати педагог ба фаъолияти касбӣ, ҳам ширкати фаъолу мувофиқ дар он муайян менамояд. Аммо вобаста ба он, ки мотивҳои интихоби касби педагог бисёр вақт ҳошиявӣ мебошанд, маҳз масъалаи ташаккули ҳадафмандии педагогии мутахассисони оянда аҳамият пайдо мекунад. Чунин ташаккул метавонад мустақим ё ғайримустақим сурат гирад. Роҳи мустақим равандҳои бевоситаи таълим ва тарбия дар асоси донишҳо, ақидаҳо, идеалҳо, таъсири мақсаднок ба ҷанбаи ҷаҳоншиносонаи омодагии психологию педагогӣ аст. Роҳи ғайримустақим бо омода кардани педагогҳо ба ёфтани мавқеи худ дар фаъолияти касбию педагогӣ ҳамчун соҳа барои худтатбиққунии шахсият алоқаманд мебошад. Ташаккули ҳадафмандии педагогӣ дар ин маврид ба сифати натиҷаи дуюмдараҷа, аммо нисбатан устувори омодагии мутахассис зоҳир мегардад. Самаранокии ташаккули салоҳияти касбии педагоги оянда бевосита ба ҳадафмандии педагогии шахс, ки аз оғоз вуҷуд дошт ё дар раванди таълим шакл гирифтааст, вобаста мебошад.

## АДАБИЁТ:


1. Зайтметов Ҳ.А., Психологияи умумӣ / Ҳ.А. Зайтметов“Ношир” Хуҷанд-2017. 240 с.
2. Марков, А.К., Таҳлили психологии салоҳияти касбии омӯзгор/ А.К. Марков Педагогикаи советӣ.-1990.-№8.-С.82-88
3. Митина Л.М. Психология профессионального развития учителя. // Л.М. Митина, Москва: Флинта: Московский психолого-социальный институт, 1998. - 200 с:
4. Рогов Е.И. Настольная книга практического психолога в образовании. // Е.И. Рогов. Москва 1996.
5. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии: В 2-х т. – Т.2. – М.: Педагогика, 1989. – 328 с. – (Трудқ чл.-корр. АПН СССР).
6. Ушинскиӣ К.Д. Педагогические сочинения /К.Д. Ушинскиӣ., Москва-1949
7. Шарифзода, Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ/ Шарифзода, Ф., Миралиев А.М., Душанбе: Ирфон, 2012.-562 р.
8. Шарофов Ш.А.
9. Муошират ва худшиносӣ / Ш.А. Шарофов Хуҷанд-2017. 300 с.


**Луфов М., Зайтметов Х., Фозилова М.**

## НАҚШИ ШАХСИЯТИ ОМӮЗГОР – АСОСИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ МУТАХАСИСОНИ ОЯНДА

Дар мақола ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда дар заминаи ҳадафмандии шахсият баррасӣ шудааст. Таъкид шудааст, ки самаранокии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда ба мақсаднок будани шахсият, ки дар раванди ҳаёти шахс ташаккул меёбад, асос меёбад.

***Калидвожаҳо:*** *шахсият, ҳадафмандии шахсият, психология, педагогика, салоҳият, салоҳиятнокӣ, тайёрии касбӣ, салоҳиятӣ касби,маҳорати педагогӣ*

**Луфов М., Зайтметов Х., Фозилова М.**

## РОЛЬ ЛИЧНОСТИ ПЕДАГОГА – ОСНОВА КОМПЕТЕНТНОСТИ ПРОФЕССИОНАЛИЗМА БУДУЩИХ СПЕЦИАЛИСТОВ

В статье рассматриваются вопросы формирования профессиональной компетенции будущих педагогов в контексте целеустремленности лисности. Подчеркивается, что эфективность

формирования профессиональной компетенции будущих педагогов основывается на целеустремленности лисности, которая формируется в процессе жизнедеятельности индивида

***Ключевые слова:*** *индивидуальность, ориентация личности, психология, педагогика, компетентность, компетентность, профессиональная подготовка, профессиональная компетентность, педагогические навыки*

**Lufov M., Zaitmetov H., Fozilova M.**

**TYE ROLE OF THE PERSONALITY OF THE TEACHER – THE BASIS OF COMPETENCE PROFESSIONALISM OF FUTURE SPECIALISTS**

In article questions of formation of the professional competence of the future teachers in a purposefulness context лисности are considered. It is underlined that эфективность formations of the professional competence of the future teachers is based on purposefulness лисности which is formed in the course of ability to live of the individual.

***Keycatch:*** *individuality, orientation of the person, psychology, pedagogics, competence, competence, vocational training, professional competence, pedagogical skills.*

**Малумот дар бораи муаллифон: Луфов Мансур Туймуратович – номзади илмҳои педагогӣ,** сармуаллими кафедраи психологияи иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. ш. Хуҷанд, **Email-** lufov@mail.ru Тел.92-812-91-99

**Зайтметов Х.А.-** дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбӣ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

**Фозилова М.Ҷ**. –доктор PhD, омӯзгори кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Сведения об авторах: **Луфов Мансур Туймуратович** – кандидат педагогичечкие наук, старший преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафуров. **Email-** lufov@mail.ru Тел.92-812-91-99

**Зайтметов Х.А.-** доцент кафедры социальной и профессиональной психологии Худжандского государственного Университет имени академика Бобожона Гафурова

**Фозилова М. ДЖ**. –доктор PhD, преподаватеь кафедры социальной и профессиональной психологии Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова

**Information about authors: Lufov Mansur Tujmuratovich** - the senior teacher of chair of social and professional psychology of Hudzhandsky state university of a name of the academician B.Gafurov. **Email-** lufov@mail.ruТел.92-812-91-99

**Zaytmetov Kh.A.-** Associate Professor at the Department of Social and Professional Psychology Khujand State University named after academician Bobozhon Gafurov

**Fozilova M. Dzh.** - PhD Doctor, teacher of the Department of Social and Professional Psychology, Khujand State University named after Academician Bobodzhon Gafurov, Khujand

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**
**METHOD**

**Л. ИМАТЗОДА**
**М. УЛФАТОВ**

# ТАШАККУЛИ ШАВҚИ ХОНИШИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ

Замони ҷаҳонишавӣ дар баробари зарурати пешрафти ҷамъият рушди илму маорифро низ талаб менамояд. Имрӯз барои роҳандозӣ намудани, пешравии соҳа ва тарбияи маънавию зеҳнии хонандагон, соҳибмаърифат гардидани онҳо бояд шароити мусоиди босамар барои ташаккули низоми таҳсилоти ҷавобгӯи талаботи замон гузаронидани таҳқиқотҳои дархури замон, татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар раванди таълим, баландбардории тахассуси омӯзгорон, таъмини таълимию методӣ ва илмии соҳа бо адабиёти нав муҳайё карда шавад.

Дар ҷараёни таълим дар номгӯи фанҳои омӯхташаванда мавқеи асосӣ ва ивазнашавандаро забони модарӣ ишғол мекунад. Дараҷаи азхудкунии донишҳои мухталиф, инкишофи малакаю маҳорат, васеъшавии ҷаҳонбинии хонандагон, инкишоф ва вусъатёбии тафаккур, таъмини иродаи устувор, кобилияти таҳлилу муқоисаи онҳо ба омӯзиши фанни забони модарӣ ва чигунагии ҷараёни таълими он вобаста аст.

Бояд тазаккур дод, ки таълим чизи шахшуда ва якранга набуда, ҳамеша дар инкишоф ва рушду нумӯъ аст. Дари ин маврид истифода аз методу усулҳои фаъоли таълим инкишофёбандагии онро таъмин месозад. Барои ҳосил намудани донишҳои нав, ташаккули шавқи хониш дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ омӯзгорон ва хонандагонро зарур аст, ки аз ин методҳо мавриди истифода қарор диҳанд. Дар ин боб донишманди тоҷик М. Лутфуллозода чунин менигорад: «Методи таълим илмест дар бораи роҳ, тарз, воситаҳои омӯхтани маҷмӯи муайяни дониш, ҳосил намудани маҳорату малака, ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон ва вусъати қобилияти онҳо». [6,47]

Азхудкунии малакаи босифати хониш барои хонандагон шароити бомуваффақияти таълимро барои аз худ намудани ҳамаи фанҳои таълимӣ таъмин менамояд. Ин яке аз воситаҳои асосии ҳосилнамоии ахборот, яке аз роҳҳои инкишофи ҳаматарафа ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин гузаронидани чорабиниҳои мунтазам ва мақсаднок оид ба инкишоф ва такмили малакаи хониш муҳим аст. Мустақилнокии хониш – ин заминаи боэътимоди худомӯзӣ, худтакмилдиҳӣ, худтарбияткунӣ ва худинкишофдиҳӣ ба шумор меравад, ки манбаи асосии он китоб ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, мушоҳидаҳо собит месозад,ки сол то сол шавқи хонандагон ба китобхонӣ коста гардида истодааст. Яке аз сабабҳои асосӣ бевосита таъсири телефонҳои мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ мебошад.

Ташаккул ва инкишоф додани шавқу рағбат ба китобхониро ҳамчун талаботи устувор аз синни хурдсолӣ, аз давраи синну соли томактабӣ ба роҳ мондан лозим аст, зеро маҳз дар ин марҳила маҳорату малакаи асосии ба хондан омода шудани кӯдакон гузошта мешавад. Аз ҷониби дигар, ташкили дурусти роҳҳои ба китобхонӣ ҷалб намудани хонандагон – асоси фаъолияти касбии муаллим ба ҳисоб меравад.

Дар стандарти давлатӣ таҳсилоти умумӣ ҳатман муваффақ шудан ба зарурати давом додани маълумоти дараҷаи салоҳиятнокии хониш таъкид карда шудааст. Кӯдак мақсаднок бо китоб кор карданро дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, махсусан аз синфи ибтидоӣ оғоз мекунад. Маҳз дар ҳамин марҳила шавқу рағбати кӯдакро ба хониш ҷалб кардан ва инкишоф додани он муҳим мебошад.

Бояд зикр кард, ки хониш дар ҳаёти ҳар як кӯдак накши муҳим дошта, дар ӯ ҷаҳонбинии муайян, завқи бадеӣ, меъёрҳои муайяни рафторро тарбия мекунад. Арбобони бузурги педагогика ва психология, нависандагон, мутафаккирони тоҷику рус, аз қабили М.Лутфуллозода, .Шарифзода, В. А. Сухомлинский, Л. С. Виготский, Л.В.Занков, Д.Б. Элконин, В.П.Коновалова, Г.И.Щукина, З.И. Романовская ва дигарон дар асарҳояшон чунин моҳияти тарафҳои мушкилоти мазкур - амсоли хониш, адабиётро дар тарбияи насли наврас, инчунин масъалахои табиати равонии хониши бачагон, роҳҳои тарбияи рағбат ба хонишро дида баромадаанд. Натиҷаи ин пажӯҳишҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки

мушкилоти ташаккули шавқу рағбат ба хониш дар хонандагони хурдсол ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам методӣ таҳқиқотҳои махсуси худро талаб мекунанд. [5;6;9;10]

Таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ нишон медиҳад, ки муаллифон хонишро ҳамчун раванди мақсадноки педагогии шинос кардани бачаҳо бо адабиёту китобҳо мефаҳманд, зеро мақсади ин раванд тарбия кардани рағбат ба китоб, маҳорати дуруст ва дарк намудани китоби хондашуда мебошад. Хониш аз дигар намудҳои робита ба таври қатъӣ фарқ мекунад, ки ин бо махсусияти матн ҳамчун системаи аломатҳо рабт дорад.

Мавҷуд будан ё набудани рағбат ба хониш – омили асосии муносибати бачаҳо ба китоб маҳсуб меёбад. Ба китоб, ки шавқ набошад – хониш ҳам, ҳарчанд муаллим кӯшиш намояд, вуҷуд дошта наметавонад. Дар таҳқиқотҳои педагогӣ-психологӣ «шавқ ба хониш» чунин шарҳ дода мешавад: «Он ҳамон вақт пайдо мешавад, ки бачаҳо ба хониши бадеӣ сарфаҳм раванд, дар онҳо майлу хоҳиши таълимӣ- маърифатии хониш инкишоф ёбанд. Рағбат ба хониш қобилияти эҷодии хонандагони хурдсол, хештаншиносӣ ва худшиносашонро фаъол мегардонад». [2;3;12]

Асари бадеӣ ба ташаккули доираи хониши бачагон он вақте таъсири муҳим мерасонад, ки дар он ғояҳо, идеалҳо, дархостҳои ӯ арзи ҳастӣ дошта бошанд. Вақте ки асари бадеиро интихоб менамоем, мо бояд ҳатман дар бораи ташаккули мусбати эҳсосоти кӯдак, фаъолияти позитивии ӯ дар натиҷаи даркнамоии муҳтавои асар андеша намоем.

Ташкил кардани хониши бачаҳо роҳбариро ба хониши бачаҳо тақозо мекунад. Хониш чунин қисматҳоро ба монанди даркнамоии биноӣ, хонда додан ва фаҳмида гирифтани (дарк кардан) маводи хондашударо дар бар мегирад. Ташаккули малакаи хониш муддати дуру дарозро талаб мекунад. Чор самти малакаи хонишро қайд менамоянд: **хониши дуруст, равонӣ, хониши бошуурона, хониши ифоданок (нутқи бурро).**

Зери **хониши дуруст** – хониши бе ғалат фаҳмида мешавад: калимаҳо дуруст талаффуз карда мешаванд, дар ҷумла тағири ҷой намекунанд, ба ихтисори калимаҳо роҳ дода намешавад. Ғалатҳо бештар дар калимаҳое рӯй медиҳанд, ки хонандагон ба мазмуни он сарфаҳм намераванд. Бо мақсади пешгирии хатогиҳо зарур аст, ки пеш аз хониш маънои луғавии калима фаҳмонида шавад, зеро бе фаҳмиши маънои калима дарки матн мушкил мегардад. Мумкин аст, ки пешакӣ калимаҳоро бо ҳиҷо хонд ё ин ки матнро бо овози паст, хомӯшона.

**Равонии хониш** бо миқдори муайяни калимаҳо, ки дар як дақиқа талаффуз карда мешаванд, шарҳ дода мешавад. Суръати хониш тадриҷан афзоиш меёбад ва бо хониши дуруст ва бошуурона дар алоқамандӣ мебошад. Ба инкишофи суръати хониш супоришҳое таъсири мусбат мерасонанд, ки хонандагонро ба такроран мутолиа кардани матн бо мақсади дарки боз ҳам чуқуртари он водор месозанд (тасдиқ кардани ҷавоби худ бо суханони муаллиф, ба саволҳо бо иқтибос аз матн ҷавоб додан, нақл намудан, тартиб додани нақша, ба қисматҳо ҷудо кардан ва номгузорӣ намудан.

Хониши бошуурона аз донистани мазмуни ҳақиқии матни хондашуда, самти ғоявии асар вобастагӣ дорад. Ин аз таҷрибаи ҳаётии кӯдак, фаҳмиши маънои луғавии калима ва як қатор шароитҳои методӣ вобаста мебошад. Барои он ки кӯдакон матнро бошуурона хонанд, таҳлили он аз ҷиҳати мазмун ва воситаҳои бадеият гузаронида мешавад. Дар бораи хониши бошуурона метавон бо ифоданокӣ ва ҷавоб ба саволҳо баҳо дод.

**Хониши ифоданок** – ин воситаест, ки бо кӯмаки он фикру ақида ва ҳиссиёте, ки дар асар ҷой дода шудааст (зада, мантиқ, таваққуф, баланд ва паст кардани овоз) аниқ баён гардад. Хониши ифоданок дар он вақт муяссар мегардад, ки агар хонанда ба мазмуни асар сарфаҳм меравад. Бинобар ин кор аз болои хониши ифоданок дар раванди кор бо хониши бошуурона гузаронида мешавад. [2;4;7;11;13]

Ҳамаи сифатҳои номбаршуда баёни ҳам алоқаманд ва робитаи қавӣ доранд. Ҳамчун намуди махсуси фаъолият, хониш барои инкишофи ақлӣ, эстетикӣ ва нутқии кӯдак имкониятҳои бештарро фароҳам меорад.

Малакаи мукаммали хониш – ин таҳкурсӣ барои таълими минбаъдаи ҳамаи фанҳои таълимӣ, манбаи асосии гирифтани ахборот ва воситаи муошират мебошад. Ташаккули малакаи хониши босифат дар хонандагони хурдсол яке аз вазифаҳои асосии мактаби ибтидоӣ мебошад. Ва ин вазифа хеле муҳим мебошад, зеро хониш дар таҳсилот, тарбия ва инкишофи инсон мавқеи калонро ишғол мекунад.

Дар инкишофи шавқ ба хониш педагог (омӯзгор) ва падарону модарон нақши калон мебозанд. Онҳо ба кӯдак дар интихоб намудани китобҳои зарурӣ, ки баҳри рафъи эҳсосоти баланд мусоидат мекунанд, бояд мадад расонанд. Бачаҳо худро ба ҷойи қаҳрамонони китобҳо мепиндоранд, бад-ин минвол шахсият тарбият мёёбад.

Мақсади асосӣ оид ба омӯзиши хониш дар синфҳои ибтидоӣ ташаккулдиҳии китобхони босавод ва рушдёбанда мебошад, ки ӯ қобилияти қабул кардани малакаҳои хонданро ҳамчун воситаи худомӯзишӣ истифода барад.

Малакаҳои ташаккулёфтаи хониш аз ду унсури асосӣ иборат аст: а) тарзи хониш (дарки дурусту зуд ва овоздор кардани калимаҳо, ки ба робитаи байни образҳои намоишии онҳо асос ёфтааст; б) фаҳмидани матн ( ҷудо кардани маъною муҳтавои он).ин унсурҳо байни ҳам зич алоқаманд ҳастанд.

Г.Н. Шукина меҳисобад, ки раванди омӯзиши хониш аз худи ибтидо барои тарбияи шавқ ба хониш равона карда мешавад. Ҳамин тавр, дар муайянкунии шавқи хонандагӣ мо аз андешаҳои Е.В. Швакина дар бораи шавқи хониш - ин, пеш аз ҳама, дар хонанда будани шавқи устувор ба китоб мебошад, ки хонанда онро ҷудо мекунад ва афзалиятро ба дигар китобҳо медиҳад, зеро дар онҳо талаботи шахсиро ҳис карда, онҳоро барои худ муносибтар медонад, дониш ва таҷрибаи худро пурратар менамояд. [12,91]

Ҳалли вазифаҳои тарбия ва бо ҳаёти иҷтимоӣ шиносондани мактаббачагон, ташкил кардани инкишофи бештари пурсамари онҳо дар чорчӯбаи фаъолияти беруназдарсӣ дар Стандартҳои давлатии таълимии федералӣ (Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ) ба назар гирифта шудааст. Он аҳамияти бузурги инкишофдиҳандаю омӯзандагӣ ва тарбивиро дорост.

Фаъолияти беруназдарсӣ қисми муҳими ҷудонопазири раванди маълумотгирии бачагони синни мактабӣ ба шумор меравад. Ин фаъолнокӣ ва мустақилияти беруназдарсии бачаҳо, ки асосан ба шавқу завқ ва талаботи онҳо вобаста мебошад, рушд, тарбия ва иҷтимоиёти хонандаи хурдсолро таъмин мекунанд. Вазифаҳои асосии фаъолияти беруназдарсӣ инҳоянд: ташаккул ва инкишофи шавқҳои хонандагӣ, рафоқат, дӯстӣ,таҳаммулпазирӣ, муҳаббат ба Ватан, ба забони русӣ, ташаккули меъёрҳои эстетикӣ, арзишҳои ахлоқӣ, васею амиқгардонии донишҳои адабии чи дар дарсҳои хониш ва чи фаъолияти беруназдарсӣ гирифта.

Имрӯз қариб дар ҳар як муассисаи таълимӣ махсусияти худии ташкил кардани фаъолияти беруназдарсӣ мавҷуд мебошад, ки он бо хусусиятҳои ҷойгирии ҳудудӣ, имкониятҳои базаи моддӣ-техникии муассисаи таълимӣ, эҳтиёҷот ва рағбати волидайни онҳо муайян карда мешавад. Мактаб пас аз дарсҳо – ин ҷаҳони эҷодӣ, зуҳурот ва ошкоркуниҳои шавқу рағбатҳо, «ман»-и худи бачаҳо мебошад. Охир асосаш он аст, ки кӯдак интихоб менамояд, орзуи худро ифшо сохта, ҳамчун шахсият кушода мешавад. Муҳим аст, ки кӯдакро ба машғулиятҳои баъди дарсҳо шавқманд намояд, то мактаб барои вай хонаи дуюм гардад, ин имконияти табдил додани фаъолияти беруназдарсӣ ба муҳити пурарзиши тарбия ва таълимро фароҳам меорад.

Фаъолияти беруназдарсӣ мақсад мегузорад, ки мактаббачагон бидуни маҳдудияти вақт дар дарсҳо ихтиёран донишҳои амиқ биандӯзанд. Ин ба инкишофи қобилияти маърифатӣ ва майлнокии талабаҳо мусоидат карда, муаллим ҳамзамон дар интихоби мундариҷаи фаъолияти беруназдарсӣ озод мемонад. Мактаббачагон ба фаъолияти беруназдарсӣ дар заминаи интихоби озоди намудҳои машғулиятҳо ҷалб карда мешаванд. Он дар робитаи зичи омӯзиш, таълим ва тарбия замина мегирад. Фаъолияти беруназдарсӣ дарси одиро пурра мекунад, вале ҳамзамон ҷаҳонбинии хонандаро васеъ карда, фаъолияти эҷодӣ ва мустақилнокиро инкишоф медиҳад. Коновалова В.П. таҳти фаъолияти беруназдарсӣ қисми зарурии раванди таълими бачагони синни хурди мактабиро мефаҳмад. [5,114]

Дарс ва фаъолияти беруназдарсӣ байни ҳам зич алоқаманд мебошанд. Фаъолияти беруназдарсӣ идомаи дарс маҳсуб ёфта, онро пурмазмун, дониш ва маҳорати хонандагонро ғанӣ мегардонад.

Аксари муаллифон таъкид менамоянд, ки фаъолияти беруназдарсӣ оид ба инкишофи шавқи хонандагӣ - ин корест, ки пас аз дарсҳо бо мақсади инкишофи шавқ ба хониш, васеъкунии ҷаҳонбинии хонандагӣ, маърифати адабӣ ва рушди хонанда ба роҳ монда мешавад. Он ба мо имконияти зиёдеро барои ҷалбкунии хонандагон ба хониш медиҳад ва

онро ба шуғли писандидаи онҳо табдил месозад. Дар заминаи омодагӣ ва баргузор кардани фаъолияти беруназдарсӣ бояд рағбати ҳамдигарӣ ва шавқмандии педагог ва хонандагон истода бошад. Ва агар ҷӯшухӯруши ӯ бештар бошад, ҷалб кардани хонандагон ба кори беруназдарсӣ зиёдтар суръат мегирад.

Вобаста ба инкишофи шавқи фаъолияти беруназдарсӣ қисми таркибии раванди таълимӣ-тарбиявиро ҳамчун яке аз шаклҳои ташкилии фароғати мактаббачагони хурдсол дидан мумкин аст. Ин гуна фаъолият баъд аз дарс ба инкишофи шавқи хонандагӣ ва амиқтаршавии донишу маҳорати андӯхта, кушодашавии хусусиятҳои фардии ҳар як хонанда, рушди мустақилиятнокӣ ва фаъолнокии эҷодӣ мусоидат менамояд. Бад ин монанд, мо метавонем гӯем, ки китоб дар инкишофи маънавии инсон нақши бузург дорад. Аҳамияти он махсусан дар марҳилаи ташаккули бошиддати шахсият – солҳои бачагӣ бузург мебошад. Китобе, ки дар бачагӣ хонда шудааст, аксар вақт дар замир пайи носутурданӣ мегузорад.

Пушида нест, ки хониши бадеӣ ҳама вақт ҳамчун воситаи таълиму тарбияи инсон шуморида мешуд. Мавриди гузаронидани корҳои беруназсинфӣ меъёрҳои интихоби асарҳои бадеиро барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд риоя намуд, ки аз инҳо иборатанд:

1. Дастгирии самти таҳсилоти миллӣ ва раванди педагогию равонӣ;
2. Таълими хонандагон дар мувофиқа бо барнома ва нақшаи таълимии синфҳои ибтидоӣ;
3. Талқин намудани худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, ифтохор ва масъулияти шаҳрвандӣ;
4. Тасвири ҳаёти кӯдакон, санаҳо ва ҷойҳои таърихӣ, одату анъанаҳои миллӣ, фаслҳои сол, олами наботот ва ҳайвоноти Тоҷикистон;
5. Ҳавасмандгардонии рӯ овардан ба хониш ва донишомӯзӣ.
6. Интихоби жанрҳои гуногун, аз ҷумла ҳикоя, шеър, афсона, суруд, чистон ва ғ. бо расм, намуна, мусиқӣ ва ғ.
7. Таблиғи тарзи ҳаёти солим, такмили дарки олами атроф ва муносибати эҳтиёткорона ба табиат ва боигариҳои он;
8. Баландбардории бохабар будан дар бораи арзишҳои умумибашарӣ ва ҳуқуқи инсон.

Интихоби дурусти асари бадеӣ барои ташаккули маҳорату малакаи аз худ кардани мазмуни асар аз ҷониби хонандагон барои дар мактаб таҳсил намудан аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Миқдори калимаҳо, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар давоми ҳар чоряк дар як дақиқа бояд хонанд, ба таври зайл аст.

| Синфҳо | Чорякҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 |
| Якум | - | - | 25-30 | 31-35 |
| Дуюм | 36-40 | 41-45 | 46-50 | 51-55 |
| Сеюм | 56-60 | 61-65 | 66-70 | 71-75 |
| Чорум | 76-80 | 81-85 | 86-90 | 91-100 |

Машғулиятҳои хониши тарбиявӣ ва берун аз синф ҳафтае як бор дар синфи I-II-III-IV гузаронда мешаванд, ки дар давоми соли хониш 32 машғулиятро ташкил медиҳад. [2,57]

Яке аз мақсадҳои асосии ин машғулитҳо равнақи малакаҳои китобхонии бачаҳо, ба ҳисоб гирифтани маводи хондашуда ва инкишофи нутқи талабаҳо аст.

Мазмуни машғулиятро нақлу ҳикояи мазмуни китобҳо ва дигар маводи хонда, мухокимаи онҳо, саволу ҷавоб, шеърхонию байтбарак, тақризнависӣ, расмкашӣ ва ғайра.

Бо мақсади муайян намудани сатҳи хониши хонандагон супоришҳое кор карда баромада мешаванд, ки дар асоси таҳлили тарзи иҷрои онҳо дар бораи хусусиятҳои фаҳмидану қабул намудани матни пешниҳодшуда, иҷрои машқҳои грамматикӣ ва маҳорати ба мазмуни супориш сарфаҳм рафта тавонистан, маҳорати муқаррар карда тавонистани алоқаи байни қисмҳои матн баҳо додан мумкин аст.

Дар мавриди баргузории корҳои беруназсинфӣ бо истифода аз усулҳои фаъоли таълим дар хонандагони синфи 1 маҳорату малакаҳое ташаккул меёбанд, ки онҳо заминаи фаъолияти таълимиро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, бо хониши адабиёти иловагӣ фаҳмидани маънои масъалаи таълимии пешниҳодшаванда, фаҳмидани тарзҳои иҷрои амалҳои зарурӣ, гӯш кардани суханҳои педагог ва талабҳои ӯро иҷро намудан ташаккул дода мешавад.

Ин ҷо барои намуна матнеро бо номи «Оқибати бадӣ» пешниҳод менамоем, ки омӯзгор онро хонда, мазмунашро ин тавр мепурсад:

**Муаллима:**- Хоҷа, яъне соҳиби гӯсфанд чӣ кор мекард?

**Муслима:**- Дар Басра шахсе будааст, ки гӯсфандонашро дӯшида, ба шири онҳо оби бисёре андохта мефурӯхт.

Муаллима ба ним коса шир, ним коса об рехта, ба бачаҳо нишон дод ва гуфт:

- Баробар об рехтем, вале ранги шир дигар нашуд, сафед мемонад, аммо маззааш дигар мешавад. Хоҷа ана ҳамин хел харидоронро фиреб мекард.

**Муаллима:**-Чӯпон ба Хоҷа чӣ гуфт?

**Олим:**-«Эй Хоҷа, хиёнат макун, ки оқибати ин хуб набошад». Хоҷа ба ин суханон аҳамият надод.

Муаллима ба расми китоб нигоҳ карда чунин савол дод:

- Дар домани кӯҳ чӣ воқеа рӯй дод?

**Рухшона:** - Рӯзе гӯсфандон и дар домани кӯҳ мечариданд. Ногоҳ борони сел шуд ва сел гӯсфандонро бибурд. Чӯпон бе гӯсфандон ба назди Хоҷа омад.

**Муаллима:**- Чаро чӯпон гӯсфандонро наовард?

**Рухшона:**-Чӯпон чунин ҷавоб дод: - Эй Хоҷа, он обҳое, ки ба шир омехта будӣ, ҷамъ шуда ба селе мубаддал гашта, гӯсфандонатонро бибурданд.

**Муаллима:**- Агар некӣ кунӣ, некӣ мебинӣ. Агар бадӣ кунӣ, бадӣ мебинӣ. Хоҷа, ки бадӣ кард, бадӣ дид.

Калиимаҳои зеринро дар тахтаи синф навишта шарҳ дод.

**Басра**-номи шаҳр.

**Овarданд**-нақл мекарданд.

**Написанданд**-писанд накард.

**Ҷумла**-ҳамагӣ, ҳамеша.

Бачаҳо ин калимаҳоро бо супориши муаллима ба дафтарҳои луғаташон навиштанд.

Машқи 1-ро Меҳрона бо супориши муаллима хонд ва дар тахтаи синф калимаҳои «чӯпон» ва «гӯсфанд»-ро навишт. Супориш дод, ки ин калимаҳоро навишта, ба зери ҳарфҳои «п» ва «ф» хат кашанд.

Муаллима Комронро ба назди тахтаи синф даъват намуд. Ба сари вай сала, дар миёнаш банд, дар банд ғилофи корддорро овехт. Аз бачаҳо номи ҳар як маводи чӯпонро пурсид. Дар кадом мавридистифода кардани онро низ аз бачаҳо пурсон шуд.

Муаллима супориш дод, ки Мадина машқи сеюмро хонад.

Мадина супориши машқро хонд:-Ҷумларо нависед ва ба саволҳо ҷавоб гардонед.

**Муаллима:**- Чиҳо мечариданд?

**Бачаҳо:**- Гӯсфандон мечариданд.

**Муаллима:**- Дар бораи гӯсфандон ва аҳамияти онҳо чӣ медонед?

**Бачаҳо:**- Гӯсфандон гӯшти бомазза ва равғани серғизо доранд, ки одамон истеъмол мекунанд. Аз пӯсту пашми он барои тайёр кардани либос ва пойафзол истифода мебаранд.

Хониши занҷирӣ гузаронида шуд. Ҳар як хонанда яктогӣ ҷумла аз матн хонда мазмуни ҷумлаи хондагиашро гуфта медод.

Дар охир Мадина бо супориши муаллима мазмуни матнро муфассал нақл кард. Муаллима якчанд нафарро таҳсин гуфта, машғулияти иловагиро ҷамъбаст кард.

Ҳамин тавр, ҳар машғулияти иловагӣ дар корҳои беруназсинфӣ бо шавқу завқ, муҳокимаву мусоҳиба ва бо истифодаи аёният гузаронида мешавад.

Хулоса, муҳимият ва натиҷаҳои бадастомада барои баланд бардоштани самаранокии таълими забони модарӣ дар алоқамандии нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ бо мақсади ташаккули малакаҳои хониши босифати хонандагон равона гардидаанд.

**АДАБИЁТ**


1. Андреев В.И. Внеклассная работа по литературе в начальной школе. - М., 2014. - С. 314-315.
2. Боронов Б. Дарси забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Роҳнамои муаллим. –Душанбе 2012. 178 с.
3. Иматова Л.М. Асосҳои методии инкишофи нутқи мураттаби кӯдакони синни калони томактабӣ. Васоити таълимӣ. /Душанбе: Нашриёти «Сифат», 2017. 134 с.
4. Иматова Л.М. Муҳимияти раванди муттасилӣ мавриди омӯзиши забони модарӣ дар кӯдакистон ва мактаби ибтидоӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ «Муҳимияти омодагии касбӣ-методии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» – Душанбе, 2013. С.97-100
5. Коновалова В.П. Внеклассная работа по литературному чтению. - М., 2014.
6. Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе. – 1985, - 247 с.
7. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. – Душанбе. – 2007 - 463 с.
8. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикии терминҳои педагогӣ /Мураттиб Н.Турсунов. - Душанбе, - 1979. - 101 с.
9. Щукина Г.И. Актуальные вопросы формирования интереса в обучении. Учебное пособие / Под ред. Г.И. Щукиной. - М.: Просвещение, 1984. – 176 с.
10. Шарифов Ф. Интегрированное обучение – основа развития и воспитания / Ф.Шарифов.- Душанбе, 1995. - 143 с.
11. Шарифов Ф. Теория и практика интегрированного обучения на начальном этапе средней школы. / Ф.Шарифов.- Душанбе, 1997. - 194с.
12. Щукина Г.И. Педагогические проблемы формирования познавательных интересов учащихся // Г.И. Щукина. М.: Педагогика, 1988. - 204


**Иматзода Л.М., Улфатов М.**

**ТАШАККУЛИ ШАВҚИ ХОНИШИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ**

Тарбияи мустақилияти хониш дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ – ин заминаи боэътимоди худомӯзӣ, худтакмилдиҳӣ, худтарбияткунӣ ва худинкишофдиҳӣ ба шумор меравад, ки манбаи асосии он китоб мебошад. Барои пайдо намудани донишҳои нав, ташаккули шавқи хониш ва қобилияти эҷодӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ омӯзгорон ва хонандагонро зарур аст, ки дар корҳои берунасинӣ мавриди шиносоӣ бо асарҳои бадеӣ методу усулҳои фаъоли таълимро мавриди истифода қарор диҳанд. Ин ба инкишофи қобилияти маърифатӣ ва майлнокии талабаҳо ба хониш мусоидат карда, барои баланд бардоштани самаранокии таълими забони модарӣ дар алоқамандии нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ бо мақсади ташаккули малакаҳои хониши босифати хонандагон равона мегардад.

***Калидвожаҳо**: шавқи хониш, хониши босифат, қобилияти эҷодӣ, қисматҳои хониш, равандҳои инноватсионӣ, касбияти омӯзгор, корҳои бернуазсинфӣ, асари бадеӣ, меъёри интихоб, малакаи хониш*

**Иматзода Л.М, Улфатов М.**

**РАЗВИТИЕ ИНТЕРЕСА К ЧТЕНИЮ У УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ ВО ВНЕУРОЧНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ**

Воспитание самостоятельного чтения у младших школьников является надежной основой для самовоспитания, самосовершенствования, самовоспитания и саморазвития, основным источником которой является книга. Для поиска новых знаний, развития интереса к чтению и творческих способностей у младших школьников необходимо, чтобы учителя и учащиеся использовали активные методы и приемы обучения во внеурочной деятельности. Это способствует развитию познавательных способностей учащихся и готовности к чтению, и направлено на повышение эффективности обучения родному языку в связи письменной и устной речи с целью формирования у учащихся качественных навыков чтения.

***Ключевые слова:** Интерес к чтению, качественное чтение, творческие способности, части чтения, инновационные процессы, профессионализм учителя, классная работа Бернуа, художественная работа, критерии отбора, навыки чтения*

**Imatzoda LM., Ulfatov M.**

**DEVELOPING INTEREST IN READING IN PRIMARY SCHOOL STUDENTS IN EXTRA COURSE ACTIVITIES**

The education of independent reading among younger students is a reliable basis for self-education, self-improvement, self-education and self-development, the main source of which is the book. In order to search for new knowledge, develop interest in reading and creative abilities among younger students, it is

necessary that teachers and students use active teaching methods and techniques in extracurricular activities. This contributes to the development of students' cognitive abilities and readiness for reading, and is aimed at improving the effectiveness of teaching the native language in connection with written and oral speech in order to develop high-quality reading skills in students.

***Key words:*** *Interest in reading, quality reading, creativity, parts of reading, innovative processes, teacher professionalism, Bernois class work, artwork, selection criteria, reading skills*

**Маълумот дар бораи муаллифон:** Иматзода Лутфия Маҳмадулло – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126. Тел. (992) 93-466-20-02, почтаи электронӣ: imatoval@mail.ru

**Улфатов Мунис Муродович** — докторанти (PhD) Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ДМТ. Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126. Тел. (992) 50-111-24-24, почтаи электронӣ: Munisjon-ulfatov-1994@mail.ru

**Сведение об авторах: Иматзода Лутфия Махмадулло** – доктор педагогических наук, профессор, директор Института развития образования. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе улица Айни, 126. Тел. (992)93-466-20-02, e-mail:Imatoval@mail.ru

**Улфатов Мунис Муродович** – докторант (PhD) Института развития образования АОТ.
Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе улица Айни, 126 Тел. (992)50-111-24-24, e-mail: Munisjon-ulfatov-1994@mail.ru

**Information abount the authors: Imatzoda Lutfiya Makhmadullo**– Djctor of hebagogical sciences, Professor, Director of the Institute for Education Development AOT. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aimi Street, 126. Phopne (992)93-466-20-02, t-mail:imatoval@mail.ru

**Ulfatov Munis Murodovich** Institute for Education Development AOT, Doctorant PhD,
**Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aimi Street, 126. Phopne (992)50-11-24-24

**АМИНОВ С.**
**НАБИЗОДА С.**

# МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА УСЛУБҲОИ ЗАБОН ВА НАВЪҲОИ ОН

Мушоҳидаи дарсҳои забони тоҷикӣ, суҳбат бо омӯзгорони фанни мазкур ва семинарҳои омӯзишии доиркардаи мушовирони берунӣ бо омӯзгорон – муаллимону олимони соҳаи забони тоҷикӣ, ки гӯё баргузида шудаанду оянда дар таҳияи стандарти фаннию барномаи таълим, китобҳои дарсӣ ва маводи дидактикӣ ширкат мекунанд, нишон дод, ки аксар услубҳои забонро чандон балад нестанд.Ҳангоми номбар кардану шарҳ доданашон ошкор гашт, ки байни услубҳои нутқ ва мавзуъҳои матн фарқ намебинанд. Масалан, вақте ки навъҳои матнро муайян карданд, онҳо, яъне омӯзгорону олимон дар варақа чунин навъҳои матнро зикр кардаанд: тасвирӣ, адабӣ бадеӣ, интиқодӣ, илмӣ, ҳуҷҷатнигорӣ, публитсистӣ, расмӣ – коргузорӣ ва навъҳои матнро чунин муаррифӣ намуданд.

Ҳамин нукта моро водор сохт, ки оид ба услубшиносӣ ва навъҳои услуб мулоҳизаҳои худро баён кунем. Бад ин васила оид ба услуб ва навъҳои он маълумоти мухтасар диҳем, то ки омӯзгорон навъҳои услубро аз мавзуъҳои матн фарқ кунанд ва ба хонандагон маълумоти дақиқ диҳанд.

Воқеан, мавзуи услубшиносӣ ва навъҳои он дар барномаи таълими забони тоҷикӣ мавқеи муҳим дорад. Хонандагон унсурҳои ҷудогонаи онро дар синфҳои ибтидоӣ бидуни истифодаи истилоҳ ҳангоми кор бо матн ва таҳияи он ба даст меоранд ва баъдтар омӯзиши услубҳои нутқ (забон) аз синфи 5 оғоз гардида, то синфи 9 идома меёбад. Хонандагонон оид ба хусусиятҳои асосии ҳар кадом навъи услуб маълумоти мухтасар ба даст меоранд. Яъне муаллимон вазифадоранд, ки бо назардошти талаботи стандарти фаннӣ ва барномаи таълими забони тоҷикӣ хонандагонро бо донишу маҳорат ва малакаҳои зарурии доир ба услубҳои нутқ мусаллаҳ намоянд. Ин нукта талаб менамояд, ки аввал худи муаллим доир ба масъалаи мазкур фаҳмишу дониши хуб дошта, мавзуъро мушаххас, дуруст ва ба таври комил фаро гирифта бошад. Ба назар чунин менамояд, ки дар факултаҳои филологияи донишгоҳҳои омӯзгорӣ ин фан ба таври лозима тадрис намегардад ва агар тадрис шавад ҳам, мутахассисоне тадрис мекунанд, ки, ба назари мо, неруи илмӣ ва қобилияти тадриси фанни мазкурро надоранд, вале ба нотавониашон иқрор

намешаванду вазифаро ба дӯш мегиранд, зеро дипломи унвонҳои «баланд» доранд. Дар ҳар сурат инро ба виҷдони онҳо ҳавола мекунем.

Масъалаи услубшиносӣ чун яке аз соҳаи илми забоншиносӣ кайҳо боз мавриди баҳси забоншиносон қарор дорад ва бо итминони комил метавон гуфт, ки то имрӯз идома дорад ва дар маҷмуъ доир ба баъзе нуктаҳои он ҳанӯз ба як фикри воҳид наомадаанд.

Дар байни олимон – забоншиносони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва методистон баҳсҳои доманадор сурат гирифта буд. солҳои 50- 60- уми қарни гузашта олимони рус дар асоси баҳсу мунозираҳои зиёде баъзе хусусиятҳои умумии навъҳои услубро бар асоси таҳқиқи ҳар як навъи он муқаррар сохтаанд. Ва чунин амал, яъне таҳқиқи махсусиятҳои услубҳои забон, навъҳои он, ҳусни баён ( маданияти нутқ) ва нуктаҳои марбути ҳусни баён ( дурустии баён- меъёрҳои талаффузу меъёрҳои грамматикӣ, аниқии нутқ, мантиқи нутқ, возеҳии нутқ, боигарии (вариантнокии) нутқ, бамавқеии нутқ, услубҳои забон ва нутқ ва муносибати онҳо ба ҳусни баён, ҳусни нутқ дар муомилаи илмӣ ва умумӣ ва ғайраҳо ) ҳанӯз ҳам идома дорад.

Тибқи хулосаҳои охирини нуктаҳои баёнкардаи забоншиносон, психологон ва методистони рус, ки ба таҳқиқи нуктаи мазкур машғуланду натиҷаҳои ба дастомадаро барои омӯзгорон дар шакли асарҳои илмию методӣ манзур кардаанд, ду самти асосиро дар услубшиносӣ муайян ва муқаррар кардаанд: услубҳои забон (ё таълимот оид ба воҳидҳои забон, ки дорои тобишҳои иловагӣ мебошанд) ва услубҳои нутқ (ё таълимот доир ба услубҳои функсионалии нутқ). Дар байни олимон доир ба шарҳу маънидоди мафҳумҳо ё ибораи «услубҳои забон» ва «услубҳои нутқ» ягонагии андеша дида намешавад. Мо аз шарҳи пурраи назариявии ин масъалаҳо худдорӣ карда, онро ба забоншиносони касбӣ вогузор мекунем. Танҳо аз шарҳҳои мавҷуда яке аз онҳоро, ки баёнгари матлаб буда, ба амалан омӯхтани забон ҳидоят мекунад, шарҳ медиҳем. Услуби забон «имконоти гуногуни воҳидҳои забонӣ- экспрессивӣ, муассирӣ, баҳодиҳӣ функсионалиро меомӯзад». Услуби забон дар воҳидҳои забонӣ ва маънои асосие, ки забон ба воқеияти муҳити атроф алоқамандӣ дорад, балки танҳо он тобишҳои иловагиро,ки ба маънои калима ё сохтори он вобаста аст, баррасӣ менамояд. Масалан, **қапидан, доштан; гуфтан, гап задан, лаққидан.** Ин калимаҳо маънои воқеии ягона доранд ва танҳо аз рӯйи тобишҳои иловагӣ фарқ мекунанд, яъне аз ҷиҳати услубӣ.

Ду навъи услубҳоро аз ҳам фарқ ва зикр мекунанд: аз рӯйи тобишҳои забонии воҳидҳои забонӣ: воҳидҳои муассирӣ ва воситаҳои функсионалӣ.

Воҳидҳои муассирии забон муносибатҳои гуногуни гӯяндаро ба предмети нутқ ифода мекунанд. Ин муносибат метавонад, ки мусбат (доҳӣ, зирак), манфӣ (бекорхуҷа, танбал, корбезор) ё таҳқиру навозиш (намакзада, бешараф, хиёнаткор; занак, духтарак, модарҷон) бошад. (Барои маълумоти бештар касб кардан ба асари Ҳ. Маҷидов «Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ. 1. Луғатнома, 2007) муроҷиат кунед)

Воситаҳои услубии функсионалии забон соҳаи муомиларо бо нишон додани бартарии истифодаи калима ва ифода дар услуби гуфтугӯйӣ ва китобӣ тавсиф мекунанд (ҳумоюн - муборак, хуҷаста, фархунда, вожгун – сарозер, чаппа) .

Тобишҳои муассирият ва функсионалӣ дар забон якҷоя амал мекунанд ва аксаран ҳар замон, дар як вақт ошкор мешаванд. Як навъи муассирият ба гуфтугӯ, гурӯҳи дигар ба услуби китобӣ алоқаманд мегарданд. Дар услубшиносии забон се қабати калимаҳоро: умумӣ, китобӣ (ё баланд ва гуфтугӯӣ (ё паст) ҷудо мекунанд. Воситаҳои забонии услубшиносӣ, одатан силсилаи муродифотро ба вуҷуд меоварад, ки воситаҳои умумӣ, китобӣ ва гуфтугӯӣ ба он ворид мешаванд.

Услуби нутқ услуби функсионалӣ - тафриқавии нутқро меомӯзад, яъне омилҳои берунию зоҳирии муайянкунандаи фарқро: роҳҳои истифода, басомади истифода, пайвастшавии ин ё он воситаҳои забонӣ дар соҳаҳои гуногуни иртиботиро. Ба сифати воҳидҳои асосии ин системаи услубҳо услубҳои функсионалӣ пеш меояд ва истифода мешаванд (Винокур Т.Г.)

Ин баҳсу мунозираҳо боис шуданд, ки олимону методистон андешаҳои гуногунро нисбат ба услубҳои нутқ баён намоянд. Аслан, ин баҳсҳо дар байни олимони рус ба вуҷуд омадаанд. Олимони тоҷик ҳеҷ вақт масъалаи услубҳои нутқ ва навъҳои онро мушаххас таҳқиқ накардаанд ва сари он баҳс ҳам ба миён наовардааанд. Ҳар он адабиёти илмии забоншиносии марбути мавзуи услубшиносӣ ва навъҳои онро, ки дарёфт кардаанд,

пешниҳодоту хулосаи ҳамон муҳаққиқро бидуни баҳс пазируфтаанду дар мақолаю асари хеш истифода кардаанд.

Бинобар ин, мо аввал навиштаҳои чанде аз олимону методистони русро мавриди баҳс қарор дода, мухтасаран гуфтаҳояшонро перомуни услуб ва навъҳои он меорему сипас навиштаҳои олимони тоҷикро нисбат ба услубу навъҳои зикр карда ва ҳар кадоми онро мавриди арзёбӣ қарор дода, муносибати худро перомуни мулоҳизаҳояшон изҳор менамоем.

Н. А. Пленкин дар китоби «Стилистика русского языка» (М. Просвещение, 1976) оид ба навъҳои услуб таҳти унвони «Услубҳои функсионалии забон дар зербоби «Услуб ва услубшиносӣ» чунин менависад: «Дар забони адабӣ чунин услубҳои асосиро муайян кардаанд: гуфтугӯӣ ва китобӣ (корӣ, илмӣ, публитсистӣ). Дар забони адабӣ услуби бадеӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад» (с.8)

И.В.Голуб дар «Стилистика современного русского языка, лексика, фонетика» (М. Высшая школа, 1976) зимни шарҳи зермавзуи «Услубҳои функсионалӣ» чунин таъкид менамояд: «Дар забони муосири русӣ услубҳои зерини китобиро номбар мекунанд: илмӣ, публитсистӣ, расмии коргузорӣ. Ба онҳо нутқи гуфтугӯӣ муқобил гузошта мешавад».

Дар системаи услубҳои забони адабиёти бадеӣ ё услуби бадеӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд» (саҳ. 61)

Д.Розенталь, М.Теленкова дар «Практическая стилистика русского языка (М.: Русский язык, 1976, дар мавриди навъҳои услубҳо навиштаанд: услубҳои функсионалиро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард. Гурӯҳи аввал ин услуби китобӣ, гурӯҳи дуюм услуби гуфтугӯӣ)» (саҳ.10)

Баъди шарҳи чанд паҳлуи услуби шифоҳӣ ва хаттӣ услубҳоро дуруст тасниф карда, дар нақша ( саҳ.10) аслан ду навъ: услуби гуфтугӯӣ ва услуби китобӣ ва дар навбати худ услубҳои китобиро ба чор навъ; илмӣ, услуби расмии гуфтугӯӣ, публитсистӣ ва услуби бадеӣ- адабӣ ҷудо кардааст.

С.Н.Иконников дар «Стилистическая работа в процессе изучения русского языка» (М.: Педагогика, 1977) перомуни навъҳои услубҳои нутқ менависад: «Дар забоншиносии муосир бештар номгӯи зерини услубҳое, ки бар асоси экстролингвистӣ ҷудо карда шудааст, зеринҳо маҳсуб мегарданд: гуфтугӯӣ, илмӣ, расмии корӣ,бадеӣ, публитсистӣ».

Дар аёни замон бештари забоншиносон, ки дар мавқеи услубшиносии функсионалӣ қарор доранд, чунин меҳисобанд, ки услуби бадеӣ, ки ба он функсияи эстетикӣ хос аст, нишонаҳои махсуси худ бо доштани дорои услуби функсионалӣ маҳсуб мегардад (саҳ. 18).

Забоншинос М. Н. Кожина дар «Стилистика русского языка». ( М.: Просвещение, 1977) оид ба навъҳои услубҳо фармудааст: «Одатан панҷ навъи асосии услубҳои фунсионалии «заминавӣ»-ро ҷудо мекунанд: илмӣ, расмии корӣ, публисистӣ, бадеӣ ва гуфтугӯӣ - маишӣ» (саҳ. 157).

Л. Г. Барлас дар «Русский язык. Стилистика». (М.: Просвещение, 1978) андешаашро оид ба навъҳои услуб ин тавр баён кардааст: «Дар забони муосири русӣ услубҳои функсионалии зеринро ҷудо мекунанд: илмӣ, расмии корӣ, публитсистӣ, гуфтугӯӣ – муқаррарӣ; ҳолати махсусро дар системаи услубҳо забони адабиёти бадеӣ (ё услуби адабиёти бадеӣ ишғол менамояд)» (саҳ. 48)

О. А. Крылова дар «Основы функциональной стилистики русского языка» (М.: Русск. язык, 1979) дар бораи услубҳои функсионалӣ чунин изҳори ақида кардааст: «Мувофиқи муайянкарди соҳибназарон мумкин аст,ки услуби функсионалии забони адабии муосири русиро ба навъҳои зерин ҷудо кард: 1) илмӣ, 2) расмии корӣ, 3) рӯзнома – публисистӣ, 4) гуфтугӯӣ – муқаррарӣ.

Се услуби аввал дар гурӯҳи услубҳои китобӣ муттаҳид карда мешавад. Ба онҳо услуби гуфтугӯйӣ – муқаррарӣ муқобил меистад.

Тарафдорони услуби алоҳида ҳисобидан ба он ҳолатҳое такя мекунанд, ки забони адабии ҳамеша дар соҳаи муайяни фаъолияти ҷамъиятӣ истифода мешавад» (саҳ. 43) (Барои маълумоти васеъ гирифтан ба асари М. Н. Кожина(«Понятия стила и месте языка художественной литература среди функциональных стилей» Пермь, 1962, 63 с. муроҷиат кунед).

А. И. Власенков, М. Л. Рыбченкова дар «Руский язык. Грамматика, текст. Стили речи. (Учеб.пособие для 10-11 кл. общеобразоват. Учреждение, -3-е изд. М, Просвещение, 1998)

навиштаанд: «Дар байни ҳама гуногуннавъии истифодаи забон ду навъи асосиро ҷудо мекунанд: забони гуфтугӯӣ ва забони адабӣ (китобӣ)».

Забони гуфтугӯйӣ (услуби гуфтугӯйии нутқ) одатан дар шакли шифоҳӣ истифода мешавад.

Забони адабӣ (китобӣ) дар худ нутқи илмӣ, расмии корӣ, публитсистиро фаро мегирад. Аз ин ҷо мавҷудияти онҳо дар соҳаи муайяни фаъолият. Дар робита ба ин услубҳои нутқи илмӣ, расмии корӣ, публитсистӣ ва махсусан услуби бадеӣ фарқ мекунанд» (саҳ.195).

Дар китоби «Теория и практика обучения русскому языку» зери таҳрири Р.Б.Сабаткоев (М.: Академия 2007) муаллифон оид ба навъҳои услубҳо чунин ишора кардаанд: «Тибқи барномаи забони русӣ ба услубҳои функционалии нутқ хонандагон дар синфи 5 ошно мегарданд. Дар аввал онҳо маълумоти ибтидоӣ оид ба услубшиносӣ ҳамчун фасли илми забон маълумот мегиранд, ки услубҳои забони адабиро (услубҳои функционалии нутқ- гуфтугӯӣ-маишӣ, илмӣ, бадеӣ, публитсистӣ, расмии корӣ) меомӯзад» (саҳ.255).

П.А.Введенская, А.М.Паномарева дар «Русский язык: Культура речи. Текст. Функциональные стили. Редактирование (Изд 3-е Москва, ИКЦ «Март»; Ростов Н./Д: Издательский центр Март - 2003 дар фасли 4, ки «Услубҳои функционалӣ» ном дорад, навиштаанд: «Одатан услубҳои зерини нутқро фарқ мекунанд: илмӣ, расмӣ, публитсистӣ, гуфтугӯӣ.

Гурӯҳи махсусро матнҳои адабиёти бадеӣ ташкил медиҳанд. Чаро? Забони асарҳои бадеӣ он қадар ғанӣ, гуногун, сершакл аст, ки аксарияти олимон онро аз рӯйи принсип на услуб (не стиль) мемонанд, махсусан ба таври алоҳида зикр карда, ба ҳамаи услубҳои дигар муқобил мегузоранд» (саҳ.263).

Мутолиаи гуфтаҳо ва андешаҳои баёндоштаи олимону методистони рус нишон медиҳанд, ки онҳо ба якчанд гурух ҷудо мешаванд. Аз навиштаҳои онҳо маълум аст, ки дар маҷмуъ қариб ҳама (ба истиснои чанде) навъҳои услубҳоро қариб ба ҳам монанд таҷзия менамоянд, бо вуҷуди он ки баъзан номҳои услубҳо андаке тағйир ёфтаанд.

Боз метавон аз асарҳои олимони дигари рус, ки теъдодашон зиёд аст, андешаҳояшонро перумони услуб ва навъҳои он овард. Ҳамаи онҳо дар вақтҳои охир услубҳоро ба услубҳои забон ва услубҳои нутқ, ҷудо мекунанд. Забон ва нутқ бо ҳам робитаи наздик доранд, вале онҳоро як чиз шумурдан лозим аст(Агар касе, ки оид ба ин масъала маълумоти бештар касб карданӣ бошад, ба асари Львов М.Р. «Основы теории речи» М.2000 муроҷиат намояд).

Ҳоло андешаҳои олимони тоҷикро оид ба услубшиносӣ ва навъҳои он мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Б. Камолиддинов дар мақолаи «Мухтасар дар бораи услубшиносӣ» оид ба пайдоиши услубҳо мухтасар изҳори ақида карда, оид ба навъҳои услуб чунин навиштаанд:«…дар зинаи тараққиёти ҷамъият дар натиҷаи ба вуҷуд омадани хат ва пай дар пай такмил ёфта, дар байни аъзои ҷамъият чун як омили муҳими афкор мавқеи калон пайдо кардани он, ривоҷ ёфтани чопи китоб аз услуби забони зинда услуби забон китобӣ (хаттӣ) ба миён омад ва чи аз ҷиҳати кор фармудани луғат, чи аз ҷиҳати шакли калима ва ҷумлабандию суханороӣ равшантар зоҳир шудан гирифт.

…Дар услубшиносӣ ин таснифотро ривоҷ дода, дар асоси он ду услуби нутқ боз шаклҳои дигари услуби забонро муайян кардаанд, ки ҳар кадоми онҳо ҳам бо хусусиятҳои лексикию грамматикиашон аз якдигар фарқ мекунанд: услуби забони адабиёти бадеӣ, публитсистика, услуби забони илмӣ ва коргузории расмӣ» (саҳ.34)

Дар маҷмуаи машқҳо, ки таҳти унвони «Услубшиносӣ» (муаллиф:Б. Камолиддинов) нашр шуда, пешкаши донишҷӯёну омӯзгорон гардонида шудааст. Дар маҷмуаи мазкур оид ба навъҳои услуб чунин омадааст: «Дар асоси услубҳои забони гуфтугӯӣ ва китобӣ услубҳои забони адабиёти бадеӣ, забони илмӣ, услуби забони коргузории расмӣ (конселярӣ) ба вуҷуд омадаан» (саҳ.16)

Забоншиносии шинохта Б. Камолиддинов дар дастури дигар, ки таҳти унвони «Ҳусни баён» ба таъб расидааст, оид ба навъҳои услуб чунин мефармояд. «Дар забони тоҷикӣ услубҳои зерин муқаррар шудаанд: 1) услуби забони муошират; 2)услуби забони илмӣ, 3)услуби забони коргузории расмӣ; 4)услуби забони бадеӣ; услуби забони рӯзнома, (публитсистика) (саҳ.110).

Ва, ниҳоят, Б. Камолиддинов дар «Сарсухан»-и китоби дарсии Забони тоҷикӣ барои синфи 11 оид ба услубшиносӣ ва навъҳои он дахл карда, гӯё андаке гуфтаҳои худро «такмил» дода, чунин изҳори андеша менамояд: «Дар китоб ба ҳамаи масъалаҳои услубшиносӣ дахл накарда танҳо дар бораи услубиёти забон, ба истилоҳи дигар, панҷ услуби нутқ маълумот дода шудааст» (саҳ3). Ва зери фасли «Услубҳои забон» оид ба ҳар як навъи услуб: бадеӣ, рӯзноманигорӣ (публитсисти), расмӣ, илмӣ ва услуби муошират маълумот дода, баъзе хусусиятҳои онҳоро зикр кардаанд. Ҳамзамон дар феҳристи матолиби китоби мазкур зери «Услубиёти забони муосири тоҷик» чунин овардаанд: расмӣ, илмӣ бадеӣ, рӯзноманигорӣ, муошират»

Муҳтарам Б.Камолиддинов дар мақолаи аввалиниашон навъҳои услубро дуруст муқаррар кардаанд. Аслан мавҷудияти ду услуб: гуфтугӯйӣ ва китобиро зикр карданд. Ҳамзамон таъкид кардаанд, ки «дар асоси услубҳои забони гуфтугӯйӣ ва китобӣ услубҳои забони адабиёти бадеӣ, публитсистика, услуби забони илмӣ ва коргузории расмӣ» ба вуҷуд омадаанд. Агар, ба назари мо, баъзе нуқсони дар ифодаҳо мавҷуд бударо ба назар нагирем, гуфтаю навиштаашон дуруст аст. Баъдтар андешаҳояшонро нисбат ба навъҳои услуб, яъне «Услубшиносӣ» дар китоби дарсии забони тоҷикӣ барои синфи 11 андаке тағйир медиҳанд, ки ба он розӣ шудан номумкин аст, зеро дар таснифот ва навиштаҳояшон носаҳеҳиҳо роҳ ёфтаанд. Аввалан, навиштаанд, ки услубҳо панҷ навъ мешаванд.Ин фикр ғалат аст. Чунон ки дар боло ишора рафт,дар асл улуб ба ду навъ аст: гуфтугӯӣ ва китобӣ. Услуби китобӣ дар навбати худ ба навъҳои зерин ҷудо мешавад: бадеӣ, публитсистӣ, расмии коргузорӣ ва илмӣ.

Услуби муоширатро, ки Б.Камолиддинов алоҳида зикр кардаанд, яке аз шохаҳои услуби расмии коргузорӣ мебошад ва онро чун услуби алоҳида пиндоштан саҳеҳ нест. Авалан, услуби расмии коргузорӣ чандин шохаҳо дорад, ки ҳар кадоми онро дар алоҳидагӣ номгузорӣ кардан зарурате надорад. Сониян, ҳадду ҳудуди стандати фаннӣ ва синнусолии хонандагон бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Ин шохаҳои ҷудогонаи услуби расмии коргузорӣ ва ҳар як услуби дигарро шояд дар мактабҳои олии омӯзгорӣ таҳти унвони услуби расмии коргузорӣ таълим додан ҷоиз бошад. Вале дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ шарт нест, ки тамоми шохаҳои услубҳо ба таври ҷудогона номгузорӣ ва таълим дода шавад ва чунин пиндоштан комилан нодуруст аст.

Забоншиноси шинохта ва забардаст Н.Маъсумӣ дар мақолаи «Масъалаҳои муҳимми меъёри забони адабии ҳозираи тоҷик» дар мавриди меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик андешаҳои худро баён дошта, перомуни услубҳои нутқ чунин фармудаанд: «Забони адабӣ чор шохаи машҳурӣ услубӣ дорад, ки ҳар кадоми онро дар мавриди худ забон низ меноманд. Шохаҳои услубӣ инҳоянд: услуби расмӣ (забони ҳуҷҷатҳои корӣ ва расмӣ), услуби илмӣ (забони асарҳои илмию тадқиқотӣ), услуби бадеӣ (забони адабиёти бадеӣ) ва услуби публитсистӣ (забони навиштаҳои оммавӣ). Шиносоӣ бо усулҳои ҷудогонаи ин услубҳо дар мактаб сар мешавад ва муаллими забон вазифадор аст, ки ба ин масъала аҳамият диҳад ва ғалатҳои услубии калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳоро пешгирӣ намояд» (саҳ.27).

Ҳақ ба ҷониби устоди бисёр нозукбини ва пухтагӯю пухтанавис Н.Маъсумӣ аст, ки навъҳои услуби китобиро дуруст муқаррар кардаанд.

Забоншиноси намоёну дақиқназар Р. Ғаффоров дар мақолаи «Услубҳои забони адабӣ», дар мавриди услубҳои забон чунин изҳори ақида кардаанд: «Аз рӯйи эътирофи аксарият, услубҳои забон аз рӯйи вазифаҳои ҷамъияташон ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд:1) услуби илмӣ, 2) услуби расмӣ-коргузорӣ, 3) услуби публитсистӣ, 4)услуби бадеӣ.Ҳар кадоми ин услубҳо бо воситаҳои махсуси худ аз якдигар фарқ намоянд ҳам, бинобар сурат ёфтанашон дар заминаи забони умумихалқӣ аз бисёр ҷиҳат ба ҳам умумият низ доранд» (саҳ.56).

Баъдтар дар китоби дарсии «Услубшиносӣ» барои синфҳои 10-11 зимни шарҳу тавзеҳи мавзуи «Шохаҳои услубии забони адабӣ дар мавриди навъҳои услуб фармудаанд: «Услубҳои забони тоҷикиро ба ду хели калон метавон ҷудо кард: услуби гуфтугӯӣ ва китобӣ… Услуби китобӣ чор навъ мешавад: илмӣ, публитсистӣ, бадеӣ, идорӣ (ё расмии коргузорӣ) (саҳ.37).

Номзади илмҳои педагогӣ М.Қурбонов дар рисолаи «Асосҳои лингвистӣ ва методии таълими услубшиносии тоҷик дар мактаби миёна» дар мавриди навъҳои услуб чунин изҳори андеша кардааст: «Услубҳои забони адабии ҳозираи тоҷик забони адабиёти бадеӣ,

публитсистӣ, илмӣ ва расмӣ-коргузорӣ мебошад, ки дар соҳаҳои гуногуни мубодилоти халқи тоҷик истифода бурда мешавад. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик услубҳои расмӣ-коргузорӣ, публитсистӣ, илми ва бадеӣ дар амаланд ва ҳар кадоми онҳо бо хусусиятҳои лексикӣ, фразеологӣ ва грамматики худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд» (саҳ.67).

Баъдтар муҳаққиқ М.Қурбонов дар дастури таълими «Услубшиносӣ» оид ба услуб ва навъҳои он хулосаашро ин тавр ба қалам додааст: «Услуб яке аз намудҳои нисбатан маҳдуди забон ва нутқ буда, ба фаъолияти инсон соҳаҳои гуногуни муоширатро (муомиларо - С.А., Н. С.) онҳо услубҳои илмӣ, расмӣ-коргузорӣ, публитсистӣ, бадеӣ ва гуфтугӯӣ амал мекунанд.

Бояд гуфт, ки чорто услуби аввала дар муносибатҳои расмӣ, охирин дар муносибатҳои ғайрирасмии одамон истифода мешаванд» (саҳ.74). Ва, ниҳоят М.Қурбонов дар китоби Забони тоҷикӣ барои синфи 10 зимни шарҳи «Мавзуи баҳси услубшиносӣ» перомони услубҳои нутқ маълумот дода, оид ба  навъҳои услуб андешаашро чунин ҷамъбаст менамояд: «Услуби расмӣ-коргузорӣ, илмӣ, публитсистӣ, бадеӣ ва гуфтугӯӣ забони тоҷикиро ташаккул додаанд» (саҳ.9). Аҷибаш он аст, ки дар ду дастури аввал М.Қурбонов навъҳои услубро муқаррар карда, чор навъи услуби китобиро дуруст зикр кардааст. Ва баътар дар китоби дарсии Забони тоҷикӣ барои синфи 10 услубҳоро омехта карда, ба андешаи мо, каме  аз асл дур рафтааст. Ва услуби гуфтугӯиро яке аз навъҳои услуби хаттӣ маънидод намудааст. Агар чунин ҷамъбаст мекард, ба назари мо, дуруст мешуд: «Услубҳои забон ( ё нутқ) асосан ду навъанд: гуфтугӯӣ ва китобӣ. Услуби китобӣ дар навбати худ ба чор навъ ҷудо мешавад: бадеӣ, публитсистӣ, расмии коргузорӣ ва илмӣ». Маълум мешавад, ки ба навиштаҳои қаблии хеш боварӣ надоштааст.

Забоншинос М.Норматов дар «Забоншиносии умумӣ ((воситаи таълим) дар мавриди услубҳои забон андешаҳои хешро баён дошта, менависад: «Услубҳои забон ин навъҳои коммуникативӣ ва функсионалии нормаи забон мебошад. Услубҳои забон аз нормаи забони адабӣ бо он фарқ мекунад, ки вай хусусияти умумиистеъмолӣ надорад, баъзан аз қоидаю қонунҳои муқаррарии забон мебарояд. Услуб низ баъди пайдоиши хат ба амал меояд, вай забони хаттиро ба гуфтугӯӣ, нутқи хаттию шифоҳиро ба ҳам муқобил мегузорад. Пайдоиши забони назм, гуфтугӯӣ ва шевагӣ ҳам ба услуб вобаста мебошад.

Ҳоло чунин услубҳои забонро қайд мекунанд: саноатӣ-техникӣ, илмӣ, бадеӣ, коргузорӣ, ҷамъияти-публитсистӣ ва ва гуфтугӯӣ - маишӣ» (саҳ.116).

Аз ин навиштаҳо чизеро пай бурдан басо душвор аст, зеро фикру мулоҳизаҳои дар ҷумлаҳо баёнгашта байни ҳам чандон муносибати маъноӣ надоранд. Таснифоти навъҳои услуб низ дар ягон чаҳорчӯба намеғунҷад. Аз ин хотир, чунин таснифотро пазируфтан комилан номумкин аст.

Маълум мегардад, ки аксар олимони тоҷик асару мақолаҳои якдигарро намехондаанд. Агар мехонданду аз муҳтавои онҳо иттилоъ медоштанд, навъҳои услубро ба чунин тарз таснифу номбар намекарданд.

Ниҳоят,  соли 2006 рисолаи П.Нуров таҳти унвони «Истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забони илмии тоҷикӣ» ба таъб расид. Аслан дар ин рисола перумони истилоҳоти физика сухан меравад. Дар ҷойе муаллиф ба услубҳои забон дахл карда навиштааст: «Услуби бадеъӣ, услуби назмӣ, услуби илмӣ, услуби коргузорӣ аз ҷумлаи услубҳои баён мебошад» (саҳ.30).

Шояд дар ин навишта ғалати техникӣ рафта, ба ҷойи «услуби публитсистӣ» «услуби назмӣ» омадааст. Агар, воқеан, ғалати техникӣ бошад, пас навъҳои услуби китобӣ дуруст зикр шудаанд.

Чунон ки мебинем, дар гуфтаю навиштаи олимону методистон номи услуби расмии коргузорӣ ҳар гуна омадааст: услуби расмӣ, расмии коргузорӣ, расмӣ-коргузорӣ, идорӣ (расмии коргузорӣ), коргузорӣ. Мантиқан як услубро бо номҳои гуногун зикр кардан кори ношоям аст: аввалан, меъёри ягонагии истилоҳ аз байн меравад, сониян, таълим ва азхудкунии хонандаро душвор мегардонад. Ба назари мо,ифодаи услуби расмии коргузорӣ муносибтар аст.

Дар асл оид ба навъҳои услуб тавре ки иттилоъ дорем (агар пас аз истиқлолияти давлатӣ анҷом нашуда бошад) ягон таҳқиқоти илмие сурат нагирифтааст, ки тамоми махсусиятҳои мушаххасии ин ё он услубро ба пуррагӣ фарогир бошад. Возеҳ аст, ки дар мавриди баъзе хусусиятҳои услубҳо (масалан, истилоҳоти услуби расмии коргузорӣ) корҳое анҷом дода шудаанд. Вале то имрӯз навъҳои услуб ва махсусияти онҳо ошкор

нагаштаанд. Бинобар ин, ҳар олими тоҷик ба гунаи худ ва аз истифода аз рисолаҳои марбути забони русӣ навиштаи олимони рус, ки бароящон дастрас шудаанд, услуб ва навъҳои онро шарҳ медиҳад. Забоншиносон ва методистони тоҷик аз таҳқиқоту бозёфтҳои нави дар мавриди услубшиносӣ ва таълими он дар солҳои охир анҷомдодаи олимони рус огаҳии комил надоранд.

**АДАБИЁТ:**


1. Барлас Л.Г. Русский язык. Стилистика М.Просвещение, 1978, 256с.
2. Введенская Л.А., Пономарева А.М. Русский язык: Культура речи. Текст. Функциональные стили. -Изд. 3-е, М. 2003 -352с.
3. Власенков А.И., Рыбченкова. Русский язык. Грамматика. Текст. Стили речи. М.Просвещение, 1998,-367с.
4. Ғаффоров Р. Услубҳои забони адабӣ //Маҷмуаи Баъзе масъалаҳои актуалии таълими забон ва адабиёт. (саҳ.51-62). Душанбе, 1975-136 с.
5. Ғаффоров Р. Услубшиносӣ барои синфҳои 10-11 Душанбе. Ирфон. 1995-192 с.
6. Иконников С.Н. Стилистическая работа в процессе изучения русского языка. М.Педагогика. 1977.-151 с.
7. Камолиддинов Б. «Мухтасар дар бораи услубшиносӣ //Маҷмуаи мақолаҳои илмию методӣ оид ба таълими забон ва адабиёти тоҷик . (саҳ.33-39) Душанбе, 1973.
8. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. Душанбе. Маориф, 1982.-120 с.
9. Камолиддинов Б. Забони тоҷикӣ барои синфи 11.-Душанбе, Маориф, 2018, 256 с.
10. Кожина М.Н. Стилистика русского языка. М. Просвещение .1977-223 с.
11. Крылова О.А. Основы функциональной стилистики. М. Русский язык. 1979. - 224 с.
12. Қурбонов М. Асосҳои лингвистӣ ва методии таълими услубшиносии тоҷик дар мактаби миёна. Душанбе, Маориф. 1988. -192 с.
13. Қурбонов М. Услубшиносӣ. Душанбе, 1991.-102 с.
14. Қурбонов М. Забони тоҷикӣ барои синфи 10. Душанбе, Маориф , 1993. -160 с.
15. Маъсумӣ Н. Масъалаҳои муҳимми меъёри забони адабии ҳозираи тоҷик// Маҷмуаи Баъзе масъалаҳои актуалии таълими забон ва адабиёт (саҳ. 23-28). 1975. -136 с.
16. Норматов М. Забоншиносии умумӣ. Душанбе, Маориф, 1991.-160 с.
17. Нуров П. Истилоҳ ва истилоҳсозӣ дар забони илмии тоҷик. Душанбе, 2006. 223 с.
18. Пленкин Н.А. Стилистика русского языка М.Просвещение, 1975.- 143 с.
19. Розенталь Д. Теленкова «Практическая стилистика русского языка. М., Русский язык, 1976.- 343 с.
20. Теория и практика обучения по русскому языку 3-е изд. Зери таҳрири Сабаткоев Р.Б. М.Академия, 2007.- 336с.


**Аминов С., Набизода С.**

**МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА УСЛУБҲОИ ЗАБОН ВА НАВЪҲОИ ОН**

Дар мақола оид ба услубҳои забон сухан меравад.Дар қадами аввал мулоҳизаҳои олимони рус оварда мешавад.Аз гуфтаю навиштаи олимону методистони рус маълум мегардад, ки дар таснифи услубҳои забон дар як андеша нестанд. Забоншиносони тоҷик низ дар таснифи услубҳои забон дар андешаи воҳид нестанд. Ва баъзан мулоҳизаҳояшон дар мавриди таснифи навъҳои услуб мухолифанд. Оид ба навъҳои услуб ва таснифи онҳо ягон олими тоҷик таҳқиқоти мушаххас анҷом надодааст. Ҳар чизе, ки олимон ва методистони тоҷик гуфтаанду навиштаанд, хулосаҳои таҳқиқоти олимони рус мебошад. Вақтҳои охир олимону методистони рус услубҳои забонро аз услубҳои нутқ фарқ мекунанд. Воқеъан, забон аз нутқ фарқ дорад. Ин масъалаи дигар аст, ки дар аввали мақола сухан рафт. Шарҳи муфассали он мақолаҳои ҷудогонаро тақозо дорад ва замон мехоҳад. Доир ба ин нукта мақолаҳои фаровон аз тарафи забоншиносон ва методистони забони русӣ таълиф ва нашр шудаанд ва доранд нашр мешаванд. Хулосаи муаллифони мақола ин аст: дар забон ду услуб мавҷуд аст: гуфтугӯӣ ва китобӣ. Услуби китобӣ дар навбати худ ба чор навъ ҷудо мешавад: илмӣ, публитсистӣ, расмии коргузорӣ ва бадеӣ.

***Калидвожаҳо:*** *забони адабӣ, услубҳои забон, услубҳои нутқ, услуби илмӣ, услуби публитсистӣ, услуби расмии коргузорӣ.*

**Аминов С., Набизода С.**

**КОММЕНТАРИИ О СТИЛЯХ ЯЗЫКА И ЕГО ВИДАХ**

В статье рассматриваются языковые стили.Первый шаг - комментарии российских ученых.Из слов и сочинений российских ученых и методистов видно, что они не согласны в классификации языковых стилей. Таджикские лингвисты также не согласны с классификацией языковых стилей. И порой их взгляды на классификацию стилей противоречивы. Ни один таджикский ученый не

проводил конкретных исследований типов стилей и их классификации. Все, что сказано и написано таджикскими учеными и методистами, является результатом исследований российских ученых. В последнее время российские ученые и методисты проводят разграничение стилей речи и стилей речи. На самом деле язык отличается от речи. Это еще один вопрос, который обсуждался в начале статьи. Подробное объяснение этого требует отдельных статей и займет время. Многочисленные статьи на эту тему написаны и публикуются российскими лингвистами и методистами. Авторы приходят к выводу, что существует два стиля языка: разговорный и письменный. Книжный стиль, в свою очередь, делится на четыре типа: научный, публицистический, формальный и художественный.

***Ключевые слова:*** *литературный язык, языковые стили, речевые стили, научный стиль, публицистический стиль, официально-деловой стиль.*

**Aminov S., Nabizoda S.**

**COMMENTS ON LANGUAGE STYLES AND ITS TYPES**

The article deals with language styles. The first step is the comments of Russian scholars. From the words and writings of Russian scholars and methodologists, it is clear that they do not agree on the classification of language styles. Tajik linguists also do not agree on the classification of language styles. And sometimes their views on the classification of styles are contradictory. No Tajik scientist has done any specific research on the types of styles and their classification. Everything that Tajik scholars and methodologists have said and written is the result of research by Russian scholars. Recently, Russian scholars and methodologists have been distinguishing language styles from speech styles. In fact, language is different from speech. This is another issue that was discussed at the beginning of the article. A detailed explanation of this requires separate articles and will take time. Numerous articles on this subject have been written and are being published by Russian linguists and methodologists. The authors conclude that there are two styles of language: spoken and written. The book style, in turn, is divided into four types: scientific, journalistic, formal, and artistic.

***Keywords****: literary language, language styles, speech styles, scientific style, journalistic style, formal office style.*

**Маълумот дар бораи муаллифон: Аминов Саидамир** номзади илмҳои филологӣ. Сармутахасиси Маркази ҷумҳуриявии таълими методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Набизода С.Ф.** - сармуҳарири маҷалаи “Маорифи Тоҷикистон”. E-mail: saida40@inbox.ru, Тел.: (+992) 93-514-38-01.

**Сведения об авторах**: **Аминов Сайдамир**, кандидат филологических наук. Главный специалист Республиканского центра методического образования при Министерстве образования и науки Республики Таджикистан.

**Набизода С.Ф.** - главный редактор журнала «Образование Таджикистана». E-mail: saida40@inbox.ru, Тел.: (+992) 93-514-38-01

**Information about the authors**: **Aminov Saidamir,** Candidate of Philological Sciences. Chief Specialist of the Republican Center for Methodological Education under the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan.

**Nabizoda S.F** - editor-in-chief of the journal "Education of Tajikistan". E-mail: saida40@inbox.ru, Тел.: (+992) 93-514-38-01.

**КАМОЛОВА Ҷ.**

## ИСТИФОДАИ УСУЛИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ БО НАЗАРДОШТИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21. 12. 2021 омадааст: «Бо вуҷуди он ки раванди таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ба низоми муайян даромадааст, зарур аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад». [1.23].,

Дар зери мафҳуми баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, мо омӯзгорон масъулияти баланди касбии хешро дарк намуда, тамоми тадбирҳои имконпазиррро меандешем то, ки сифати таълиму тарбия дар синфҳои ибтидоӣ беҳтар шавад. Таҷрибаи

омӯзгорӣ ва фаъолияти доимӣ дар кори таълиму тарбия собит менамояд, ки хишти ибтидоии таълиму тарбия дар синфҳои ибтидоӣ гузошта мешавад.

Агар дар синфҳои ибтидоӣ хонандагон дуруст навиштан, бурро хондан, дар хотир нигоҳ доштану, мазмунан нақл карданро ёд нагиранд, дар синфҳои болоӣ кушода шудани маҳорату малакаи онҳо ниҳоят мушкил мегардад. Аз рӯзҳои аввали таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ хонандагонро ба ҳал намудани вазифаҳои эҷодӣ равона сохтан зарур аст.

Дар зери мафҳуми вазифаҳои эҷодӣ, вазифаҳои таълимие фаҳмида мешаванд, ки аз хонандагон ҳосил намудани ахбори оддиро не, балки супоришҳои эҷодии хурд ё калони дорои мушкилотро талаб менамояд. [2,65].,

Супоришҳои эҷодӣ, мазмун ва моҳияти асосии онҳо, аз дуруст ва нишонрас истифода бурда тавонистани омӯзгор аз методҳои фаъоли таълим вобаста мебошад. Супоришҳои эҷодӣ (махсусан воқеӣ ва ба ҳаёти хонандагон наздик) мазмуни таълимро ташкил дода, ба хонандагон илҳом ва майлу хоҳиш мебахшанд. Номуайянии ҷавоб ба мисолу масъалаҳои математикӣ хонандагонро маҷбур менамояд, ки бахри пайдо намудани ҷавоби «дуруст»-и шахсӣ пайваста талош варзанд. Ин тадбир имконият медиҳад, ки таҳкурсии ҳамкорӣ ва муошрати тамоми иштирокчиёни ҷараёни таълим барқарор гардад. [3,32].

Интихоби вазифаи эҷодӣ, худ вазифаи эҷодӣ барои омӯзгор мебошад, ки пайдо намудани меъёрҳои зеринро талаб менамояд:

- ҷавоб ва ҳалли ягона, ки якхел мураккабиро ноил нест;
- барои хонандагон амалан донистани он фоидаовар мебошад;
- бо хаёти хонандагон алоқаманд аст;
- таваҷуҳи хонандагонро беш мегардонад;
- ҳамчун мақсади таҳсилот хизмат менамояд.

Дар ин раванд агар хонандагон ба эҷодкорона кор кардан одат накарда бошанд, бояд онҳоро оҳиста- оҳиста бо машқҳои оддӣ ҷалб намуда, пас вазифаҳоро торафт мураккаб гардонидан зарур аст. Дар натиҷаи чунин рафтор ҷараёни одаткунӣ рӯй дода, хонандагон аз дарс, аз ҳалли мисолу масъалаҳо дилхунук намегарданд, балки ҳар чи бештар кӯшиш менамоянд, ки қобилияту тавоноии хешро дар ҳал намудани мисолу масъалаҳои математикӣ намоиш диҳанд. Бо ин роҳ онҳо ба умқи эҷод фурӯ рафта, дигар худро аз ҷустуҷӯйи вазифаҳои эҷодӣ канор гирифта наметавонанд. [5, 92].

Кор бо гурӯҳҳои хурд – ин яке аз стратегияи паҳнгашта дар синфҳои ибтидоӣ мебошад, ки ба тамоми хонандагон, аз ҷумла ба шармгинон имконият медиҳад, ки малакаи ҳамкорӣ ҳосил намуда, мубодилаи афкор намоянд ва мухолифатҳои пайдогардидаро бартараф созанд. Ҳалли гуфтаҳои боло дар коллективи калон номумкин аст. Кор дар гурӯҳҳои хурд – қисми тақсимнашавандаи усули фаъоли таълим буда, ҳамаро зери назорат қарор дода метавонад.

Дар ҷараёни ташкил додани кор бо гурӯҳ, мо омӯзгорон диққати бештарро ба чунин самтҳо равона менамоем:

- ҳосил намудан боварӣ ба он, ки хонандагон дониш, малака ва маҳорат ҳосил намудаанд;
- хонандагон ба осонӣ аз уҳдаи вазифаҳои дар наздашон гузошташуда мебароянд. [5.302].

Омӯзгор дар раванди дарси математика мушоҳида менамояд, ки хонандагон барои иҷрои супоришҳо чандон ҷиддӣ талош наварзида истодаанд. Дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ омӯзгор бояд тадбире андешад, ки сабаби ҷиддӣ мароқ зоҳир нанамудани хонандагонро ба дарс ошкор созад ва роҳҳои ҷалби онро пайдо намояд. Дар синфҳои ибтидоӣ омӯзгор бояд талош варзад, ки бештар нармӣ ва меҳрубонӣ зоҳир намуда, дастуру супоришҳои хешро равшану фаҳмо баён намояд.

Дар асоси таҷрибаи чандинсолаам бовар карда наметавонам, ки гурӯҳи хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавонанд дастуру супоришҳои омӯзгорро бо як бору ду бор фаҳманд. Беҳтар мебуд, ки дастуру супоришҳоро дар тахта ё варақ нависем, дар он ҳолат хонандагон ба мақсад бештару беҳтар сарфаҳм меравнд. Барои иҷрои вазифаи хонагии супоридашуда ба гурӯҳ вақти муайян ҷудо намудан зарур меояд.

Бозиҳои иҷрои нақш– дар раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ бозӣ мавқеи хосаро ишғол менамояд. Тавассути бозиҳои нақшофарӣ бачаҳо дар дараҷаи муайян ба рафторҳои ахлоқӣ ва паҳлӯҳои қаҳру ғазаб дар вазъиятҳои зиндагӣ ошно мегарданд. Бозиҳои нақшофарӣ бештар дар гурӯҳҳои начандон калон, ки аз 3-5 нафар иштирокчӣ

иборатанд, самаранок гузаронида мешавад. Иштирокчиён вазифаро дар варақа, тахта гирифта, нақшҳоро байнашон баробар тақсим мекунанд ва вазъиятро ба тамоми гурӯҳ намоиш медиҳанд. Омӯзгор метавонад нақшҳоро худаш аз рӯйи рафтор ва хислатҳои бачаҳо тақсим намояд. [4.206].,

Бартарии ин усул дар он мебошад, ки ҳар як иштирокчӣ метавонад худро дар вазъияти мавҷуда зоҳир намояд, ин ё он ҳолатро воқеӣ дарк намояд, оқибати ин ё он амалро огоҳона дарк кунад ва дар хотир нигоҳ дорад. Ин шакли бозӣ барои эҷодӣ гардонидани рафтор ва ангезиши қаҳру ғазаби хонандагон дар ин ё он ҳолат ошкор мегардад. Дар чунин бозиҳо бачаҳо рафтори ҳамида ва рафтори дағалу зиштро муқобил гузошта, қаҳру ғазаб ва омилҳои таъсиррасонандаи онро ба саломатӣ мефаҳманд ва кӯшиш менамоянд, ки муносибати хешро ба атрофиён муътадил созанд. [5. 208].

*Лексияи хурд* яке аз шакли самараноки пешниҳод намудани маводи назариявӣ дар синфҳои ибтидоӣ мебошад. Пеш аз оғоз бахшидан ба он, гузаронидани ҳуҷуми зеҳнӣ ва бозиҳои нақшии ба мавзуъ робитадор ниҳоят муҳим мебошад. Ин амал метавонад мавзуъро барои иштирокчиён мубрам гардонад. Зинаи огоҳии онҳоро дар муносибат ба мавзуи муҳокимашаванда муайян созанд. Мавод бояд ба иштирокчиён бо забони фаҳмо баён карда шавад. Ҳар як мафҳум бояд шарҳу эзоҳ дода шавад, ки чизе барои иштирокчиён нофаҳмо ва норавшан намонад.

Дар ин раванд дар асоси такя ба сарчашмаҳои боэътимод бояд қайд кард, ки тамоми гуфтаҳо бофтаи мо набуда, балки фикру мулоҳизаи мутахассисони соҳа мебошад. Баъди анҷоми баромад ё маърӯза бояд тамоми саволҳои пайдогардидаи иштирокчиён муҳокима гардида, ҷавоби дилхоҳ гиранд. Пас ба иштирокчиён рӯ оварда пурсидан зарур аст, ки ахбори ба даст овардаро чӣ тавр дар амал истифода бурдан ва ба кадом натиҷаҳо ноил гаштан мумкин аст. [4.205].

Ин чунин маънӣ дорад, ки пеш аз эълон намудани ким-кадом ахбор омӯзгор аз хонандагон мепурсад, қи шумо иштирокчиён дар ин бора чӣ медонед. Баъди пешниҳоди ин ё он маълумот тамрингар пешниҳод менамояд, ки муносибати иштирокчиёнро ба ин масъала муҳокима намудан зарурият дорад.

Масалан:

– Шумо чӣ андеша доред?

-- Шумо барои ҳалли ин амал чӣ фикр доред?

– Инро чӣ тавр иҷро кунем?

– Ба фикри шумо ин ба чӣ оварда мерасонад?

- Агар ин тавр ҳал кунем, оқибаташ чӣ мешуда бошад?

Ҳамин тавр ҳама тадбирҳо тавассути ба эътибор гирифтани андешаи тамоми иштирокчиён дар асоси талаботи демократӣ амалӣ мегардад. [3.57].,

*Коркарди лоиҳа* – ин усул дар синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим буда, ба иштирокчиён имконият медиҳад, ки дар зери таъсири фикру андеша аз синфхона берун шаванд. Дар зери таъсири фикру андеша, лоиҳаи амали хешро дар ҳалли масъалаи мавриди муҳокима қароргирифта муайян намоянд. Аз ҳама муҳим он мебошад, ки гурӯҳ ё иштирокчиёни ҷудогона имконият пайдо менамоянд, ки лоиҳаи хешро ҳимоя намоянд, бартарии лоиҳаи хешро бар дигар лоиҳа исбот намоянд ва фикри ҳамсинфонро дар ин бора фаҳмида гиранд.

*Тамошо ва муҳокимаи киноҳои видеоӣ.* Дар дарсҳои муҳити зист оид ба паст кардани хатари ҳолатҳои фавкулода ҳам аз филмҳои бадеӣ, филмҳои видиоии ҳуҷҷатӣ ва аз роликҳо истифода бурдан мумкин аст.

Киноҳои видеоии ба мазмуни дарс мувофиқро дар тамоми давраҳои дарс, тренингҳо на ҳамчун маводи иловагӣ, балки ҳамчун маводи зарурӣ истифода бурдан мумкин аст. Пеш аз оғози намоиши кино дар назди хонандагон аз 3 то 5 саволи калидӣ гузоштан зарур аст. Ин ҳамчун асос барои ҷалб намудани диққати хонандагон ва омода гардидани онҳо ба муҳокима хизмат менамояд.

Намоиши киноро дар ҷои пешакӣ интихобнамуда манъ карда, байни иштирокчиён мубоҳисаи доманадор ташкил кардан ниҳоят манфиатнок мебошад. Дар охир аз рӯйи мазмун ва мақсади кинои тамошонамуда хонандагон зери роҳбарии омӯзгор онро ҷамъбаст намуда, хулоса мебароранд, ки ин амал диққат, хотира ва нутқи онҳоро инкишоф медиҳад.

Бо ёрии саволнома зинаи огоҳии хонандагонро муайян сохта, муносибати онҳоро ба мавзуи муҳокимагардида мушоҳида намудан мушкил нест. Дар кори тартиб додани саволҳои пурсишнома муносибат бояд ҷиддӣ бошад: саволнома бояд саводона аз ҷиҳати имлоӣ ва грамматикӣ тартиб дода шуда, аниқ, нишонрас, фарогир ва бо забони фаҳмо бошад, то ки ҳиссиёти хонандагонро бедор намуда тавонад. Саволномаро гирифта, хонанда бояд онро бо диққат хонад ва намунаи ҷавобро омода намояд. Ҷамъбасти саволномаҳои махфиро омӯзгор ё тамринчӣ дар гурӯҳҳои хурд мегузаронад. [4.201].,

*Озод кардани хонандагон аз бори гарони равонӣ ва ҷисмонӣ.* Қайдҳои омӯзгор метавонад ба ташаккули мубодилаи афкори иштирокчиёни чараёни таълим мусоидат намояд. Онҳо аз рӯйи мазмун, шакли фаъолият ва давомнокиашон бояд мувофиқ бошанд. Масалан, пеш аз машқ, муттамарказ гардонидани диққати иштирокчиён талаб карда мешавад, ки дар ин раванд такрор кардани бозиҳои ниҳоят серҳаракат зарурат надорад.

*Робитаи баргарданда(Обратная связь)*имкон медиҳад, ки мо эҳссосоти иштирокчиёнро ба мавзуи муҳокимашаванда муайян намоем, арзишнокӣ ва беарзишии ташкили таълимро бинем ва ба натиҷаи ба дастовардаи хонандагон баҳогузорӣ намоем. Иштирокчиён бояд фикру мулоҳизаи хешро бе тарсу ҳарос нисбати машқҳои пешин ё тренинг гӯянд. Тамоми диққат ва ҳиссиётро бояд ба изтироби ҳар як иштирокчӣ равона намоем. Тамоми гуфтаҳо бояд хомӯшона шунида шаванд, такроран пурсидан, савол додан, аз ҷониби тамринчӣ ва дигар иштирокчиён зарурият надорад. Ба ҳар як иштирокчӣ барои иштирокаш ташаккур бояд гуфт ва рӯҳияи онҳоро бо суханони арзанда баланд бардоштан зарур аст.

*«Ҳуҷуми зеҳнӣ»,* «бархӯрди зеҳнӣ» (усули «делфи) – ин усулест, ки тамоми ҷавоби додаи хонандагон ба саволи додашуда қабул карда мешаванд. Дар ин усул муҳим он мебошад, ки ба нуқтаи назари иштирокчиён баҳои фаврӣ намедиҳанд, ҳама ҷавобҳоро қабул намуда, дар тахта ё вараҷи дафтар навишта гирифта, пас дар сарҷамъӣ ба муҳокима мегузоранд.

«Ҳуҷуми зеҳнӣ» он вақт оғоз мегардад, ки кушодани муносибати ахбордиҳии иштирокчиён ба саволи муайян равона гардад. Ин шаклро барои барқарор гардидани алоқаи ивазшаванда истифода бурдан ниҳоят муҳим мебошад. Шакли гузаронидани он чунин аст:

1. Ба иштирокчиён мавзуи муайян ё саволи мушаххас барои муҳокима дода мешавад.

2. Ба онҳо супориш дода мешавад, ки фикрашонро озодона оид ба ин ё он масъала баён намоянд,

3. Ҷавобҳои онҳоро (бе ягон ислоҳкунӣ) навишта мегиранд. Ба онҳо иҷозат дода мешавад, ки агар саволҳо ба онҳо норавшан бошанд, аниқ намоянд. (дар тамоми ҳолат андешаашонро тарзе нависед, ки аз забони иштирокчён садо диҳад).

4. Вакте ки тамоми андеша ва муҳокимаҳо анҷом ёфтанд, бояд такрор кард, ки чӣ супориш дода шуда буд, ҳамаашро аз рӯйи навиштаҳои хеш, ки аз забони иштирокчиён айнан навишта шудаанд, номбар намудан зарур меояд.

5. Корро ба анҷом расонида, аз иштирокчиён пурсидан зарур аст, ки ба фикри онҳо аз натиҷаи кор чӣ гуна хулосабарорӣ бояд кард. Боварӣ доред, ки мавзуи муҳокимагардида ҳалли худро ёфтааст ва ба мақсади гузоштаншуда расидааст. [6.59].

Пас аз анҷоми «ҳуҷуми зеҳнӣ» (ки набояд вақти зиёдро беш аз 4-5 дақиқа гирад), ҳатман бояд тамоми намунаи ҷавобҳо муҳокима карда шуда ба асосию ғайриасосӣ тақсим карда шавад. «Ҳучуми зеҳнӣ» яке аз усули самараноки таълим дар чунин шароитҳо ба ҳисоб меравад:

– баҳри муҳокимаи саволҳои баҳсталаб;

– баҳри муътадил гардонидани хонандагони ба худашон боварӣ надошта дар иштироки муҳокима;

– баҳри дар вақти кутоҳ ғун кардани миқдори зиёди ақидаю андеша;

– баҳри муайян сохтани огоҳӣ ё тайёр будани хонандагони синф;

– ташкил додани кор бо гурӯҳи хурд.

Ин ҷараёнро танҳо дар такя ба майлу хоҳиши хонандагон ташкил додан зарур аст. Дар ин вазъият аз ҳама самаранок ташкил додани кор бо хонандагон мебошад. Дар ин ҳолат омӯзгор ташхис ва маниторингро таъмин намуда, фазои муътадили таълимиро муҳаё сохта, дар ҳолати мавҷуд набудани дигар сарчашмаҳо дастгирӣ менамояд (маслиҳат медиҳад, мефаҳмонад). Дар вақти коркарди стратегия ё нақша, инчунин барои

фаҳмонидани муносибати гурӯҳҳои гуногуни иштирокчиён ба ҳалли мисолу масъала ин усул хеле зарурӣ ба шумор меравад. Ворид кардани тартиби фаъол дар гурӯҳ ҳамчун субъекти ҷараёни таълим, чунин мебошад:

– инкишоф додани малакаи муошират ва ҳамкории гурӯҳ;

– ташаккул додани ягонагии арзишҳо- майлкуниҳои гурӯҳҳо;

– ҳавасмандӣ ба устувории ивазкунии нақшҳои иҷтимоӣ дар робита аз вазъият.

*Тренинг* (аз лафзи англисии train гирифта шуда – маънояш тарбия кардан, хондан, хонондан) – ин ҷараёни ҳосил намудани малака, маҳорат дар кадом соҳае набошад тавассути супориш, амал ва бозӣ, ки равона гардидааст ба ҳосил намудани маҳорату малакаи бедор нагардида мебошад. Тренинг ба иштирокчиён имконият медиҳад, ки ахбори ногирифтаро гиранд ва ба фишор мутобиқ шаванд. Арзиши бузургтарини тренинг дар он мебошад, ки дилбохтагии тамоми иштирокчиёни ҷараёнро ба таълим фаъол мегардонад:

– миқдори иштирокчиёни тренинг набояд аз 20-25 нафар зиёд бошад;
– мувофики миқдори иштирокчиёни тренинг бояд биное мавҷуд бошад, ки дар он ҷойҳои нишаст аз рӯйи «доираи тренинг» мавҷуд бошад, то таъсири фаъоли иштирокчиёнро таъмин карда тавонад;

– дар машғулияти якуми тренинг машқи шиносшавӣ ва «ризоият» гузаронида мешавад;

- тартиби кори гурӯҳҳо муайян карда мешавад;

– фазои дӯстӣ ва боварӣ дар тамоми давоми тренинг муайян карда мешавад;

– ҷалб намудани тамоми иштирокчиёни тренинг ба амали фаъолона дар тамоми давраи тренинг;

– эҳтиром намудани ҳиссиёт ва андешаи ҳар як иштирокчӣ;

– ҳавасманд гардонидани ҳар як иштирокчии тренинг;

– мурраби ё омӯзгор иштирокчиёни тренингро барои ба даст даровардани мақсади гузоштаи дарс сафарбар менамоянд, аммо фикру андешаи хешро ба дӯши онҳо бор наменамояд;

– муаллим ё тамринчӣ риояи вақтро дар ҳар як давраи тренинг таъмин менамоянд;

– мутобиқати самаранокии маводи назариявӣ, омӯзгор машқҳои фаъолро таъмин менамояд;

– бо хотима ёфтани тренинг, он ҳатман бояд ҷамъбаст карда шавад.

Тренинг метавонад аз як ё якчанд дарс иборат бошад, ҳатто метавонад якчанд рӯз давом ёбад. [3.68].

*Шароитҳои зарурӣ барои таҳсили бобарор:*

– омода будани хонанда ба таҳсил;

– истифода бурдан аз шаклҳои гуногун ва усули таълим;

– истифодаи васеъ аз такрор баҳри мустаҳкам кардани дониш;

– мувофиқ будани ҷараёни таълим бо ҳолатҳои воқеии ҳаёт;

– саривақт беғаразона баҳо додан ба амали хонанда аз ҷониби мураббӣ ё омӯзгор.

Таҳсил дар худ бевосита 2 давраро фаро мегирад:

1. Қисмати ахборӣ ё маълумот дар бораи донишҳои назариявӣ;

2. Ҳосил намудани малакаи амалӣ.

*Кисмати ахборотӣ*- ин давраро аз ҷавоб ба саволҳо аз рӯйи саволнома бояд оғоз намоем, ки чандин мушкилотро пеш меорад. Мушкилот дар он мебошад, ки маводи асосиро дар шакли лексия, презентатсия пешниҳод менамояд. Пас мувофиқи интихоби омӯзгор аз намудҳои гуногуни методҳои фаъоли таълим метавон истифода барад. Ба ин бозиҳо, бозӣ дар нақш, мубоҳиса, баҳс, даъвати меҳмонон, кор дар гурӯҳҳои хурд мансуб мебошанд. [4.186].

*Коркарди маҳорати амалӣ,* онро ба инобат мегирад, ки тамоми донишҳои ахборотӣ, дар нақшаи назариявӣ бояд бо маҳорати амалӣ мутобиқат намояд. Ин давраи тренинг баҳри он хизмат менамояд, ки иштирокчиён таҷрибаи амалӣ баҳри ҳимояи хаёт ва солимии атрофиёро ҳосил намоянд. Бо ин мақсад метавонем аз бозиҳои нақшӣ, намоишҳо, мубоҳиса, «ҳуҷуми зеҳнӣ» ва дигар шаклҳои шавқовари таълим дар синфҳои ибтидоӣ вобаста ба шароит истифода барем. Тамоми машғулиятҳои тренингӣ дар охир ҷамъбаст карда мешаванд. Ҳамчун одат ин амал ба эътибор гирифта шудааст, ки иштирокчиён тавонанд ҳиссиёти хешро баён намоянд ва хоҳишу дархостҳояшонро иброз

доранд. Ҷамъбастро дар шакли «варақҳои кушод», дар шакли пурсишнома, анкетаҳои пуркарда бояд гузаронид.

Тамрингар ё омӯзгор метавонад аз иштирокчиёни семинар пурсад, ки чӣ чизи навро онҳо донистанд, чӣ барои онҳо аҷиб ва бештар манфиатовар буд. Акнун ба хотир биёред, ки дар ин раванд кадом машқҳоро шумо иҷро кардед. Ҳамин тавр маводи гузаронидашуда мустаҳкам карда мешавад. Агар тамринчӣ ё омӯзгор иштирокчиёни тренингро ҳамеша бо усулҳои дастрас ҳавасманд гардонанд ҳавасмандии онҳо боз ҳам беш мегардад. [6.54].

Хулоса, таълими шавқовар имконият медиҳад, ки дар як вақт чандин супоришу вазифаҳоро иҷро намоем. Дар байни вазифаҳои гузошташуда инкишоф додани малака ва маҳорати муошират ҷойи асосиро ишғол менамояд. Дар раванди мубодилаи афкор байни иштирокчиён робитаҳои эҳсосотӣ рӯй медиҳад, ки вазифаҳои тарбиявиро иҷро намуда, онҳоро дар команда кор кардан ва ба фикру андешаи рафиқон муросо карданро меомӯзанд.

Истифода бурдани шаклҳои фаъол дар ҷараёни таълим, тавре ки таҷриба нишон медиҳад, бори бартараф намудани фишори рӯҳии хонандагон муҳим буда, имконият медиҳад, ки диққатро ба масъалаҳои асосии мавзӯи дарс равона намоем. Асоси муносибатҳои фаъолро машқҳои фаъол, ки хонандагон иҷро менамоянд, ташкил медиҳад. Асосҳои фарққунандаи машқҳо ва супоришҳои фаъол дар он мебошад, ки онҳо на танҳо ба мустаҳкамкунии маводҳои омӯхташуда, балки ба омӯзиши маводи нав равона мегардад.

**АДАБИЁТ:**


1. Паёми Пезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи самтҳои асосии саёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ» 21.12.2021.
2. Лутфуллоев М. Тоҷикистони соҳибистиқлол ва маорифи навин.- Душанбе, 2006.
3. Лутфуллоев М. Дастури фаъолияти омӯзгор.-Душанбе, 2007.
4. Бабанский Ю.К. Методы обучения в современной общеобразовательной школе.-М.: Просвещение, 1985.-208 с.
5. Зазюна И.А. Основы педагогического мастерства. Учебное пособие.- Москва., Просвещение, 1989,302с.
6. Якиманская И.С. Личностно- ориентированное обучение в современной школе.- М.,1996.


**Камолова Ҷ.**

**ИСТИФОДАИ УСУЛИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ БО НАЗАРДОШТИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ**

Дар мақолаи мазкур, дар зери методҳои фаъоли таълим вазифаҳои амалие фаҳмида мешаванд, ки аз хонанда танҳо такрористеҳсолкунии ахбори одиро не, балки эҷодро талаб менамояд, зеро ҳар як супориш дараҷаи муайяни номафҳумӣ ноил мебошад ва ҳамчун одат якчанд муносибатро талаб менамояд. Супоришҳои эҷодӣ мазмун ва асоси тамоми методҳои фаъоли таълимро ташкил медиҳанд. Супоришҳои эҷодӣ (махсусан амалӣ ва ба ҳаёти хонандагон наздиканд) ба таълим мазмун бахшида, ба хонандагон мақом мебахшанд.

***Калидвожаҳо:*** *методҳои фаъоли таълим, такрористеҳсолкунии ахбор, аломатҳоиномуайянӣ, мазмуни таълим, вазифаҳои эҷодӣ, тамрин, тамринчӣ.*

**Камолова Дж.**

**ИНТЕРАКТИВНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ ПРИ ФОРМИРОВАНИЕ КОМПИТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДОВ**

Под интерактивных методов обучение, понимается *творческими заданиями,* которые требуют от учащихся не простого воспроизводства информации, а творчества, поскольку задания содержат больший или меньший элемент неизвестности и имеют, как правило, несколько подходов. Творческое задание составляет содержание, основу любого интерактивного метода. Творческое задание (особенно практическое и близкое к жизни обучающегося) придает смысл обучению, мотивирует обучающихся.

***Ключевые слова:*** *интерактивных методов обучения,воспроизводства информации,элемент неизвесности,содержание образование, творческое задание, тренинг, тренер.*

**Kamolova J.**

**INTERACTIVE TEACHING METHODS IN PRIMARY SCHOOL IN THE FORMATION OF A COMPETENCY-BASED APPROHACH**

Interactive learning methods are understood as creative tasks that require students not to simply reproduce information, but to be creative, since tasks contain a greater or lesser element of uncertainty and, as a rule, have several approaches. The creative task is the content, the basis of any interactive method. A creative task (especially practical and close to the life of the student) gives meaning to learning, motivates students.

***Key words:*** *interactive teaching methods, information reproduction, element of uncertainty, education content, creative task, training, trainer.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Камолова Ҷамила - унвонҷӯи соли якуми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ, тел: 934.71.64.71.

**Сведение об автора:** Камолова Джамиля - выпускница 1 курса Института развития образования им. А.Джами АТТ, тел: 934.71.6

**Information about author:** Kamolova Jamila - the first-year graduate of the Institute of Development of Education named after A. Jomi ATT, tel: 934.71.64.71.

**ХОЛОВ М. Р.**

**ПРИНСИПҲО ВА ҶУЗЪҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБӢ - ЛИНГВИСТИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАНГОМИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҒАЙРИЗАБОНӢ**

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ ташаккулии салоҳиятҳои касбӣ - лингвистии донишҷӯён дар раванди дарк кардани робитаи пайвастаи ҷузъҳои таълими гуманитарӣ ва техникӣ нақши муҳим мебозад: қобилияти муошират бо забони хориҷӣ ва ба даст овардани муваффақият дар раванди муошират ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки вазифаҳои касбии дар назди онҳо истодаро амалан ва мустақилона ҳал намоянд.

Дар дидактикаи таҳсилоти олии касбӣ, принсипҳо ва равандҳои таълими касбӣ, инчунин категорияҳои он муҳим мебошанд. Принсипҳои омӯзиш барои муайян кардани мундариҷа, шаклҳо, усул ва ташкили раванди таъли пешбинӣ шудаанд. Омӯзиши ҳама гуна фанҳои таълимӣ тавре сохта шудааст, ки дар асоси ягонагии дидактикӣ маълуманд ва бо риояи принсипҳои дидактикии дар назарияи таълим таҳияшуда амалӣ карда мешаванд. Дар айни замон, омӯзгор бояд ба принсипҳои мушаххаси методологӣ, ки хусусиятҳои мавзуъро ба назар мегиранд, мувофиқат кунад.

Голуб Б.А. қайд мекунад, ки принсипҳои таълими забони хориҷӣ вобаста ба хусусиятҳои таърихии рушди ҷомеа, дар сатҳи рушди илм ва фарҳанг такмил дода мешаванд [4,с.12]. Нуқтаи назари шабеҳ аз ҷониби Э.Г. Азимов ва А.Н. Шукин пешниҳод гардидааст, ки “...системаи принсипҳои омӯзиш барои ворид кардани принсипҳои нав кушода аст ва приспиҳои мавҷудбударо бояд аз нав дида бароем” [1, с.252].

Бо тамоми раванди гуногунии принсипҳои таълимии мавҷуда агар диққат намоем “... принсипҳои асосии методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, ба монанди дидактикӣ, психологӣ, лингвистӣ ва дарвоқеъ методология мебошанд, ки бо ҳам алоқаманданд ва системаи ягонаро ташкил дода, барои расидан ба ҳадафи таълими гузошташуда пешбинӣ шудаанд...” [12, с.174].

***Принсипҳои дидактикӣ*** муқаррароти асосии назарияи таълим ва тарбияро нишон дода, хусусиятҳои фанни “Забони хориҷӣ” (англисӣ) -ро инъикос мекунанд ва тавассути принсипҳои зерин амалӣ карда мешаванд: принсипи шуур, принсипи фаъолият, принсипи намоёнӣ, принсипи иқтидор, принсипи дастрасӣ ва иҷрошаванда, принсипи ҳамоҳангии байнисоҳавӣ, принсипи ҳамкории фарҳангӣ, принсипи салоҳияти касбии омӯзгор. “Дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ бояд технологияҳои дидактикӣ ва методӣ истифода шаванд, ки ҳадафи онҳо доимо бой гардонидани эҷодиёт бо таҷриба мебошад, на ҷамъ кардани дониш ва малакаҳо” [3, с.150].

***Принсипҳои лингвистӣ*** ба маълумоти забоншиносӣ асос ёфтаанд, ки барои методологияи таълими забони хориҷӣ заминаи асосӣ мебошанд ва тавассути принсипи пайгирона, принсипи консентризм, принсипи фарқ кардани падидаҳои лингвистӣ дар

сатҳи забон ва нутқ, принсипи вазифавӣ, принсипи фарқкунии услубӣ, принсипи коркарди забон амалӣ мегарданд [3, с.150].

***Принсипҳои иҷтимоӣ-лингвистӣ*** ангезаи ҳавасмандии фаъолиятро шарҳ медиҳанд ва барои мувофиқи мақсад ташкил кардани дарсҳо кумак расонида, пешниҳод мекунанд, ки ба соҳаи ҳавасмандгардонии фаъолият ва рафтори донишҷӯён тавассути принсипи ҳавасмандӣ, принсипи марҳила ба марҳила дар ташаккули малака ва қобилиятҳои нутқ таъсир расондан, принсипи ба назар гирифтани хусусиятҳои фардӣ - психологии шахсияти донишҷӯён, принсипи баҳисобгирии равандҳои мутобиқшавӣ бояд амал намуд. Усулҳои таълиме, ки муаллим истифода мебарад, рафтори ӯ, аҳамияти маълумот дар бораи фарҳанг ва кишвари забони ҳадафманд, инчунин аҳамияти ҳавасмандии дохилӣ ва берунии донишҷӯро ба забони омӯхташаванда ташкил медиҳад [10, с.7 ].

***Принсипҳои методологӣ*** хусусияти хосси таълими забони хориҷиро инъикос мекунанд, ба монанди: принсипи муошират, принсипи ба назар гирифтани забони модарии донишҷӯён, принсипи пешрафти нутқи шифоҳӣ, принсипи ба ҳам алоқаманд таълим додани намудҳои фаъолияти нутқ, принсипи тамоюли касбии омӯзиш, принсипи наздикшавӣ, принсипи ба назар гирифтани сатҳи дониши забон.

***Принсипҳои мушаххаси методологӣ*** аз як қатор принсипҳои методологии таълими забони хориҷӣ сарчашма мегиранд ва бо хусусиятҳои бахшҳои илмии лингвистика муайян карда мешаванд. Тибқи гуфтаи И.Л. Бим, муҳимтарин принсипҳои таълими забони хориҷӣ ҳамчун забони дуввуми муоширатӣ инҳоянд: 1) коммуникативӣ-маърифатӣ; 2) фарқияти таълимӣ; 3) тамоюли иҷтимоӣ - фарҳангӣ; 4) таҳкими хусусияти ба фаъолият асосёфтаи омӯзиш; 5) инкишофи ба ҳам алоқаманди тамоми намудҳои фаъолияти нутқ; 6) равиши муқоисавӣ, ки ба дараҷаи принсип расонида шудааст; 7) омӯзиши сарфакорона (тақвиятдиҳанда) [2, с.18-22].

Дар асоси ин принсипҳо, раванди муосири таълими забонҳои хориҷӣ ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – линвистии донишҷӯён барои ҳамкории сатҳи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нигаронида шудаанд .

Интихоби принсипҳои таълим яке аз масъалаҳои баҳсталаби дидактика, психология ва методика мебошад, зеро дар фаҳмиши онҳо андешаҳои мухолиф мавҷуданд ва аксар вақт хилофи якдигаранд. Истилоҳи “Принсип”аз калимаи лотинии principium – “асос” “ибтидо” гирифта шудааст. Аз ин ҷо, принсипи таълим принсипи асосиест, ки мувофиқи он бояд системаи таълими фанро кор ва инкишоф диҳанд. Дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ тибқи принсипҳо муқаррароте, ки тамоми ташкили таълимро муайян мекунанд ҳамчун асосӣ фаҳмида мешавад, инчунин дар он робита ва вобастагии мутақобила зоҳир мегардад. Татбиқи дурусти принсипҳои самаранокии таълим таваҷҷуҳи донишҷӯёнро дар дарси ташкилшуда таъмин мекунад ва ба ин фаъолияти кории онҳоро муайян мекунад.

Аз ин рӯ, талабот ва аҳамияти дониш ва маҳорати донишҷӯён дар ташкил ва гузаронидани дарсҳои забони хориҷӣ амалан аз ҷониби муаллим роҳбарӣ карда мешавад. Дар назарияи таълими забонҳои хориҷӣ махсус таъкид шудааст, ки тавсифи принсипҳо калиди эҷоди раванди таълим ва таълими хеле самарабахш, инчунин дар ҳама гуна муассисаҳои таълимӣ ва дар ҳама гуна фанҳои таълимӣ мебошад. Ин ба он далел аст, ки мушкилоти принсипҳои таълими забонҳои хориҷӣ чун анъана дар маркази диққати олимони ватаниву хориҷӣ ва омӯзгорони амалкунанда қарор дорад. Дар аксари ҳолатҳо, методистон кӯшиш мекунанд, ки таснифоти муайяни принсипҳои асосии таълими забонҳои хориҷиро дар шакли нав таъсис диҳанд.

Дар айни замон, онҳо ба таври дуруст аз он далолат мекунанд, ки аз як тараф забони хориҷӣ - ҳамчун як фанни таълимӣ аз фанҳои таълимии системаи маориф мебошад ва аз ин рӯ, ба қонунҳои қабулшудаи дидактика ва аз тарафи дигар ба методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, ки заминаи методологии хосси худро дорад, итоат мекунад. Аз ин рӯ, алоҳида ҷудо кардани тамоми принсипҳои таълими забонҳои хориҷӣ ба дидактикии умумӣ ва методологияи таълим таалуқ дорад .

Принсипҳои умумии дидактикии таълими забонҳои хориҷӣ ҷиҳати ноил шудан ба омӯзиши муассир ва тарбиявӣ, инчунин азхуд кардани асосҳои дониш оид ба ташаккули малака ва маҳоратҳо равона карда шудаанд. Принсипҳои зеринро ҳамчун принсипҳои

асосии дидактикӣ номидан мумкин аст: рушди омӯзиш, фаъолият, аёният, устуворӣ, дастрасӣ, муносибати фарққунанда, виҷдон ва дигарон.

Принсипҳои методологӣ бошанд хусусиятҳои таълими забони хориҷиро муфассалтар тасвир ва мушаххас мекунанд. Принсипҳои зерин ба ин гурӯҳ шомиланд: принсипи самти коммуникативӣ бо назардошти хусусиятҳои забони модарӣ, принсипи омӯзиши ба ҳам алоқаманд вобаста ба ҳама намудҳои фаъолияти нутқ, принсипи вазифавӣ, принсипи нутқи шифоҳӣ, принсипи тахминӣ, инчунин як қатор принсипҳои дигаре, ки муаллифон вобаста аз онҳо муносибати интихобшуда ба таълимро таҳия кардаанд (Е. Г. Азимов, А. Н. Шукин, Б. А. Голуб, А.А. Леонтьев, Г.А. Китайгородская, А.И. Домашнев, Е.И. Пассов, Г.В. Рогова, С.Ф. Шатилов).

Г.А. Китайгородская принсипҳои зерини интенсивии таълими забони хориҷиро ҷиҳати муайян намудани "Усули фаъол кардани захираҳову имкониятҳои шахс ва гурӯҳӣ" пешниҳод намудааст: принсипи ҳамкории коллективӣ,принсипи муошират ба шахс нигаронидашуда, принсипи ташкили нақшавии раванди таълим, принсипи тамаркуз дар ташкили маводи таълимӣ ва раванди таълим, принсипи бисёрвазифавии машқҳо [6, с.12-18]..

Барои ташаккули салоҳиятҳои касбӣ - лингвистӣ, принсипи пешбарандаи методологӣ метавонад принсипи муошират бошад, ки самтгирии амалии дарсҳоро таъмин мекунад ва барои азхудкунии фаъолияти нутқ дар соҳаи муайян равона карда мешавад. Дар айни замон раванди таълим дар ҷумҳурӣ аксар вақт бо алоқаи воқеии ҳадафи таълим (азхуд кардани забон ҳамчун воситаи муошират) ва воситаҳои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва муошироти воқеӣ (фаъолияти нутқӣ) ташбеҳ карда мешавад. Тавассути ташкили фаъолияти эҷодӣ, истифодаи шаклҳои дастаҷамъии кор, таваҷҷӯҳ ба ҳолатҳои мушкилӣ, азхудкунии шаклҳои линвистӣ ва вазифаҳои он, салоҳияти коммуникативӣ дар нутқ ташаккул меёбад ва ҳамин тавр муошират на танҳо ҳадафи омӯзиш, инчунин воситаи расидан ба ҳадафҳои касбӣ равона мегардад.

Намояндаи мактаби Липетск Е.И. Пассов хусусиятҳои зерини принсипи коммуникативиро қайд мекунад: ҳавасмандӣ, ҳадафмандӣ, маънои шахсият, фардияти муносибатҳо, фаъолияти гуфторӣ, ҳамкорӣ, тамос, вазъият, иттилоотӣ, навигарӣ, эвристикӣ, функсионалӣ, мушкилот. Принсипи коммуникативӣ дар методологияи муосир барои интихоб ва ба тартиб даровардани маводи забон, ташкили раванди омӯзиш, яъне истифодаи техника ва воситаҳо барои танзими вазъ ва ҳамҷоя кардани забону фарҳанг дар раванди таълим кӯмак мерасонад [8, с.107-109].

Принсипи коммуникатсионӣ дар асоси усули *коммуникативӣ* қарор дорад, ки дар он бештар ба нутқ, қобилияти муошират ва гӯш кардани сухан диққат дода мешавад, то раванди омӯзиши забон ба раванди муошироти воқеӣ наздик карда шавад. Ин усул на танҳо азхудкунии забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошират, балки рушди сифатҳои ҳамаҷонибаи донишҷӯёнро низ таъмин мекунад. Ин усул ҳадди аққал вориднамоии донишҷӯёнро ба раванди омӯзиши забони хориҷӣ  бо истифодаи ҳадди ақали забони модарӣ пешбинӣ мекунад. Ҳадафи асосии ин метод омӯзонидани донишҷӯён ҷиҳати бо забони хориҷӣ озодона сухан гуфтан мебошад. Дар ин усул шумораи машқҳои такроршаванда кам карда мешаванд ё тамоман нестанд. Ба ҷойи онҳо, вазифаҳо барои ҷустуҷӯйи хатоҳо, муқоиса ва таҳлил, ҳолатҳои нақши мафҳумҳо, вазъи таълим - яъне вазифаҳое, ки мантиқ, хотира, қобилияти тафаккури таҳлилӣ, образнок ва эҷодкорона ба ҳалли вазифаҳо пайваст мешаванд, мавриди истифода қарор мегиранд. Ин вазъият зарурати интихоби бодиққати мавзуъҳои нутқ, ҳадаф ва ҳолатҳои муошоиратиро, ки ба манфиатҳо ва ниёзҳои донишҷӯён ҷавобгӯ мебошанд, муайян мекунад. Дар ин замина, донишҷӯён ва омӯзгорон имконият пайдо мекунанд, ки матнҳо ва мавзуъҳои мавриди таваҷҷуҳи худ, инчунин маводи таълимиро барои ҳалли масъалаҳои барнома мустақилона интихоб ва матраҳ кунанд.

Усули коммуникативӣ комилан ба ғояҳои линвистикаи коммуникативии зерин асос ёфтааст: воҳиди муошират амали нутқист; воҳиди интихоби амалҳои нутқӣ - ҳадафи муошират; азхудкунии забон - ташаккули салоҳияти коммуникативӣ, яъне донистани системаи забон ва қобилияти истифодаи дурусти воҳидҳои забон. Дар асоси муносибат ба омӯзиши збаони хориҷӣ ва ғояҳои ӯ дар бораи ташаккули салоҳиятҳои шахсият дар

фаъолият ва муошират бо одамони дигар, асоснокии психологии ин усул оварда шудааст. Дар доираи усули коммуникативӣ принсипи ба назар гирифтани синну сол, хусусиятҳои миллӣ ва инфиродӣ - психологии донишҷӯён (навъи хотира, қобилияти омӯзиш, ҷаҳонбинӣ, шавқ ва ғ.) амалӣ карда мешавад. Бояд қайд кард, ки бедор намудани ҳавасмандӣ барои омӯзиши забони англисӣ ва фаъолсозии донишҷӯён пурра ба принсипи фардисозии омӯзиш асос ёфтааст. Принсипи нутқи ба самтнигаронидашудаи таълим фаъолияти нутқ, воситаҳои таълим ва ҳадафнок буда, тавассути ҷалби донишҷӯён ба корҳои умумӣ амалӣ карда мешавад; машқҳое, ки ба вазъи муошират ба қадри имкон наздиканд; таъкид ба мундариҷа, на шакли изҳороти пайдарпай. Иҷрои баъзе вазифаҳо на танҳо дониш, балки суръат, қобилияти мутамарказгардонии ҷараёни иттилоот, инчунин қобилияти нишон додани қобилиятҳои ҳадди эҷодиву салоҳиятҳои касбиро талаб мекунад. Фаъолияти фикррони тавассути нутқ дар давоми омӯзиш ба таври шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ нигоҳ дошта мешавад. Техникаи коммуникатсионӣ вазифаи муайяни нутқро ба ягон воҳиди забон дар сатҳи лексикӣ, грамматикӣ, мавзуӣ ва вазъӣ вогузор мекунад. Азхудкунии сохтори забони хориҷӣ ва фонди луғавии он ба ҳадафи асосии мафҳуми маъно, интиқол ва баёни мундариҷаи он хидмат мекунад. Дар ин ҳолат, тахмин мезананд, ки изҳорот бо вазъи муошират, ки ба таваҷҷуҳи донишҷӯён равона гардидааст ва ба синну соли онҳо мувофиқат мекунад, инчунин онҳоро ба муҳокимаҳои гурӯҳӣ ҷалб мекунад, алоқамандии зич дорад.

Самти ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯён дар таълими забони хориҷӣ тибқи фаҳмиши мо, маънои ба принсипҳои асосӣ такя карданро дорад, ки ба шумо имконият медиҳанд то паҳлуҳои муҳимтарини раванди омӯзиши забонҳои хориҷиро дарк намоед.

Дар асоси сохтори салоҳиятҳои касбӣ - лингвистӣ ва таълими забони англисӣ васеъ намудани мундариҷаи салоҳияти лингвистӣ, дигаргуниҳои ҷузъҳои салоҳиятҳои зеринро фарқ кардан мумкин аст:

***1. Ҷузъи ҳавасмандгардонӣ.***

Ҷузъи ҳавасмандгардонӣ мураккаб, динамикӣ ва бисёрсатҳа буда, ангезаҳо, ҳадафҳо, ниёз ба омӯзиш, такмил ва ташаккулро дар бар мегирад. Ин ҷузъ малакаи эҷодии шахсиятро рушд медиҳад ва таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба фаъолияти мустақили омӯзиши забони хориҷӣ зиёд мегардонад. Ҳавасмандгардонӣ маҳсули фаъолияти маърифатист, ки қувваҳои эҷодиро барои ҳалли вазифаҳои маърифатӣ сафарбар мекунад ва ба сифат омӯзиши донишҳо таъсир мерасонад. Фарз мекунем, ки ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистӣ агар донишҷӯён аз кори худ қаноатманд шаванд ва натиҷаи онро бинанд, ҳатман барои рушд ва муваффақият дар соҳаи касбияти интихобнамудаашон ҳавасманд мешаванд. Огоҳӣ ва ҳавасмандӣ барои мундариҷаи мушаххаси фаъолиятҳо дар шароити махсуси муташаккилонаи раванди таълим ташаккул меёбанд (бозиҳои маърифатӣ, мусоҳибаҳои таълимӣ, дарсҳои интерактивӣ, муоиратҳои касбӣ ва ғайраҳо).

Меъёрҳои арзёбии ҷузъи ҳавасмандгардонӣ дар ташаккули салоҳиятҳои касб - лингвистӣ инҳоянд:

- ташаккули маҳорати эҷодӣ ҳангоми истифодаи имкониятҳои забони хориҷӣ таъсири худро мерасонад: ба омодагии инъикоси далелҳо ҳангоми муошират; ба эҷодиёти мустақилона; ба истифодаи техникаи талаффуз, тасвирҳо ва воситаҳои аслии лингвистӣ;
- муносибат ба донистани забон ва фарҳанги забони ҳадаф, ки тавассути таваҷҷуҳ ва ниёз ба муошírати шифоҳӣ дар раванди фаъолияти маърифатӣ ифода ёфтааст; муносибати фаъолона ва маънодор дар рушди фаъолияти нутқ.

Тадқиқоти ҷузъи ҳавасмандгардонии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ, пеш аз ҳама, омодагии онҳоро ба истифодаи стратегияҳои коммуникатсионии дорои маҷмӯи донишҳо, қобилият ва малакаҳои воситаҳои амалкунандаи забонӣ ҳамчун ҷузъи салоҳиятҳои лингвистӣ ва муваффақиятҳо дар раванди муоширатро таъмин мекунанд. Хулоса баровардан мантиқӣ аст, ки мундариҷаи маводи таълимӣ бояд барои рушди бомуваффақияти коммуникатсионӣ ва равандҳои равонӣ, инчунин мусоидат ба таҳлили донишҳои омӯхташуда ва истифодаи самараноки онҳо дар ҳолатҳои мушаххаси коммуникатсионӣ шароити мусоидро фароҳам орад.

Бо мақсади ба даст овардани тасвири мукаммали ҷузъи ҳавасмандгардонӣ вобаста ба ҳавасмандгардонии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ, мо дар таҳқиқи худ методологияи "Омӯзиши ҳавасмандии фаъолияти таълими донишҷӯён"-и А.А.Реан ва В. А. Якунин дар таҳрири Н. С. Бадмаев [9, с. 151-154] ва методологияи "Омӯзиши ҳавасмандии таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ" -и Т. И.Илинро мавриди омӯзиш қарор додем [5]. Ин методологияҳо ба мо имкон медиҳанд, ки дар кори худ дараҷаи ташаккули ангезаҳои васеи иҷтимоӣ, маърифатӣ - таълимӣ ва коммуникатсиониро муайян кунем ва дар донишҷӯён хоҳиши азхуд кардани дониш ва малакаҳои омӯзиши забони хориҷиро пайдо намоем.

***2. Ҷузъи маърифатӣ (когнитивӣ).***

Тибқи назарияи маърифатии шахсият ва дигар сарчашмаҳои адабиёт, ҷузъи маърифатӣ бо равандҳои маърифатӣ (тафаккур, огоҳӣ, ҳукмбарорӣ) алоқаманд мебошад, ба монанди: азхудкунии усули гирифтани маълумоти пурмазмун дар бораи худ ва ҷаҳон; дониши шахсии дигарон; қобилияти самаранок ҳал кардани мушкилоти гуногуни байни одамон.

Ҳамин тариқ, ҷузъи маърифатӣ маҷмуи донишҳои илмӣ ва назариявиро муайян мекунад ва дар заминаи таҳқиқоти мо - дониш дар бораи салоҳияти коммуникатсионӣ ва нақши салоҳияти лингвистӣ ҳамчун ҷузъи асосии он. Барои ташаккули салоҳияти лингвистии донишҷӯён, дар доираи он дониш салоҳияти мувофиқ ба касбро ташаккул додан лозим аст. Аз ин рӯ, сатҳи ташаккули ҷузъи маърифатӣ бо сатҳи амиқи дониш дар соҳаи системаи лингвистӣ муайян карда мешавад. Қайд кардан муҳим аст, ки сохтори мураккабии дониш дар бораи забон ва системаи ба ҳам алоқаманди он, инчунин ҷузъҳои зерин барои дарки раванди азхудкунии маводи омӯхташаванда заруранд:

- донистани забон ва воситаҳои гуногуни услубии забон: донистани меъёрҳои навиштан ва нутқ; қобилияти истифодаи кофии лексикӣ ва сохти гуногуни синтаксис;
- донистани забон: истилоҳот ва мафҳумҳои лингвистӣ, маълумот дар бораи нақши забон дар ҳаёти инсон.

Муайян кардани сатҳи дониши лексикӣ ва грамматикӣ тавассути супоришҳои гуногуни ғайрикоммуникатсионие, ки ба донишҷӯён пешниҳод карда мешаванд, асосан дар шакли санҷиши лексикӣ ва грамматикии забон амалӣ карда мешаванд. Системаи вазифаҳои пешниҳодшуда ба омӯхтани намудҳои алоҳидаи фаъолияти нутқ: хондан ва навиштан равона карда шудааст.

Воситаҳои самарабахши арзёбии ҷузъи маърифатӣ дар раванди таҳқиқот асосан озмоишҳо, тестҳо ва корҳои санҷишӣ мебошанд. Тестҳо ду намуди супоришҳоро дар бар мегиранд: бо интихоби ҷавоб (якҷавоба ва бисёрҷавоба) ва вазифаҳо барои муқаррар намудани мутобиқат ба талабот. Тибқи таҳқиқоти С.Э. Старостина, супоришҳои якҷавоба бо ҷавоби дурусти ягона донишҳо ва мавҷудияти қобилияти равшан кардани масъалаҳои назариявӣ ва амалиро месанҷанд. Супоришҳои биёрҷавоба бо ҷавобҳои сершумор дониши худро санҷида, ташаккули қобилияти донишҷӯёнро оид ба таҳлил ва арзёбии маълумоти пешниҳодшуда ошкор месозанд [11, с. 182].

Барои ноил шудан ба сатҳи баланди фаъолият ва салоҳияти касбӣ дар донишҷӯён ин ҷузъ нақши муҳим дошта, ташаккули ҷузъи амалиётӣ ва фаъолиятии сатҳи лозима тибқи талаботҳои зикршуда ба даст оварда мешавад.

***3. Ҷузъи амалиётӣ – фаъолиятӣ.***

Тибқи назарияи А.Н. Леонтев, се сатҳи асосии ташкили фаъолият мавҷуданд - амалиётӣ, амалӣ ва фаъолияти мустақил [7, с. 37-40]. Дар ин замина, фаъолияти ихтиёрӣ барои ноил шудан ба ҳадаф нигаронида шудааст ва фаъолияти амалиётӣ ба шароити расидан ба ин ҳадаф алоқаманд аст. Исбот шудааст, ки амали ба таври худкор (автоматӣ) гузаронидашуда амалиётест, ки дар шароити душвор ин амалиёт метавонад ба амал табдил ёбад, яъне ба сатҳи бошуурона гузарад. Дар заминаи ин таҳқиқоти амалҳое, ки ба забони хориҷӣ мустақилона нигаронида шудаанд, машғулиятҳои хеле мураккаб буда, назорати бошуурона ва мақсаднокро талаб мекунанд, ки ба донишҷӯён ҳангоми таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва сатҳҳои гуногуни фаъолияту касбият кумак мекунад:

- қобилияти иҷрои амалиётҳои равонӣ (синтез, таҳлил, тасниф, муқоиса) дар маводҳои забонӣ;

• малакаҳои муоширатӣ: вазифаро дарк намуда, ба саволи пешниҳодшуда ҷавоб додан; таҳияи матни мантиқӣ, ки аз ҷиҳати таркиб яклухт бошад ва ҳадафи гузошташударо исбот карда тавонад; интихоби дурусти жанр ва услуби нутқи мувофиқ (вазъ, мақсад, самт ва суроға).

Хулоса, принсипҳо ва ҷузъҳои таълимии зикршуда дар маркази таваҷҷуҳи ҳар як усули мавҷудаи таълим қарор гирифта, барои ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас, новобаста аз муҳити таълим нигаронида шудаанд. Онҳо заминаи назариявии ҳама гуна усулҳои таълими забонҳои хориҷиро ташкил медиҳанд ва дар шакли нави таълим амалӣ карда мешаванд, ки онро ҳар як муаллим дар шароити мушаххаси таълими забони хориҷӣ ба тариқи алоҳида тафсир мекунад. Татбиқи принсипҳо ва ҷузъҳои таълими забонҳои хориҷӣ раванди таълимро ба шахсияти донишҷӯён дар маҷмӯъ равона мекунад, ки он мавзӯи раванди таълим ва ҳамкории фарҳангӣ мегардад. Ҳамзамон, ҳамгироии ташаккули малакаҳо ва қобилиятҳои нутқи забони хориҷӣ, қобилиятҳои маърифатӣ, лингвистӣ ва муоширатии онҳо ба назар мерасад.

**АДАБИЁТ:**


1. Азимов, Э.Г., Щукин, А.Н. Словарь методических терминов (Теория и практика преподавания языков) [Текст] / Э.Г. Азимов, А.Н. Щукин. – СПб: «Златоуст», 1999. – 472 с.
2. Бим, И. Л. Немецкий язык. Базовый курс. Концепция, программа [Текст] / И. Л. Бим. – Москва : Новая школа, 1995. – 59 с.
3. Гальскова Н. Д., Гез Н. И. Теория обучения иностранным языкам. Лингводидактика и методика: учеб. пособие для студ. лингв. ун-тов и фак. ин. яз. высш. пед. учеб. заведений. М.: «Академия», 2006. 336 с.
4. Голуб, Б.А. Основы общей дидактики [Текст] / Б.А. Голуб. – М.: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС, 1999. – 96 с.
5. Ильин, Е. П. Мотивация и мотивы [Текст] / Е. П. Ильин. – Санкт-Петербург: Питер, 2002. – 512 с.
6. Китайгородская, Г.А. Психолого-педагогические принципы метода активизации резервных возможностей личности обучаемого: Активизация учебной деятельности [Текст] / Г.А. Китайгородская. – М.: Педагогика, 1981. – С. 5-18.
7. Леонтьев, А. Н. Деятельность, сознание, личность [Текст] / А. Н. Леонтьев. – Москва : Политиздат, 1975. – 130 с.
8. Пассов, Е. И. Коммуникативное иноязычное образование: концепция развития индивидуальности в диалоге культур [Текст] / Е. И. Пассов. – Липецк: ЛГПИ-РЦИО, 2000. – 204 с.
9. Реан, А. А. Методика для диагностики учебной мотивации студентов [Текст] / А. А. Реан, В. А. Якунин, Н. Ц. Бадмава // Влияние мотивационного фак-тора на развитие умственных способностей [Текст] : монография / Н. Ц. Бадмае-ва. – Улан-Удэ, 2004. – С. 151–154.
10. Соловова, Е. Н. Методика обучения иностранным языкам: базовый курс [Текст] : пособие для студентов пед. вузов и учителей / Е. Н. Соловова. – 3-е изд. – Москва: Просвещение, 2005. – 239с.
11. Старостина, С. Е. Естественнонаучное образование: метод. аспект [Текст] / С. Е. Старостина; отв. ред. М. И. Гомбоева ; Забайкальский гос. гуманит.-пед. ун-т им. Н. Г. Чернышевского. – Чита : ЗабГГПУ, 2012. – 250 с.
12. Щукин, А. Н. Обучение иностранным языкам: теория и практика [Текст] : учеб. пособие для преподавателей и студентов / А. Н. Щукин. – 4-е изд. – Москва: Филоматис : Омега-Л, 2010. – 480 с.


**Холов М.**

## ПРИНСИПҲО ВА ҶУЗЪҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБӢ - ЛИНГВИСТИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАНГОМИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҒАЙРИЗАБОНӢ

Мақсади умумии гурӯҳҳои усули баррасишаванда, инчунин принсипҳо ва ҷузъҳои таълимӣ на танҳо аз он иборат аст, ки донишҷӯён бо системаи дониши забони хориҷӣ ва нутқ ё омӯзиши ташаккули муошират бо забони хориҷӣ майл пайдо мекунанд, балки барои ташаккул ва рушди малака, салоҳиятҳои касбӣ ва рушди шахсияти худ кушиш менамоянд. Ба андешаи мо, принсипҳои лингвистӣ - коммуникатсионӣ ва дигар принсипҳои бошууронае, ки омӯзгорон дар раванди таълими забони хориҷӣ истифода мебаранд, бояд шавқу рағбат ва ҳавасмандии донишҷӯро ба омӯзиш, инчунин майли ӯро барои дар амал истифода бурдани забони хориҷӣ бедор созад.

Ташаккули салоҳиятҳои касбӣ – лингвистии донишҷӯён тавассути технологияи таълимии дар муассисаҳои таҳсилоти олии ғайризабонӣ рушди ғояҳои таълими коммуникативӣ - лингвистиро таъмин намуда, дар асоси маводи муҳими коммуникативӣ - лингвистӣ вазифаҳои таълими забони хориҷиро барои муошират дар фаъолияти озод касбӣ муайян месозад.

***Калидвожаҳо:*** *технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, забони хориҷӣ, забони англисӣ, низоми таълим, ташаккул, донишгоҳҳои ғайризабонӣ, принсип, салоҳият.*

**Холов М.**

## ПРИНЦИПЫ И КОМПОНЕНТЫ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНО - ЛИНГВИСТИЧЕСКИХ КОМПЕТЕНЦИЙ СТУДЕНТЫ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ В НЕЯЗЫКОВЫХ ВУЗАХ

Общая цель рассмотренных групп методов, а также принципов и компонентов курса заключается не только в том, чтобы студенты, обладающие системой знаний иностранного языка и речи или обучающиеся общению на иностранном языке, но и в развитии навыков , профессиональные компетенции и личностное развитие.попробуйте себя. На наш взгляд, принципы языкознания и коммуникации и другие осознанные принципы, используемые преподавателями в процессе обучения иностранному языку, должны стимулировать у студента интерес и мотивацию к обучению, а также его желание использовать иностранный язык на практике. Формирование профессионально-лингвистических компетенций студентов посредством образовательных технологий в неязыковых вузах обеспечивает развитие идей коммуникативно-языкового образования и на основе важных коммуникативно-лингвистических материалов определяет задачи обучения иностранному языку для свободной профессиональной деятельности.

***Ключевые слова:*** *информационно-коммуникационные технологии, иностранный язык, английский язык, система образования, формирование, неязыковых вузов, принцип, компетенция.*

**Kholov M.**

## PRINCIPLES AND COMPONENTS FORMATION OF PROFESSIONAL AND LINGUISTIC COMPETENCES OF STUDENTS WHEN STUDYING FOREIGN LANGUAGES IN NON-LINGUISTIC HIGHER EDUCATION INSTITUTIONS

The general goal of the considered groups of methods, as well as the principles and components of the course, is not only to enable students who have a system of knowledge of a foreign language and speech or learn to communicate in a foreign language, but also to develop skills, professional competencies and personal development. Try yourself. In our opinion, the principles of linguistics and communication and other conscious principles used by teachers in the process of teaching a foreign language should stimulate the student's interest and motivation for learning, as well as his desire to use a foreign language in practice. The formation of professional linguistic competencies of students through educational technologies in non-linguistic universities ensures the development of the ideas of communicative language education and, on the basis of important communicative linguistic materials, determines the tasks of teaching a foreign language for free professional activity.

***Key words:*** *information and communication technologies, foreign language, English, education system, formation, non-linguistic universities, principle, competence.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Холов Меҳриддин Равшанович** - (докторанти кафедраи методикаи таълими ДДТТ ба номи С.Улуғзода), Мутахассиси пешбари шуъбаи робитаҳои байналмилалии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо. Турсунзода».Тел: (+992) 931-14-14-44. Почтаи электронӣ: mr.kholov.94@mail.ru

**Сведения об авторе: Холов Мехриддин Равшанович** – (Докторант PhD кафедра методика преподавания ТГИЯ им. С. Улугзаде) ведущий специалист Управления международных отношений ГОУ «Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде». Тел: (+992) 931-14-14-44. E-mail: mr.kholov.94@mail.ru

**Information about the author: Kholov Mehriddin Ravshanovich** – (Doctor Phd of department method of teaching of the TSIL named after S. Ulugzoda) Leading specialist of the Department of international relations of the SEI «Tajik state Institute of culture and arts named after M. Tursunzoda». Phone: (+992) 931-14-14-44. E-mail: mr.kholov.94@mail.ru

**ДАВЛАТНАЗАРОВА Ф.**

# РАВИЯҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБИДОӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

Асри XXI замони пажӯҳиши асрори олам ва ҷомеаи мунтазам тағйирёбанда буда, дар назди шахс масоили ҷуяндагӣ ва эҷодкорӣ пеш мегузорад. Чунин шароит тақозо мекунад, ки инсон мавқеи созандагии худро дар истеҳсолот ва иҷтимоъ пайдо ва устувор созад, дар ҳаёти ҷомеа саҳми босазо гузорад, оилаи солим ва хушбахт бунёд намояд.

Саҳми оила, мактабу маориф дар офаридани инсони замонавӣ, комил, худогоҳу бомаърифат, фарҳангӣ ва эҷодкору созанда басо бузург аст. Маҳз ба шарофати чунин инсон эъмори ҷомеаи фарҳангӣ ва пешрафта имкон дорад**.**

Дар шароити муосири инкишофи иҷтимоию иқтисодии кишвар зарурати ба тарзи нав фикр рондан ва ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ба миён омад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар барои маориф", вазифаи асосии низоми маориф фароҳам овардани шароити мусоид ва зарурӣ барои ташаккул ва рушди шахсият дар заминаи арзишҳои миллии умумибашарӣ, дастовардҳои илмӣ ва амалӣ мебошад". Яке аз вазифаҳои афзалиятноке, ки назди муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ меистад, инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон, ғанӣ гардондани зеҳни онҳо, фароҳам овардани шароит барои зуҳури фардияти ҳар як хонанда аст. Вобаста ба ин дар назди омӯзгорон вазифаҳои бузурги таҷдиди бунёдии раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ меистанд. Аз уҳдаи иҷрои ин вазифаҳо танҳо он коллективҳои педагогӣ ва омӯзгороне баромада метавонанд, ки дар "фазои ҷустуҷӯӣ, таҷдиди шаклҳо ва методҳои фаъолияти худ" кор мекунанд.

Зиндагӣ дар ҳаёти тағйирёбанда муносибати эҷодии инсонро тақозо менамояд. Дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷамъият талабот ба шахсияти эҷодкор рӯз ба рӯз меафзояд. Дар ҳама гуна фаъолият ду қисмати созандаро ҷудо мекунанд. Якум, фаъолияте, ки тибқи тартибу низоми муайяни аз тарафи шахсе ё муассисае пешбинӣ шуда, ба роҳ монда мешавад ва дар рафти ин гуна фаъолият ягон навоварӣ дохил карда намешавад. Вале фаъолияти дигар вуҷуд дорад, ки барои офаридани неъматҳои моддиву маънавӣ ва усулҳои наву замонавии истеҳсолот равона карда мешавад. Аслан фаъолияти ихтироъкорон, олимон, шоирону нависандагон, санъаткорон, рассомон, муаллимону меъморон, ташкилотчиёну соҳибкорон маҳсуб меёбад.

Педагоги маъруфи шӯравӣ В.А.Сухомлинский хусусиятҳои зоҳиршавии шакли якуми эҷоди педагогиро дар кори омӯзгор дуруст муайян кардааст: "....амалӣ намудани ҳақиқати илмӣ дар таҷрибаи зиндаи меҳнати эҷодӣ соҳаи мураккабтарини ба ҳам иртибот пайдо кардани илм ва амалия мебошад. Бозёфте ки дар рафти омӯзиш амалӣ шудааст, вақте ки дар муносибатҳои тарафайни одамон ҷон мегирад, дар авҷи зиндаи фикру эҳсосот дар назди омӯзгор ҳамчун масъалаи муракаббе падидор мешавад, ки онро бо роҳҳои гуногун ҳал кардан мумкин аст ва дар интихоби восита, таҷассуми ҳақиқати назариявӣ дар фикру эҳсосоти инсонӣ меҳнати эҷодӣ ифода меёбад. [с.322]

Эҷодиёт фаъолиятест, ки дар натиҷаи он чизи наву аҷоиб ва нотакрор тавлид меёбад. Эҷодиёт дар худ муқовимати махсуси тафаккури эҷодиро таҷассум менамояд, яъне қобилияти доимие сари масъалаи нав андеша намудан, маҳорату малакаи ҷаъмгаштаро ба таври бояду шояд истифода бурдан.

Нишондиҳандаҳои асосии қобилиятҳо-фаҳмиши тез, дарки ақлонӣ, нотакрорӣ, ҳушёрӣ, ҷасурӣ.

**Хушзеҳниву тезфаҳмӣ-**миқдори ақидаҳои нав, ки дар як сония ба вуҷуд омада метавонанд.

**Тезии ақл-**қобилияти бо тезӣ аз як фикр ба фикри дигар гузаштан, муайян сохтани он, ки як ахборотро дар дигар масъалаҳо низ истифода бурдан мумкин аст.

**Фасеҳият-** ин ба таври хуб ташаккулёфтаи кӯчонидани малака. Он барои ба осонӣ гузаштан аз як ақида ба ақидаи дигар мусоидат менамояд.

**Нотакрорӣ**-қобилияти тавлиди ғояҳои нав, ки аз мафкураҳои умумӣ ба куллӣ фарқ мекунанд.

**Ҳушёрӣ**-қобилияти дар ҳайрат мондан, кушодагӣ ба ҳодисаҳои нав.

**Амиқӣ**-қобилияти такмил додан ва ба анҷом расонидани маҳсули эҷодиёт.

**Ҷасурӣ**-қобилияти дар ҳолати номуайянӣ ба ақидаи қатъӣ омадан аз хулосаҳои худ натарсидан ва корро то охир расонидан.

Барои дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани қобилиятҳои эҷодӣ аз усулҳои махсуси ташкили тафаккури эҷодии пурмаҳсул истифода мебаранд. Оид ба раванди эҷодиёт ва раванди таҳсил сухан ронда, муҳайё сохтани шароитҳоеро, ки барои ташаккули хусусиятҳои дар боло зикршуда мусоидат менамоянд, набояд фаромӯш кард. Агар оиди эҷодиёт дар раванди таълим сухан ронем, инҷо бояд эҷодиёти ҳам омӯзгор ва ҳам хонандаро ба инобат гирем. Муносибати эҷодкоронаи омӯзгор зимни кор карда баромадани равандҳои наву шавқовари таълим, ки онҳо боиси ворид шудани тағйиротҳо ба барномаи таълимӣ гашта метавонанд, мушоҳида мешавад. Дар марҳилаи аввал муаллим бояд барои он кӯшиш намояд, ки хаёлоти хонанда пурғановат гардида, ҷаҳонбиниаш васеъ шавад, тафаккури эҷодии онҳо ташаккул дода шавад, доираи тасаввурот васеъ карда шавад. Асоси ин кор муносибати хайрхоҳона ба хонанда, хоҳиши ёрӣ додан ва ташаккул додани қобилиятҳои эҷодӣ мебошад.

Дар ин сурат нуқтаи назари Л. С. Выготский аҳмияти махсус дорад: «*ба баррасии он ки кӯдак мустақилона анҷом додааст, инкишофи дирӯзро баррасӣ менамоем. Бо баррасии он ки бача қобилияти дар ҳамкорӣ иҷро кардан дорад, мо инкишофи фардоро муайян менамоем*»

Албатта, ҳамаро ба якборагӣ шахсияти эҷодкор тарбия карда намешавад, вале эҷодкориро омӯзонидан зарур аст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки машғулиятҳо барои бедор сохтани эҷодиёт дар хонандагон дар 2 самт ба роҳ монда мешавад:

1. Ташкили фаъолияти эҷодӣ ва фикрии коллективона дар машғулиятҳои амалӣ.
2. Иҷроиши мустақилонаи оғози эҷодкорӣ.

Усули фаъолияти эҷодии коллективона пеш аз ҳама мусобиқа дар эҷодиёт аст. Ин имкон медиҳад, ки дар хонанда маҳорати гӯш кардан, якдигарро фаҳмидан, ҳаммуаллифи якдигар будан тарбия карда шавад, ки дар натиҷа хонандагони бепарвотарин низ фикри худро иброз мекардагӣ мешаванд. Хонанда на танҳо бояд фанни таълимиро омӯзад, балки сари мавзуъ фикр кунад, ҷустуҷӯ намояд, таҳлилу хулосабарориро ёд гирад.

Вақте ки хонандагон ба синфи якум қабул карда мешаванд, онҳо бо мақсади чизеро омӯхтан ба таҳсил шуруъ менамоянд, аммо ба эҷодиёт ҳанӯз омода нестанд. Дар ин ҳолат вазифаи муаллим иборат аз он аст, ки дар хонандагон оғози эҷодиётро бедор сохта тавонад. Зимни гузориши машғулиятҳои назариявӣ диққати шунавандагонро бояд ба раванди инкишофи илм ҷалб намоем, оиди муборизаҳои мактабу маориф гуфта диҳем. Вале ҳамаи ин донишҳоро бо исботи амиқ пешниҳод намудан ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин маврид воситаҳои техникии таълим набояд, ки ба робитаи муаллим ва хонанда халал расонанд.

Тадқиқотҳо нишон додаанд, ки ҳамаи намудҳои қобилият донишҳои ҳаётӣ маҳсуб ёфта, инкишофи онҳо дар раванди ҳаёт ба вуқуъ мепайвандад ва муҳит, ҷамъият, тарбия онҳоро ташаккул медиҳанд. Қобилиятҳо бо фаъолияти фикрии инсон зич алоқаманд буда, дараҷаҳои зерини фаъолияти фикрӣ вуҷуд дорад:

1. Фаъолияти фикрии фазоӣ. Ин қобилият ба ташаккули мафҳумҳои фазоӣ ва мутобиқшавии фазоӣ дар олами атроф. Мисол: шиноварони баҳри Каспий ҷои худро аз рӯи ситораҳо муайян сохта метавонанд.

2. Фаъолияти фикрии мусиқавӣ. Қобилият ба дарки мусиқӣ ва офаридани он. Мисол: баъзе ашхос гарчанде дар мактаби миёна ба қатори хонандагони ақибмонда дохил мешуданд, бо як шунидан мусиқии навро навохта метавонанд, ё ин ки пионинонавози машҳур аққалан 1 саҳифаи рӯзномаро хонда наметавонад.

3. Фаъолияти фикрии ҳаракатӣ. Қобилият ба ҳаракатҳои чобук, латиф. Масалан, духтури ҷарроҳ ё раққоса.

4. Фаъолияти фикрии байнишахсӣ. Қобилияти фаҳмидани атрофиён ва ба роҳ мондани муносибатҳои байнишахсӣ. Баъзе шахсоне ҳастанд, ки бо атрофиён тез унс мегиранд.

5. Фаъолияти фикрии дохилишахсӣ. Қобилияти шинохта тавонистани худ, ҳисси мутобиқати комил.

Тафаккури эҷодӣ чист? Яке аз аввалинҳо шуда, ба ин савол олими шветсиягӣ Джо Гилфорд ҷавоб гуфтааст. Вай чунин мешуморид, ки эҷодкории тафаккур бо чаҳор хусусият алоқамандӣ дорад:

1.Аҷоибу нотакрор будан, ғайриоддӣ будани ақида, ҳисси дохил кардани ягон навоварӣ. Шахси эҷодкор дар ҳама ҷо фақат ақидаи худро пешниҳод намуда, дар ҳар кучо навовариеро дохил менамояд.

2. Таҳлили чандир, яъне қобилияти ба объект бо диди нав назар кардан, тарзи истифодаи нави онро дарёфт намудан, доираи дар амал истифодаи онро васеъ намудан.

3. Қобилияти тағйир додани идроки объект бо мақсади тарафҳои дигари онро муҳокима намудан.

4.Фикру ақидаҳои навро дар шароити набудани аломату нишонаҳо барои ин ақида пешниҳод менамояд.

Чӣ хеле, ки мо дар боло қайд карда будем, зери мафҳуми қобилиятҳо хусусиятҳои фардӣ-психологии шахс фаҳмида мешаванд, ки онҳо як шахсро аз шахси дигар фарқ мекунонанд. Ҳамчунин қобилиятҳо ба маънии дониш, маҳорат ва малакаи дар инсон вуҷуд дошта наомада, балки сари вақт соҳиб шудан ба маҳорат ва малакаҳо ба инкишофи қобилиятҳо мусоидат менамояд.

Теплов Б.М. чунин ақида дошт, ки қобилиятҳо танҳо дар мавриди инкишофи ҳамарӯза вуҷуд дошта метавонанд.

Қобилият хусусияти модарзодӣ набуда, маҳсули инкишоф ва ташаккули инсон дар раванди иҷроиши ин ё он фаъолият мебошад.

Хусусиятҳои анатомиву физиологии бавучудоии қобилиятҳоро дида мебароем. Ҳамаи қобилиятҳои олии инсон аз овони кӯдакӣ инкишоф меёбанд. Вақте ки кӯдак фаъолиятҳои дохиливу берунаеро, ки бо қобилиятҳои ташаккул ёфта истодаи вай алоқаманд ҳастанд, дарк месозад, байни қисматҳои организм ва системаи асаб алоқаҳои асабии нав ба вуҷуд меоянд. Аз рӯи дараҷаи инкишофи қобилиятҳо ин алоқаҳо густариш ёфта, вақте ки қобилиятҳои мувофиқ ба он пурра ташаккул меёбанд, алоқаҳои асабии аз нав ташкилгардида бо ҳамроҳии узвҳои бадани мувофиқ таркиби яклухти узви функсионалии навро ҳосил менамоянд. Он дастгирии қобилиятҳои номбурдаро дар анатомиву физиологӣ таъмин менамояд.

Дар ҳамаи одамон узвҳои функсионалие, ки аз болои ин ё он қобилияти олӣ ҷавобгӯ ҳастанд, ба таври гуногун ташаккул ёфтаанд. Шояд ин тасдиқи он аст, ки қобилиятҳои якхела дар ҳар як шахс ба таври гуногун ташаккул ёфтааст. Масалан, ҳар як донишманд аз донишманди дигар бо нотакрории тафаккури худ фарқ мекунад, ҳар як нависанда, мусаввир, навозанда, сароянда сабку услуби хоси худро дорад.

Дар илми психология тақсимоти дараҷаҳои инкишофи қобилият дар шакли зерин ба роҳ монда шудааст: қобилият, истеъдод, маҳорат, нобиға, эҷодиёт. Ҳамагуна қобилиятҳо дар раванди инкишофи худ якчанд марҳилаҳоро аз сар мегузаронанд ва барои он, ки ин ё он қобилият дар инкишоф зинаи баландтаринро тай карда тавонад, он бояд дар дараҷаҳои пешина аллакай ба хубӣ ташаккул ёфта бошад. Барои инкишофи қобилиятҳо-талабот лозим аст, ки он бо нишонаҳои қобилият муайян карда мешавад. Зери мафҳуми нишонаҳои қобилият ҳамон хусусиятҳои анатомӣ-физиологии системаи асаб фаҳмида мешаванд, ки асоси табиии инкишофи қобилиятҳоро ташкил медиҳад. Масалан, ба сифати аломатҳои модарзодӣ хусусиятҳои инкишофи анализаторҳои гуногун баромад карда метавонанд. Ҳамин тавр, тавсифотҳои муайяни идроки шунавоӣ асоси инкишофи қобилиятҳои мусиқавӣ гашта метавонанд. Аломатҳои қобилиятҳои фикрӣ асосан зимни фаъолияти функсионалии мағзи сар фаъолнокии равандҳои асабӣ, суръати бавуҷудоии алоқаҳои муваққатӣ ва ғайра инъикос мегардад.

Аз ин бармеояд, ки қобилиятҳо ба дараҷаи муайяни ҷамъиятӣ (иҷтимоӣ) буда, дар раванди ин ё он фаъолияти инсон ба вуҷуд меоянд. Вобаста ба он, ки барои инкишофи қобилиятҳо чӣ гуна шароитҳо муҳайё шудаанд, қобилиятҳо имконпазир ва актуалӣ шуда метавонанд зери мафҳуми қобилиятҳои эҳтимолӣ имконпазир ҳамон қобилиятҳое фаҳмида мешаванд, ки дар намуди муайяни фаъолият ба амал намеоянд, аммо зимни тағйирёбии шароитҳои иҷтимоӣ метавонанд, замонавӣ гарданд. Зери мафҳуми қобилиятҳои актуалӣ ҳамон қобилиятҳое фаҳмида мешаванд, ки дар намуди муайяни фаъолият ба вуҷуд омада, айни ҳол зарур ҳастанд.

Таркиби ҳамагуна қобилият дар худ сифатҳои умумӣ ва ҳаматарафаро таҷассум менамояд, ки ба талаботи намудҳои гуногуни фаъолият ҷавобгӯ аст. Ҳамчунин сифатҳои махсусе, ки муваффақият ва комёбиро танҳо дар як намуди фаъолият таъмин менамоянд. Масалан, қобилиятҳои махсуси математикиро омӯхтаистода, Крутетский В.А. муайян сохт, ки барои иҷроиши бо муваффақияти фаъолияти математикӣ ин хусусиятҳо зарур ҳастанд:

1. Муносибати фаъол ва мусбӣ ба фан, қобилияти бо он машғул будан, ки дар дараҷаи баланд оҳиста ба машғулияти дӯстдошта табдил меёбад.
2. Як қатор хусусиятҳои характер: меҳнатдӯстӣ, ташкилотчигӣ, мустақилнокӣ, мақсаднокӣ, устуворӣ ва ҳамчунин ҳиссиётҳои фикрии устувор.
3. Мавҷудияти ҳолатҳои мусбии психикие, ки барои иҷрои ин ё он фаъолият лозим ҳастанд.
4. Захираи муайяни дониш, маҳорат ва малакаҳо дар ин ё он соҳа.

Хусусиятҳои фардӣ-психологии қисматҳои сенсориву ақлӣ, ки ба талаботи фаъолият ҷавобгӯ ҳастанд.

Дар ин замина 4 қисмати аввали хусусиятҳои номбурдаро ҳамчун хусусиятҳои умумии барои ҳамагуна фаъолият зарур шуморидан мумкин аст.

Қобилиятҳоро тавсифдода, дар бисёр маврид дараҷаи инкишофи онҳо маҳоратро фарқ мекунанд. Вақте ки сухан дар бораи маҳорати инсон меравад, дар мадди аввал қобилияти бо ин ё он истеҳсолот машғул шудан дар назар дошта мешавад. Дар ҳамаи намуди касбҳо маҳорат ин омодагии психологӣ барои ҳалли эҷодии мавридҳои баҳсталаб мебошад.

Дараҷаи дигари инкишофи қобилиятҳо ин истеъдод буда, зери ин мафҳум дараҷаи баланди инкишофи қобилиятҳои махсус фаҳмида мешавад. Истеъдод низ ба монанди қобилият зимни фаъолият ташаккул ва инкишоф меёбад. Фаъолияти шахси боистеъдод бо навгониву нотакрорӣ фарқ мекунад.

Тавлиди истеъдодҳо аз талаботи ҷомеа ва тақозои замон вобастагӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки истеъдод ин маҷмуи мувофиқи якчанд қобилиятҳост. Ҳатто ба дараҷаи олӣ ташаккулёфтаи қобилияти алоҳидаро истеъдод номидан мумкин нест. Масалан, байни истеъдодҳои барҷастатарини ҳар давру замон бисёр шахсонеро дарёфт кардан мумкин аст, ки хотираи суст доранд ё хотираи хуб инкишофёфта. Ин бо он алоқаманд аст, ки дар фаъолияти эҷодӣ хотир яке аз омилҳоест, ки пешравии фаъолият аз он вобаста аст. Аммо бе чандирии ақл, тасаввурот ва хаёлоти бою рангин, иродаи мустаҳкам, шавқмандии чуқур натиҷаҳои зарурро ба даст овардан ғайриимкон аст.

**Хулоса.** Мақсад аз интихоби мавзӯъ он буд, ки роҳҳои баландбардории самаранокии раванди таълим, ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон, дар онҳо инкишоф додани маҳорати мустақилона фикр кардан, озодона ибрози ақида намудан ва ғайраҳо дарёфт карда шаванд. Барои аз тарафи муаллим ташкил шудани дарси самаранок бояд хусусиятҳои кӯдак ба инобат гирифта шавад, дараҷаи инкишофи психикии ӯ муайян карда шавад, дар ӯ мустақилӣ, диққат ва хотири ихтиёрӣ, тафаккури мантиқӣ ташаккул дода шавад. Муаллим бояд бо назардошти хусусиятҳои фардии кӯдакон бо онҳо муносибатро барқарор кунад ва ба онҳо мувофиқи дараҷаи фаҳмиш ва қобилияташон супоришҳо диҳад. Бо ташаккул додани қобилиятҳои эҷодӣ муаллим на танҳо зеҳни хонандагонро инкишоф медиҳад, балки худ низ ба дарс эҷодкорона омодагӣ мебинад, қобилияти эҷодии хешро истифода мебарад.

**АДАБИЁТ:**

1. Ашевская Л.А. Развитие творческих способностей и личности учащихся. // Русский язык в школе.–2001.- № 6.– С. 21-25.
2. Венгер Л.А. Педагогика способностей. - М.: Знание, 1973.
3. Винокурова Н.К.Управление процессом развития творческих способностей школьников. // Завуч.–1998. - № 4.–С. 18-37.
4. Дружинин В.Н. Психология творчества. // Психологический журнал.– 2005.- Том № 26.- № 5.– С.101-109.
5. Жукова Т.М. Развитие человека есть развитие его способностей. // Одаренный ребенок.- 2006.- № 1.- С. 46-51.
6. Моляко В.А. Психология творческой деятельности. М. Высшая школа, 1978.-28 с.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 20.04.2012// шабакаҳои интернет.
8. Психология //Зери таҳрири В.А. Крутетский ва диг.–Душанбе, «Маориф», 1977
9. Психология //Зери таҳрири М. Давлатов.–Душанбе, «Собириён», 2010.
10. Сухомлинский.В.А Сердца отдаю детям. Издательство Концептуал, 2019г
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” Душанбе 2013.


**Давлатназарова Ф.**

**РАВИЯҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБИДОӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ**

Дар мақола равияҳои ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таълим, яке аз масъалаи эҷодкоронаи омӯзгор зимни кор карда баромадани равандҳои наву шавқовари таълим, ки онҳо боиси ворид шудани тағйиротҳо ба барномаи таълимӣ гашта метавонанд, мушоҳида мешавад. Аз ин бармеояд, ки қобилиятҳо дараҷаи муайян ҷамъиятӣ буда, дар раванди ин ё он фаъолияти инсон ба вуҷуд меоянд. Бо мақсади дарёфти роҳҳои баландбардории самаранокии раванди таълим, ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон, дар онҳо инкишоф додани маҳорати мустақилона фикр кардан, озодона ибрози ақида намудан мавзӯи мазкур интихоб карда шуд. Барои аз тарафи муаллим ташкил намудани дарси самаранок бояд хусусиятҳои кӯдак ба инобат гирифта шавад, дараҷаи инкишофи психикии ӯ муайян карда шавад, дар ӯ мустақилият баёни ақила, диққат ва хотири ихтиёрӣ, тафаккури мантиқӣ ташаккул дода шавад.

***Калидвожаҳо:*** *қобилияти эҷодӣ, қобилияти фикрӣ, ташаккул, фаъолияти фикрӣ,тафаккури эҷодӣ, истеъдод.*

**Давлатназарова Ф.**

**ТЕНДЕНЦИЯ РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ НАЧАЛЬНЫХ КЛАСОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ**

В статье расматриваются направления формирования творческих способностей учащихся начальных классов в учебном процессе, как один из вопросов творчества преподавателя при разработке новых и интресных учебных процессов, которые могут способсововать внедрению изменений в учебную программу. Отсюда следует, что способности, в определенной степени являясь социальными, возникают в процессе той или иной деятельности человека.С целью поиска путей повышение эффективности процесса обучения, формирования творческой способности учащихся, развития у них навыков самостоятельной мыслительной деятельности свободного выражения представлений, была выбрана данная тема. Для организации учителем эффективного урока во внимание должны быть взяты особенности ребенка; определен уровень его психического развития; сформированны самостоятельность внимание и произвольная память, логическое мышление.

***Ключевые слова:*** *творческая способность, мыслительная способность, формирования, интеллектуальная деятельность, творческое мышления, одаренность.*

**Davlatnazarova F.**

**TRENDS FOR THE DEVELJPMENT OF CREATIVE ABILITIES OF PRIMARY SCHOOL IN THE LEARNING PROCESS**

The article discusses the directions for the formation of creative abilities of primary school students in the educational process. One of the issues of teachers creativity in the development of new and interesting educational processes that can contribute to the introduction of changes in the curriculum. It follows that abilities, being social to a certain extent, arise in the process of one or another human activity. In order to find ways to improve the efficiency of the learning process, the formation of creative ability of students, the development mental activity of free expression of ideas, this topic was chosen. In order for the teacher to organize an effective lesson, the characteristics of the child should be taken into account, the level of his

mental development, the formed independence of attention and arbitrary memory, logical thinking should be determined .

***Key words:*** *creativity, thinking ability, formation, intellectual activity, creativity thinking, genius.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Давлатназарова Фируза Aқназаровна ассистенти кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давалтии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Тел: +992935-65-22-00, E-mail: fira8283@inbox.ru

**Сведения об авторе**:Давлатназарова Фируза Акназаровна ассистентка кафедра педагогика и психология начального обучения Таджикский госудaрсвенный педагогический университет имени С. Айни **Тел: +992935-65-22-00, E-mail: fira8283@inbox.ru**

**Information about the author:** Davlatnazarova Firuza Aqnazarovna Teaching assistant, Department pedagogy and psychology on elementary education of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni **Тел: +992935-65-22-00, E-mail: fira8283@inbox.ru**

**ҶӮРАЕВА М. У.**

## ТЕХНОЛОГИЯИ РУШДИ ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар шароити имрӯза тағйир додани низоми таҳсилот ва ба талаботи рӯз мутобиқ намудани он амри воқеист. Доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан кифоя набуда, татбиқи амалии донишҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ муҳим аст, ки ба баланд шудани некӯаҳволии мардум ва пешрафти ҷомеа мусоидат менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зиёдеро барои самаранок гардондани раванди таълим андешида истодааст. Яке аз тадбирҳои басе муҳим ин гузариш ба таълими салоҳиятнокӣ мебошад. Чӣ хеле ки маълум аст, дар таълими анъанавӣ хонандагонро бо донишҳои тайёр ва кашфиётҳои илмӣ шинос менамуд ва он ҷараёнҳо, ки тавассути онҳо донишҳо ба даст меомаданд, кам намоиш дода мешуданд. Ба ғайр аз ин, худи методҳо ва шаклҳои кори таълимӣ асосан ба аз худ кардани донишҳои тайёр ба воситаи таълими репродуктивӣ (аз ёд ва нақл кардани мавзуъ) равона карда шуда буданд.

Дар айни замон маълум аст, ки сифатҳои хос ва аҳамиятноки ҳаёт гуногунӣ ва тағйирёбандагӣ мебошанд. Дар ин ҳолат азхудкунӣ ва ҷамъбасти донишҳои тайёр на мақсад, балки яке аз воситаҳои ёридиҳандаи инкишофи зеҳнии инсон мешаванд.

Ҳаёти инсони муосир дар шароити номуайянӣ ва тағйироти босуръат мегузарад. Ҳаёти мо ба дараҷаи баланд ахборотӣ ва технологӣ рушд ёфта истодааст. Аз ин рӯ, вазифаи асосии имрӯзаи таҳсилот барои дар шароити гуногун зистан ва дар ҳама гуна ҳолатҳо аз донишҳои гирифтаи худ дар амал истифода намуда, баромадан аз буҳронҳоро аз инсон талаб менамояд, иборат аст.

Барои он ки, дар ин ҷаҳони тағйирёбанда хонанда бомуваффақият фаъолият кунад, вай бояд ахборро «дарк» карда тавонад, қарор қабул кунад, ки чӣ муҳим асту чӣ не. Ба вай лозим меояд фаҳмад, ки қисматҳои гуногуни ахбор чӣ гуна байни ҳамдигар алоқамандӣ доранд, ақида ва донишҳои навро дар контексти мувофиқ дида барояд, маънои чизи наверо, ки бо он дучор мешавад, фаҳмад ва ахбори ба ӯ нолозима ва саҳеҳ набударо рад карда тавонад.

Дар назди системаи таҳсилоти миёнаи касбӣ талабот ва вазифаи муҳим ба миён оварда шудааст, ки ин омода кардани мутахассисони соҳибкасб мебошад. Дар педагогикаи муосири ватанӣ ва хориҷӣ ба проблемаи технологияи рушди тафаккури интиқодӣ дар таълими хонандагони хурдсол таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Ин яке аз масъалаҳои актуалӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, маҳсулнокии фаъолияти зеҳнии мактаббачагон, мутаассифона, аз имкониятҳои онҳо хеле ақиб монда, ба вазифаҳои таълими ҳозира пурра ҷавоб дода наметавонад.

Раванди фикрронӣ вақте оғоз мешавад, ки вазифа ё мушкилоте ба миён меояд, ки роҳи ҳал намудани онро надорад. Агар хоҳиши дарк кардани чизе, фаҳмидани чизе бошад, пас дар ин ҷо сухан дар бораи тафаккур низ меравад. Чӣ гуна ҳавасмандиро ба таҳсил дар хонандагони муосир зиёд кардан мумкин аст? Чӣ тавр хонандагонро ба раванди таълим

ҷалб кардан мумкин аст? Чӣ тавр омӯхтанро таълим додан мумкин аст? Ин саволҳоест, ки ҳар як муаллим ҳар рӯз ба худаш медиҳад. Маълум аст, ки ин масъалаҳоро танҳо бо такя кардан ба системаи анъанавии синфӣ-дарсӣ ҳал кардан мумкин нест. Вақти он расидааст, ки муносибати худро ба омӯзиш тағйир диҳед. Танҳо истифодаи оқилонаи усулҳои гуногуни таълим шароит фароҳам меорад, ки худи хонандагонро ба гирифтани дониш ҳавасманд гардонад.

Яке аз ин усули омӯзиш технологияи рушд ин тафаккури интиқодӣ мебошад. Аммо пеш аз он ки дар бораи худи технология сухан ронем, бифаҳмем, ки «тафаккури интиқодӣ» чист. Тафаккури интиқодӣ тафаккури мустақилона аст. Вақте ки дарсҳо дар чорчӯбаи тафаккури интиқодӣ сурат мегирад, ҳар як кас ақида, баҳогузорӣ ва эътиқоди худашро пешниҳод мекунад, ки он аз дигарон вобастагӣ надорад. Яъне, тафаккур ҳамон вақт интиқодӣ мешавад, ки агар вай хусусияти фардӣ дошта бошад.

Ахбор нуқтаи ибтидоӣ на ниҳоии тафаккури интиқодӣ мебошад. Бо майнаи холӣ фикр кардан имкон надорад, барои ин маҷмуи донишҳои появӣ заруранд. Тавассути тафаккури интиқодӣ ҷараёни анъанавии омӯзиш хусусияти фардӣ гирифта, фаҳмо, муттасил ва самаранок мешавад.

Тафаккури интиқодӣ аз гузориши саволҳо ва проблемаҳое, ки бояд ҳал шаванд, оғоз меёбанд. Дар вақти тайёрӣ ба дарс педагог доираи проблемаҳоро, ки дар назди хонадагон гузошта мешаванд, муайян менамояд ва баъдан вақте ки онҳо ба ин кор омода мешаванд, барои мустақилона муайян намудани проблемаҳо, кумак менамояд. Далелҳоро ҷамъ намуда, матнҳоро таҳлил карда, нуқтаи назари алтернативиро муқоиса карда, тавассути муҳокимаи гурӯҳи хонандагон ба саволҳое, ки онҳоро ба ташвиш меоварад, ҷавобҳо ҷустуҷӯ ва дарёфт менамоянд.

Тафаккури интиқодӣ ба далелҳои муътамад кӯшиш мекунад. Шахсияти тафаккури интиқодӣ дошта, роҳи ҳалли проблемар худа ёфта, онро бо далелҳо асоснок менамояд. инчунин мефаҳмад, роҳҳои ҳалли дигари ин проблемаҳо вуҷуд доранд, вале роҳи пешниҳод кардаи вай аз дигарон дида, мантиқан дуруст ва оқилона мебошад. [11]

Ба ақидаи олими амрикоӣ Д. Халперн тафаккури интиқодӣ истифодаи чунин малакаҳо ва усули маърифатӣ мебошад, ки эҳтимоли зиёд ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ мебошад [2]. Вақте ки дарс ба принсипҳои тафаккури интиқодӣ асос ёфтааст, ҳар кас новобаста аз дигарон андеша, баҳо ва эътиқоди худро баён мекунад. Ҳеҷ кас наметавонад барои мо интиқодӣ фикр кунад, мо ин корро танҳо барои худ мекунем. Аз ин рӯ, тафаккур танҳо вақте метавонад танқидӣ бошад, ки вай характери фардӣ дошта бошад. Хонандагон бояд озод андеша намуда, фикр кунанд ва ҳатто саволҳои душвортаринро мустақилона ҳал кунанд. Тафаккури интиқодӣ набояд комилан аслӣ бошад: хонанда ҳақ дорад идея ё эътиқоди шахси дигарро ҳамчун они худаш қабул кунад.

Ба ақидаи педагогон (Е.А.Иванова, М.В.Кларин, В.С.Конева ва ғ.) хислатҳои хосси тафаккури интиқодии хонандагон инҳоянд: баҳодиҳӣ, самими будан ба ақидаҳои нав, доштани андешаҳои шахсӣ ва изҳори мулоҳиза намудан [3]. А.Я. Найн мафҳуми «шароити педагогиро» маҷмуи имкониятҳои объективии мазмун, шакл, усул, воситаҳо ва муҳити моддию фазоиро мефаҳмад, ки ба ҳалли вазифаҳои ба миён гузошташуда нигаронида шудаанд [4].

Шахси тафаккури интиқодӣ дошта, на ҳама вақт нуқтаи назари касеро баён мекунад. Аммо чизи асосӣ он аст, ки ҳама дар як вақт бо кадом нуқтаи назар розӣ шуданро ҳал мекунанд. Ҳамин тариқ, худбоварӣ аввалин ва шояд муҳимтарин хусусияти тафаккури интиқодӣ аст.

Маълумот нуқтаи ибтидоӣ аст, на нуқтаи ниҳоии тафаккури интиқодист. Дониш ангезаеро ба вуҷуд меорад, ки бидуни он инсон наметавонад интиқодӣ андеша кунад. Чунон ки баъзан мегӯянд, «бо сари холӣ фикр кардан душвор аст». Барои тавлиди як андешаи мураккаб, бояд маводи бисёрро коркард кард.

Шахс метавонад дар ҳама синну сол аз нуқтаи назари танқидӣ фикр кунад: на танҳо хонандагони синфҳои болоӣ, балки ҳатто хонандагони синфи якум барои ин таҷрибаи кофӣ ва дониши ҳаётӣ доранд аз рӯйи мушоҳидаҳои хеш. Албатта, қобилияти тафаккури кӯдакон дар давоми омӯзиш боз ҳам такмил меёбад, аммо ҳатто кӯдакони хурдсол низ қодиранд, ки

интиқодӣ ва комилан мустақилона фикр кунанд. Хонандагон ва омӯзгорон, нависандагон ва олимон дар фаъолияти маърифатии худ ҳар як далели навро ба тафаккури танқидӣ мегузоранд. Маҳз ба шарофати тафаккури интиқодӣ раванди таълим маърифати фардият пайдо карда, пурмазмун, давомдор ва маҳсулнок мегардад.

Мақсади технология: ташаккули услуби нави тафаккур, ки бо ошкорбаёнӣ, чандирӣ, дарки норавшании дохилии мавқеъ ва нуқтаҳо, алтернативаи қарорҳои қабулшуда хос аст. Ташаккули чунин хислатҳои асосии шахсият, аз қабили тафаккури интиқодӣ, рефлексия, муошират, эҷодкорӣ, ҳаракат, мустақилият, таҳаммулпазирӣ, масъулият барои интихоби худ ва натиҷаҳои фаъолияти худ.

Вазифаҳои технологияи таълим ба хонандагон:

–муайян кардани робитаҳои сабабӣ;

–ақидаҳо ва донишҳои навро дар заминаи мавҷуда баррасӣ кунанд;

–рад кардани маълумоти нолозим ё нодуруст;

–фаҳмиши қисмҳои гуногуни иттилоот, ки чӣ гуна алоқамандаид;

–қайд кардани хатоҳо дар мулоҳиза;

–дар бораи он, ки самтҳои арзишӣ, манфиатҳо, муносибатҳои идеологии онҳо матн ё шахси сухангӯро инъикос мекунанд, хулоса мебарорад;

–аз изҳороти категориявӣ канорагирӣ намудан;

–дар муколамаву мулоҳизаҳои худ софдил будан;

–муайян кардани стереотипҳои бардурӯғ, ки боиси хулосаҳои нодуруст мешаванд;

–муайян кардани муносибатҳои ғаразнок, ақидаҳо ва мубоҳисаҳо;

–номутобиқатии мантиқии нутқи шифоҳӣ ё хаттиро зери суол мебарад;

–дар матн ё нутқ чизи асосиро аз муҳимм ҷудо кардан ва тавони таваҷҷӯҳ ба аввалро доштан.

Технологияи рушди тафаккури интиқодӣ як системаи ҷудонашавандаест, ки малакаҳои кор бо иттилоот тавассути хондан ва навиштанро ташаккул медиҳад. Ин маҷмӯи усули гуногунест, ки пеш аз ҳама ба шавқу ҳаваси хонанда (дар ӯ бедор кардани тадқиқот, фаъолияти эҷодӣ), баъд ба ӯ муҳити мусоид муҳайё кардан барои дарки маводи нав ва донишхои азхудкардааш ёрӣ мерасонад.

Моҳият ва асоси технологияи рушди тафаккури интиқодиро сохтори се марҳилаи дарс ташкил медиҳад: мушкилот, фаҳмиш, мулоҳиза. Мушкилот - фаҳмиш - мулоҳиза ин маҷмуи усул ва стратегияҳоро пешниҳод мекунад [5]. Метавонем миқдори зиёди тавсияҳоро оид ба истифодаи онҳо пешниҳод кард, аммо набояд чизи асосиро фаромӯш кард: омили муайянкунанда ин банақшагирӣ мундариҷаи дарс аст, на истифодаи гуногуни стратегия ва усули ҷалбкунандаи инфиродӣ. Технологияи рушди тафаккури интиқодӣ аз рӯйи нақша сохтани дарсро пешниҳод мекунад.

Марҳилаи аввал (марҳила) мушкилот аст. Вазифаи ин марҳила ва фаъолияти омӯзгор на танҳо хонандаро фаъол созад, шавқманд кунад, инчунин ӯро ба кори минбаъда ҳавасманд намояд ва ҳамчунин «водор» ба он кунад, донишҳои мавҷуда ё таъсис додаи робитаҳо оид ба масъалаи мавриди омӯзиш қарор дошта, ки он омили ҷиддӣ, фаъолкунанда ва ҳавасмандкунандаи кори минбаъда гардад, иборат аст.

Фаъолияти талабагон дар ин мархила: талаба он чиро, ки доир ба масъалаи таҳқиқшаванда медонад, «ба хотир меорад» (тахмин мекунад), маълумотро пеш аз омӯхтан ба низом медарорад, саволҳое медиҳад, ки ба онҳо ҷавоб гирифтан мехоҳад.

Роҳ ва усули имконпазир:

–тартиб додани рӯйхати "маълумоти маълум", ҳикоя-фарз бо калимаҳои калидӣ

–ба низом даровардани маводҳои графикӣ: кластерҳо, ҷадвалҳо; рӯзномаи дубахша;

–занҷирҳои мантиқии омехта ва ғайра.

Хулоса: маълумоте, ки дар марҳилаи аввал гирифта шудааст, шунида мешавад, сабт карда мешавад, муҳокима карда мешавад, фаълияти мазкур фардӣ- дунафара - гурӯҳӣ гузаронида мешавад.

Марҳилаи дуюм фаҳмиш (амалисозии маъно) мебошад. Дар ин марҳила кори мустақим бо иттилоот вуҷуд дорад. Метод ва усули технологияи тафаккури интиқодӣ

имкон медиҳанд, ки салоҳиятҳои самти хондан ва гӯш кардан дар хонанда рушд ёфта, дарсро пурмазмун дарк намоянд.

Фаъолияти муаллим дар ин марҳила: нигоҳ доштани шавқу рағбат ба мавзӯъ ҳангоми кор бо маводи нав, тадриҷан пеш рафтан аз дониши «кӯҳна» ба «нав».

Фаъолияти хонандагон: хонанда матнро бо истифода аз усулҳои фаъоли хониши пешниҳодкардаи муаллим мехонад (гӯш мекунад), дар ҳар як сархатҳо ишора мекунад ё ҳангоми фаҳмидани маводи нав қайду саволҳо тартиб медиҳад. (усули "ИНСЕРТ")

Роҳ ва усулҳои имконпазир ва эҳтимолии истифодашаванда: усули фаъоли хониш –аломатгузорӣ бо истифода аз нишонаҳои "v", "+", "-", "?" (ҳангоме ки шумо мехонед, онҳо дар ҳошияҳои тарафи рост ҷойгир шудаанд); –нигоҳ доштани сабтҳои гуногун, аз қабили рӯзномаҳои дубахша, журналҳо; - ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволҳои дар қисми аввали дарс гузошташуда ва ғайра. Дар натиҷаи гузаронидани роҳу усули мазкур маводи нав ба тариқи фаъолиятҳои фардӣ ва гурӯҳӣ коркард мешавад.

Марҳилаи сеюм рефлексия (фикрронӣ, мулоҳизаронӣ) аст. Дар ин марҳила маълумот таҳлил, тафсир, эҷодкорона коркард карда мешавад, (қобилияти кор бо мафҳумҳо, ҳукмҳо). Рефлексия (фикрронӣ, мулоҳизаронӣ) дар педагогика –раванд ва натиҷаи аз ҷониби иштирокчиёни раванди педагогӣ муайян намудани ҳолати инкишоф, худидоракуниву худбаҳодиҳӣ ва сабабҳои он мебошад [6].

Дар ин марҳила фаъолияти муаллим: баргардонидани хонандагон ба қайдҳои аслӣ - пешниҳодҳо, ворид кардани тағйирот, иловаҳо, додани супоришҳои эҷодӣ, тадқиқотӣ ё амалӣ дар асоси маълумоти омӯхташуда.

Фаъолияти хонандагон: бо истифода аз донишҳои дар марҳилаи фаҳмиш гирифташуда маълумоти «нав» ва маълумоти «кӯҳна» -ро муқоиса мекунанд.

Роҳ ва усулхои технологии таълим:

- ✓ пур кардани кластерҳо (хӯша), ҷадвалҳо, муқаррар кардани робитаҳои сабабу оқибати байни маводҳои омӯзишӣ - иттилоотӣ;
- ✓ баргаштан ба калимаҳои калидӣ, ақидаҳои дуруст ва ё нодуруст;
- ✓ ҷавобҳо ба саволҳои додашуда;
- ✓ ташкили мизҳои мудаввари шифоҳӣ ва хаттӣ;
- ✓ навиштани матнҳои эҷодӣ (усули "Синквейн", иншо, эссеи 1 - 2 дақиқагӣ)

Дар рушди тафаккури интиқодӣ ба омӯзиши маҳорати дарёфти мустақилонаи ахбори даркорӣ, таҳлил, ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли самараноки онҳо, аз нуқтаи назари интиқодӣ таҳлил намудани донишҳои азхудшаванда ва истифодаи онҳо дар ҳалли супоришҳои нав такя мекунанд.

Ҳамин тавр, дар фаъолияти таълимӣ диққати асосӣ бояд ба инкишофи фаъолонаи тафаккури талабагон дода шавад, на ба ба таври механикӣ дар хотир нигоҳ доштани маводи таълимӣ. Истифодаи техникаи технологияи рушди тафаккури интиқодӣ ҳангоми интихоби роҳ ва усулҳои ҳалли масъалаи мушаххас фаъол, оқилонатар буданро таълим медиҳад. Тафаккури интиқодӣ барои гузариш аз фаҳмиши ибтидоии маъно ба фаҳмиши амиқи маводи таълимӣ мусоидат мекунад. Хонандагон бояд аз нуқтаи назари интиқодӣ ва самаранок арзёбӣ кардани он қисмати ахбороти оламро, ки бо вай дучор мешаванд, ёд гиранд.

**АДАБИЁТ:**


1. Халперн Д.Ф. Психология критического мышления: 4-ое международное издание. – СПб. : Питер, 2000. – 491 с.
2. Кубрякова М.Г. Инновационные механизмы управления качеством образовательного процесса / М.Г. Кубрякова, Т.А. Султанова // Молодой ученый. – 2015. – №12(92). – С. 762–765.
3. Клаустер Д. Что такое критическое мышление? [Текст] / Д. Клаустер. – М.: ЦГЛ, 2012. – 114 с.
4. Ноэль-Цегульская Т.Ф. О критическом мышлении [Электронный ре-сурс]. – Режим доступа: http://www.kuchaknig.ru/show_book
5. Список литературы 1. Бутенко А.В. Критическое мышление: метод, теория, практика. Учеб. - метод. пособие / А.В. Бутенко, Е.А. Ходос. – М.: Мирос, 2002. – 176 с.

6. Данилькевич А.В. Проектные методы и технологии обучения метапред- метным действиям в образовательном процессе школы [Текст] / А.В. Данильке- вич, М.Е. Козина // Психология и педагогика: теоретические и практические аспекты современных наук – М.: МНЦПП, 2015. – С. 73–78.
7. Загашев И.О. Критическое мышление: технология развития / И.О. Загашев, С.И. Заир-Бек. – СПб. : Альянс «Дельта», 2003. – 284 с.
8. Мухторов З., Искандарова Г. Дастур барои тренерони барномаи «Хониш ва китобат дар рушди тафаккури интикоди». - Душанбе, 2008.
9. Мухторов З., Раджабов М. Стратегии развития критического мышления в школе. Пособие 1 для учителей английского языка. - Душанбе, 2008.
10. Мухторов З., Раджабов М. Стратегии развития критического мышления в школе. Пособие 2 для учителей английского языка. - Душанбе, 2008.
11. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ. Модули 9. Асосҳои рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ / Зери таҳрири умумии Сафин Д.В., Мусина Р.Г. - Душанбе, 2008.


**Ҷӯраева М.У.**

**ТЕХНОЛОГИЯИ РУШДИ ТАФАККУРИ ИНТИҚОДӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ**

Дар мақола ташаккули услуби нав ошкорбаёнӣ, мустаҳкамӣ, худбоварӣ, огоҳӣ аз номуайянии дохилии мавқеъ ва нуқтаи назар, муҳимтарин хусусияти маърифатӣ, зарурати ихтиёрӣ интихоби қабули қарорҳо, масъалаи таҳқиқшаванда, доштани андешаҳои шахсӣ ва изҳори мулоҳиза намудан ба тариқи фаъолияти фардӣ ва гурӯҳӣ таҳлилу баррасӣ гаштааст. Ҳадаф аз ин ташаккули чунин хислатҳои асосии шахсият, аз қабили тафаккури интиқодӣ, рефлексивӣ, муошират , эҷодкорӣ, ҳаракат, мустақилият, таҳаммулпазирӣ, масъулият барои интихоби ақида ва натиҷаҳои фаъолияти худ, ба инкишофи фаъолонаи тафаккури хонандагон, фикру ақидаи хешро эҷодкорона баён кардан, маълумот оварда шудааст. Истифодаи техникаи технологияи рушди тафаккури интиқодӣ ҳангоми интихоби роҳ ва усулҳои ҳалли масъалаи мушаххас фаъол, оқилонатар буданро таълим медиҳад. Тафаккури интиқодӣ барои гузариш аз фаҳмиши ибтидоии маъно ба фаҳмиши амиқи маводи таълимӣ мусоидат мекунад.

***Калидвожаҳо**: технология,тафаккури интиқодӣ, синфи ибтидоӣ,рушди тафаккур, андешаҳои шахсӣ, рефлексия, озодбаёнӣ.*

**Джураева М.У.**

**ТЕХНОЛОГИЯ РАЗВИТИЯ КРИТИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ**

В статье рассматриваются вопросы формирования нового стиля открытости, жизнестойкости, уверенности в себе, осознания внутренней неопределенности позиции и точки зрения, важнейшего познавательного признака, потребности в добровольном принятии решений, исследовательской проблематики, личных мнения и групповой анализ и индивидуальный анализ стали.

Целью является развитие таких основных качеств личности, как критическое мышление, рефлексивность, коммуникабельность, креативность, подвижность, самостоятельность, толерантность, ответственность за выбор идей и результатов, активное развитие мышления учащихся, творческое выражение идей.

Использование технологий для развития критического мышления учит нас быть более активными и рациональными при выборе путей и средств решения той или иной проблемы. Критическое мышление облегчает переход от базового понимания смысла к более глубокому пониманию учебного материала.

***Ключевые слова:** технология, критическое мышление, начальная школа, развитие мышления, личное мышление, рефлексия, свобода слова.*

**Juraeva M.U.**

**TECHNOLOGY FOR THE DEVELOPMENT OF CRITICAL THINKING IN PRIMARY SCHOOLS**

The article deals with the formation of a new style of openness, resilience, self-confidence, awareness of the internal uncertainty of position and point of view, the most important cognitive feature, the need for voluntary decision-making, research issues, personal opinions and group analysis and individual analysis have become. The goal is to develop such basic personality traits as critical thinking, reflexivity, communication skills, creativity, mobility, independence, tolerance, responsibility for choosing ideas and results, active development of students' thinking, creative expression of ideas. Using technology to develop

critical thinking teaches us to be more active and rational in choosing ways and means to solve a particular problem. Critical thinking facilitates the transition from a basic understanding of the meaning to a deeper understanding of the educational material.

***Key words***: *technology, critical thinking, elementary school, development of thinking, personal thinking, reflection, freedom of speech.*

**Маълумот дар бораи муаллиф**: **Ҷӯраева Мунзифахон Усмоновна** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, сармуаллимаи кафедраи назария ва методикаи таълими забони модарӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков

**Сведения об авторах: Джураевой Мунзифахон Усмоновна** Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, старший преподаватель кафедры теории и методики преподавания родного языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова

**Information about the authors: Juraeva Munzifakhon Usmonovna** Khujand State University named after academician B. Gafurov, lecturer at the department of theory and methods of teaching the mother language**. Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov A.

**БОЕВ Ш. Р.**

# НАҚШИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Таҳқиқотҳои илми муосир шаҳодат аз он медиҳанд, ки нақши бозиҳои дидактикии мусиқӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ хело калон мебошад. Мусиқӣ яке аз воситаҳои тавонои тарбияи эстетикии кӯдакон буда, воқеияти атрофро дар образҳои солим таҷассум мекунад. Бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ зимни салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул ёфта, ба инкишофи ҳаматарафаи кӯдак таъсири мусбат мерасонанд. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар синфҳои ибтидоӣ ба омӯзиши фанни суруд ва мусиқӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад, зеро он дар дарси суруд ва мусиқӣ дар рӯзҳои иду фароғат ва фаъолияти мустақилонаи фарҳангии кӯдакон садо медиҳад.

Нақши бозиҳои дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҳамбастагӣ бо қобилиятҳои мусиқии онҳо сурат мегирад ва дар навбати худ зимни фаъолияти мусиқӣ инкишоф меёбад. Ташаккули салоҳиятҳои кӯдаконзимни бозиҳои дидактикӣ ҳар кадар гуногун ва фаъол бошад, ҷараёни ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамон қадар самаранок ва беҳтар мегардад. Аз ин рӯ, мақсади тарбияи фарҳанги мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳамон қадар бомуваффақият анҷом меёбад.

Бинобар ин вазифаи асосии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз он иборат аст, ки раванди машғулиятҳои дарси суруд ва мусиқиро бо роҳу усулҳои гуногун ташкил карда,ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоиро зимни истифодаи усулҳои гуногуни бозиҳои дидактикӣ ташаккул таъмин намоянд. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф ба кӯдак таъсири комплексии намудҳои асосии фаъолияти мусиқӣ зарур аст. Аз ҷумла ҳаракат зимни бозиҳои дидактикӣ, шунидани мусиқӣ, сурудхонӣ, навохтани созҳои мусиқии кӯдакона ва ғайра сурат мегирад.

Душвории масъалаи ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар он аст, ки на ҳамаи барномаҳои муосири таълими фанни суруд ва мусиқӣ ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии кӯдакони хурдсол нигаронида шудаанд. Аз ҷумла нақши бозии дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар барномаҳои таълимӣ амалан ба назар гирифта нашудааст ва вазифаҳои рушди он низ муқаррар нашудааст. Ҳаминро бояд зикр намуд, ки дар доираи тамоми барномаҳои фаннӣ ташкили бозиҳои дидактикиро ба роҳ мондан мумкин аст. Ҳамчунин дар дарси суруд ва мусиқӣ барои пешбурди тарбияи салоҳиятнокии мусиқии хонандагон дар ин самт имкониятҳои зиёде мавҷуд аст.

Чунон ки мутафаккири бузург Абӯалӣ ибни Сино қайд кардааст:"Мусиқӣ воситаи инкишофи маънавию ахлоқӣ ва зеҳнии кӯдакон мебошад". [1, с.175]. Аз ин рӯ ба ақидаи ин мутафаккир ва файласуфи бузург розӣ шудан мувофиқи мақсад аст. Зеро муошират бо

санъати мусиқӣ, эҷоди мусиқии ибтидоӣ, рақс ба тамоми паҳлуҳои равонии инсон таъсири судманд мерасонад. Инчунин олами ботинии кӯдакро ғанӣ мегардонад, садои воқеияти даркшударо ба вуҷуд меорад. Инчунин, ба худшиносӣ ва ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳқиқотҳои педагогию психологӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими фаннӣ суруд ва мусиқӣ яке аз воситаи ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба шумор меравад. Омӯзиши фаннӣ суруд ва мусиқӣ худбаҳодиҳии хонандагонро баланд мебардорад, хусусиятҳои психологии салоҳиятҳои онҳоро аз қабилӣ (диққат, хотира, тафаккур, эҷодкорӣ) инкишоф медиҳад, ки ин на танҳо ба омӯзиши мактаби мусиқӣ, балки дар таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ таъсири судманд мерасонад.

Фаъолияти таълимӣ дар синфи ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ зимни салоҳияти хонандагон пешсаф мегардад. Вай дигаргуниҳои муҳимтарини инкишофи психикаи бачагонро дар давраи инкишофи синну сол муайян мекунад. Нақши бозии дидактикӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ дар рушди кӯдакон далелро, ки хонандаи хурдсол дар дигар намудҳои фаъолият, яъне бозӣ, ки дар рафти он ҳавасмандӣ ба омӯзиш нигоҳ дошта мешавад, ва инчунин дастовардҳои нав дар таҳқиқоти зерин такмил ва мустаҳкам карда мешавад.

Ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути маҷмӯи усулҳои ташкил ва идоракунии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии бозиҳои дидактикӣ, ба даст оварда мешавад. Шакл ва усулҳои фаъоли бозиҳои дидактиӣ дар таълими фанни суруд ва мусиқӣ ба гузоштани заминаи иттилоотии ташаккули салоҳиятҳои хонандагони хурдсол, яъне тафаккури эҷодӣ ва малакаҳои амалии онҳо мусоидат мекунад.

Гузариш аз бозӣ ба корҳои ҷиддӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар синфҳои ибтидоӣ хеле ногаҳонӣ, бозии тарбиявӣ ва дидактикӣ буда, ҳамчун шакли гузариш байни бозии озод ва машғулиятҳои ҷиддӣ дар ҷараёни дарс амал мекунад.

К.Д.Ушинский қайд намудааст «Агар мо ба бозии бачагон аҳамияти ҷиддӣ диҳем, ва зимни ин масъала семинари омӯзгоронро бештар ташкил кунем, он гоҳ омӯзиши назариявию амалии бозиҳои бачагонаро ба яке аз мавзуъҳои асосӣ рӯзмара табдил дода метавонистем» [13, с. 429]. Ин гуфтаҳо барои илми педагогикаи муосир мазмуни дахлдор доранд. Дар педагогикаи имрӯза ҷустуҷӯи доимии шаклу усулҳои нав, ки хусусиятҳои ташаккулёбии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандаро таъмин мекунанд ҳамеша такмил меёбад.

Айни замон дар илми педагогика як самти том – педагогикаи бозӣ пайдо шудааст, ки бозиро усули пешбарандаи тарбия ва таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ дониста, дар ин маврид таваҷҷӯҳ ба бозӣ бештар (фаъолияти бозӣ, шаклҳои бозӣ, техника) дода мешавад. Муҳимтарин метод, ин ҷалб намудани хонандагони синфҳои ибтидӣ ба корҳои тарбиявӣ зимни нақши бозиҳои дидактикӣ мебошад.

Аз ин рӯ дар таълими фанни суруд ва мусиқӣ нақши бозиҳои дидактикӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъсири мусбат доранд. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ ва инкишофи тасаввуроти хонандагони хурдсол дар бораи истифодаи усуҳои бозиҳои дидактикӣ мусоидат мекунад. Амиқтараш ин масъала ба рушди ташаккули салоҳиятҳои хонандагон мусоидат мекунад. Санъати мусиқӣ аз рӯи табиати худ ба фаъол шудани қобилиятҳои эҷодӣ, ташаккули тафаккур ва тасаввуроти бадеӣ алоқамандӣ дорад. Сабаб, гуногунрангии зиёди образҳои мусиқӣ, инчунин абстрактии баланди забони овозҳо, мебошад.

Масъалаи ташаккули фаъолияти салоҳиятҳои эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни нақши бозиҳои дидактикӣ бинобар сабаби аҳамияти калон доштанаш, барои худшиносӣ ва камолоти маънавии шахсият доимо дар доираи таваҷҷуҳи таҳқиқотҳои гуногуни соҳаи психология ва педагогика қарор дорад.

Дар илми муосир ташаккули салоҳиятҳои шахсро равоншиносон (Б.Г. Ананиев, Л.С.Выготский, Л.Б.Ермолаева-Томина, П.М.Якобсон) ва педагогон (П.П.Блонский, Н.А.Ветлугина, А.Н.Зимин, Т.Г.Казакова, О.П.Комарова, О.П.Комарова) ва дигарон

баррасӣ намудаанд. Онҳо мафҳуми «салоҳият»-ро ҳамчун қобилияти инсон дар асоси азхудкунии сарвати маданияти моддию маънавӣ дар ҷаҳон дигаргуниҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамияти ба амал баровардан дар муносибат, амалҳои ихтиёрӣ, инчунин эҷодӣ маънидод мекунанд.

Мафҳуми «салоҳият» ҳамчун фаъолияте ҳисобида мешавад, ки натиҷаи он эҷоди сарватҳои нави моддию маънавӣ мебошад.Ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси бозиҳои дидактикӣ дар моҳияти худ як падидаи педагогӣ ва психологӣ дошта, ҷанбаи равонӣ дорад: Таҳқиқотҳо исбот намудаанд, ки шахс дорои қобилият, дониш ва малака буда, ба шарофати он маҳсуле меофарад, ки бо навоварӣ ва ташаккулёбӣ фарқ мекунад [3, с.114]. Тамоми роҳҳои ба вуҷуд омадани методу усулҳои нав, ки дар асоси тафриқа ва интегратсия асос ёфтаанд, консепсияи пешбурди фаъолияти таълиму тарбияро фаро гирифтааст.

Дар психология ташаккулро ҳамчун тағйирёбии табиии равандҳои равонӣ бо мурури замон тавсиф мекунанд, ки дар тағйирёбии миқдорӣ, сифатӣ ва сохтории онҳо ифода меёбад. Ташаккули салоҳиятҳо хусусияти бебозгашти тағйирот, самтнокӣ яъне қобилияти ҷамъоварии тағйирот, инчунин ворид намудани тағйироти нав нисбат ба тағйиротҳои пештара ба мақсад мувофиқ аст. [8, с.320].

Илми педагогика хусусияти эҷодӣ, инчунин роҳҳои ташаккули салоҳияти онро муфассал ба назар гирифта, се қонуни асосии ташакулро муайян мекунад, ки мавриди такя ба онҳо, салоҳиятҳои эҷодкорӣ зарур аст (Л.Б. Ермолаева-Томина).

1.Илми равоншиносӣ шаклҳои зерини инкишофро муайян мекунад:

- табиӣ (инкишофи дохилӣ);
- инструменталӣ (аз худ кардани малакаҳои истифодабарии асбобҳо);
-инфиродӣ (аз ҷониби худи субъект дар сатҳи бешуурона оғоз карда мешавад;
- қобилиятҳои махсус барои ҳама гуна фаъолият муайян карда мешавад.

Ба гуфтаи Л.Б. Ермолаева-Томина, объектҳои асосии инкишофи эҷодӣ инҳо мебошанд:

- эҳтиёҷ ба эҷодкорӣ, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои ғайримуқаррарӣ зудтар ташаккул меёбад, ва дар онҳо басомади машқҳо, натиҷаҳои мусбианд, ки бо сабаби набудани қолаби визуалӣ ва озодии парвози тасаввурот ба осонӣ ба даст меоянд;

шуури эҷодӣ, «ба раванди таълимӣ инноватсионӣ дохил шуда, тасдиқи дигаргуниҳои дар ҷамъият, санъат, воқеаҳое, ки руҳияи замонро муайян мекунанд, инчунин талабот ва категорияҳои арзишҳои бартаридошта дар табақаҳои гуногуни ҷамъият ба ҳисоб меравад. ” [10, с. 304];

- идоракунии раванди эҷодӣ, ки дар ин мавриди банду бастро риоя кардан лозим аст, зеро тибқи шаблон, бе дохил кардани банду баст барои ҷустуҷӯи мазмуни нав барои худ ва тамошобин кор кардан чандон мувофиқи мақсад нест;

- эҳсоси тамошобин: иртибот бо тамошобинони эҳтимолӣ тавассути асарҳои худ миёнарав мешавад, зеро ӯ ба андеша ва эҳсоси тамошобинони номаълум муроҷиат мекунад ва на аз рӯи фазо ва на бо вақт маҳдуд намешавад.

Ҳамин тавр, қонуниятҳои инкишоф, ки хоси эҷод аст, имкон медиҳад, ҳукм кунем, ки дар шароити махсус ташкилшудаи усулҳои педагогӣ сатҳи ҳамаи шаклу объектҳои инкишофи кӯдак зимни таъсири мусбат инкишофи фаъолияти ташакули салоҳиятҳои хонандагонро баланд мебардорад.

Маълум аст, ки қувваи пешбарандаи ташаккули салоҳияти шахсият аст, яъне қобилияти тавоноии кӯдак барои тағйир додани таассуроти воқеият мебошад, ки дар таҷриба, дарк ва эҷодкорӣ зуҳур мекунанд.

Эҳтиёҷот муносибати умумӣ ба объектест, ки дорои хосиятҳои муайян мебошад. Он дар натиҷаи фаъолияти пурҷушу хуруши субъект барои табдил додани воқеият ба вуҷуд меояд.

Ҳамин тариқ, муносибат барои ба низом даровардани падидаҳои психологию педагогӣ тибқи ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва зимни нақши бозиҳои дидактикии мусиқӣ, эҳтиёҷот, мотивҳо, ҳадафҳо, манфиатҳо, инчунин фаъолиятҳо ҳамчун асоси ташаккули таҷриба, эҷодкорӣ ва рафтори кӯдакон таъсири мусбӣ расонда, фаъолияти дохилии ӯро хоҳиши дарк кардани онро инъикос мекунад [2с.336].

Дар таълими мусиқӣ равандҳои прогрессивии ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ хос аст, ки ба тағйирёбии тасаввуроти кӯдакон дар бораи олами нақши бозиҳои дидактикии мусиқӣ мусоидат мекунад. Вай ин гуна фаъолиятро дар назар дорад - хоҳиши амалӣ намуани имкониятҳо, нишон додани эҷодкорӣ.

Идеяҳои В.В. Давыдов вобаста ба вазифаҳои таҳқиқоти масъалаи мазкур хеле ҷолибанд истифода намудем. Вай таъкид мекунад, ки маҳз дар консепсияи кӯдак яке аз хислатҳои муҳими хаёлот — қобилияти дидани тамоми пеш аз қисматҳо зуҳур меёбад. Сари ин масъала ӯ ба чунин хулоса меояд: «Шуур бе тасаввур имконнопазир аст ва худи хаёл даркро ташкил мекунад». Ҳамаи онҳо якҷоя асоси фаъолияти эҷодии инсон шуда, салоҳиятҳои ӯро ба вуҷуд меоранд... Яке аз сарчашмаҳои асосии ин нерӯи эҷодиро бояд дар инкишофи ягонаи идрок, тахайюлот ва шуури инсон ҷустуҷӯ кард» [5, с.96].

В.Т. Кудрявцев чунин мешуморад, ки ҷиҳати раванди эҷодиёти кӯдакон зимни нақши бозиҳои дидактикии мусиқӣ бо роҳи муайян кардани хусусиятҳо ва дараҷаи инкишофи онҳо аз тарафи хонандагони синфҳои ибтидоӣ баҳо додан зарур аст. Вай хислатҳои универсалии салоҳиятҳои бачагонро ошкор мекунад. [11,с.320].

Тибқи таҳқиқоти Груздова И.В. нишондиҳандаи ташаккули салоҳиятҳои кӯдакон ин ҳама гуна тавсеаи то андозае мустақилонаи имкониятҳои шахсии худ барои эҷодиёти азхудкунии ҷаҳони мусиқӣ аст. [7,с.254].

Интихоби меъёрҳои баҳодиҳии салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни нақши бозиҳои дидактиқӣ якранг аст. Барои таҳлили равандҳо ва натиҷаҳои бизиҳои дидактикии мусиқӣ дар кӯдак тамоми нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳияти бачагонро истифода бурдан мумкин аст.

Г.Г. Григорьева чунин мешуморад, ки ҷараёни ташаккули салоҳияти бачаҳо чӣ аз ҷиҳати моҳият ва чӣ аз ҷиҳати воситаҳои бадеии истифодашаванда ба эҷодиёти рассоми соҳибкасб сифатан мувофиқ аст. Эҷоди образи бадеии кӯдаки синни томактабӣ бо ангеза ба фаъолият, вобаста ба қонеъ гардонидани талабот водор карда мешавад. Ангезаҳои асосии фаъолияти эҷодӣ ин хоҳиши ифодаи эҳсосот, бедор кардани ҳиссиёти мувофиқ дар бинанда мебошад, то ин ки тавассути одамон эҳсосот, фикрҳо ва сипас амалҳои онҳо ҷаҳонро тағйир диҳанд. Баъд санъаткор дар назди худ мақсад гузошта, фаъолияти худро ба мақсади расидан ба натиҷаи таҳқиқ ташкил мекунад. Қисми зиёди фаъолият бевосита тавассути иҷрои амалҳо сурат мегирад. Бо ёрии онҳо идея дар кӯдак таҷассум меёбад. [6,с.64].

Модели тахминии амали ташаккули салоҳиятро, ки барои кӯдакони синни таҳсилоти ибтидоӣ зимни бозиҳои дидактикии мусиқӣ хос аст, дида мебароем, ки онро Г.Г. Григорьева таҳқиқ намудааст. Ба андешаи ӯ, амали эҷодӣ иборат аст аз ороиши бадеӣ, ки дар натиҷаи мушоҳидаҳои олами атроф, фаъолияти инсон тавассути шахс, тавассути таҷрибаи андӯхтаи эҳсосӣ ва зеҳнӣ ба вуҷуд омадааст, ҳамчун манбаи идеяҳо хизмат мекунад;

«Идеяи тарбия», ки дар рафти он инкишофи минбаъдаи мазмун, ҷӯстуҷӯи шакли бадеӣ (фикри кӯдаки хурдсол пешакӣ пайдо намешавад, балки дар рафти иҷрои қисми фаъолият он инкишоф меёбад.); «Иҷрои нақша» (тарҷумаи презентатсия ба тасвири мушаххас); арзёбии ниҳоии натиҷаи бадастомада, дар ҳолати зарурӣ аз нав дида баромадани он.

Ҳамин тариқ, бо тамоми шабоҳатҳо маҳсулот ва равандҳои фаъолияти калонсолону кӯдакон аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд: дар фаъолияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳама марҳилаҳои амали эҷодӣ нишон дода мешаванд, аммо онҳо бо мурури замон кӯтоҳ карда мешаванд, консепсияи татбиқи онҳо тибқи нақша ҳамзамон таҳлил карда шудаанд.

Н.А.Ветлугина чунин мешуморад, ки мустақилият, фаъолият ва ташаббуси кӯдакон дар ҳар як намуди фаъолият ва дар ҳар сатҳи синну сол ба таври гуногун зоҳир мегардад. Мавҷудияти фаъолияти ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоиро тибқи зуҳуроти шодӣ, шавқу рағбат, ҳамдардӣ-и фаъоли эҳсосот ва кайфиятро зимни нақши бозиҳои дидактикии мусиқӣ баҳо додан мумкин аст. [3,с.415].

Зимин, А.Н. муайян карда буд, ки барои пайдо шудани зухуроти эҷодии худсарона чунин моликияти шахсият, монанди фаъолият, ки бо таъсири эмотсионалии дастраси

хонандагон равона карда мешавад, аҳамияти калон дорад. Ба андешаи вай, маҳз ҳамон чизест, ки қадами аввалини кӯдакро дар иҷрои вазифаи эҷодӣ муайян мекунад, аммо муваффақияти иҷрои онро пешгӯӣ намекунад. Дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ фаъолиятро дар хоҳиши амал ифода кардан мумкин аст, аммо худи амал наметавонад бошад. [8,с.304].

Мо хусусиятҳои фаъолияти эҷодиро дар А.Н. Зимин, ки зуҳуроти фаъолияти эҷод бештар ба дараҷаи осонии амали кӯдак вобаста аст ва шарти осони боварӣ ба худи маҳорат, набудани тарси нокомӣ мебошад. Дар раванди ҳалли вазифаҳои ташаккули салоҳиятҳо кӯдак ҷасорат пайдо мекунад, кунҷковӣ пайдо мекунад, майли омӯхтани чизҳои навро ба вуҷуд меорад, баҳодиҳии арзишӣ ба вуҷуд меояд ва дар натиҷа сифати иҷрои он беҳтар мегардад. Аз ин рӯ тамоми ин нишондиҳандаҳои фаъолияти кӯдакро дар ташкили бозиҳои дидактикӣ дидан мумкин аст.

Маълум аст, ки дарки фаъоли мусиқӣ дар синф бо фароҳам овардани кайфияти зарурӣ дар бачаҳо, бедории шавқу завқи онҳо, иҷрои мусиқии вокалӣ ва асбобӣ, инкишофи фаъолияти маърифатии кӯдакон дар ҷараёни таълиму тарбияи ташкили бозиҳои дидактикӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ мувофиқи мақсад аст. Дар ин маврид соддатарин таҳлили асарҳои мусиқӣ, дарки фаъоли мусиқӣ диққати мутамарказ, кӯшишҳои ихтиёрӣ, таҷрибаи эҳсосӣ ва эстетикиро дар бар мегирад. Нақши бозиҳои дидактикӣ инчунин бахусус дар дарсҳои суруду мусиқӣ ба дастрасии дониши кӯдакон дар ташаккули салоҳиятҳои онҳо дар соҳаи назарияи мусиқӣ, жанрҳои мусиқӣ аҳамияти калон дорад.

Дарки мусиқӣ дар якҷоягӣ бо иҷро, бо интиқоли фаҳмиши онҳо тавассути расмкашӣ, ранг, ҳаракат дар бозии мусиқӣ-дидактикӣ таҷассуми худро пайдо мекунад, ки дар он тасаввуротҳои зеҳнӣ, эҳсосӣ-ҳассосӣ ва стихиявӣ-импровизаторӣ бо ҳам алоқамананданд. Навохтани асбобҳои мусиқии бачагон, ҳаракатҳои ритмикии мусиқӣ, инчунин сурудхонӣ фаъолияти салоҳиятҳои бачаҳоро бомуваффақият инкишоф дода, дарки эҷодиёти табииро озод намуда, ба воқеият муносибати мусбат салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоиро ташаккул медиҳад.

Дар натиҷаи таҳлили назариявии адабиёти психологию педагогӣ маълум гардид, ки нақши фаъолияти бозиҳои дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони хурдсол ҳамчун сохтори нав дар қобилияти мушоҳидаи фаъолонаи ашё ва падидаҳои воқеияти атроф, дарк кардан, номгузории онҳо, ва ба фаъолияти эстетикӣ унсурҳои эҷодӣ, фардӣ, аз дигарон фарқ мекунад. Ташаккули салоҳият дар намудҳои гуногуни фаъолият: дар синф, дар ҳаёти ҳаррӯза, дар кор ва бозӣ, дар муошират бо табиат зоҳир мегардад,инчунин бо такмили сифатҳои ташаббускорӣ, ҳамчун мустақилият алоқаманд аст.

Мо дарёфтем, ки фаъолияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ташаккули салоҳиятҳои онҳо одатан стихиявӣ ва бесамар буда, метавонад яктарафа дар қонеъ гардонидани танҳо манфиатҳои пешбаранда зоҳир шавад, он метавонад бидуни назорат ва таъсири пурқуввати саривақтии омӯзгорон пажмурда гардида, аз байн равад.

**АДАБИЁТ:**


1. Авеста. Перевод с авестийского и комментарии проф. Адиб. Стеблин-Коменского (избранные гимны). [Текст]/ Авеста.– Душанбе:1990. – 175с.
2. Ананиев, Б.Г. Инсон ҳамчунсубъектидониш. / Б.Г. Ананиев. – М.:Мактаб, 1978.- 336с.
3. Ветлугина, Н. Рушди мусиқии кӯдак / Н.А. Ветлугин. - М.: Маориф, 1967 .-- 415с.
4. Выготский, Л. Бозӣ ва нақши он дар рушди рӯҳии кӯдак / Л.С. Выготский. - М.: Масъалаҳои психология, 1966. - 117с.
5. Выготский, Л. Тахайюлот ва эҷодкорӣ дар кӯдакӣ / Л.С. Выготский. - СПб .: Союз, 1997 .-- 96с.
6. Григорьева, Г. Ҷаҳони ранга. / Г.Г. Григорьева, Е.В. Боякова, Н. К. Гаранина. - М.: Карапуз-Дидактика, 2008.- 64с.
7. Груздова, И.В. Ба суи мусиқӣ: бозиҳои мусиқӣ ва машғулиятҳо барои бачаҳо. / И.В. Груздова, Е.К.Лютова, - Ростов н/а: Финикс, 2010.- 254
8. Зимин, А.Н. Асосҳои таълими мусиқӣ ва рушди кӯдакони хурдсол / А.Н. Зимин. - М.: ВЛАДОС, 2000 .-- 304с.
9. Ветлугина, Н. Рушди мусиқиикӯдак / Н.А. Ветлугин. – М.: Маориф, 1967 .-- 415с.
10. Ермолаева-Томина, Л. Психологияи эҷодиётибадеӣ. –М.Лоихаиакадеми,2003.304с.
11. Кудрявцев,В.Т.Ташхиси нерӯи эҷодӣ ва омодагии зеҳнии кӯдакон ба рушди таҳсилоти мактабӣ. /В.Т. Кудрявцев.-М.: РИНО, 1999.- 320с.

12. Рубинштейн, С.Л. Хусусиятҳоихарактерикӯдакватарбияионҳо дар оила. / С.Л. Рубинштейн. - М.: Маориф, 1964.- 212с.
13. Ушинский, К.Д. Асарҳои мунтахаби педагоги дар 2 ҷилд.Ҷилди 1. / К.Д. Ушинский. - М.: Педагогика, 1974.- 429с.
14. Фельдштейн, Д.И. Психологияи шахсияти инкишофёбанда. / Д.И. Фельдштейн.


**Боев Ш.**

## НАҚШИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Мақолаи мазкур дар масъалаи нақши бозиҳои дидактикӣ зимни салоҳияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар асоси таҳқиқотҳои психологию педагогӣ ҳарф мезанад. Дар ин масъала муносибат, ба низом даровардани падидаҳои психологию педагогӣ, эҳтиёҷот, мотивҳо, ҳадафҳо, манфиатҳо, фаъолиятҳо ҳамчун асоси ташаккули таҷриба, эҷодкорӣ ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ, инчунин фаъолияти дохилии ӯ (хоҳиши дарк кардани он) инъикос ёфтааст.

***Калидвожаҳо:*** *эҳтиёҷот, мотивҳо, ҳадафҳо, манфиатҳо,фаъолияти эстетикӣ ороиши бадеӣ, тарбияи бадеӣ.*

**Боев Ш.**

## РОЛЬ ДИДАКТИЧЕСКИХ ИГР В РАЗВИТИИ ТВОРЧЕСКИХ НАВЫКО В УЧЕНИКОВ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

В данной статье речь идет о роль дидактических игр в творческой компетентности учащихся начальных классов на уроках пения и музыки на основе психолого-педагогического исследования. В этом вопросе отношения, систематизация психолого-педагогических явлений, потребностей, мотивов, целей, интересов, деятельности отражается как основа формирования опыта, творчества и поведения младших школьников, а также его внутренней активности (стремления к познанию).

***Ключевые слова***: *потребности, мотивы, цели, интересы, эстетическая деятельность, художественное оформление, художественное образование.*

**Boev Sh.**

## THE ROLE OF DIDACTIC GAMES IN THE DEVELOPMENT OF CREATIVE SKILLSIN PRIMARY SCHOOL STUDENTS

This article deals with the formation of didactic games in the creative competence of primary school students in singing and music lessons based on psychological and pedagogical research. In this question attitudes, the systematization of psychological and pedagogical phenomena, needs, motives, goals, interests, activities is reflected as the basis for the formation of experience, creativity and behavior of younger students, as well as its internal activity (desire for knowledge).

***Key words***: *needs, motives, goals, interests, aesthetic activity, decoration, art education.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич** муаллими калони кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ, факултаи педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел (+992) 90993424

**Сведения об авторе: Боев Шахобиддин Раджабалиевич** старший преподаватель кафедры теории и методики музыкально-художественного образования педагогического факультета Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Тел (+992) 909934241

**Information about the author: Boev Shahobiddin Rajabalievich** Senior Lecturer, Department of Theory and Methods of Music and Art Education, Pedagogical Faculty, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel (+992) 909934241.

**ШАРИФОВА С.С.**

# ТАРБИЯИ ХЕШТАНШИНОСӢ ВА ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ МАВЗӮИ «ТЕМУРМАЛИК-САРВАРИ МУДОФИА» ДАР СИНФИ 7-УМ

Имрӯз мардуми кишвар ба худшиносӣ ва барқарор кардани хотироти таърихии хеш беш аз пеш ниёз дорад. Мо бояд аз таърихи гузашта сабақ бигирем ва барои ваҳдати комили миллӣ корҳои бузургеро ба анҷом расонем» [3, 47]

Дар ин замина муайян намудани нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих баҳри шинохти паҳлӯҳои гуногуни рӯзгоригузаштагон ва асли хеш шарт ва зарур аст. Омӯзишу мутолиа ва ҷустуҷӯҳои эҷодкорона имкон медиҳанд, ки насли ҷавон дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, ихтироъкорӣ, донишомӯзӣ ва худогоҳӣ тарбия ёбанд. Ин омил, пеш аз ҳама, тақозо мекунад, ки омӯзгорон худ бештар омӯзанду мутолиа намоянд ва донишу ҷаҳонбиниашонро такомулу таҳаввул бахшанд.

Муносибати инфиродӣ нисбат ба воқеаҳо ва зуҳуроти зиндагӣ дар байни зиёни миллӣ бештар гардидааст, барои ҳамин ҳам, ба ҷомеа таъсирашон камранг ё беранг аст. Ҳар як намояндаи насли наврас ва ҷавони тоҷик, ки фарзанди тоҷику Тоҷикистон аст, худро бояд ба неку бади рӯзгори халқаш шарик ҳисобад, сангари воқеии давлати миллиаш бошад, ормонҳои миллиро таблиғ намояд, мардуму диёри худро аз таҳдиду табъиз нигаҳбон бошад, худро ба он масъул бидонад, ки насли нав барои Ватану халқ бегона ба воя нарасад.

Ҳувияти миллӣ барои хонанда дар шароити мухталиф (шароити оила, ҷамъият, мактаб) аҳамияти хеле калон дорад. Ҳувияти миллӣ дар шароити ҷомеа ба хонанда имкон медиҳад, ки худро дар гурӯҳ озод эҳсос намуда, худ ва нерӯи нуҳуфтаи худро ифшо созад. Барои хонандагони ба шароити ҷомеа мутобиқгардида фаъолияти тарбиявӣ дар гурӯҳ хеле аҳамиятнок аст. Дар ҷомеа ҷараён ва натиҷаи инкишофи иҷтимоии хонанда аз бисёр ҷиҳат ба сатҳи фарҳангу маданият ва фаъолияти тарбиявии атрофиён вобаста аст. Дар мактаб (чи миёна ва чи олӣ) ҳувияти миллӣ ба наврасон имконият медиҳад, ки ба шароити таълимии мактаб ва ё мактаби олӣ мутобиқ гардида, барномаҳои таълимиро вобаста ба имкониятҳои инфиродиашон бомуваффақият аз худ намоянд. Худшиносии миллӣ ҳамчунин, дар дигар шароит бисёр зарур аст, ки аз ҳама муҳимаш инҳо мебошанд:

1. Худшиносии хатмкунандагони мактабҳои миёна дар шароити нави зиндагӣ (таҳсил дар шароити мактабҳои тахассусӣ).
2. Худшиносии миллии хатмкунандагони мактаб-интернатҳо.
3. Худшиносии миллии хатмкунандагони мактабҳои тахассусӣ оид ба фаъолияти меҳнатӣ.
4. Худшиносии миллии хонандагон дар шароити дигар.

Ҳар кадоми инҳо мазмун ва мундариҷаи худро дошта, барои инсон аҳамияти баланди ҳаётӣ дороанд. Ин ҷо лозим ба ёдоварист, ки солҳои охир аз Тоҷикистони бо сабабҳои гуногун, масалан муҳоҷирати меҳнатӣ хонандагони синни мактабӣ низ ба малакатҳои хориҷ мераванд. Нововаста аз хоҳиш ва тавоноиҳои мағзӣ ва ҷисмониашон ба дигар мамлакат сафар мекунанд. Мутаасифона, бисёрии онҳо боз ҳам бо сабабҳои суст шудани имкониятҳои мутобиқшавии организм ва имкониятҳои фардӣ, надоштани маблағ ва ё шароити мусоид, инчунин номутобиқатӣ ба шароити нави номусоид, ҳувияти миллии худро гум мекунанд. Инро илми педагогикаи иҷтимоӣ роҳгумзанӣ «дезадаптатсия» номида, аз дидгоҳи мухталифи илмӣ асоснок мекунад ва мавриди истифодаи башар қарор медиҳад, вале онҳоро дар як рисола ҷой додан ғайри имкон аст. Роҳгумзанӣ (дезадабтация аз пешоянди лотинии de… ё des…) ба маънои пеш аз ҳама нобудшавӣ, фаношавӣ, тамоман нест шудан ва дар баъзе маврид ба маънои сустшавӣ, камшавӣ истифода мешавад. Аммо бо истифода аз вижагиҳои забони тоҷикӣ дар илми педагогикаи иҷтимоӣ «дезадабтатсияро» бештар мантиқи роҳгумшавии шахсият дар зиндагии иҷтимоӣ рост меояд. Роҳгумшавӣ ба мисли мутобиқшавӣ ҳамчун ҷараён, ифшошавии шахсиятӣ ва натиҷа дида мешавад. Роҳгумзанӣ ҳамчунин ҷараёни камшавии имкониятҳои мутобиқшавии инсонро дар шароити муҳит ифода мекунад, масалан, дар боғча, дар синф, дар гурӯҳ.

Ватанпарастӣ - ин мусоидат ба рушди илму маориф ва маданияту фарҳанги миллӣ дар кишвар мебошад. Бояд дар шуур ва қалби ҳар сокини Тоҷикистон, сарфи назар аз миллат, дину мазҳаб ва мавқеи сиёсиву иҷтимоии ӯ, ҷой гирифта бошад. Ин беш аз пеш зиёиён ва маҳз омӯзгоронро водор месозад, ки дар ҳар вақту вазъият баҳри дар амал татбиқ намудани онҳо ҷаҳду талоши бештар намоянд. Ин кор аз ҳамаи мо дониш, маҳорату малаки илмӣ, санъати баланди педагогиву психологиро талаб менамояд.

Дар робита бо ҷисму рӯҳ инсон хоҳишҳои ҷисмонӣ дораду хоҳишҳои рӯҳӣ, яъне майлу хоҳиш ба олами рӯҳӣ. Ҳамин майлҳои рӯҳӣ асоси фарҳангу тамаддуни инсонро ташкил медиҳанд, ки ба таври дигар маънавиёт меномем. С.Л.Рубинштейн чунин гуфтааст: «Ҷанбаи психикии шахсият бо ҷанбаҳои дигар дар як қатор ҷойгир нест, падидаҳои психикӣ ба ҳаёти томи шахсият ба таври табиӣ пайванд мешаванд, зеро функсияи асосии ҳаётии тамоми падидаҳо ва равандҳои психикӣ аз танзими фаъолияти одамон иборат аст. Равандҳои психикӣ, ки бо таъсироти беруна ба вуҷуд меоянд, рафторро таъйин карда, вобастагии рафтори субъектро ба шароити объективӣ ғайримустақим ифода менамоянд» [5, 243].

Дар ҷаҳон халқеро намедонем, ки мисли тоҷик ин қадар дуру дароз, солҳо ва асрҳои зиёде зери зулму истибдоди аҷнабиён монда, хуни фарзандонаш рехта бошад. Юнониҳо, арабҳо, шайбониён, темуриён, ҷониён, туркҳо, манғитҳо - ҳама дастгоҳи ҷангу хунрезиро ба аспу аробаҳо бор карда ба ин қаламрав овардаанд. Аҷнабӣ аҷнабӣ аст, вай бо сулҳ ҳам биёяд, корашро мекунад, шутури нафсаш гардан дароз мекунад.

*Ҳар ҷо, ки расид пойи аспи қатаған,*
*Не зинда ватан ёбаду не мурда кафан.*

Бо вуҷуди ҳамин, тоҷик зинда монд, мағлуб нашуд, ҳуввияташро гум накард. Беш аз ин, ба Истиқлолият расид. Худ аз худ саволе пеш меояд: кадом қувваи бузург тоҷикро аз маҳву махлутшавӣ нигоҳ дошт? Магар Хоҷаи Хизр назар кард? Ин қувваи бузург ақли расои тоҷик, забони ширадор, таърихи пурбор, адабиёти шакарвор, фарҳанги ҷилодор, расму оину анъанаҳои миллӣ буд ва ин халқро хоҷаҳои хизраш – Иброҳим Зардушт, Имоми Аъзам, Ҷамшед, Рустам, Хусрави Парвиз (Анӯшервони Одил), Бузургмеҳр, Абӯмуслим, Муқаннаъ, Исмоили Сомонӣ, Балъамӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Берунӣ, Шамси Табрезӣ, Имом Тирмизӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Темурмалик, Саъдӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин, Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва садҳо дигарон назар мекарданд. Вақте юнониҳо ва баъдтар арабҳо бо мақсади ғасби ин мулк лашкар кашиданд, қаламрави Аҷам аз кишвари Юнон ва аз нимҷазираҳои Арабистон садҳо маротиба калону бузург буд. Ҳамчунин, дар аҳди лашкари ғаддори муғул ҳам.

Арзишҳои миллӣ гуногунанд, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба онҳо ҳисси масъулиятшиносии насли наврасро зиёд мегардонад ва боиси ташаккули худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мегардад. «Яке аз хусуиятҳои хосси мардуми ориёӣ ва шоҳони он тоҷдорӣ мебошад. Тоҷгузорӣ аз Каюмарс ба ривояте аввалин одам- башар ва шоҳи ориёиён шурӯъ гардид. Нахустин инсони ориёиро барои тахту тоҷи замин офарид ва ӯро Гилшоҳ низ мегӯянд ва ҳама ворисони ӯ ин анъанаро давом дод, худро шоҳзодагон номидаанд. Дар фалсафаи ойини маздопарастӣ узви волои авастоӣ, ки расми онҳо дар болои сиккаҳо, деворҳои қасрҳо ва ҳайкалҳоянд ва дастраси бостоншиносонанд, тахту тоҷ доранд. Ҳамаи шоҳон, аъёну ашроф ва мардуми ориёӣ пеш аз ислом тоҷдор будаанд» [1,976]. Дар ҳақиқат, тоҷ бар сар намудани шоҳ як амали рамзӣ буда, нишони он буд, ки давлатдор дар оянда тамоми масъалаҳои мамлакатро аз манфиати худ болотар монда дар ҳалли он кӯшиш ва ҷаҳду талош намояд. Бо ин мақсад дар муассисаҳои таълимӣ озмоиш гузаронида шуд. Дар марҳилаи якум бо хонандагон суҳбатҳо гузаронида шуд, онҳо дар дарсҳои фанни таърихи синфи 7 – ум иштирок намуда, ба дараҷаи тарбияи худшиносӣ ва ватандӯстии хонандагон таваҷҷуҳ карда шуд. Дар марҳалаи дувуми гузаштан аз донишҳои гирифта ба таҳлил, мулоҳизаи мавқеи шахсии худ нисбат ба рӯйдодҳои Тоҷикистон таъмин гардид.

| Сатҳи | Теъдоди хонандагон бо %% | | |
|---|---|---|---|
| Гурӯҳ | Паст | Миёна | Баланд |
| Назоратӣ | 20,5 | 43,2 | 36,4 |
| Озмоишӣ | 25 | 45 | 30 |




Ба марҳилаи севум афзудани майлу омодагии хонандагони хурдсол ба амалҳое, ки ҷиҳати ҳифзи арзишҳои миллӣ, анъанаҳо, расму оинҳо нигаронида шудаанд, хос мебошад. Дар ин марҳила дарки зарурати ин гуна амалҳо аз ҷониби хонандагон возеҳ аён мешавад.

Натиҷаҳое, ки дар ҷадвал оварда шудаанд, чунбишҳои назарраси сатҳи ташаккули худшиносии миллии хонандагонро дар муқоиса бо марҳилаи ибтидоии кори таҷрибавию озмоишӣ нишон медиҳанд.

Дар тарбияи худшиносии миллии хонандагон, дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик қаҳрамониҳои шахсони мубориза халқи тоҷик ҷойи махсусро ишғол менамоянд. Омӯзгори фанни таърихи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Восеъ Одинаева Г. аз корнамоиҳои ин гуна шахсони муборизи халқи тоҷик ба таври хеле муфид истифода мебарад. Боре дар синф чунин вазъияте ба амал омад, ки Эраҷ ном хонанда ҳамсинфони худро ҳамеша таҳқир менамуд ва ҳавобаландӣ карда, худро аз ҳама беҳтарин ҳисоб мекард. Чунин тарзи рафтори ӯ дар байни ҳамсинфон норозигиҳоро ба амал меовард. Омӯзгор бо мақсади барҳам додани чунин рафтори Эраҷ аз мавзуи «Темурмалик- сарвари мудофиа» хеле моҳирона истифода намуд, ки мазмунаш чунин аст:

Муҳаммади Хоразмшоҳ ҳангоми рӯ ба гурез ниҳодан ба ҳар шаҳре ки расид, ба мардуми он мегуфт: «Агар гурехта натавонед, таслим шавед». Аммо Темурмалики диловар ба чунин суханони бешарафона гӯш надод ва мудофиаи шаҳри азизашро вазифаи ҷонии худ донист. Вай хуб мефаҳмид, ки бо чунин душмани хунхори пурзӯр мубориза бурда, ғалаба ба даст даровардан кори осон нест, аммо рӯҳияи ватандӯстӣ ӯро водор намуд, ки то охирин қатраи хун биҷангад. Аз ҳамин сабаб қарор дод, ки ба ҷуз аскарони муҳофизи дар ихтиёри худдошта, боз мардуми шаҳри Хуҷанд ва гирду атрофи онро ба ҳимоя бархезонад ва чунон ки амалҳои минбаъдаи ӯ нишон дод, аз уҳдаи ин кор бо сарбаландӣ баромад. Темурмалик пеш аз ҳуҷуми муғулҳо шаҳри Хуҷандро гашта, барои сохтани қалъа ва камингоҳ ҷойи муносиб ҷуст. Хуҷанд пеш аз ин ҳам қалъа дошт, вале бартариҳои қалъаи нав хеле зиёд буданд. Дар миёнаи дарёи Сир ҷазирае ёфт, ки барои қалъа хеле мувофиқ буд. Дар навбати аввал мардуми Хуҷанд ва деҳаҳои атрофи шаҳрро ба ин кор ҷалб намуд. Ҳамаи табақаҳои мардуми шаҳр дар бинои қалъа бо кӯшишу ғайрати зиёд меҳнат карданд. Сохтмони он аз ҳар ҷиҳат нафъ дошт. Қалъа шаҳрро то андозае аз харобшавӣ нигоҳ

медошт ва тири душман ба он ҷо намерасид. Темурмалик нағз медонист, ки чингизиёни бадкирдор бисёр шаҳру деҳаҳои Мовароуннаҳру Хуросон ва дигар мамлакатҳоро ба воситаи манҷаниқ(силоҳе ки ба воситаи он санг мепартоянд) ва зарфҳои пур аз нафт хароб карда буданд. Аммо қалъаи дар ҷазира сохтаи Темурмалик аз онҳо эмин буд, чунки сангҳои манҷаниқ ва зарфҳои нафтдор аз канори дарё ба қалъа намерасиданд. Дар мавриде, ки мардуми Хуҷанд саргарми қалъасозӣ ва кофтани хандақҳо буданд, аз майдони ҷанг хабарҳои зиёди нохуш дар байни мардум паҳн мешуд. Аммо чунин хабарҳо рӯҳияи ҷангӣ ва иродаи матини мардуми Хуҷанд ва пешвои онҳо Темурмаликро нашикастанд. Темурмалик аз ин қувваҳо лашкари бонизому нерӯманде ташкил намуда, бар зидди чингизиён бархост, то ки шаҳри Урганҷро дар дасти худ нигоҳ дорад. Ҳатто ба ӯ муяссар гардид, ки шаҳри калонтарини поёноби дарёи Сир Ёникентро аз чанголи муғулони нопок озод кунад. Баъд аз ин Темурмалик бо писари Муҳаммади Хоразмшоҳ Ҷалолуддини Мангубердӣ, ки пас аз гурехтани падараш ба тахт нишаста, баръакси падараш дар задухӯрдҳои шадиди зидди муғулҳо диловариву шуҷоат нишон дода буд, ҳамроҳ шуд. Темурмалик дар бисёр муҳорибаҳои дар музофоту ноҳияҳои Хуросону Афғонистони имрӯза баамаломада муғулкушӣ карда, дастболо шуд. Асбаски дар байни сарлашкарони Ҷалолуддин тифоқӣ, ягонагӣ, якдилӣ, яктанӣ набуд ва ин касалӣ ба ӯ аз замони падараш мерос монда буд, Темурмалик дигар корнамоиҳои ҷангии худро давом дода натавонист ва маҷбуран ба Хоразм баргашт. Хабари омадани Темурмалик ба маъмурони муғул расид. Маъмурон ин хабарро ба Чағатой, ки бадтарин ва хунхортарин писари Чингизхон буд, расонданд. Бо фармони ӯ муғулҳо аз пайи Темурмалик шуданд ва ӯро дастгир карда куштанд. Чунон ки С.Айнӣ дар очерки таърихии худ«Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» менависад, ҳангоми ба хок супоридан аз миёнбанди Темурмалик халтачае ёфтанд, ки дар он як каф хок ва як порча коғази хатнок буд ва дар он чунин навишта шудааст: «Эй он ки мурдаи ман ба дастат меафтад, агар некхоҳи одамон ва ватандӯстон бошӣ, маро бо ин як каф хок гӯрон, ки ин ёдгории ватани азизи ман аст!». Дар охири хат ин байт ҳам буд:

«*Атри кафан зи хоки ватан кардам орзу,*
*Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок!*» [6,192].

Омӯзгор дар аввал мавзуъро ба хонандагон нақл намуд ва баъд ба хонандагон таклиф намуд, ки биёед нақшҳоро байни худ тақсим намуда. Нақши сардори муғулҳо ба Эраҷ вобаста шуд. Қайд намудан лозим аст, ки ҳангоми тақсими нақшҳо омӯзгор ягон ҳарфе дар бораи рафтори ношоистаи Эраҷ намегӯяд. Хонандагон, ки дар ин ё он нақш бозӣ карданро дӯст медоранд, бо хушнудӣ розӣ мешаванд, ки иштирокчии саҳначаи хурдакаке гардидаанд. Дар он ҷо қувваи некӣ бо бадӣ мубориза мебарад. Эраҷ низ хурсанд буд, ки иштирокчии ин саҳнача бошаду муборизаҳои шадидро дар ҳақиқат инъикос намояд. Пас аз ин саҳнача Эраҷ дар ҳақиқат фаҳмид, ки нисбат ба ҳамсинфонаш муносибати нодуруст кардааст ва баъди гузаронидани ин дарси фанни таърихи халқи тоҷик рафтори ӯ куллан тағйир ёфт. Истифодаи чунин усули тарбиявӣ имконият медиҳад, ки дар хонандагон бе мушкилӣ ба таври равшану диққатҷалбкунанда эҳсоси худшиносии миллӣ ташаккул дода шавад. Омӯзгорон махсусан, аз усул ва воситаҳои таълимӣ бо мақсади пешгирӣ намудани хасташавии хонандагон дар дарсҳо барои таъсирбахш гардидани тарбияи худшиносии миллии онҳо истифода мебарад. Ба ин офаридани нақшҳо аз рӯйи мавзуъҳои «Империяи Кӯшониён» (синфи 5), «Ташкили давлати Сосониён» (синфи 6), «Шӯриши шоҳзодагони Суғд бо сарварии шоҳ Ғурак дар солҳои 719-720» (синфи 6), «Шӯриши Восеъ» (синфи 9) ва ғ. мисол шуда метавонанд. Дар раванди таҳқиқ, ки дар муассисаҳои озмоишии МТМУ №№71, 57, 77-и шаҳри Душанбе, МТМУ №№1-и шаҳри Ваҳдат, МТМУ №№ 1, 2 ноҳияи Рӯдакӣ анҷом дода шуд, бо хонандагони синфҳои 6, 7 корҳои фаҳмондадиҳӣ, чорабиниҳои гуногун анҷом дода шуд. Дар натиҷаи кори чандинсола бо ин муассисаҳо имкон пайдо шуд мушоҳида намоем хонандагони синфҳои 6,7 хонандагоне ҳастанд, ки нисбат ба хонандагони синфҳои болоӣ бештар ба масъалаи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ аҳамият медиҳанд. Сабаб он аст, ки ин синну соли гузариш ба навҷавонӣ аст ва андешаҳои гуногун доир ба зиндагӣ: Ман кӣ ҳастам?, Чаро зиндагӣ чунин аст? Аҷдоди ман кист? онҳоро фаро мегирад ва дар ҷустуҷӯйи пайдо намудани ҷавоби чунин саволҳо мешаванд. Дар ҳамин марҳила омӯзгори фанни таърихро лозим аст, ки оид ба масъалаи тарбияи худшиносии миллӣ боз ҳам беҳтару бештар бо онҳо кору фаъолият намояд.

Манфиатҳои миллиро ҳифз намудан аз ҷониби шаҳрвандон қарзи шаҳрвандии ҳар як аз онҳо мебошад. Ба ин мақсад вақте расидааст, ки таълим ва тарбияи дурусти худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ ба роҳ монда шавад.

**АДАБИЁТ:**


1.Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров, – Душанбе: «Нашриёти муосир», - 2020. – 976

2.Лутфуллозода М. Педагогикаи миллии тоҷик. - Душанбе Сифат.- 2015 703с.

3.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе 22.12.2017- 47с.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе 22.12.2020- 36с.

5.Рубинштейна С. Л. Философско-психологическая концепция / С. Л. Рубинштейна, К. А. Абульханова-Славская, А. В. Брушлинский, – Москва : Наука, 1989. – 243с.

6. Хоҷаев С.Р. Таърихи халқи тоҷик. (Китоби дарсӣ барои синфи 7-ум. Душанбе Маориф, 2002,192 саҳ.,

7. Шарифзода Ф., Файзалиев Ҷ. Ҳикмати афкори педагогии ниёгон- Душанбе «Ирфон».- 2012, 402 с.

9.Шахлои А. Т. Тарбияи худшиносии миллӣ дар раванди омӯзиши эҷодиёти Бозор Собир / А. Т. Шахлои. Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф 2021, №1(31).


**Шарифова С.**

**ТАРБИЯИ ХЕШТАНШИНОСӢ ВА ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ МАВЗӮИ “ТЕМУРМАЛИК- САРВАРИ МУДОФИА” ДАР СИНФИ 7-УМ**


Дар мақола сухан оид ба Тарбияи хештаншиносӣ ва ватандӯстии хонандагон зимни таълими мавзуи «Темурмалик- сарвари мудофиа» дар синфи 7-ум меравад. Чунки оянда ва бақои миллат ба он вобаста аст. Дар баҳсҳои илмии муосир масъалаи муҳимми ҳалталаб ҷаҳонисозии миллатҳо ва фарҳангҳо аст. Хатар эҷод намудани он ба арзишҳои миллӣ, эстетика ва ахлоқ махсусан, таъсири он ба насли ҷавон зарурат ба миён овардааст, ки ин масъала ҳаматарафа омӯхта, таҳқиқ намуда шавад ва ҳалли худро ёбад. Ҳалли ин масъала ба худшиносии миллии ҳар як фарди ҷомеа вобаста буда, таваҷҷуҳи бисёр олимони педагогро низ ба худ ҷалб намудааст. Азбаски дар ҷаҳони муосир тазодҳои бисёр ба назар мерасанд ва ба задухӯрдҳо низ сабаб шуданашон мумкин аст, дар муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ низ ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ додан лозим аст.


***Калидвожаҳо:*** *таълим, омӯзгор, фанни таърих, худшиносӣ, хонанда*

**Шарифова С.**

**ВОСПИТАНИЕ САМОПОЗНАНИЯ И ПАТРИОТИЗМА УЧАШИХСЯ В ХОДЕ ПРОВЕДЕНИЯ ЗАНЯТИЯ « ТЕМУРМАЛИК НАЧАЛЬНИК ОБОРОНЫ» В 7 КЛАССЕ**


В статье речь идет о воспитании у учащихся самопознания и патриотизма в ходе преподавания темы «Темурмалик, начальник обороны» в 7 классе. Потому что от этого зависит будущее и вечность нации. В современных научных дискуссиях важным вопросом является глобализация наций и культур. Его угроза национальным ценностям, эстетике и этике и, в частности, его влияние на молодое поколение требуют тщательного изучения, исследования и решения этого вопроса. Решение этой проблемы зависит от национального самосознания каждого члена общества и привлекало внимание многих ученых-педагогов. Поскольку в современном мире существует множество противоречий, которые могут привести к конфликтам, необходимо уделить серьезное внимание этому вопросу в образовательных и научных учреждениях.


***Ключевые слова:*** *образование, учитель, история, самопознание, читатель.*

**Sharifova S.**

**EDUCATION OF SELF- KNOWLEDGE AND PATRIOTISM OF STUDENTS DURING THE LESSON «TEMURMALIK CHIEF OF DEFENSE» IN THE 7TH GRADE**


The article deals with the education of students of self-knowledge and patriotism in the course of teaching the topic "Temurmalik, head of defense" in the 7th grade. Because the future and eternity of the nation depends on it. In modern scientific discussions, an important issue is the globalization of nations and cultures. Its threat to national values, aesthetics and ethics and, in particular, its impact on the younger generation requires careful study, research and solution of this issue. The solution to this problem depends on the national identity of each member of society and has attracted the attention of many scientists and

educators. Since in the modern world there are many contradictions that can lead to conflicts, it is necessary to pay serious attention to this issue in educational and scientific institutions.

***Key words:*** *education, teacher, history, self-knowledge, reader*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Шарифова Санавбар** - ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, адрес: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони С. Айни, 126.
**Сведения об авторе: Шарифова Санавбар** – научный сотрудник Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 126.
**Information about the author: Sharifova Sanavbar -** Researcher, Institute for the Development of Education named after Abdurahmon Jomi, Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S. Ayni st., 126.

**МАҶИДОВ Ҷ.**

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ИТТИЛООТИЮ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАНИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Ба туфайли соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, хушбахтона омӯзиши таърихи миллат ва мақоми он дар ҷомеа вазифаи муҳими таълим баргузида шудааст. Воқеан, таърих ин хотираи инсон мебошад. Бинобар он, ҳар як фард бидуни омӯзиши таърихи кишвари худ аслу насаб ва маърифати буму ҷомеаашро пойдору бегазанд нигоҳ дошта наметавонад, аз решаи хеш дур ё канда шуда, ба вартаи гумномӣ ё фано қадам мениҳад. Яъне, «инсон таърихи гузаштаи худро фаро нагирад, табиист, ки аз зоти худ, роҳи тайкарда, дастовардҳои сиёсиву фарҳангӣ ва бурду бохти мардумонаш бехабар монда, чун махлуқи одамсурат, вале бепарво, бемасъулият, бенишон умр ба сар мебарад.[8,5].Имрӯз, ки мардуми кишвар ба худшиносӣ ва барқарор кардани хотираи таърихиии хеш ниёз дорад, вазифаҳои маводи таълимӣ аз фани таърихи халқи тоҷик бояд чунин бошанд:

-мусоидат намудан барои ба даст овардани маълумотҳои комили таърихи халқи тоҷик ;

-ташаккул додани тасаввурот ва ҷаҳонбинӣ дар бораи марҳилахои асосии рушди давлати сермиллати Тоҷикистон;

-нишон додани таърихи халқи тоҷик ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таърихии ҷаҳон;

-ошкор намудани моҳияти ҷараёни таърих хамчун таҳаммули ҷидду ҷаҳди бисёр наслҳо[8,7].

Ин нуқтахо бар он далолат мекунанд, ки имрӯз ҷомеаи моро лозим ва зарур аст, ки рӯ ба сӯйи маърифат орад. Дар ин самт таълими фани таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар мадди аввал меистад, зеро маҳз аз мактаб-таълимгоҳ тарбияи ахлоқию маърифатӣ оғоз меёбад. Маҳз, мактаб поягузори тарбияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ташаккули шахсияти муҳассилин мебошад, яъне мактаб хишти аввалро мегузорад ва аз чи гуна гузоштани хишти аввал ояндаи ҷомеа вобаста аст ва чи гуна шахсиятҳоро ба воя расонидан маҳз аз таълиму тарбияи мактаб поягузорӣ мешавад. Ба роҳ мондани таълими дуруст ва босамари фанни таърих дар муассисахои таҳсилотӣ ва дар заминаи он ба роҳ мондани тарбияи ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, ташаккули рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллию таърихӣ, ҳамзамон ташаккули шахсияти босалоҳият, ки тавонад дар рушди ҷомеа саҳм гузорад, яке аз вазифахои мухими таълими фани таърихи халқи тоҷик дониста мешавад.

Мусаллам аст, ки таълими фани таърихи халқи тоҷик дар макотиби миёна имрӯзҳо ба навсозии назарраси мазмун ва усулҳои таълим, стандарткунонии таълим ниёз дорад, ки мутахассисони соҳа низ дар ин росто пажӯҳишҳои зиёд карда истодаанд. Ҳама дар як андешаанд, ки барои пешкаш кардани дарси пурсамару шавқовар барои хонандагон чӣ лозим аст. Ба андешаи мо, мақсади асосии таълими фанни таърих дар умум ин ташаккул додани қобилияти хонандагон дар ҳалли мустақилонаи масъалаҳо ва фаъолиятҳои гуногун дар асоси истифодаи таҷрибаи иҷтимоӣ, ки унсури он таҷрибаи худи хонандагон мебошад, зоҳир меёбад. Омӯзгори фани таърих бояд талабагонро дар сатҳе тарбия намояд, ки онҳо маълумоти зиёди таърихиро бархӯрдор гарданд, аз нигоҳи интиқодӣ рӯйдодҳо ва маводи

таърихиро таҳлил карда тавонанд, андешаи худро роҷеъ ба муҳимтарин рӯйдодҳои таърихӣ озодона баён карда тавонанд. Тақозои муносибати босалоҳият дар нисбати омӯзиши фани таърих низ дар ҳамин ифода меёбад. Яъне, мақсад аз ташкили раванди таълим фароҳам овардани шароит барои ташаккули таҷрибаи мустақилона ҳал карда тавонистани масъалахои маърифатӣ, иттилоотӣ, ташкилӣ, ахлоқӣ ва дигар масъалаҳое мебошад, ки мазмуни фанни таърихи халқи тоҷикро фаро мегиранд. Муҳайё гардидани чунин шароит омили асосӣ барои ташаккул ёфтани салоҳиятҳои фани таълимшаванда мегарданд.

Бояд мутазаккир шуд, ки дар раванди таълими ҳар як фан рушди салоҳиятҳои хоси ин фан дар ҳамгироӣ бо салоҳиятҳои фанҳои ба он наздик ба роҳ монда мешавад. Коршиносон ба омӯзгорон тавсия медиҳанд, ки дар пояи салоҳияти фаннӣ салоҳиятҳои умумифанӣ низ ташаккул дода шавад. Чунончи:

-салоҳиятҳои маърифатӣ- таҳлилӣ, ки истифодаи дониш, таҷриба ва ақидаҳо, таҳлили алоқамандиҳо ва муносибати мутақобилаи акидаҳоро тақозо намуда, тахлили вазъияи таърихиро бо ибрози нуқтаи назар дар вазъияти нави таълимӣ ифода мекунад;

- салоҳияти маърифатӣ-эҷодӣ, ки ҳавасмандӣ ва мароқ зоҳир намудан ба рӯйдодҳои ҷаҳонӣ, ҳодисаву воқеахои ғайримуқаррарӣ, таҳқиқи фарзияҳоро дар бар мегирад;

-салохияти маърифатӣ-таҳқиқӣ, ки таҳлил ва баҳодиҳӣ ба ҳодисаҳои таърихӣ, ақидаву назарияҳо ва рӯйдодҳои таърихиро ифода менамояд;

-салоҳияти худшиносӣ ва мустақилият ин худро дарк ва хифз карда тавонистан, фарҳанг, забон, миллат ва ватани худро эхтиром намудан, одамон ва фарҳанги гуногунро омӯхтан ва ба онҳо эҳтиром зоҳир намудан, қоблиият ва шавқу завқи шахсиятҳоро қадр кардан ва таъсири мусбати онҳоро нисбат ба ҷомеа дарк намудан мебошад.

Кобил ба қайд аст, ки салоҳиятҳои дар боло номбар кардашуда асосан дар пояи салоҳиятҳои асосӣ, ба хусус салоҳияти маърифатӣ ва иттилоотӣ дар раванди таълими фани таърих ташаккул дода мешаванд. Аз ҷумла:

**Салоҳияти маърифатӣ.** Рушди ин салоҳият хонандаро, чуноне ки дар боло ёдрас намудем, ба дарки ҳодисаҳо, қобилияти дидану эҳсос кардан ва аз ҳама муҳимаш таҳлил кардани ҳодисахои таърихӣ, муайян намудани нақши фард дар ҷомеа, муайян кардани рафтори шахсиятҳои таърихӣ ва қабул кардани қарори одилона, боадолатона арзёбӣ кардани ҳодисахои таърихӣ омода менамояд.

Мусаллам аст, ки қарни XXI дар миқёси ҷаҳон дар назди шахрвандони ҷумҳирамон масъалаҳои ҷиддие мегузорад. Барои ҳалли онҳо шаҳрвандон бояд таърих ва расму оинҳои халқи худро хуб дониста, дорои фарҳанги баланди сиёсӣ, ахлоқи ҳамида, ватандӯсти ҳақиқӣ, меҳнатдӯст, боодобу хушахлоқ, муборизи тантанаи арзишҳои умумибашарӣ бошанд. Танҳо омӯзиши сабақандӯзонаи таърих, расидан ба қадри давлати миллӣ ва дигар арзишҳои волои халқамон кӯмак мекунанд то беадолатиҳое, ки нисбати халқу миллати мо шудаанд, такрор нагарданд. «Он захмҳое, ки дар сароғози бунёди давлати шӯравӣ аз табартақсими ҳудуди таърихии тоҷикон бар қалби миллати мо нишастаанд ва ин табартақсим асосан бо саҳми тоҷикони аслу насабгумкарда ва бегонапараст сурат гирифтааст, ҳанӯз хуншоранд»[9,4]. Дар ин замина андешаманди испанӣ Ҷорҷ Сантан хеле хуб гуфтааст: «Ононе, ки аз таърих дарс намегиранд, маҳкум ба такрораш мебошанд [11,517].

Аз гуфтахои боло ба андешае метавон омад, яке аз вазифаҳои муҳими дар назди муассисаҳои таъҳсилоти умумӣ истода ин тарбияи ватандӯстии ҳар як хонанда мебошад. Бояд зикр кард, ки тарбияи ватандӯстӣ ин тарбияест, ки дар натиҷаи он шахрвандон Ватан, яъне ҷумҳурии соҳибистиқлоли худро дӯст дошта бахри дифои он, рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии он софдилона заҳмат мекашанд. Ин аст, ки мақсади асосии ба омӯзиши таърихи миллат ҷалб кардани хонандагон ин дар онҳо тарбия кардани хусусияти ватанпарстӣ мебошад, ки он дар самтҳои асосии зерин ба роҳ монда мешавад:

-омӯзиш ва гиромидошти мероси таърихию фарҳангӣ ва арзишу суннатҳои он, ки дар дарк намудани хусусиятҳои маърифатии сарчашмаҳои илмию таърихӣ, инкишофи маданият, дарки моҳияти Ватан, тақдири он, ифтихор аз гузаштагон ва шахсиятҳои маъруф, омӯзиши таърихи ватан, омодагӣ ба хизмати ҳарбӣ, ташаккули сифатҳои масъулияти ҳарбӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ баҳри ҳимоями ватани худ аз хатархои берунӣ, дарки хусусиятҳои миллӣ, урфу одат ва анъанаву суннатҳои мардуми худ ифода

меёбад. Ин самти тарбия бештар дар ҳамгирой бо унсурҳои тарбияи худшиносӣ ва хештаншносӣ амалӣ карда мешавад.

-ташаккули хисси миллӣ-ватандӯстии наврасону ҷавонон, ки он сарчашмахои худро аввалан аз мухити оила ва сипас аз ҷамъият- боғча, мактаб, донишгоҳ ва коргоҳ мегирад. Яъне, ҳисси муҳаббат ба ватан дар хаёти ҳар як инсон, ҳар як миллат мавқеи хоса дорад. Ин ҳиссиёт ва муҳаббат ба миллат, анъана, Ватан ҳамеша аз оила оғоз ёфта, дар зиндагӣ дар ҷамъият ташаккул меёбад[4,12].

Ба андеши мо, омили муфид барои тарбия намудани наврасону ҷавонон дар рӯҳи ватандӯстӣ ва дуруст ба камол расонидани насли наврас ин тибқи муносибати босалоҳият ба роҳ мондани омӯзиши фанни «таърихи халқи тоҷик» мебошад. Дар раванди татбиқи ин муносибат яке аз роҳҳои самаранок ба роҳ мондани таълими таърих ин истифодаи роҳу воситахое мебошад, ки тавассути онҳо дар раванди таълим сиалоҳиятҳои маърифативу иттилоотии хонандагон ташаккул ёбад. Аз ни рӯ, дар раванди таълими таърих рӯ овардан ба чунин усулҳои инноватсионии таълим аз қабили проблемагузорӣ, мубоҳиса, лоиҳагузорӣ(рӯйи ин методҳо дар таҳқиқоти оянда бештар муҳокимаронӣ хоҳем кард) мувофиқи мақсад буда, он яке аз роҳҳои асосии ташаккули салоҳиятҳои хонандагон аз фанни мазкур, ки унсурҳои асосии он маърифатнокӣ, зиракӣ, тамоилгирӣ ва амалиётӣ мебошад, махсуб меёбад.[5;6;3]. Муҳаққиқ Маҳкамов Д. зикр мекунад, ки дар раванди истифодаи чунин технология мубодилаи афкор ба сифати тарзи ташаккулдиҳандаи салоҳияти хонанда баромад мекунад.[5,44]. Мо низ тарафдори онем, ки барои хуб аз худ намудани мавод ва дар худ ташаккул додани салоҳияти маърифативу коммуникативӣ ва иттилоотӣ хонандагон дар дарсҳои таърих бояд аз тарзи мубодилаи афкор бештар истифода баранд. Барои он ки хонандагон маводро хуб аз худ намоянд, омӯзгор бояд дар раванди таълим истифодаи мубодилаи афкорро бештар ҷорӣ намояд, то ки хонандагон байни худ табодули назар кунанд. Чунки мубоҳиса дар дар дарс самаранокии ҷараёни таълимро таъмин менамояд. Он шароитеро ташкил мекунад, ки хонандагон озодона табодули назар мекунанд, андеша, дониш ва таҷрибаи муҳокима ва таҳлил кардани рӯйдодҳои таърихиро бархӯрдор мегарданд ва ин фаъолият бевосита барои дар онҳо ташаккул ёфтани салоҳиятҳои иттилоотӣ замина мегузорад. Пас, салоҳиятҳои асосӣ танҳо дар таҷрибаи фаъолияти худи хонандагон ташаккул меёбанд, аз ин рӯ, муҳити таълимӣ, чуноне ки дар боло зикр намудем, бояд тавре сохта шавад, ки хонанда худро дар вазъияте тасаввур кунад, ки барои ташаккули ӯ дар ҳаёти минбаъда мусоидат карда тавонад.[3;4;5]. Воситаи ёрирасони бисёр ҷолиб дар ин маврид, ба назари ман, истифода аз усули тадқиқотии таълим, ба хусус истифодаи технологияи кор тибқи лоиҳаҳо қобили қабул аст. Тибқи мушоҳида дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик маълум гардид, ки хонандагон зимни татбиқи ин технология бевосита фаъол гардида, ба ҷараёни фаъолияти маърифатӣ ворид мегарданд, рӯйи лоиҳае, ки бояд дар синф пешниҳод кунанд, мустақилона кор бурда, мушкилиҳои таълимиро ҳал менамоянд ва зимни муаррифӣ кардани мавзӯъ, яъне лоиҳаи худ онҳоро пешниҳод намуда, хулабарорӣ мекунанд, ба фаъолияти худ баҳогузорӣ менамоянд. Муҳаққиқ Маҳкамов Д. роҷеъ ба истифодаи технологияхои таълим дар равандати ташаккул додани салоҳиятҳои маърифатӣ сухан ронда, қайд намудааст, ки натиҷаи зарурии таълим дар асоси технологияи лоиҳавӣ ин аз бар кардани барномаи таълимӣ аз тарафи хонандагон мебошад. Пас аз бар кардани барномаи таълимӣ маҳорати татбиқ намудани он дар фаъолияти амалӣ ҳамчун олоти майлгирӣ ва сохтори захираи маълумот барои хеш амалӣ мегардад.[5,] . Ҳангоми омода кардани ҳама гуна лоиҳа ба хонанда лозим аст, ки чӣ гуна қарор қабул кардан, ҳадаф гузоштан ва самти амали худро муайян карданро омӯзад ва пасон лоиҳаи худро рӯйнамой кунад. Хонанда кӯшиш мекунад, ки барои ҷолиб баромадани лоиҳаи худ аз асбобҳои аёнӣ, ба амсоли компютер, слайдҳо, сабти видеоӣ, суратҳои марбути мавзӯъи дар лоиҳа дарҷ гардида ва ғайра истифода барад, ки ин худ сатҳи ташаккулёбии салоҳияти маърифатӣ-эҷодкории хонандаро муайян мекунад. Хонанда масъул аст, ки ҳамчунон миқдори вақти барои рӯйнамоӣ ҷудо кардашударо ба инобат гирад. Ин иқдом барои ташаккул ёфтани салоҳияти арзишӣ-маъноӣ ва салоҳияти умумифарҳангӣ асос мегардад. Нуктаи назари худро пешниҳод намудан, нуқтаи назари шахси дигарро қабул ва фаҳмидан ин дар хонанда ташаккул ёфтани салоҳияти умумифарҳангӣ; мустакилона маводи барои кор заруриро дарёфт намуда, нақша тартиб додан, тахлил ва арзёбӣ кардан, хулоса баровардан аз хатохои худ ва аз хатоҳои рафиконаш ибрат гирифтан ин салохияти тарбиявию

маърифатӣ мебошад. Илова бар ин, хонандагон аз воситахои ахбори умум, технологияҳои иттилоотии муосир(интернет ва дигар расонаҳо) маълумот ҷамъ мекунанд ва барои муҳокима дар дарс пешниҳод менамоянд. Ин доро будан ба салоҳияти иттилоотиро нишон медиҳад. Муаррифии худ ва кори худро ёд гирифтан, нуқтаи назари шахсии худро ҳимоя кардан, ба баҳс роҳбарӣ кардан, ақидаи худро талқин намудан, ба саволҳо ҷавоб додан ин ташаккулёбии салоҳияти коммуникативӣ мебошад. Хонанда, ки аз рӯйи лоихаи худ кор мекунад, шахсият буданро ёд мегирад, зарурият ва ахамияти кори ичрокардаашро дарк мекунад ва ин ҳам кобилияти ичтимоию мехнатӣ ва ҳам салохияти худтакмилдихии хонандаро нишон медиҳад. Дар ин раванд омӯзгор нақши мушовир ё ёрдамчиро иҷро мекунад. Омӯзгор ҳангоми гузаронидани дарс саъй мекунад, ки шогирдаш аниқ фаҳмида бошад, ки имрӯз, дар дарс чиро ва чӣ тавр омӯхт ва дониши гирифтаашро минбаъд дар ҳаёт чӣ тавр истифода бурда метавонад.

Қобили зикр аст, ки салоҳохияти маърифатӣ бештар ҳангоми ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ, фароғатӣ, таърихӣ, инчунин бо роҳи ба таври проблемавӣ пешниҳод намудани мавзӯи нав, гузаронидани тадқиқоти хурд дар асоси омӯзиши мавод хеле хуб ташаккул дода мешавад. Масалан, дар озмунҳо иштирок кардани хонандагон, ки супоришҳои ғайристандартӣ, яъне берун аз курси мактабиро дар бар мегирад, аз хонанда тафаккури мантиқиро талаб мекунад.

Дигар самт, ин ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ мебошад, ки он моҳиятан ба тарбия ва инкишоф додани қоблияти эҷодии хонандагон, ба онҳо омӯзонидани фаъолкорӣ равона карда мешавад. .[5;6;7].Ин фаъолият дар он зохир мегардад, ки хонанда маводи таълимиро таҳлил, мукоиса, мушаххас карда, худаш аз он маълумоти нав мегирад. Мафҳумҳои нави таърихӣ фаҳмонда дода намешавад. Омӯзгор хонандаро ба мустақилона муқоиса кардани факту далелхо водор менамояд, ки дар натича вазъияти чустучуйӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин замина салоҳияти маърифатӣ-ҷустуҷӯйӣ инкишоф меёбад.

Мо дар таҷрибаи худ , баъзан ба хонандагон имкон медиҳем, ки як параграфи китоби дарсиро мустақилона омӯхта, хулосаи мухтасари ин бандро ҳамчун вазифаи хонагӣ нависанд. Ба талабагон супориш дода мешавад, ки дар як абзатс чизи асосиро муайян кунанд. Дар натичаи ин хонандагон на танхо маводи омӯхташавандаро чуқуртар мефахманд, балки интихоб кардани чизи асосиро ёд мегиранд, аҳамияти онро на танхо барои дигарон, балки беш аз ҳама барои худашон асоснок мекунанд.

Дар хонандагон ташакул додани **салоҳияти иттилоотӣ** дар фазои таҳсилоти муосир дар давраи ҷаҳонишавӣ самти асосии муносибати босалоҳият ба таълим маҳсуб меёбад. Аслан, ин салоҳият дар раванди таълими фанни таърих дар заминаи салоҳияти маърифатӣ дар хонандагон ташаккул меёбад. Бояд мутазаккир шуд, ки ҷаҳонишавии тамаддунҳо ба анъанаву расму оин ва фарҳанги миллии ҳар як кишвар зарбаи сахте мезанад. Он ҷомеаҳое, ки анъана ва фарҳанги миллии худро ҳифз карда наметавонанд, ба мушкилиҳои зиёд дучор меоянд. Рушди бемайлони технолоҷӣ дар ибтидои асри XXI дар фазои сиёсии ҷаҳон ҷанги нав-«ҷанги иттилоотӣ»-ро ба миён овард. Ҷанги иттилоотӣ ҷангест, ки на бо аслиҳа ва артиш, балки бо зарбаҳои иттилоотӣ ба ҷахони сиёсӣ ва фарҳанги миллии кишварҳо бурда мешавад. Технологияи муосир ба абаркудратҳо имкон фароҳам овард, ки бо зарбаҳои иттилоотӣ ба ҷомеаҳои ноустувор ҳамла намоянд. Зарбаҳои иттилоотӣ ба кишварҳои камкудрат оқибатҳои вазнин меорад. Фазои сиёсиро ноором менамояд, ахлоқи ҷомеаро вайрон намуда, ба анъанаҳо ва фарҳанги миллӣ осеб мерасонанд. Зарбаҳо асосан ба ҷомеаҳои камкудрат зада мешаванд. Дар ин «ҷанг» на аслиҳа ва артиш лозим аст, балки зарурати маърифатии дифои ҷомеа ба миён меояд.[8;3].Маҳз, рушди бемайлони маърифат ҳамчун аслиҳаи пуриқтидор бар муқобили чунин зарбахои иттилоотӣ монеъ шуда метавонад ва ба ҷомеа имкон фароҳам меоварад, ки фазои сиёсии худ, анъаноти миллӣ ва фарҳанги миллии худро ҳифз намоянд.

Барои ташакул додани фарҳанги иттилоотӣ таълими фани таърих бояд дар ҳамгироӣ бо барномаҳои курси информатика ба роҳ монда шавад. Ин иқдом барои фаъолияти мутақилона кардани донишандӯзон, аз ҷумла таҳқиқ, коркард ва дар амал татбиқ карда тавонистани иттилооти ба дастоварда кӯмак расонида, барои инкишофи шахсият, ташаккули салоҳиятҳои худомӯзӣ ва фаъолияти эҷодии хонандагон нақши муҳим мебозад. Насли имрӯз бошандагони ҷомеаи нави иттилоотӣ мебошанд. Ниёзи онҳо барои соҳиб шудан ба малакаҳо ва қобилиятҳои нав ба нави марбут ба кор бо иттилоот лаҳза ба лаҳза меафзояд. Мақсади асосии Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба он

равона карда шудааст, ки ҷавонон пас аз хатми мактаб барои некуаҳволии худ ва ободии ҷомеа, ҳифзу нигоҳдории арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии миллати худ омода бошанд[13], яъне ҳар як хатмкунандаи муассисаи таълимӣ аз лиҳози моддӣ таъмин ва аз лиҳози маънавӣ тшаккулёфта бошад. Аз ин лиҳоз, натиҷаи асосии фаъолияти муассисаи таълимӣ бояд на дар системаи дониш, малака ва маҳорат дар худи хонанда, балки маҷмӯи салоҳиятҳои асосӣ дар соҳаҳои зеҳнӣ, ҳуқуқӣ, коммуникативӣ ва иттилоотӣ ҳувайдо гардад.

Дар самти ташаккул додани салоҳиятҳои маърифатию иттилоотии хонандагон дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик вазифаҳои зеринро анҷом додан қобили қабул аст:

-муассисаҳои таълимӣ бояд бо омӯзгорони касбӣ, ки дорои дониши баланди назариявӣ ва маҳорати хосаи дар амал татбиқ карадни технологияи маълумотро дошта бошанд, таъмин карда шаванд;

- омӯзгорони фани таърих худ ҷараёни моддӣ ва ахбориро таҳлил карда тавонанд ва хонандагонро низ ба ин самт равона кунанд ;

-ба воситаи технологияи иттилоотӣ ахборотро коркарда карда тавонанд.

Ба ҳамин тариқ, имрӯз ҷомеаи тозаистиқлоли моро лозим ва зарур аст, ки рӯ ба сӯйи маърифат орад. Дар ин росто мақсади таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти ташаккул додани салоҳиятҳои маърифатию иттилоотӣ ба хотири худогоҳиву худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ дар мадди аввал меистад, зеро маҳз аз мактаб тарбияи ахлоқию маърифатӣ оғоз меёбад. Маҳз, мактаб пояҳои ибтидоии тарбияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ташаккули шахсияти муҳассилинро мегузорад. Ба роҳ мондани таълими дуруст ва босамари фанни таърих дар умум дар муассисахои таҳсилоти умумӣ ин роҳи ягонаи ҳалли вазифаҳои душвори дар пеши ҷомеаи тозаистиқлол истодаи мо мебошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Вагин А. Методика преподавания истории в средней школе.- М.: Просвещение, 1968.
2. Видюкова Н.В. Актуальность применения информационных технологий при формировании ключевых компетенций учащихся. Пед. мастерская 2004, №4.
3. Иматова Л. Тамоюлҳои асосии рушди таҳсилот ва роҳҳои татбиқи онҳо дар ҷараёни таълим. / Паёми Пажӯҳишгоҳи рушдимаориф, 2020, №1 (29), с.7.
4. Лутфуллозода М. Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо.-Душанбе, 2017.85 с
5. Маҳкамов Д. Асоев М. Технологияи инноватсионии татбиқи муносибати босалоҳият дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ. Душанбе-2009, 113 с.
6. Маҳкамов Д. Саъдуллоева Г.М. Педагогикаи «Муносибати босалоҳият» дар таълим. Душанбе-2021, 141с.
7. Методика обучения истории в средней школе. Ч. II / Под ред. Н.Г. Дайри. – М.: Просвещение, 1978.
8. Методика преподавания истории в средней школе / Ежова С.А. и др. – М.: Просвещение, 1986.
9. Назиров Н. Файзулооева И. Мухтавои китобҳои дарсӣ ва ҳадафҳои асосии омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ дар макотиби миёна ва олии ҷумҳурӣ. Маорифи Тоҷикистон №4, 2021.
10. Раҳмон Э.Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат.Душанбе, 2012.
11. Сайидзода З. Тоҷикистони муосир: масъалаҳои мубрами истиқлоли миллӣ. Душанбе, 2016. 302с.
12. Туронов С. Муносибати босалоҳият ба таълим:-Душанбе, 2017. 57 с.
13. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, 3334 тасдиқ шудааст.


**Маҷидов Ҷ.**

**ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ИТТИЛООТИЮ МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАНИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК**

Дар мақола муаллиф моҳияти ташаккули салоҳиятҳои маърифативу иттилоотиро дар раванди таълии фани таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва нақши онро дар ташаккули шахсияти муҳассилин мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф зикр намудааст, ки истифодаи технологияи инноватсионии таълим дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик барои ташаккул додани салоҳ иятҳои маърифативу иттилоотии хонандагон нақши бориз дорад.

Ҳамчунон таъкид ба амал оварда шудааст, ки барои беҳдошти сатҳу сифати таълими фанҳои таърих дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ омӯзгорони соҳибихтисос ба риштаи таълиму тарбия ҷалб карда шаванд. Ҳамчунон иброз дошта шудааст, ки таълими фанни мазкур дар пояи ахлоқи миллӣ, арзишҳои миллӣ ва фарҳанги миллӣ ҳадафи асосии таълими фанҳои таърихро нишон медмҳад.

***Калидвожаҳо:*** *ташаккули салоҳиятҳои маърифатӣ, раванди таълими фани таърих, рушди қобилиятҳо, технологияи инноватсионии таълим, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муҳити таълим хонанда, омӯзгор, фаъолият.*

**Маджидов Ҷ.**

**ФОРМИРОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННО-ПОЗНОВАТЕЛЬНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДАВАНИЯ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА**

В статье автор рассматривает сущность формирования познавательно-информационных компетенций в процессе изучения истории таджикского народа в общеобразовательных учреждениях и ее роль в формировании личности учащихся. Автор отмечает, что использование инновационных технологий обучения в процессе обучения истории таджикского народа играет важную роль в формировании учебно-информационных компетенций учащихся. Подчеркивается, что для повышения уровня и качества преподавания истории в учебных заведениях страны в сфере образования должны быть задействованы квалифицированные педагоги. Также отмечено, что преподавание данного предмета на основе национальной этики, национальных ценностей и национальной культуры является основной целью преподавания истории.

***Ключевые слова:*** *формирование познавательных компетенций, процесс обучения истории, формирование способностей и умений, инновационная технология, общеобразовательная школа, обучающая среда, учитель, деятельность.*

**Majidov J.**

**FORMATION OF INFORMATION AND COGNITIVE COMPETENCES OF STUDENTS IN THE PROCESS OF TEACHING THE HISTORY OF THE TAJIK PEOPLE**

In the article, the author considers the essence of the formation of cognitive and informational competencies in the process of studying the history of the Tajik people in educational institutions and its role in shaping the personality of students. The author notes that the use of innovative teaching technologies in the process of teaching the history of the Tajik people plays an important role in the formation of educational and informational competencies of students. It is emphasized that in order to improve the level and quality of teaching history in the educational institutions of the country, qualified teachers should be involved in the field of education. It is also noted that teaching this subject on the basis of national**.**

***Keywords:*** *formation of cognitive competencies, the process of teaching history, the formation of abilities and skills, innovative technology, general education school, learning environment, teacher, activity.ethics, national values and national culture is the main goal of teaching history.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Маҷидов Ҷамшед Сунатуллоевич – унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Суроға: Тел.: 985-10-00-08

**Сведение об авторе:** Маджидов Джамшед Сунатуллоевич – соискатель Института развитии образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Айни-126. Тел.: 985-10-00-08

**Information about the author:** Majidov Jamshed Sunatulloevich - Applicant of the Institute for the Development of Education named after Abdurahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini-126 st. Phone: 985-10-00-08.

# 20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
# 20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
# 20TH ANNIVERSARY OF THE STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL DISCIPLINES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

**САФАРОВ М.**

## РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ ФИЗИКА

Ба ҳамагон маълум аст, ки мо дар татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръти кишвар қарор дорем ва ин ҳадаф барои таъмини устувории иқтисодиёт заминаи амиқ мегузорад. Маҳз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, махсусан фанни физика барои ноил шудан ба ин ҳадаф роли боризро мебозад. Ба ҳамагон маълум аст, ки вазъи илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ хело нигаронкунанда боқӣ мондааст. Барои бартараф намудани ин мушкилот ва расидан ба ин ҳадаф Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз Паёмҳои солонаи худ ҳанӯз 26 декабри соли 2019 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ***солҳои 2020–2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»*** эълон намуданд. [6]

Инчунин вобаста ба ин Пешвои миллат дар Паёми солонаи худ 21-уми январи соли 2021 пешниҳод намуданд, ки: ***«- Илова бар ин, зарур мешуморам, ки ба хотири боз ҳам бештар ба омӯзиши илмҳои риёзиву дақиқ ва табиӣ ҷалб кардани наврасону ҷавонон, олимону муҳаққиқон ва устодону омӯзгорон ҳамасола озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Илм – фурӯғи маърифат» гузаронида шавад»*** ва мақомоти дахлдорро супориш доданд, ки ғолибони озмунҳо аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз лиҳози моддиву маънавӣ қадрдонӣ ва ҳавасманд гардонида шаванд. [7] Албатта, ҳама ин иқдомҳо ба вазъ ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Ҳамин тавр, ҳавасманд кардани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва омӯзгорони баландихтисосу ботаҷриба зимни омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ нақши аввалиндараҷаро мебозад. Омӯзгорони баландихтисосу ботаҷриба завқи хонандагонро бедор намуда, ба таври назариявӣ ва амалӣ исбот мекунанд, ки фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ то чӣ андоза барои ояндаи онҳо ва ҳам барои расидан ба ҳадафи чоруми саноатикунонии кишвар хело муҳим мебошанд.

Бе илми физика зиндагии ҳаррӯзаи моро тасаввур кардан номумкин аст. Сохт ва коркарди тайёраҳо, автомобилҳои боркаш ва мусофирбар, қатораҳо, компютерҳо, телефонҳои мобилӣ, шабакаи интернетӣ ва тамоми истеҳсолоти муосир маҳз ба фанни физика алоқамандии зич доранд. Дар замони муосир барои истеҳсол кардани барқ дар тамоми сохт ва коркарди нерӯгоҳҳои барқии гуногун қонунҳои электрии физикаро донистан лозим аст. Дар баробари ин, дар амалия дар соҳаи тиб, соҳаи ҳарбӣ, соҳаи саноату хӯроквории ва ғайраҳо илми физикаро ба таври васеъ истифода мебаранд. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши фанни физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯйи мазмун ва муҳтавои худ асоси маълумоти илмӣ-техникиро дарбар гирифта, рушди тафаккури техникӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо намудан ба техникаву технологияи муосирро муҳайё месозад.

Фанни физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаслҳои зеринро дарбар мегирад:

-  Фасли аввали **омӯзиши илми физика**: тасаввуроти молекулавӣ-кинетикӣ ва электронӣ, мафҳумҳои масса, зичӣ, қувва, энергия, қонунҳои Паскал ва Ом.
-  Фасли **механика**; ғояҳои нисбияти ҳаракат, чор қонуни Нютон. Конунҳои бақо; энергия, импулс, заряди электрӣ.

 Фасли **физикаи молекулавӣ-кинетикӣ ва термодинамика**: таҳқурсиҳои асосии назарияи молекулавӣ - кинетикии гази идеалӣ, қонуни якуми термодинамика.

 Фасли **электродинамика**: таълимот оид ба майдони электромагнитӣ, назарияи электронӣ, қонунҳои Кулон ва Ампер, ҳодисаи индукцияи электромагнитӣ.

 Фасли **оптика**: таълимот оид ба мавҷҳои рӯшноӣ, ҷузъиёти назарияи нисбият ва тобишҳою тайфи онҳо.

 Фасли **физикаи атомӣ (ядроӣ) ва квантӣ**: хосиятҳои квантии рӯшноӣ, постулатҳои квантии Бор, қонуни ҳамбастагии масса ва энергия**.** [9]

Дар ҳақиқат илми физика ба унвони пойгоҳи назариявии аксари соҳаҳои истеҳсолоти муосир хизмат карда, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон ба таври васеъ мавриди истифода қарор мегирад. Илми физика дар масъалаи амалӣ намудани талаботи таълими илмӣ-техникӣ нақши асосиро мебозад ва ин талабот интихоби махсус ва систематикунонии мазмуни таълим, ҳамгироии назарияро ба амалия талаб мекунад. Чӣ тавре, ки мутафаккири бузурги Юнони Қадим Аристотел (384-322 пеш аз милод) баён кардааст, ки: ***«Ақл на танҳо дар дониш аст, балки дар қобилияти истифодабарии дониш дар амал мебошад».*** Ва ё олими машҳури фалсафаи материалистии Олмон Людвиг Андреас фон Фейербах (1804-1872) низ бо ҳамин маъно гуфтааст: ***«Ҳар шубҳае, ки дар назария ҳал намешавад, амалия онро барои шумо ҳал хоҳад кард».***

Қайд кардан бомаврид аст, ки фаъолияти таълимии хонандагон махсусан дар иҷрои корҳои лабораторӣ ва амалӣ амалҳои мушаххасро талаб мекунад ва онҳо бояд хусусияти илмӣ-таҳқиқотӣ дошта бошанд. Зимни иҷрои корҳои лабораторӣ ва амалӣ малакаю маҳорати хонандагон зина ба зина ташаккул мёбанд. Инчунин дар замони муосир татбиқи технологияи мултимедӣ низ ҳангоми таълим яке аз самтҳои пешрафти иттилоотикунонии раванди педагогӣ ба шумор меравад. Технологияи мултимедӣ барои баланд бардоштани дараҷаи техникии омӯзгорону хонандагон, пешрафти бомуваффақияти татбиқи технологияҳои иттилоотӣ мусоидат намуда, дар низоми таҳсилоти фосилавӣ муносибати нави методии системаи умумии таълимро боз мекушояд. Аз ин ру, омӯзгоронро зарур аст, ки зимни таълими фанни физика технологияҳои мултимедиро бештару беҳтар истифода баранд, зеро он дарки азхудкунии маълумотро дар хонанда бо ҳиссиёт, яъне гӯш кардану тамошо карданро таъмин карда, шавқу ҳаваси хонандаро ба фанни таълимӣ зиёд менамояд. Яъне, бо тарзи маълумоти аудиоӣ (садо), маълумоти видео (сабтӣ), аниматсия (расмҳои ҳаракаткунада), рӯнамоӣ (презинтатсия) ва ғайраҳо.

Дар замони муосир маҳз усулҳои инноватсионӣ дар фанҳои табиию риёзӣ таваҷҷӯҳи хонандагонро ба барномаи таълимӣ зиёд карда, ҳавасмандӣ ва шавқи онҳоро ба мавзӯи нав меафзояд. Омӯзгорон роҳҳои муассир ва зудтари санҷиши дониши имрӯзаи хонандагонро бо тариқи: корҳои санҷишӣ, корҳои лабораторӣ, ҳалли масъалаҳо, тестҳо, саволнома, блит- пурсишҳо ба роҳ монда, санҷиши дониши хонандагонро бо тарзҳои гуногун, дар ҳар як дарс ё ҳангоми ба итмом расидани ҳар як фасли китоби дарсӣ аз рӯи гурӯҳбандӣ, вариантҳо ё умумӣ арзёбӣ мекунанд.

Дар фанни физика ҳалли масъалаҳо ҳамчун кори амалӣ вазифаи муҳимро иҷро намуда, шавқу ҳавас ва зеҳни хонандагонро ташаккул медиҳад. Масъалаҳои физикӣ ба намудҳои ҳисобӣ, графикӣ, сифатӣ, тестӣ, омехта, таҷрибавӣ, ғайристандартӣ ҷудо мешаванд. Технологияи пешниҳодшудаи замони муосир барои ҳалли масъалаҳои гуногуни физикӣ, аз худ кардани онҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки курси таълими муносибати босалоҳиятро дар фанни физика ба роҳ монда шавад. [4]

Қайд кардан зарур аст, ки тамоми китобҳои замони феълӣ, яъне фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзии вобаста ба замони муосир мутобиқ ба синну соли хонанда нашри нави муосири онҳо ба роҳ монда шавад, чунки бештари ин китобҳо аз замони Шуравӣ такрор ба такрор чоп шуда истодааст ва тағйироти ҷиддӣ ва навгониҳои илмию техникӣ кам дида мешавад.

***Малакаю маҳорати касбии омӯзгор дар замони муосир:*** Омӯзгорон дар баробари дониш омӯхтан, бояд ин малакаю маҳорате, ки дар зер оварда шудааст аз худ намояд, зеро омӯзгор на танҳо дар касби омӯзгории худ беҳтарин бошад, балки мутахассиси рақобатпазире бошад, ки ба ӯ ниёз дошта бошанд.

- ***Мутобиқшавӣ:*** Дар замони муосир илм бо суръати кайҳонӣ пеш рафта, олимон ҳамарӯза технологияҳои навро ҷорӣ карда истодаанд. Ҳамеша усулу методҳо тағйир ёфта истодааст. Аз ин ру, омӯзгори имрӯза бояд чандир бошад ва ба ихтироъоту донишҳои нав омода буда, ба талаботи рӯзафзун худро ва хонанадаро қонеъ карда тавонад.

- ***Эътимод (боварӣ):*** Омӯзгор бояд боварии комил дошта бошад - на танҳо ба худ, балки ба шогирдон ва ҳамкорони худ низ. Аслан боварӣ гузаранда аст, аз ин ру, боварии шумо ба салоҳият ва касбияти худ ин эҳсосро дар шогирдони шумо низ ба вуҷуд меорад.

- ***Муошират:*** Омӯзгор бояд малакаю маҳорати муошират хуб бо хонандагон, волидони онҳо, роҳбарият ва ҳамкорон дошта бошад. Чӣ тавре, ки маълум аст, қариб 90%-и вақти кории омӯзгор бо муошират мегузарад, аз ин рӯ, омӯзгор бояд ҳамеша нуқтаи назари худро дуруст ва нишонрас, возеҳ ва равшан ироа намояд.

- ***Қобилияти кор дар гурӯҳ:*** Омӯзгор бояд қобилияти гурӯҳӣ кор кардан бо хонандагонро дошта бошад. Онҳоро дастгирӣ намояд, дар корҳои синфии хонандагон ёрӣ расонад, ки ин пеш аз ҳама ба муваффақият ва натиҷаҳои таълимӣ таъсири мусбат расонида, барои барқарор намудани муносибатҳои солим дар синф ва хонандагон кумак мерасонад.

- ***Омӯзиши беист (non-stop):*** Омӯзгор будан маънои ҳеҷ гоҳ аз омӯзиш даст накашиданро дорад, яъне омӯзгор ҳамеша бояд хонад ва омӯзад. Дониши бисёр гирифтан ҳеҷ гоҳ зарар надорад, баръакс манфиатовар аст. Пас, гуфтан лозим аст, ки омӯзгори муваффақ – ин хонанда дар тамоми умр мебошад.

- ***Тахайюлоти ғанӣ:*** Тахайюлот - аз ҳама тавонотарин восита ва малакаи омӯзгор ба шумор рафта, бо кӯмаки он омӯзгор ҳатто бо гурӯҳи навтаъсиси зинаи ибтидоии хонандагон ҳангоми суҳбат чӣ гуна фаъолият карданашро медонад. Ба таври ҷиддӣ гӯем, муносибати эҷодкориро барои хонандагон ҳатто дар мавзӯъҳои душвортарин фаро гирифтан лозим аст. Аз ин ру, истифода бо тахаюлоти ғанӣ, яъне гуногунрангии дарсҳо на танҳо шавқу ҳаваси хонандагон, балки шавқу ҳаваси омӯзгорон низ рушд мeёбад.

- ***Роҳбарӣ:*** Омӯзгор на танҳо таълим медиҳад, балки ӯ мураббиест, ки шогирдонашро тарбия намуда, ба роҳи рост ҳидоят карда, худро намунаи ибрат нишон медиҳад ва ҳамеша ташвиқ мебарад. Аз ин ру, танҳо ҳамин гуна омӯзгор сазовори боварӣ ва омӯзгори касбӣ буда, даҳҳо ва садҳо наврасону ҷавонон аз ӯ илму дониш ва одобу ахлоқи ҳамида гирифта, ҳамеша миннатдор мешаванд.

- ***Қобилияти ташкилотчигӣ:*** Дар ҳақиқат омӯзгори касбӣ бояд қобилияти ба нақша гирифтан ва ташкил намуданро дошта бошад. Масалан дарсе, ки даҳ дақиқаи он мондааст, бояд омӯзгор онро самаранок истифода бурда тавонад. Омӯзгори қобилияти ташкилотчигидошта, дар таълиму тарбия метавонад муҳити самарабахши таълимро фароҳам оварад, ки дар он хонандагон ба натиҷаҳои баланди илму дониш ва одобу ахлоқи ҳамида сазовор гарданд.

- ***Навовар будан:*** Омӯзгор бояд навовар бошад, яъне дарсҳои омӯзишии худро бо методҳои инноватсионӣ, усулҳои нав, барномаҳои нав, технологияи муосир ва бо навовариҳои ҷаҳонӣ баргузор намояд. Чӣ тавре, ки маълум аст, истифодаи технологияи муосир ва кор дар синфхонаҳои лингафонӣ, лабораториҳҳои озмоишӣ ба дарсҳо қувваи ҳаётӣ зам намуда, ба рушди эҷодӣ ва иттилоотии хонандагон мусоидат мекунад.

- ***Ҷалб кардан ба касб:*** Омӯзгор бояд хонандагонро ба худ ҷалб намуда, тавре онҳоро таълим диҳад, ки дилхоҳ хонанда дар раванди таълим касби дуруст барои худ интихоб карда тавонад. Хонандагон бояд дар дарсҳо омӯзгори касбиеро бинанд, ки ба кори худ дилсӯз буда, шавқу ҳавас дошта, касби худро бо ҷону дил дӯст дорад.

- ***Қобилияти фаъолияти онлайнӣ дар интернет:*** Барои омӯзгор кори онлайнӣ дар интернет яке аз маҳорати зарурӣ ва муҳим дар асри 21 ба шумор меравад. Омӯзгоре, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ кор мебарад, обрӯи онлайнӣ низ дорад. Аккаунт ва саҳифаҳои омӯзгор барои роҳбарият, хонандагон, волидон ҳамеша дастрас бошанд ва ба онҳо диққати ҷиддӣ дода, таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намоянд.

- ***Дарки технологӣ:*** Ба назар гирифтани бештари навовариҳои технологӣ ва нодида гирифтани онҳо хатои воқеӣ мебошад. Омӯзгор бояд аз ҷараёни рушди инноватсияҳо маълумотҳои муҳимро омӯзад, яъне на ҳамаи онҳоро, балки оид ба технологияҳои муосир ва мавзуҳое, ки маҳз ба хонандагон муҳим ва фоидаовар мебошанд.

- ***Қобилияти ҷалб кардани хонандагон:*** Омӯзгор бояд қобилияти аз маводҳои муосир пайдо намудани маводҳое, ки шавқу ҳаваси хонандагонро бедор менамоянд, дошта бошад. Барои азхуд кардани ин маҳорат кифоя аст, ки омӯзгор навовар бошад, технологияи муосирро истифода бурда тавонад ва касби худро дӯст дорад.

- ***Қобилияти истироҳат баъд аз кор:*** Омӯзгор бояд дар раванди фаъолият ба худ ва шогирдонаш вақт барои истироҳат ҷудо карда тавонад. Барои худ баъд аз дарс дар хона истироҳати хуб муҳайё намояд. Вазифаҳои хонагиро санҷида барояд, андеша ва нақшаҳои худро барои ҳафтаи кории оянда тарҳрезӣ намояд.

- ***Қобилияти ба дигарон имконият додан:*** Асосан ҳар яки мо метавонем, ҳама чизро мустақилона омӯзем, вале танҳо омӯзгор, мураббии воқеӣ ва роҳбаладӣ ҳақиқӣ мебошад, ки хонандагонро ҳавасманд намуда, таълим диҳад, ба идеяҳои нав водор намояд, эҷодкор кунад, пуртоқат намояд, то ин ки хонанда ҳақиқатан раванди таълимро дӯст дорад. Ба хонанда дар ҳалли проблемахои таълимӣ ёрӣ расонидан, ба онҳо роҳнамоӣ кардан, ба андеша водор намудан, ба онҳо донишҳое додан даркор аст, ки дар ҳаёти рӯзмарраи онҳо кумак намоянд.

Аз ин бармеояд, ки натиҷаи асосии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ набояд системаи дониш ва малакаю маҳоратҳо, балки дар мадди аввал маҷмӯи салоҳиятҳои асосӣ (омӯхтан, тафаккури интиқодӣ, иртиботӣ (коммуникативӣ), ҳамкорӣ, эҷодкорӣ ба шумор меравад. [10]

***Доираи салоҳиятҳои омӯзгор:*** Доираи салоҳиятҳои омӯзгор водор месозад, ки омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф ҳатман дорои арзиш, дониш ва маҳоратҳои касбӣ бошанд. Аслан доираи салоҳиятҳои омӯзгорро ба се қисм ҷудо мекунанд: ***арзиш ва муносибатҳои касбӣ, дониши касбӣ ва маҳорати касбӣ.***

Салоҳияти омӯзгор ин маҷмӯи дониш, маҳорат, арзиш ва муносибатҳои ба ҳам пайванде мебошад, ки ҳалли мушкиллоти мушаххаси фаъолияти касбии омӯзгорро таъмин месозад.

*Арзиш ва муносибатҳои касбӣ* – ин омили асосии муайянкунанда ва танзимкунандаи фаъолияти худи омӯзгор буда, дониш ва малакаю маҳоратҳо низ бар асоси он муайян мегарданд.

*Дониши касбӣ* – ин огоҳӣ, иттилооти ақлонию зеҳнӣ ва илмие, ки омӯзгор дар зинаҳои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ ва дар тӯли фаъолият ба воситаи омӯзиш ва роҳнамоии дигарон аз худ намудааст.

*Маҳорати касбӣ* – ин маҷмӯи малакаю маҳоратҳои касбиеро дар бар мегирад, ки омӯзгор дар зинаҳои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ ва дар тӯли фаъолият ба даст оварда, доимо онҳоро рушд дода, истифода мебарад. [2]

Ходимони илмии ПРМ АТТ вобаста ба мавзуъ дар якчанд ноҳияҳо таҳлилу озмоиш гузарониданд. Аз ҷумла, дар се ноҳияи шаҳри Душанбе ва ноҳияи Рудакӣ, инчунин дар се ноҳияи вилояти Хатлон: ноҳияи Ҳамадонӣ, ноҳияи Фархор ва ноҳияи Восеъ озмоишу таҳқиқот гузарониданд.

Дар се ноҳияи вилояти Хатлон: 14_МТМУ-ноҳияи Ҳамадонӣ МТМУ-ҳои №10, 3, 33, 38, 34, 12, 40, 15, ноҳияи Фархор МТМУ–ҳои №1, 10, 3, 2 ва ноҳияи Восеъ МТМУ – ҳои №1, №23, ки 88 нафар омӯзгор ва 283 нафар хонанда фаро гирифта шуд. Аз шаҳри Душанбе ва ноҳияи Рудакӣ бошад: 9_муассисаи таълимӣ-ноҳияи Фирдавсӣ МТМУ –ҳои №57, 75, 77, ноҳияи Шоҳмансур МТМУ –ҳои №55, 23, 31, ноҳияи И.Сомонӣ МТМУ –и №52 ва ноҳияи Рудакӣ литсеи давлатӣ №1, МТМУ-и №2, ки дар ҷамъ 49 нафар омӯзгор ва 427 нафар хонанда фаро гирифта шуд. Пурсишнома аз якчанд саволҳо иборат буд, вале инҷо мо фақат саволҳои муҳимро баррасӣ менамоем.

***Савол ба омӯзгорони се ноҳияи вилояти Хатлон (88 омӯзгор) ва ба омӯзгорони се ноҳияи шаҳри Душанбе ва ноҳияи Рудакӣ (49 омӯзгор):***

- Ба саволи «Стандарти таълимии фанне, ки шумо онро истифода мебаред, тағйирот даровардан зарурият дорад ё не?», чунин натиҷа дод 34 н. (38,63%) - «тағйирот даровардан зарур аст» (хусусан дар фанҳои геометрияи синфи 8-9, физикаи синфи 7 ва 9, тех.иттилоотии синфи 10) ва 54 н. (61,37%)- тағйирот даровардан зарур нест ҷавоб доданд.

Диаграммаи 1.




- Ба саволи якум: “Стандарти таълимии фанне, ки шумо онро истифода мебаред, тағйирот даровардан зарурият дорад ё не?”, 23 н. (46,94%)-тағйирот даровардан зарур аст (хусусан дар фанҳои матем. синфи 5,8, физикаи синфи 7 ва 9) ва 26 н. (53,06%)- тағйирот даровардан зарур нест ҷавоб доданд.

Диаграммаи 2.




- Ба саволи «Оё Шумо ҳамчун омӯзгори замони муосир дарсҳои худро бо усули президентатсия, истифода аз компютер ва тахтаи электрониро мегузаронед?»: «ҳа» 13 н. (14,77%) (бештар фанни математика), 20 н. (22,73%) «ба қадри имкон» ва «не» 55 н. (62,5%) аз набудани таҷҳизот ва шароит намегузаронанд.

Диаграммаи 3.



- Ба саволи «Оё Шумо ҳамчун омӯзгори замони муосир дарсҳои худро бо усули презинтатсия, истифода аз компютер ва тахтаи электрониро мегузаронед?»: «ҳа» 10 н. (20,41%) (бештар фанни математика), «ба қадри имкон» 18 (36,73%) ва «не» 21 н. (42,86%) аз набудани таҷҳизот ва шароит намегузаронанд.

Диаграммаи 4.




- Ба саволи «Кабинети фаннии шумо ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ ҳаст ё не?»: «ҷавобгӯ нест» 57 н. (64,77%) (бештар фанҳои математика ва тех. иттилоотӣ), каму беш 8 н. (9,09%) ва «ҷавобгӯ ҳаст» 25 н. (28,41%) омӯзгорон посух доданд.

Диаграммаи 5.




- Ба саволи «Кабинети фаннии шумо ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ ҳаст ё не?»: «ҷавобгӯ нест» 21 н.(42,86%) (бештар фанҳои математика ва тех. иттилоотӣ), «каму беш» 11 н. (22,45%) ва «ҷавобгӯ ҳаст» 17 н. (34,69%) омӯзгорон посух доданд.

Диаграммаи 6.




- Ба саволи «бештар бо кадом усул Шумо дарс мегузаред, анъанавӣ ва ё ғайрианъанавӣ?»:

1) «ғайри анъанавӣ» 37 (42,05%)- нафар, «ҳарду усул» 13 (14,77%)- нафар ва «анъанавӣ» 38 (43,18%)- нафар ҷавоб доданд.

2) «ғайри анъанавӣ» 12 (24,49%)- нафар, «ҳарду усул» 12 (24,49%)- нафар ва «анъанавӣ» 25 (51,02%)- нафар ҷавоб доданд.

Диаграммаи 7.




***Саволҳои дигаре, ки ба омӯзгорони се ноҳияи вилояти Хатлон додем, чунин посух гирифтем (88 омӯзгор):***

- «Шумо ҳамчун педагог касбияти омӯзгорро дар чӣ мебинед?»: дар рушди ихтисос, дар худомӯзӣ, дар таълиму тарбияи хонандагон ҳисса гузоштан, дар донишу ҷаҳонбинии васеъ доштан, дар меҳнати ҳалол, дар омӯзишу кирдори нек, дар бофарҳангӣ, ватандӯст кардани шогирдон, дар собиқаи корӣ, бештар ба курси бозомӯзӣ ҷалб кардан ва ғайраҳо ибрози ақида намуданд.

- «Шумо ҳангоми фаъолияти педагогии худ ба кадом мушкилиҳо дучор мешавед?»: номувофиқии барномаи таълимӣ ба китоби дарсӣ, норасоии китобҳои дарсӣ, бемасъулиятии падару модар, хонандагони душвортарбия, хатоҳои чопи китоби дарсӣ (матем), муҷаҳҳаз набудани кабинетҳои фаннӣ, набудани айёниятҳои дарсӣ, норасоии таҷҳизоти фаннӣ, мушкилоти иқтисодӣ, номувофиқии барномаҳои курсҳои такмили ихтисос, норасоии адабиётҳои иловагӣ, набудан тахтаи электронӣ ва тахтаи синфии муосир, мизу курсӣ, надонистани истифодаи дурусти компютер (омӯзонидан) ва ғайраҳо.

- «Шумо ҳамчун педагог оид ба рушди касбияти омӯзгор чӣ гуна пешниҳодҳо доред»: ҳавасмандкунӣ, рушди маҳорати педагогӣ, такмили ихтисос, худомӯзӣ, адабиёти иловагӣ, таҷдиди назари мазмуну мухтавои китобҳои дарсӣ, додани имтиёзҳо, муҳайё намудани шароити хуби корӣ, ислоҳият дар донишгоҳҳо, дарк ва фаҳмиши хуб ва ғайраҳо.

- «Шумо ҳамчун омӯзгор вобаста ба рушди сатҳу сифати дониши хонандагон чӣ гуна андешаҳо доред»: шароити иҷтимоии омӯзгорро хуб кардан, ҳамкории зичи омӯзгорон бо волидон, дарсҳои иловагӣ, лабораторияҳоро муҷаҳҳаз кардан, назорати сахти волидон ба фарзандон, шумораи хонандагонро дар синф кам кардан, дониши хонандагонро ба замони муосир мутобиқ кардан, шароити мусоид муҳайё кардан, ҳалли масъалаҳо зиёд гузаштан, бештар китоб хондан, содда кардани китобҳои дарсӣ, такмили ихтисос, дарси иловагии пулакӣ, дастрасии компютер, тахтаи электронӣ, тахтаи синфии муосир ва мизу курсӣ ва ғайраҳо осух доданд.

***Саволҳои дигаре, ки ба омӯзгорони се ноҳияи шаҳри Душанбе ва ноҳияи Рудакӣ дода шуданд (49 омӯзгор):***

- «Шумо ҳамчун педагог касбияти омӯзгорро дар чӣ мебинед?»: рушди ихтисос, ҳавасманд кардани хонандагон, дар худомӯзӣ, дӯстдории касби худ, дар рушди таълиму тарбияи хонандагон, усули инноватсионӣ ҷорӣ кардан, меҳнати ҳалол, омӯзишу кирдори нек, бештар ба курси бозомӯзӣ ҷалб кардан ва ғайраҳо ибрози ақида намуданд.

- «Шумо ҳангоми фаъолияти педагогии худ ба кадом мушкилиҳо дучор мешавед?»: норасооии китобҳои дарсӣ, бемасъулиятии падару модар, хонандагони душвортарбия ва сустхон, шумораи зиёди хонандагон дар синф, муҷаҳҳаз набудани кабинетҳои фаннӣ, мушкилиҳои иқтисодӣ, набудани айёниятҳои дарсӣ, норасоии таҷҳизоти фаннӣ ва журнали электронӣ ҷорӣ карда шавад.

- «Шумо ҳамчун педагог оид ба рушди касбияти омӯзгор чӣ гуна пешниҳодҳо доред?»: бартараф кардани мушкилиҳои иқтисодии омӯзгор, кам кардани супоришҳои ҷамъиятӣ ба омӯзгорон, рушди маҳорати педагогӣ, такмили ихтисос, семинарҳои омӯзишӣ-амалӣ, худомӯзӣ кардан, бештар намудани лабораторияҳои муҷаҳҳаз, дастрасии китобҳои электронӣ, шабакаи доимии интернет, ҷоннок кардани назорати волидайн ба фарзанд, амалӣ намудани имтиёзҳои омӯзгор, шароити хуби корӣ муҳайё намудан.

- «Шумо ҳамчун омӯзгор вобаста ба рушди сатҳу сифати дониши хонандагон чӣ гуна андешаҳо доред?»: истифодаи усулҳои нави таълим, гузаронидаи олимпиадаҳо, худомӯзӣ кардан, ҳамкории зичи омӯзгорон бо волидайн, бештар кардани корҳои амалӣ, дарсҳои иловагӣ, назорати сахти волидон ба фарзандон, мониторинги сифати таҳсилот ба роҳ монда шавад, бештар китоб хондани хонандагон, шабакаи доимии интернет, маоши омӯзгоронро баланд кардан, дарси иловагӣ ва ватандӯст кардани шогирдон.

***Пурсишнома бо хонандагони синфҳои 11, ки дар се ноҳияи вилояти Хатлон (283 хонандагон) ва се ноҳияи шаҳри Душанбе (83 хонандагон):***

**- Ба саволи «Ба шумо кадом фанҳои таълимӣ писанд аст?»:**

1) «фанҳои дақиқ» 132 (46,64%)- хонанда, «фанҳои гуманитарӣ» 88 (31,1%)- хонанда ва «ҳарду фанҳо» 63 (22,26%)- хонанда.

2) «фанҳои дақиқ» 26 (31,33%)- хонанда, «фанҳои гуманитарӣ» 27 (26,51%)- хонанда ва «ҳарду фанҳо» 30 (31,14%)- хонанда (1-хонанда айни ҳол ягон фанни таълимӣ маъқул нест).

Диаграммаи 8.




**- «Шумо дар оянда кадом касбро интихоб карданиед?»:**

1) ∗ табибӣ 140 (49,47%) – хонанда;
∗ омӯзгорӣ 62 (21,91%)–хонанда;
∗ ҳуқуқшинос, милитсия, ҳарбӣ 34 (12,01%)- хонанда;
∗ техникӣ, дизайн, кори бонкӣ 27 (9,54%)- хонанда;
∗ муҳандисӣ 7 (2,47%)- хонанда;
∗ ронандагӣ 8 (2,83%)- хонанда;
∗ кишоварзӣ 5 (1,76%)- хонанда.

Диаграммаи 9.




2) ∗ табибӣ 23 (27,71%) – хонанда;
∗ ҳуқуқшинос, милитсия, ҳарбӣ 20 (24,1%)- хонанда;
∗ техникӣ, дизайн, барномасоз 18 (21,69%)- хонанда;
∗ соҳибкор 16 (19,28%)- хонанда;
∗ номаълум 6 (7,23%)- хонанда.

Диаграммаи 10.




**Роҳҳои ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорон:** Аз таҳлилу озмоишҳои гузаронидашуда бармеояд, ки агар дилхоҳ омӯзгори фаннӣ маҳорати баланди касбӣ дошта бошад, ҳеҷ гоҳ дар раванди таълим ба мушкилот дучор намешавад, яъне агар омӯзгор:

- ақидаю андешаи мустақил ва дорои қобилияти педагогӣ бошад;
- қобилияти идрокнамоӣ дошта, ҳолати рӯҳию равонии хонандагонро дарк намояд;
- башардӯст, гуманист, инсонпарвар бошад, касбашро ва шогирдонашро дӯст дошта, эҳтиром гузорад;
- муомила, муносибат ва муоширати хуби педагогӣ ва дорои қобилияти салоҳияти иртиботӣ бошад;
- илми педагогика, психология ва фанни тадрисияшро хуб дониста, дорои дониши касбӣ бошад;
- маводи таълимиро ба хонандагон фаҳмо ва дастрас пешниҳод намояд, яъне қобилияти дидактикӣ дошта бошад;
- техникаи муосири педагогиро донад ва аз методу усулҳои муосир ҳамеша бохабар бошад.
- омӯзгор фанни тадрисии худро берун аз барномаи таълимӣ дониста, аз навгонӣ ва дастовардҳои нави фанни худ бохабар бошад ва қобилияти академикӣ (илмӣ) дошта бошад;

**Инчунин таҳлилу озмоишҳо бо омӯзгорон гузаронидашуда нишон доданд, ки барои бомувафақият амалӣ намудани фаъолияти омӯзишии худ, омӯзгор бояд:**

- шавқу ҳаваси ҳақиқии хонандагонро бедор намояд, бинад, фаҳмад ва ташаккул диҳад;
- норасоӣ ва мушкилии ҳолати омӯзишро дарк намояд;
- ба андешаронӣ ва саволҳои хонандагон, ҳатто мушкил ҳам бошад, ба хатоии онҳо эҳтиром гузорад;
- маводи омӯзиширо ба ҳаёти ҳаррӯза, майлу рағбат, ва синну соли хонанда алоқаманд намояд;
- дониш ва малакаю маҳораташро дар таҷрибаи таълимӣ ва берун аз таълим мустаҳкам намуда, дар амал тадбиқ карда тавонад;
- истифодаи шаклҳои гуногуни усулҳои таълим ва кори таълимӣ баргузор намуда, тамоми намудҳои кори мустақилонаро ба нақша гирад;
- якҷоя бо хонандагон мақсадгузорӣ намояд ва сатҳи муваффақияти онҳоро баҳогузорӣ кунад;
-аз панду андарзҳои зиёди беҳуда ва берун аз мавзуъ худдорӣ намояд ва вақтро барои фаъолиятҳои таълимии мушаххас сарф намояд;

-вақтро на барои ёфтани сабабҳои мушкилот, балки барои ҳалли роҳҳои мушкилот ва азхуд намудани дониш, малакаю маҳорат равона созад;

-ба хонандагони фаъол бештар корҳои мустақилона дода, кӯшиши худро бештар бо хонандагони сустхон сарф намояд.

**Пешниҳод барои чопи китобҳои фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ:**

– Чопи китобҳои фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ тибқи замони муосир ба роҳ монда шавад;

– муаллифонро зарур аст, ки ҳар як китобҳои дарсиро бо барномаҳои таълимии худ ба чоп омода намоянд;

– китобҳои замони феълӣ бо дарназардошти синну соли хонанда нашр карда шавад;

– муаллифон бояд бо омӯзгорони пуртаҷрибаи муссисаҳои таълимӣ ҳамкорӣ намуда, китобҳои худро ба чоп расонанд;

– дастоварҳои илмии ватанӣ ва ҷаҳонӣ ба китобҳои фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дохил карда шавад;

– барномаи таълимӣ ба ҳама омӯзгорони муссисаҳои таълимӣ дастрас карда шавад.

***Пешниҳод барои рушди салоҳиятҳои иттилоотию иртиботӣ барои омӯзгорон ва хонандагон:***

–муҷаҳҳаз намудани кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

–бо шабакаи интернетӣ ва Wi-Fi (вай-фай) пайваст намудани тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ;

–бунёди китобхонаҳои электронӣ ва локалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ;

–бо омӯзгорони ботаҷриба ва кадрҳои баландихтисоси соҳаи технологияи компютерӣ таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

## АДАБИЁТ:


1. Багирова З. К. Томашев В. Н. Профессиональная компетентность учителя физики с позщдш ФІХХ' ООО и ФГОС С(П)СХ) (Электронный ресурс) // Молодой ученый. - 2015 - Лї 14.1(94.1). - С. 30-32. - Режим доступа : https://moluch.ni/arcluve/94/21052/ (дата обращения: 18 03.2021).
2. «Доираи салоҳиятҳои омӯзгор» //Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат I. EuropeAid/137704/DH/SER/TJ, кӯчаи Нисормуҳаммад, 13А, ш. Душанбе Ҷумҳурии Тоҷикистон, www.edqualt.tj, Душанбе 2019.
3. Инусова Х. М. Развития профессиональных компетенций учителя фишки на базе информационно- комму иикационных технологий // Вестник университета. - 2U14. - № 8. - С. 246-249.
4. Карпова М.Н. Формирование профессиональной компстснпгости учителя физики при переходе к профильному обучению в рамках системы повышения квалификации // Весшик Казанского технологического университета. - 2009. - № 2. - С. 404-408.
5. Малых В. С.. Жукова И. Н. Аракелов А. В. О формировании компетентности учителя физики в ходе непрерывного профессионального образования // Перспективы развития науки в области педагогики и психологии : сборник паvчных трудов по итогам между народной научно-практической конференции - Челябинск, 2015.-№2.-С. 67-70.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019, шаҳри Душанбе
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 21.01.2021, шаҳри Душанбе
8. Скрипко З. А. Формирование профессиональной компетентности учителя физики на лабораторных работах // Вестник Томского государственного педагогического университета. - 2013. - № 4 (132). - С. 56-59.
9. Стандарт ва барномаи фанни физика барои синфи VIII, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст, мураттибон: Маҷидов Ҳ., Умаров У.С., Зубайдов С., муҳаррир: Ҳикматов Ҷ.Ҳ. ш.Душанбе – 2018, 39-саҳифа.
10. Ғ. Бобизода., Д. Имомназаров., Ш. Исрофилниё., А. Байзоев. Муносибати босалоҳият ба таълим, Душанбе: «Ирфон» 2018, 72 саҳифа.

Сафаров М.

## РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ ФИЗИКА

Мақолаи мазкур маҳз ба ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони фанни физика ва дар умум ба фанҳои табиӣ-риёзӣ бахшида шудааст. Маҳз фанни физика барои ноил шудан ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръти кишвар, ки барои таъмини устувории иқтисодиёт заминаи амиқ мегузорад, роли боризро мебозад. Дар мақола муаллиф андешаронӣ намуда, таъкид кардааст, ки доираи салоҳиятҳои омӯзгор, ки ба се қисм: арзиш ва муносибатҳои касбӣ, дониши касбӣ ва маҳорати касбӣ ҷудо мешаванд, ҳатман омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф донанд. Омӯзгор маводи таълимиро ба хонандагон фаҳмо ва дастрас пешниҳод намуда, техникаи муосири педагогиро донад, аз методу усулҳои муосир ҳамеша бохабар бошад, фанни тадрисии худро берун аз барномаи таълимӣ донад, аз навгонӣ ва дастовардҳои нави фанни худ бохабар бошад ва қобилияти академикӣ (илмӣ) дошта бошад ва ғайраҳо. Дар хотимаи мақола муаллиф хеле тадқиқоти муфассал дар муассисаҳои таълимӣ таҳлилу озмоиш намуда, баррасӣ кардааст.

***Калидвожаҳо:*** *салоҳият, педагог, омӯзгор, фан, хонандагон, технология, мосир, касбият, таълим, омӯзиш, усул, муносибат.*

Сафаров М.

## ПУТИ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ УЧИТЕЛЕЙ ФИЗИКИ

Данная статья посвящена развитию профессиональной компетентности учителей физики и в целом естествознания и математики. Именно наука физика играет ключевую роль в достижении четвертой общенациональной цели - быстрого санитарно-гигиенического состояния страны, обеспечивающего прочную основу экономической стабильности. В статье автор отражает и подчеркивает, что педагогам и работникам образования должны быть известны рамки компетенций педагогов, которые делятся на три части: ценности и профессиональные установки, профессиональные знания и профессиональные умения. Учителей должен обеспечить учащихся понятными и доступными учебно-методическими материалами, знать современные педагогические приемы, всегда быть в курсе современных методов и приемов, знать свой предмет вне учебной программы, быть в курсе нововведений и новых достижений своего предмета и обладать академическими (научными) способностями и т.д. В конце статьи автор анализирует и обсуждает очень подробное исследование образовательных учреждений.

***Ключевые слова:*** *компетентность, педагог, учитель, предмет, учащиеся, технология, современность, профессионализм, преподавание, обучение, метод, подход.*

Safarov M.

## WAYS OF FORMING PROFESSIONAL COMPETENCE OF PHYSICS TEACHERS

This article is devoted to the development of professional competence of teachers of physics and, in general, natural science and mathematics. It is the science of physics that plays a key role in achieving the fourth national goal - the rapid sanitary and hygienic state of the country, which provides a solid foundation for economic stability. In the article, the author reflects and emphasizes that teachers and educators should be aware of the competencies of teachers, which are divided into three parts: values and professional attitudes, professional knowledge and professional skills. The teacher must provide students with understandable and accessible educational materials, know modern pedagogical techniques, always be aware of modern methods and techniques, know their subject outside the curriculum, be aware of innovations and new achievements in their subject and have academic (scientific) abilities and etc. At the end of the article, the author analyzes and discusses a very detailed study of educational institutions.

***Keywords:*** *competence, tducator, teacher, subject, students, technology, modernity, professionalism, teaching, learning, method, approach.*

**Маълумот дар бораи муаллиф:** Сафаров Муҳаммад . - мудири лабораторияи илмӣ-таҳқиқотии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилотиТоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ-126, E-mail: muhammadsattorovich@mail.ru. тел: +(992) 918 74 11 73.

**Сведения об авторе:** Сафаров Мухаммад . – зав. научно-исследовательской лаборатории Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 126. E-mail: muhammadsattorovich@mail.ru., тел: (992) 918 74 11 73.

**Information about the author:** Safarov Muhammad. - the head. research laboratory of the Institute for the Development of Education named after Abdurahman Jami Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Ayni str., E-mail: muhammadsattorovich@mail.ru., mob: (992) 918 74 11 73.

**САЙДАЛИЁН М. Н.**

# ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНАЯ СОБСТВЕННОСТЬ В ИННОВАЦИОННОМ ПРОЦЕСЕ

В любой продукции заложены результаты интеллектуальной деятельности конкретных работников. Это оригинальные технические, технологические, коммерческие и организационные решения, в результате реализации которых у продукции появляются новые, пользующиеся спросом потребительские свойства. К их числу относятся сведения о конструктивных свойствах выпускаемой продукции, о технологических приемах ее создания и реализации, сведения о поставщиках и покупателях, а также разнообразная информация о ведении бизнеса, приносящего, в конечном счете, доходы. Такая информация представляет собой интеллектуальную собственность (ИС), которая, так же как и материальные ресурсы, может быть объектом купли-продажи и учитываться в стоимости продукции.

Главное потребительное свойство интеллектуальной собственности - это способность приносить дополнительную прибыль благодаря новым знаниям о том, как более эффективно удовлетворить запросы потребителя. Только новые технические и организационные решения позволяют выпустить качественно новый конкурентоспособный продукт.

Перечень и содержание потребительских качеств каждого объекта ИС достаточно индивидуальны и рассматриваются всегда неотрывно от перспективы его использования по основным группам признаков выпускаемой с ее (ИС) использованием продукции. Конкретную рыночную ценность объекта ИС определяют следующие основные факторы:

- обремененность имеющихся прав ИС правами других граждан или юридических лиц;
- трудозатраты, необходимые для создания нового объекта с лучшими техническими характеристиками;
- реальность ее коммерческого использования для получения дополнительной прибыли;
- ожидаемый объем использования ИС и соответствующей прибыли.

Интеллектуальная собственность (ИС) - собирательное понятие, означающее совокупность исключительных прав на результаты творческой деятельности человека в любой области (производственной, научной, литературной, художественной и пр.), а также права на средства индивидуализации юридического лица, продукции, выполненные работы или услуги.

